НАМОЗ ҲОТАМЗОДА

# ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**Китоби дарсӣ барои синфи 9-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**Нашри IV**
**(бо тағйиру иловаҳо)**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст**

ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2022

**ББК 63.3 (2тоҷик) Я 72**
**Ҳ-83**

**Ҳ-83.** Ҳотамзода Намоз. **Таърихи халқи тоҷик.** Китоби дарсӣ барои синфи 9-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе: «Маориф», 2022, 288 саҳ.

***Хонандаи азиз!***

Китоб манбаи донишу маърифат аст. Аз он баҳравар шавед ва онро эҳтиёт намоед. Кӯшиш ба харҷ диҳед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб бо намуди аслиаш дастраси хонандагони дигар гардад ва ба онҳо низ хизмат кунад.

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | аввали сол | охири сол |
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |

**ISBN 978-56999 -2-767-8** **«МАОРИФ», 2022**
**Моликияти давлат**

# МУҚАДДИМА

Хонандагони азиз! Дар синфи 8-ум ҳангоми омӯзиши таърихи халқи тоҷик огоҳ гаштед, ки ба тоҷикони Осиёи Марказӣ ва Афғонистон аз охири асри XIV, яъне бо бунёди давлати Темуриён ва аз тарафи онҳо барҳам дода шудани давлати Куртҳо (1245 – 1381), то миёнаи асри XIX муяссар нагардид, ки (ба ҷуз мулкҳои хурди алоҳида) дигар давлатдории худро ба вуҷуд оваранд. Барои амалӣ гардидани ин мақсад парокандагию ноиттифоқӣ, маҳалгароӣ, мансабталошӣ, ки дар байнашон дида мешуд, монеаи ҷиддие ба ҳисоб мерафт. Маҳз ҳамин омилҳо боиси парокандагӣ ва ниҳоят, маҳви давлати Темуриён гардиданд. Чунин вазъият ба қабилаҳои бодиянишини ӯзбекони Дашти Қипчоқ имкон фароҳам оварад, ки қисми бузурги Осиёи Марказиро зери тасарруфи худ дароварда, дар ин сарзамин давлатдории худро бо номи Шайбониён бунёд кунанд. Онҳо якҷоя бо Аштархониён (ё худ Ҷониҳо) дар ин сарзамин қариб 250 сол (солҳои 1501 –1747) ҳукмронӣ карданд, вале пайиҳам боло гирифтани ҷанҷоли мансабхоҳӣ пояи ин давлатҳоро низ заиф кард. Ин ба шоҳи Эрон – Нодиршоҳ имкон дод, ки қисми бузурги Осиёи Марказиро як муддати кӯтоҳ ба ҳайати империяи худ дохил намояд, аммо худи ӯ ҳам ҳадафи чунин ҷанҷолҳо гардид.

Дар Осиёи Марказӣ парокандагии феодалӣ давра ба давра вусъат меёфт. Дар қатори аморати Бухоро, хонигариҳои Хеваю Хӯқанд, инчунин, мулкҳои гуногуни нисбатан хурд низ худро мустақил меҳисобиданд. Онҳо дар асл мулкҳои ниммустақил буда, тез-тез ҳадафи ҳуҷуми давлатҳои нисбатан калони ин сарзамин, махсусан, аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд мегардиданд. Чунин вазъият ба рушди иқтисод, тиҷорат ва илму фарҳанг халал расонида, зиндагии мардумро вазнин мегардонид.

Дар натиҷаи кашфиёти бузурги ҷуғрофӣ, Роҳи Бузурги Абрешим, ки ҳанӯз дар асри II то милод ташаккул ёфта, аз қаламрави Осиёи Марказӣ ва Афғонистону Эрон гузашта, давлати Чинро бо давлатҳои Аврупою Африқои Шимолӣ мепайваст, моҳияти пештараи худро гум кард. Акнун тоҷирони чинӣ ва ҳиндӣ бештар аз роҳҳои обӣ истифода мекарданд. Чунин ҳолат вазъи тоҷирони Осиёи Марказиро, ки дар замони Роҳи Бузурги Абрешим асосан нақши миёнаравро мебозиданд, душвор гардонид, вале дар асри XVI (замони ҳукмронии Шайбониён) онҳо роҳи наҷотро

пайдо намуданд. Минбаъд тиҷорати мулкҳои Осиёи Марказӣ бо давлати Русия васеъ шуда, сол то сол тараққӣ ёфт. Тиҷорат на танҳо мардуми мулкҳои гуногунро ба ҳам наздик мекард, балки барои рушди касбу корҳои гуногун имкон ба вуҷуд меовард.

Аз ибтидои асри XIX вазъи ҷаҳон хеле тағйир ёфт. Давлатҳои бузурги замон – Англия, Фаронса ва Русия мехостанд, ки ҳар кадом дар миқёси ҷаҳон нуфузи ҳарчи бештар дошта бошанд. Дар натиҷаи рақобати байни онҳо ҷангҳои гуногун ба амал омада, бисёре аз давлатҳои нисбатан хурд ва сусттараққӣ мутеи давлатҳои абарқудрати давр мегаштанд.

Маҳз парокандагии феодалӣ, қафомондагии иқтисодию сиёсӣ, ҷангҳои беохири байнихудии мулкҳои Осиёи Марказӣ, рақобати байни Русияю Англия, амалиёти ҷангии лашкари Русияро барои забти Осиёи Марказӣ тезонид. Дар натиҷа мулкҳои ин сарзамин ба мустамликаи Русия табдил ёфтанд. Аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ дар он минтақаҳое, ки бевосита ба ҳайати империяи Русия дохил карда шуданд (яъне қаламрави генерал-губернатории Туркистон) тартиботи сахти мустамликавӣ ҷорӣ карда шуд.

Ҳукумати подшоҳии Русия хонигарии Хӯқандро барҳам дода бошад ҳам, барояш ба таври расмӣ нигоҳ доштани аморати Бухоро ва хонии Хева аз ҷиҳати сиёсию иқтисодӣ манфиатнок буд. Дар амал ҳукумати подшоҳии Русия дар тамоми сарзамини Осиёи Марказӣ назорати қатъӣ ҷорӣ намуда, ба парокандагии иқтисодӣ ва рақобати мансабталошии амалдорони он то андозае хотима гузошт. Русия Осиёи Марказиро ба макони ашёи хом ва бозори молфурӯшии сармоядорони худ табдил дод. Дар муддати кӯтоҳ дар қаламрави ин сарзамин роҳҳои оҳан сохта шуд, ташкилотҳои бонкию заводҳо ба вуҷуд омаданд. Ниҳоят, Осиёи Марказӣ на танҳо ба бозори умумирусиягӣ, балки тавассути он ба бозори умумиҷаҳонӣ кашида шуд. Ин боис гардид. ки дар шаҳру ноҳияҳои кишвар муносибатҳои феодалӣ оҳиста-оҳиста мақоми худро ба муносибатҳои молию пулӣ иваз намоянд. Ҷомеа ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ пеш рафт. Ташаккулёбии синфҳои нави ҷамъиятӣ – буржуазияи миллӣ ва синфи коргари маҳаллӣ оғоз ёфт. Чунин дигаргуниҳо як қисми зиёиёни миллиро низ ба ҳаёти нав бедор намуд. Бо ташаббуси онҳо ҳаракатҳои маорифпарварӣ ва ҷадидӣ ташаккул ёфт, ки мақсади асосии онҳо беҳтар намудани зиндагии мардум, рушди иқтисод, тиҷорат, фарҳанг ва ғайра буд.

Тартиботи ҳамондавраи мустамликавии империяи Русия дар худи Русия муборизаи синфӣ, дар кишвари Туркистон муборизаи зиддимустамликавиро тезонид. Махсусан, Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба ин муборизаҳо суръати тоза бахшид. Ниҳоят, ин боиси сарнагун гардидани тартиботи подшоҳӣ ва ташкилёбии ҳукумати буржуазӣ, минбаъд боиси сарнагунии ҳукумати буржуазӣ ва барпо гардидани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Русия гардид.

Ҳамаи он воқеаҳо ва тағйироте, ки дар Русия ба амал меомаданд, ба Осиёи Марказӣ низ таъсир мерасонданд. Махсусан, дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ дар ҳудуди кишвари Туркистон ва дар қаламрави аморати Бухоро ба зудӣ амалӣ мешуданд. Дар натиҷа, аз ноябри соли 1917 то апрели соли 1921 қариб дар тамоми қаламрави Осиёи Марказӣ бо роҳу воситаҳои гуногун тартиботи шӯравӣ ҷорӣ карда шуд.

Тоҷикони Афғонистон низ, ҳарчанд дар тасарруфи империяи Англия буданд, аз тағйироту дигаргуниҳои ҷиддӣ дар канор намонданд. Дар нимаи дуюми асри XIX қафомондагии иқтисодӣ, парокандагию рақобатҳои дохилӣ ин сарзаминро ба кишвари тобеи Англия табдил дода бошад ҳам, муборизаҳои дуру дарози тоҷикони Афғонистон якҷо бо дигар халқҳои ин мулк ниҳоят бо пирӯзӣ анҷом ёфт ва Афғонистон аз истибдоди мустамликавӣ халос гардида, истиқлол ба даст овард.

# ФАСЛИ I
# ВАЗЪИ ТОҶИКОНИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX

## БОБИ I
## ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР АРАФАИ ҲУҶУМИ РУСИЯ

### §1. ВАЗЪИ МУЛКҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Вазъи сиёсӣ.** Дар миёнаи асри XIX сарзамини Осиёи Марказӣ яке аз гӯшаҳои қафомондаи Авруосиё ба ҳисоб мерафт. Дар ин сарзамин ҳанӯз ҳам муносибатҳои феодалӣ хукмфармо буд. Аксари аҳолиро деҳқонон ташкил медоданд. Замин ва фаъолияти кишоварзӣ ягона сарчашмаи зиндагии онҳо буд. Аксари деҳқонон ҳиссаи ночизи замин доштанд ё аз он тамоман маҳрум буданд. Аз ин рӯ, деҳқонони камзамину безамин аксарияти аҳолиро ташкил менамуданд. Замини корам асосан дар ихтиёри амирон, хонҳо, амалдорон, рӯҳониён ва феодалон буд. Тахминан нисфи чунин заминҳоро заминҳои амлокӣ ё худ давлатӣ, чорякашро заминҳои вақфӣ ва боқимондаашро заминҳои мулкӣ ташкил медоданд. Қариб ҳамаи ин заминҳо аз тарафи деҳқонони камзамину безамин бо шартҳои гуногун, аз ҷумла супоридани андози хироҷ, кор карда мешуданд.

Давлатҳои мавҷудаи он давр ҳама давлатҳои феодалии монархиявӣ (салтанатӣ) ҳисоб мешуданд. Ҳукуматдорон – хонҳо ва амирон ҳуқуқи номаҳдуд доштанд. Онҳо ба заминдорони калон – феодалҳо ва рӯҳониёни соҳибмулк ва бонуфуз такя намуда, ба деҳқонон, косибон ва ҳунармандон ҳар гуна зулму ситамро раво медиданд.

Дар Осиёи Марказӣ, дар арафаи ҳуҷуми лашкари Русияи подшоҳӣ дар қатори се давлати мустақил: аморати Бухоро, хонигариҳои Хӯқанд ва Хева, боз якчанд мулкҳои ниммустақил, ба монанди Шаҳрисабз, Китоб, Ҳисор, Қаротегин, Дарвоз, Кӯлоб, Балҷувон, Қӯрғонтеппа, Қубодиён вуҷуд доштанд. Халқи тоҷик дар он давр дар ҳайати аморати Бухорою хонии Хӯқанд ва мулкҳои ниммустақили номбурда бо халқҳои ӯзбек, туркман,

қазоқ, қирғиз ва ғайра паҳлуи ҳам зиндагӣ карда, талхию ширинии ҳаётро бо ҳам мечашиданд.



*Арки Бухоро қасри хонҳо ва амирон ба ҳисоб мерафт*

Дар аморати Бухоро аз соли 1753 қабилаи манғити ӯзбек ҳукуматдорӣ мекарданд, ки онҳо ҳанӯз соли 1740 тавассути шоҳи Эрон – Нодиршоҳ ба идоракунии ин мулкҳо соҳиб шуда буданд. Хонии Хӯқанд ҳанӯз соли 1710 дар замони заифгардии давлати Аштархониҳо (Ҷониҳо) бунёд ёфт ва дар он қабилаи мингҳои ӯзбек салтанат меронданд.

Бояд зикр кард, ки дар арафаи ҳуҷуми лашкари рус вазъияти хонии Хӯқанд хеле ногувор буд. Махсусан, байни хонҳои Хӯқанд Худоёрхон (солҳои 1845 – 1858 ва 1862 – 1873) ва Маллахон (солҳои 1858 – 1862, яъне ҳангоми гурехтани Худоёрхон) барои тоҷу тахт рақобат сахт буд ва ҳар кадоме аз амирони Бухоро ба фоидаи худ имдод металабид. Амири Бухоро Музаффархон (1860 – 1885) Худоёрхонро пуштибонӣ намуда, соли 1862 ба Хӯқанд ҳуҷум кард ва салтанати Худоёрхонро аз нав барқарор намуд. Ин ҳама на танҳо аз қафомондагии иқтисодии мулкҳои Осиёи Марказӣ, балки аз нооромиҳои сиёсии онҳо ҳам дарак медиҳад.

**Муносибатҳои байниҳамдигарии мулкҳо.** Дар арафаи ҳуҷуми лашкари Русияи подшоҳӣ дар байни давлатҳои мустақил ва ниммустақили Осиёи Марказӣ бештар муносибатҳои душманона ҳукмфармо буд. Махсусан, ҷангҳои беохири байни аморати Бухорою хонии Хӯқанд боиси харобиҳои зиёди мулкҳои ҳар ду тараф гардиданд. Аз ҷумла, амири Бухоро Насрулло (1826 – 1860) солҳои 1840 ва 1842 ба Хӯқанд ҳуҷум карда, шаҳрро як ҳафта (с. 1842) дар ҳолати муҳосира нигоҳ дошт ва баъд ба аскарони худ тороҷ кардани онро фармуд. Писари ӯ – амир Музаффархон низ ба Хӯқанд ду дафъа (солҳои 1862 ва 1865) ҳуҷум карда, тамоми водии Фарғонаро (ҳангоми хуҷуми аввал) хароб намуда, то Кошғар расид.

Дар натиҷаи ҷангҳои беохири байни аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд, Ӯротеппаю Хуҷанд, Нову Ҷиззах зарари ҷиддӣ диданд. Танҳо дар зарфи 65 соли аввали асри XIX онҳо ба Ӯротеппа (Истаравшани имрӯза) беш аз 50 дафъа лашкар кашиданд.

Ҳамон солҳо амирони Бухоро ва хонҳои Хӯқанд бо мақсади ба тасарруфи худ даровардани мулкҳои ниммустақил ба муқобили онҳо борҳо ҳуҷум кардаанд. Масалан, амир Насрулло дар муддати бист сол ба Шаҳрисабз 32 дафъа ҳуҷум карда, ниҳоят, соли 1856 онро ба даст даровард ва тамоми ашхоси намоёни қабилаи кенагаси ӯзбекро, ки он ҷо ҳукмронӣ мекарданд, аз дами теғ гузаронид. Баъди ин фоҷиа амир Насрулло дар Шаҳрисабз ва Китоб шахсони ба худ содиқро ҳоким таъйин кард, вале баъди марги ӯ, дақиқтараш, дар соли дуюми ҳукмронии Музаффархон, мардуми қабилаи кенагаси Шаҳрисабз ва музофоти он боз исён бардоштанд. Онҳо ҳокимони таъйинкардаи амирро ҳабс карда, аз авлоди худ Ҳакимбекро дар Шаҳрисабз ва Ҷӯрабекро дар Китоб ҳоким таъйин намуданд. Ё худ лаҳзаҳое, ки қӯшунҳои рус ба хоки Осиёи Марказӣ зада даромаданд, амир Музаффар ба муқобили ҳокимони Бойсун ва Деҳнав лашкар кашида, мардуми зиёди бегуноҳро ба қатл расонид.

Дар Бухорои Шарқӣ (ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ) ҳам вазъ чандон муътадил набуд. Байни ҳокимони ниммустақили он ҳусни тафоҳум вуҷуд надошт. Масалан, мулкҳои водии Вахш бисёр вақт боиси тохтутозҳои лашкари ҳокимони Ҳисору Кӯлоб мегардиданд. Мулкҳои Қаротегин аксаран дар зери хавфи ҳуҷуми хонҳои Хӯқанд буданд.

Муносибати душманонаи мутақобилаи мулкҳо ба пешрафти иқтисод, тиҷорат ва фарҳанг таъсири манфӣ мерасонид. Зиндагии бе он ҳам вазнини мардумро боз ҳам вазнинтар мекард. Дуздию ғоратгарӣ авҷ мегирифт. Амалдорон ба душвориҳои мавҷуда аҳаммият надода, нисбат ба деҳқонон, косибон ва ҳунармандон бештар бераҳмӣ зоҳир менамуданд. Андозу уҳдадориҳо ҳадду ҳудуд надоштанд. Мардум ба зулму истибдоди истисморгарони худ тавассути шӯришҳо ҷавоб мегардониданд.



*Қасри хонҳои охирини Қӯқанд*

**Санаҳои муҳим**

1710 – 1876 – мавҷудияти хонии Хӯқанд.
1753 – 1920 – ҳукуматдории манғитиён дар Бухоро.
1826 – 1860 – солҳои ҳукмронии амир Насрулло дар Бухоро.
1860 – 1885 – солҳои ҳукмронии амир Музаффар дар Бухоро.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Дар арафаи ҳуҷуми лашкари Русия ба Осиёи Марказӣ дар қаламрави он кадом давлатҳои мустақил вуҷуд доштанд? 2) Тоҷикон дар кадом давлатҳои мустақил ва ниммустақил зиндагӣ мекарданд? 3) Муносибати байни давлатҳои мустақил ва ниммустақили Осиёи Марказӣ чӣ тавр буд? 4) Доир ба оқибати ҷангҳои байнихудии мулкҳои Осиёи Марказӣ мисолҳо биёред. 5) Аз китоби дарсии синфи 8 мавзуъҳои ба сари қудрат омадани сулолаи Манғития дар Бухоро, ташкилёбии хонии Хӯқанд ва вазъи мулкҳои Осиёи Марказӣ дар нимаи якуми асри XIX-ро ба хотир оред;

**Хонандагон бояд**: вазъи мулкҳои Осиёи Миёнаро дар арафаи забтшавӣ аз тарафи Русия шарҳ дода тавонанд.

## §2. САБАБҲОИ ҶАНГИ РУСИЯ БО ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Муносибати давлатҳои Осиёи Марказӣ бо Русия.** Муносибати тиҷоратию дипломатии давлатҳои Осиёи Марказӣ бо Русия таърихи дуру дароз дорад, вале он махсусан, шуруъ аз асри XVI давра ба давра рушд меёфт. Ҳукуматдорони ҳар ду тараф барои идома ва тараққии чунин муносибатҳо манфиатдор буданд. Онҳо бо роҳи гуфтушунид монеаҳои тиҷоратиро бартараф менамуданд. Масалан, солҳои 1841–1842 ҳайати дипломатии Русия бо хони Хева гуфтушунид карда, ба он муваффақ шуд, ки ҳукумати хонӣ дар баробари пеш гирифтани муносибати дӯстии байниҳамдигарӣ, барои рушди тиҷорат дар ҳудуди хонии худ аз молҳои тиҷоратии Русия аз 5%-и арзиши воқеии мол зиёд боҷ на- мегирифт ва корвонҳои «убуркунанда» (транзит)-ро, ки аз ҳудуди хонӣ мегузаштанд, тамоман аз боҷ озод мекард. Чунин иқдом барои рушди минбаъдаи тиҷорати на танҳо Русияю Хева,

балки дар пешрафти тиҷорати Русия бо аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд низ аҳаммияти махсус дошт, зеро дар ҳамин давр дар ҳудуди Осиёи Марказӣ байни тоҷирони рус ва англис рақобати сахт вуҷуд дошт.

Бояд тазаккур дод, ки аксари сафирон, намояндаҳо, тоҷирон ва сайёҳони ҷудогонаи Русия, ки ба Осиёи Марказӣ сафар мекарданд, одамони фозил ва донишманд буда, баъзеи онҳо забонҳои мардуми маҳаллӣ, аз ҷумла форсии тоҷикиро хуб медонистанд. Дар байни онҳо олимони соҳаҳои гуногун: шарқшиносон, табиатшиносон, ҷуғрофидонон, бостоншиносон ва ғайра буданд, ки дар омӯзиши мулкҳои ҷудогонаи Осиёи Марказӣ саҳми босазое гузоштаанд. Масалан, шарқшиноси номии рус Н.В. Хаников ҳангоми сафар ба Бухоро синнаш ҳанӯз ба 22 нарасида буд. Асари соли 1843 нашрнамудаи ӯ «Тавсифи давлати хонии Бухоро» аз беҳтарин таълифоти давр доир ба ин мавзуъ мебошад.

То оғози амалиёти васеи забт кардани Русия дар Осиёи Марказӣ охирин ҳайати сафорати ҳукумати рус бо сарварии полковник Н.П.Игнатев ба ҳисоб меравад, ки ин ҳайат (ба он шарқшиноси номии рус П.И.Лерх ҳам шомил буд) соли аввал ба Хева, сипас ба Бухоро ташриф овард. Гуфтушуниди Н.П.Игнатев дар Хева натиҷаи дилхоҳ надода бошад ҳам, дар Бухоро ба баъзе муваффақиятҳо ноил шуд. Амири Бухоро Насрулло, ки бо хони Хӯқанд меҷангид, мехост бо Русия наздикшавиашро ба муқобили он истифода намояд. Муносибати байни Русияву Хӯқанд бо сабаби аз тарафи лашкари рус дар соҳилҳои баҳри Арал ва дарёи Сир забт гардидани баъзе мулкҳои хонигарӣ чандон хайрхоҳона набуд. Бинобар ин, амир Насрулло на танҳо ҳайати сафорати Русияро хуш қабул кард, балки ба тоҷирони рус имтиёзҳои муайян низ ваъда дод.

Доир ба рушди тиҷорати давлатҳои Осиёи Марказӣ бо Русия чунин рақамҳо далолат мекунанд. Солҳои 1840–1850 танҳо бо роҳи Оренбург аз Русия ба Осиёи Марказӣ беш аз 40 ҳазор пуд чӯян, 25 ҳазор пуд пӯлод, ба миқдори зиёд матоъҳо, тангаҳои тилло ва нукра кашонда шудаанд. Аз Осиёи Марказӣ ба Русия асосан пахта, пӯст, пашм, меваи хушк ва ғайра мебурданд. Агар соли 1818 аз Осиёи Марказӣ ба Русия 10 ҳазор пуд пахта кашонда бошанд, пас соли 1858 он 180 баробар зиёд шуд. Нақлиёти асосӣ дар аввал уштурҳо ба ҳисоб мерафтанд. Дар ибтидои асри XIX

ҳар сол аз Бухоро ба Русия корвонҳои пурбор иборат аз 4–5 ҳазор уштур фиристода мешуд ва ҳамон миқдор уштурҳои пурбор аз Русия ба Бухоро меомад.

Соли 1853 роҳи обии Русия ба Осиёи Марказӣ кушода шуд. Киштиҳои рус аз баҳри Арал ба самти саргаҳи дарёҳои Сир ва Ому шино намуданд. Пас аз ин қад-қади соҳилҳои дарёи Сир як қатор нуқтаҳои муқовимат сохта, хатти истеҳкомоти Сирдарё ба вуҷуд оварда шуд.

Дар замони оғози амалиёти ишғолгаронаи Русия дар Осиёи Марказӣ ҳам тиҷорат қатъ нагардидааст. Дар ин давра, махсусан, дар натиҷаи аз ИМА маҳдуд гардидани воридоти пахта, талаботи саноати бофандагии Русия ба пахтаи Осиёи Марказӣ афзуд ва боиси боло рафтани нархи он ҳам шудаасг. Масалан, то соли 1861 як пуд пахтаи Бухоро дар ярмаркаи Нижний Новгороди Русия 4-5 сӯм (пули ҳамонвақтаи русӣ) арзиш дошта бошад, пас соли 1862 ба 7 сӯму 50 тин ва соли 1864 то ба 23–24 сӯм расидааст.

Умуман, то солҳои 60-уми асри XIX, яъне то оғози амалиёти васеи ҷангӣ, муносибатҳои дипломатӣ, махсусан, тиҷоратии Русия ба давлатҳои Осиёи Марказӣ вуҷуд дошт.

**Сабабҳои ба Осиёи Марказӣ лашкар кашидани Русия.** Аввали солҳои 60-уми асри XIX ба мулкҳои Осиёи Марказӣ ҳуҷуми васеи лашкари Русияи подшоҳӣ оғоз ёфт ва он чунин сабабҳо дошт:

**Якум,** подшоҳони Русия (аз замони Пётри I) ният доштанд, ки Осиёи Марказиро ба тасарруфи худ дароранд. Зеро онҳо барои абадқудратии империяи Русия аз ҷануб ба воситаи баҳри Арал ба укёнуси Ҳинд, яъне ба роҳи мунтазами обӣ баромаданро зарур меҳисобиданд. Маҳз бо ҳамин мақсад, ҳанӯз соли 1717 Пётри I ба муқобили хонигарии Хева нахустин ҳуҷуми ҳарбӣ, вале бебарор ташкил карда буд. Минбаъд Русия то нимаи дуюми асри XIX аз сабаби хуб набудани муносибаташ бо мамлакатҳои Ғарб имкони ғасби Осиёи Марказиро надошт.

**Дуюм,** дар Русия бо бекор карда шудани ҳуқуқи крепостнойӣ (19-уми феврали соли 1861) барои рушди муносибатҳои сармоядорӣ имкони васеъ фароҳам омад. Махсусан, саноати бофандагӣ тараққӣ кард, ки он вобастаи ашёи хом – пахтаи амрикоӣ буд. Вале аз сабаби ҷангҳои дохилӣ дар ИМА (солҳои 1861–1865) барои Русия аз ин кишвар овардани пахта мушкил гардид. Дар натиҷа қисме аз фабрикаҳои бофандагии Русия аз набудани пахта кори худро боздоштанд. Аз ин рӯ,

ҳукуматдорони Русия барои ба вуҷуд овардани вазъияти муътадил мехостанд Осиёи Марказиро мустамликаи худ карда, онро ба макони ашёи хом, яъне пахта табдил диҳанд.

**Сеюм,** барои саноатчиёни Русия бозори нави молфурӯшӣ зарур буд. Ин гуна бозорро онҳо дар Аврупои Ғарбӣ ба даст даровварда наметавонистанд, зеро маҳсулоти саноатии Русия дар бозори мамлакатҳои Ғарб рақобат карда наметавонист. Аз ин рӯ, ҳомиёни саноати бофандагӣ ният доштанд, ки ҳарчи зудтар Осиёи Марказиро ба бозори бераҷобати фурӯши молҳои худ табдил диҳанд.

**Чаҳорум,** ҳукумати подшоҳии Русия дар ҷанги Қрим (солҳои 1853 – 1856) шармандавор шикаст хӯрд ва сулҳи Париж (соли 1856) ба зарари он буд. Барои бекор кардани шартҳои вазнини он (аз ҷумла назорати соҳилҳои шимолии баҳри Сиёҳ) намояндагии дипломатияи рус ҳарчанд ҷонбозиҳо кард (азбаски қувваи Русия дар Ғарб хеле заиф буд), он кӯшишҳо натиҷаи дилхоҳ надоданд. Бинобар ин, ҳукуматдорони Русия (бо тавсияи ҳарбиён) мехостанд, ки дар Шарқ, дар сарҳади Ҳиндустон қувваҳои зиёди ҳарбии худро ҷамъ намуда, бо ин яке аз аъзои асосии иттиҳодияи зиддирусӣ, дақиқтараш, сарвари он – Англияро ба бекор кардани шартҳои вазнини сулҳи Париж моил кунанд. Маҳз ҳамин омил аввали солҳои 60-уми асри XIX ҳуҷуми васеи лашкари русро ба муқобили Осиёи Марказӣ тезонид.

**Панҷум,** ҳукумати подшоҳии Русия бо шикаст хӯрдан дар ҷанги Қрим на танҳо дар миқёси байналмилалӣ, балки дар байни синфи ҳукмрони мамлакати худ низ беобрӯ шуда буд, ният дошт бо забт кардани Осиёи Марказӣ обрӯяшро дар дохили мамлакат, дар назди табақаҳои боло аз нав барқарор намояд.

Чунин омилҳо боиси ба Осиёи Марказӣ лашкар кашидани Русия гардиданд.

**Санаҳои муҳим:**

1841 – 1842 – гуфтушуниди ҳайати дипломатии Русия бо хонии Хева.

1853 – ба самти Осиёи Марказӣ кушода шудани роҳи обии Русия.

1853 – 1856 –ҷанги Қрим (ҷанги байни Русия ва Туркия).

1858 – сафорати Русия бо сарварии Н.П. Игнатев дар Хева ва Бухоро.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Солҳои 1841 – 1842 ҳайати дипломатии Русия ҳангоми гуфтушунид бо хонии Хева ба чӣ муваффақ шуд? 2) Натиҷаи гуфтушуниди ҳайати сафорати Н.П. Игнатев дар Хева ва Бухоро чӣ тавр буд? 3) Роҳи обии Русия бо Осиёи Марказӣ аз куҷо ва кай кушода шуд? 4) Доир ба рушди тиҷорат байни мулкҳои Осиёи Марказӣ ва Русия мисол оред. 5) Сабабҳои асосии аз тарафи Русия забт шудани Осиёи Марказиро номбар кунед ва ба андешаи шумо кадоме аз сабабҳо ҳуҷуми васеи лашкари Русияро тезонид? 6) Аз китоби дарсии синфи 8-ум мавзуъҳои рушди муносибатҳои дипломатию тиҷоратии давлатҳои Осиёи Марказӣ бо Русияро ба хотир оред;

**Хонандагон бояд:** сабабҳои аз тарафи Русия забт гардидани Осиёи Миёнаро шарҳ дода тавонанд.

# БОБИ 2
# ҶАНГИ РУСИЯ БО ХОНИИ ХӮҚАНД ВА АМОРАТИ БУХОРО

## §3. ОҒОЗИ ҶАНГ

**Амалиёти ҷангӣ аз охири солҳои 30-юм то миёнаи солҳои 50-уми асри XIX.** Зимистони соли 1839 Русия бар зидди хонии Хева амалиёти ҳарбӣ оғоз кард. Ба лашкари чорҳазорнафараи русҳо генерал-губернатори Оренбург В.А.Перовский сарварӣ менамуд, вале ин ҳуҷуми ҳарбӣ барор нагирифт. Сарбозони рус ба хунукии сидараҷагии биёбони Манқишлоқ тоб оварда натавониста, ақибнишинӣ намуданд. Дар санаи 4-уми феврали соли 1840, вақте ки қисмҳои сарбозони рус аз шаҳри Оренбург баромада, қариб 650 км роҳро тай намуданд, фармон расид, ки ҳаракат сӯйи Хеваро қать намуда, ба қафо гарданд. Бо ҳамин, иғвои ҳарбӣ, ки бо номи «Ҳуҷуми хевагӣ» шуҳрат дошт, зимистони соли 1840 барбод рафт.

Ҳукумати подшоҳӣ охири солҳои 40-ум ва аввали 50-уми асри XIX ба муқобили Осиёи Марказӣ дубора ҳуҷуми ҳарбиро дар доираи нисбатан васеъ сар карданӣ шуд. Аскарони рус барои ҳуҷум ба ин кишвар асосан дар ду самт: ҷануб (аз Оренбург) ва ҷанубу шарқ (аз Семипалатинск) омодагӣ медиданд.

Аз самти Оренбург лашкари рус соли 1847 ба соҳилҳои баҳри Арал расида, дар резишгоҳи дарёи Сир истеҳкоми Раим (қалъаи Арали имрӯза)-ро бино кард. Дар натиҷа самти ҳарбии Оренбург то соҳили баҳри Арал давом дода шуд. Соли 1852 отряди 469-нафараи қӯшунҳои рус бо ду тӯп аз самти Оренбург ба қалъаи Оқмачит (Қизилӯрдаи ҳозира), ки мулки хонии Хӯқанд маҳсуб мешуд, ҳуҷум карданд ва 72 нафарро талаф дода, қафо гаштанд. Соли 1853 генерал-губернатори Оренбург В.А. Перовский бо отряди дуҳазорнафара, бо 12 тӯпу 5 мортира (тӯпи кӯтоҳмил), ба Оқмачит бори дуюм ҳуҷум кард. Он лаҳза Оқмачитро, ки нуқтаи муҳимми стратегӣ ба ҳисоб мерафт, ҳамагӣ 250 нафар сарбози хӯқандӣ муҳофизат мекарданд. Муҳосираи қалъа 22 рӯз давом кард. 28-уми июли соли 1853 қалъа аз тарафи лашкари рус забт карда шуд. Аз муҳофизони он танҳо 74 нафар зинда монданд, ки 35 нафари онҳо захмдор буданд.

Қалъаи Оқмачит баъди забт аз тарафи лашкари рус ба қалъаи ҳарбии Перовский табдил дода шуд. Ғайр аз ин, онҳо ба зудӣ дар соҳилҳои дарёи Сир панҷ истеҳкоми нави ҳарбӣ бунёд карданд. Дар натиҷа хатти ҳарбии дарёи Сир (ё худ Сирдарё) ба вуҷуд омад, ки он идомаи хатти ҳарбии Оренбург ба ҳисоб ме- рафт. Аз тарафи хони Хӯқанд борҳо кӯшиши баргардонидани ин истеҳком карда шуд, вале ҳамаи онҳо бебарор анҷомиданд.

Солҳои 1850 – 1854 қисми дигари қӯшунҳои рус аз ҷанубу шарқ (аз Семипалатинск) ҳаракат карда, водии Залийро ишғол намуда, соли 1854 ба шаҳри Верний (Алмаатои имрӯза) асос гузоштанд. Дар натиҷаи ин амалиёт аз Семипалатинск то ба Верний хатти дигари нави ҳарбӣ ба вуҷуд омад.

Умуман, ҷангҳои баамаломада аз тарафи лашкари рус ҳуҷумҳои тактикӣ буда, бо гирифтани ин ё он нуқтаи муҳим муваққатан қатъ мегардид. Вале бо сабаби саршавии ҷанги Қрим амалиёти ҳарбӣ солҳои 50-уми асри XIX дар Осиёи Марказӣ аз тарафи ҳарбиёни рус дар ҳар ду самт ҳам мавқуф гузошта шуд.

**Оғози ҳуҷуми ишғолгаронаи лашкари рус ба Осиёи Марказӣ.** Ибтидои солҳои 60-уми асри XIX қӯшунҳои Русия барои идомаи амалиёти ҷангӣ дар Осиёи Марказӣ аз нав омода гардиданд. Қӯшунҳои дар самти Сибир буда ба ҳуҷум гузашта, моҳи августи соли 1860 қалъаи Токмак ва 4-уми сентябр қалъаи Пишпек, соли 1861 Чулек ва Янгиқӯрғонро забт карданд. Соли 1861 генерал-губернатори нави Оренбург А.П.Безак таклиф ва лоиҳаҳои бо ҳам пайвастани хатти ҳарбии дарёи Сир (Сирдарё) ва Сибирро пешниҳод кард, ки мувофиқи он, шаҳрҳои Туркистон ва Тошканд бояд забт карда мешуданд. Генерал-губернатори Сибири Ғарбӣ А.О. Дюгамел таклифи забти пурраи водии Зачуйро ба миён гузошт, вале ин таклиф аз тарафи мутасаддиёни молиявӣ дастгирӣ наёфт. Аз ҳамин сабаб, ҳукумати подшоҳӣ ба ҳар ду генерал-губернатор иҷозат дод, ки яке ба самти Туркистон (А.П.Безак) ва дигаре ба самти Пишпек (Бишкеки ҳозира) (А.П.Дюгамел) ва Авлиёота (Тирози ҳозира) гӯё корҳои таҳқиқотиро давом диҳанд. Ин пешниҳод барои амалдорони ҳарбӣ баҳри оғози амалиёти ҷангӣ асос гардид.

Минбаъд қӯшунҳои барои забти Осиёи Марказӣ равоншуда аз самти Шарқ бо сарварии генерал Верёвкин ва аз самти Ғарб бо сарварии генерал М.Г.Черняев ҳаракат карда, ба ҳам торафт наздик мешуданд. Моҳи майи соли 1864 аз тарафи Верёвкин

Авлиёота, 12-уми июн қалъаи Туркистон, 21-уми сентябр аз тарафи Черняев Чимкент ишғол карда шуданд. Ҳар ду лашкар, яъне лашкари Черняев ва Верёвкин дар Чимкент амалан бо ҳам пайвастанд. Дар натиҷа, соли 1864 барои фатҳи Тошканд, ки мулки хонии Хӯқанд ба ҳисоб мерафт, қӯшунҳои зиёди подшоҳӣ ҷамъ шуданд. Ин далелҳо аз хусуси оғози ҳуҷуми васеи ишғолгаронаи лашкари рус дар қаламрави Осиёи Марказӣ шаҳодат медиҳанд.

**Санаҳои муҳим:**

1839 – 1840 – «Ҳуҷуми хевагӣ»-и лашкари рус.

1847 – сохтани истеҳкоми Раим (қалъаи Арали имрӯза).

1853, 28-уми июл – забти Оқмачит (Қизилӯрдаи имрӯза).

1854 – ба шаҳри Верний (Алмаатои имрӯза) асос гузошта шуд.

1860, 4-уми сентябр – забти қалъаи Пишпек (Бишкеки ҳозира).

1864, 12 -уми июн – забти қалъаи Туркистон.

1864, 21 - уми сентябр – забти Чимкент.

1864 – дар Чимкент муттаҳид гардидани лашкари Черняев ва Верёвкин.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Дар бораи «Ҳуҷуми хевагӣ»-и қӯшунҳои рус чӣ медонед? 2) Қӯшунҳои рус қалъаи Оқмачитро чӣ тавр забт намуданд? 3) Ба шаҳри Верний (Алмаатои ҳозира) кай асос гузошта шуд? 4) Чаро солҳои 1854–1860 дар ҳудуди Осиёи Марказӣ амалиёти ҷангӣ аз тарафи қӯшунҳои Русия қатъ гардид? 5) Соли 1860 қӯшунҳои рус кадом нуқтаҳоро ишғол кардаанд? 6) Маҳалҳои соли 1864 ишғолкардаи қӯшунҳои русро номбар кунед. 7) Лашкари генерал Верёвкин ва Черняев дар куҷо, кадом сол бо ҳам муттаҳид гардиданд? 8) Амалиёти ҷангии ин давраро аз рӯйи харита муайян кунед. 9) § 2-ро такрор намоед;

**Хонандагон бояд:** Аввалин амалиёти ҷангии қӯшунҳои русро дар ҳудуди Осиёи Марказӣ дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §§4-5. АМАЛИЁТИ ҶАНГӢ ДАР СОЛҲОИ 1864 – 1866

**Забти Тошканд.** Диққати Черняевро махсусан, Тошканд ба худ ҷалб карда буд. Аз рӯйи баъзе маълумот, ҳукумати марказии Русия ба ӯ ҳуқуқи забти Тошкандро надода буд, яъне он умед дошт, ки ин шаҳр ихтиёран ба ҳайати Русия дохил мешавад, аммо таъкид шуда буд, ки агар хавфи аз тарафи лашкари Бухоро забт карда шудани Тошканд ба вуҷуд ояд, он гоҳ Черняев ба сӯйи ин шаҳр лашкар кашад. Ҳадафи асосии тохтутозҳои амири Бухоро Музаффархон дар он солҳо Хӯқанд буд. Ин воқеа барои Черняев кофӣ буд, ки ихтиёран ба Тошканд ҳуҷум кунад. Дар санаи 1-уми октябри соли 1864 қӯшунҳои рус бо сарварии Черняев ба Тошканд аввалин бор ҳуҷум карданд, вале бебарор ба Чимкент баргаштанд. Ин бебарорӣ ҳарбиёни русро водор сохт, ки барои фатҳи Тошканд ҷиддитар омода гарданд.

Дар таърихи 28-уми апрели соли 1865 Черняев ба Тошканд бори дуюм ҳуҷум кард. Ӯ дар аввал сарбанди дарёи Чирчиқро вайрон карда, канали Анҳорро хушк намуд ва шаҳрро аз об маҳрум сохт. Ҷангҳои шадид ба вуҷуд омаданд. Ниҳоят, шаби 15-уми июни соли 1865 ба Черняев муяссар гардид, ки лашкараш вориди шаҳр шавад. Дар натиҷа, ҷанги сахти кӯчагӣ оғоз ёфт, ки он се рӯз давом кард. Ниҳоят, 17-уми июн Тошканд аз тарафи Черняев забт карда шуд. Байни намояндагони шаҳр ва Черняев шартнома ба имзо расид.

Моҳи сентябр генерал-губернатори Оренбург ҳангоми дар Тошканд буданаш ин шаҳрро бо мақсади аз таъсири Хӯқанду Бухоро озод нигоҳ доштан мулки мустақил эълон кард, вале он вақт ҷангҳои байни Бухорою Хӯқанд (яъне бо мухолифони Худоёрхон) давом мекард. Амири Бухоро баъди забти Хуҷанд ба сӯйи шаҳри Хӯқанд ҳаракат карда, ҳамзамон, аз сарварони қӯшунҳои рус талаб кард, ки Тошкандро ба ихтиёри ӯ гузошта, худ аз шаҳр берун раванд. Ҳукумати подшоҳӣ чунин таҳдиди Музаффархонро ба эътибор нагирифта, моҳи октябри соли 1865 расман ба ҳайати Русия дохил шудани Тошкандро эълон кард.

**Муҳорибаҳои нахустини байни Русия ва Бухоро.** Барои амалиёти минбаъдаи лашкари рус дар пеши роҳи он истеҳкоми нисбатан мустаҳкам – Ҷиззах меистод, ки мулки Бухоро ба ҳисоб мерафт. Дар Бухоро воқеаи аз тарафи қӯшунҳои рус забт

гардидани Тошканд мардумро ба ҳаракат оварда буд. Баъзе гурӯҳҳо амирро барои дар ҷангҳои муқобили Русия иштирок накарданаш, на танҳо сарзаниши сахт, балки қасди ҷон карданд. Аз ҳамин сабаб ӯ маҷбур шуд, ки ба ҷанги муқобили Русия омодагӣ бинад.

Дар Бухоро омодагии амир ба ҷанг ҳанӯз давом дошт, вале охири январи соли 1866 як гурӯҳи нисбатан хурди лашкари рус бо сарварии генерал Черняев ба Ҷиззах расид. Дар қалъаи Ҷиззах аскарони бухороӣ хеле кам буданд. Бинобар ин, мудофиаи қалъаро худи ҷиззахиён ба уҳда гирифта, ба Черняев зарба заданд. Дар натиҷа, ҷанги аввали Ҷиззах бо ғалабаи бухороиён, дақиқтараш, ҷиззахиён ва бо мағлубияти Черняев анҷом ёфт. Ғалаба дар ҷанги якуми Ҷиззах бухороиёнро хеле рӯҳбаланд кард. Амир Музаффар низ бо мақсади идомаи ғалаба бо қувваи зиёд ба Ҷиззах ҳозир шуда, дар Сасиккӯл ном маконе (соҳили чапи дарёи Сир) манзил гирифт. Аз ин ҷо як қисми сарбозони амир ба сӯйи Чирчиқ, қисми дигар ба сӯйи қалъаи Чордара фиристода шуданд. Сарварии умумии ин амалиётро Музаффархон ба уҳда гирифт, вале вай ба ҷойи сарварӣ ва назорати омодагии амалиёти ҷангӣ дар ҳамон лаҳза ҳам бо базму шатранҷбозӣ машғул шуда, на танҳо ба ғалабааш комилан бовар дошт, балки ҳатто дар фикри мусодираи хазинаи петербургии ҳукумати Русия ва роҳҳои минбаъд истифода кардани «асирон»-и ҳарбии рус буд.

Баъди шикаст дар Ҷиззах Черняев аз Осиёи Марказӣ бозхонд шуд ва ба ҷояш генерал Д.И.Романовский таъйин гардид. Вай нисбат ба амири Бухоро ба ҷанги навбатӣ аз ҳар ҷиҳат омода буд. Дар санаи 8-уми майи соли 1866 дар Майдаюлғун ё худ Эрҷор (дар роҳи Ҷиззах ва Хуҷанд) байни қӯшунҳои русу бухороӣ ҷангҳои шадиде ба вуқӯъ омад ва он бо ғалабаи русҳою мағлубияти бухороиён анҷом ёфт. Дар асл ин ҷанги нахустини байни лашкарҳои Бухоро ва Русия ба ҳисоб меравад. Амир Музаффар бо наздикон ва посбонони худ аз майдони ҷанг ба сӯйи Самарқанд гурехт.

**Забти Хуҷанд ва Ӯротеппа.** Баъди ғалаба дар муҳорибаи Майдаюлғун, мақсади фармондеҳони ҳарбии рус роҳ надодан ба муттаҳидшавии қӯшунҳои амири Бухоро ва хони Хӯқанд буд. Бо ҳамин мақсад онҳо ба сӯйи Хуҷанд ҳаракат карданд. Шаби 19-ум ба 20-уми майи соли 1866 қӯшунҳои рус ба ин шаҳр наздик шуда, аз 18 тӯп ва 8 тӯпи кӯтоҳмил шаҳрро тирборон карданд.

# ХАРИТАИ ЗАБТИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ АЗ ТАРАФИ РУСИЯ



Саҳарии 21-уми май муҳосираи шаҳр оғоз ёфт, вале аз сабаби муқобилати сахти муҳофизони шаҳр аскарони рус ба шаҳр ворид шуда натавонистанд. Барои мудофиаи шаҳр на танҳо мардуми бумии он – тоҷикон, балки ӯзбекҳо низ мардонагӣ нишон доданд.

Артиши бағазабомадаи подшоҳӣ шаҳрро се шабонарӯз гулулаборон кард. Дар санаи 24-уми май қӯшунҳои рус шаҳри вайрону валангоршударо соҳиб шуданд. Аз рӯйи баъзе маълумот, шумораи ҳалокшудагон аз ҳисоби муҳофизони шаҳри Хуҷанд ба 2,5 ҳазор нафар расидааст, ки маросими дафни ҷасади онҳо як ҳафта давом кардааст. Аз тарафи истилогарон ҳамагӣ 5 нафар ҳалок шудааст. Дар санаи 28-уми май Нов аз ҷониби лашкари рус забт гардид.

Баъди муҳорибаи Майдаюлғун ва забти Хуҷанду Нов ҳайати фармондеҳии қӯшунҳои рус умед доштанд, ки амири Бухоро аз ҷангҳои нав даст кашида, худро мағлуб меҳисобад, аммо чунин умеди онҳо хом баромад. Музаффархон ба ҷангҳои нав омодагӣ медид. Ҳарбиёни рус аз ин воқиф гардида, тирамоҳи ҳамон сол амалиёти ишғолгаронаи худро идома доданд. Дар таърихи 1-уми октябр аз тарафи онҳо Ӯротеппа муҳосира гардид, ки онро 4 ҳазор нафар муҳофизат мекарданд. Дар санаи 2-юми октябр шаҳр аз тарафи ишғолгарон забт карда шуд. Талафоти ҷонии муҳофизон хеле бузург буд.

**Забти Ҷиззах.** 11-уми октябри соли 1866 аз тарафи лашкари рус муҳосираи нав ё худ ҷанги дуюми Ҷиззах оғоз ёфт. Ба он дар ин муҳориба генерал-адъютант Н.А. Крижановский сарварӣ мекард. Ҷиззах аз ҳар ҷиҳат ба истеҳкоми қавӣ табдил ёфта буд.

Онро се қатор деворҳои баланд ва канали жарф иҳота мекард. Барои мустаҳкам намудани он дар муддати ҳашт моҳ ҳазорҳо нафар мардуми тоҷику ӯзбек кор кардаанд. Ҳангоми ҷангҳо шумораи муҳофизони қалъаи Ҷиззах 10 ҳазор нафарро ташкил дод. Аз ҳамин сабаб, барои забти ин қалъа ҷангҳои шадид 7 шабонарӯз давом кард. Муҳофизон, ки асосан тоҷикону ӯзбекон буданд, матонату далерӣ нишон доданд, вале дар рафти ҷангҳои шадид қӯшунҳои рус пеши роҳи обро баста, бо ин муҳофизонро аз таъминоти об маҳрум намуданд. Чунин амалиёт муҳофизонро дар ҳолати мураккаб гузошт. Ниҳоят, 18-уми октябр шаҳри вайрона бо 2,5 ҳазор нафар қурбоншудагон ва маҷрӯҳони бисёр таҳти назорати аскарони рус қарор гирифт.

Баъди мағлубияти Ҷиззах қувваҳои зиёди зиддирусӣ дар Янгиқӯрғон ҷамъ шуда буданд, ки дар байни онҳо на танҳо сарбозони амир, балки дастаҳои собиқ бекҳои Ӯротеппа, Ҷиззах, дастаҳои туркманҳо, афғонҳо ва дигарон низ буданд. Дар байни онҳо қисми асосиро сарбозони амири Бухоро ташкил медоданд, вале дар муҳорибаи Янгиқӯрғон ҳам ғалаба насиби лашкари рус гардид, ки ба он генерал А.К. Абрамов сарварӣ мекард. Қӯшунҳои рус баъди забти Ҷиззах ва Янгиқӯрғон аз идомаи амалиёти ҷангӣ муваққатан худдорӣ намуда, ба муҳорибаҳои минбаъда омодагӣ медиданд. Ҳукумати подшоҳӣ дар ин муддат масъалаҳои идоракунии мулкҳои забтшударо ҳал менамуд.

**Санаҳои муҳим:**

1865, 17-уми июн – забти Тошканд.

1864, охири моҳи январ – муҳорибаи якуми Ҷиззах.

1866, 8-уми май – муҳорибаи Майдаюлғун ё худ Эрҷор, нахустин муҳорибаи байни қӯшунҳои Бухоро ва Русия.

1866 , 24-уми май – забти Хуҷанд.

29 - 2 юми октябр – забти Ӯротеппа.

1866, 11 – 18-уми октябр – муҳорибаи дуюми Ҷиззах ва забти он.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Қӯшунҳои рус шаҳри Тошкандро кай ва чӣ тавр забт намуданд? 2) Ҷанги якуми Ҷиззах бо ғалабаи кӣ анҷомид? 3) Чаро муҳорибаи Майдаюлғун ё худ Эрҷорро муҳорибаи аввалини байни қӯшунҳои Бухоро ва Русия ҳисоб мекунанд ва он чӣ гуна анҷом ёфт? 4) Муҳорибаи Майдаюлғун ё худ Эрҷорро дар асоси хуҷҷат – гуфтаҳои Аҳмади Дониш муфассалтар нақл кунед. 5) Муҳорибаи Хуҷанд кай ба амал омад ва чӣ натиҷа дод? 6) Ҷиззах аз тарафи лашкари Русия кай забт гардид? 7) Амалиёти ҷангиро аз рӯйи харита муайян кунед. 8) §§ 2 ва 3-ро такрор намоед; 9) Аз рӯйи харита нуқтаҳои муҳорибаҳоро муайян намоед;

**Хонандагон бояд:** амалиёти ҷангии солҳои 1864 – 1866-ро пай дар пай мантиқан дуруст шарҳ дода тавонанд.

## § 6.ТАЪСИСИ ГЕНЕРАЛ-ГУБЕРНАТОРИИ ТУРКИСТОН

**Ташкили генерал-губернатории Туркистон.** Аввали соли 1865 аз ҳисоби заминҳои аз хонигарии Хӯқанд ишғолкардаи лашкари рус вилояти Туркистон дар ҳайати генерал-губернатории Оренбург ташкил ёфт. Сарвари ин вилояти навбунёд генерал Черняев таъйин гардид.

Соли 1867 ҳукуматдорони подшоҳӣ натиҷаи амалиёти ҷангии худро дар сарзамини Осиёи Марказӣ гӯё ҷамъбаст намуданд. Бо марказ дар Тошканд генерал-губернатории Туркистонро ташкил доданд, ки он заминҳои аз соли 1847 то он лаҳза аз мулкҳои хонигарии Хӯқанд ва аморати Бухоро забтнамудаи қӯшунҳои русро дар бар мегирифт. Дар ибтидо генерал-губернаторӣ аз ду вилоят: Сирдарё (марказаш Тошканд) ва Ҳафтрӯд (марказаш Верний) иборат буд. Мувофиқи ин тақсимот, мулкҳои Хуҷанд, Нов, Ӯротеппа, Ҷиззах ва ғайра ба ҳайати вилояти Сирдарё дохил шуданд. Соли 1875 тақсимоти нави маъмурии кишвари Туркистон анҷом дода шуд, ки мувофиқи он уезди Хуҷанд (ба он Нов ва Ӯротеппа низ дохил мешуданд) ба ҳайати вилояти Самарқанд дохил гардид. Қаламрави генерал-губернаторӣ ва микдори вилоятҳои он минбаъд аз ҳисоби мулкҳои тозаишғоли қӯшунҳои рус меафзуд. Баробари бунёди генерал-губернаторӣ округи ҳарбии Туркистон низ ташкил ёфт.

**К.П. Кауфман – аввалин генерал-губернатори Туркистон.** Дар санаи 14-уми июли соли 1867 аввалин генерал-губернатори Туркистон генерал-адъютант барон фон К.П.Кауфман таъйин гардид. Подшоҳи Русия Александри II дар асоси «Ярлиқи заррин»-и худ ба Кауфман ҳуқуқи васеъ дода буд, ки мувофиқи он, ӯ бо давлатҳои ҳамсоя масъалаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ, сарҳадӣ, ташкили сафоратҳо, имзои шартномаҳо ва ғайраро мустақилона ҳал менамуд. Кауфман дар асоси он санад минбаъд ваколат дошт, ки ба давлатҳои ҳамсоя, аз ҷумла аморати Бухоро, хонигариҳои Хеваю Хӯқанд ва ғайра мустақилона ҷанг эълон кунад ва ё бо онҳо сулҳ имзо намояд. Ӯ маҳз тавассути чунин ҳуқуқи номахдудаш дар байни халқ ҳамчун «нимподшоҳ» ном баровард.

Кауфман эҳсос намуд, ки хони Хӯқанд – Худоёрхон дигар қудрати ҷанг кардан надорад, аммо амири Бухоро – Музаффархон ҳанӯз тавоност. Ӯ комилан бовар дошт, ки Бухорою Хӯқанд

дигар муташаккилона ба муқобили лашкари рус баромада наметавонанд, зеро баробари ба ихтиёри Русия гузаштани Хуҷанду Ӯротеппа ва Ҷиззах амиру хон аз робитаи байниҳамдигарӣ маҳрум гардиданд. Бинобар ин, Кауфман соли 1868 бо Худоёрхон шартномаи барои Русия мувофиқеро имзо кард. Мувофиқи он, ҳуқуқи мустақилии хон аз даст рафт. Акнун савдогарони рус ҳуқуқи дар сарзамини хонӣ озодона амал карданро ба даст оварданд.



*К.П. Кауфман*

Яъне мувофиқи ин шартнома хонигарии Хӯқанд тобеи Русия гардид. Ҳамин тавр, дар сарзамине, ки аз тарафи лашкари Русияи подшоҳӣ забт гардида буд, генерал-губернатории Туркистон ташкил ёфт. Ҳарчанд вилоятҳои он номҳои таърихии худро соҳиб шуданд, яъне Сирдарё, Ҳафтрӯд, минбаъд Самарқанд, Фарғона ва ҳатто Моварои Хазар (Закаспий), вале Туркистон ном гирифтани ин кишвари бузург ҳақиқати ҳолро ифода намекард. Аввалан, мулкҳое, ки ба ҳайати генерал-губернаторӣ дохил гардиданд, ғайр аз як ҳиссаи сарзамини вилояти Ҳафтрӯд, боқӣ ба Туркистони таърихӣ ҳеҷ алоқа надоштанд. Сонияи, дар ҳудуде, ки соли 1867 генерал-губернатории Туркистон ташкил ёфт, мардуми туркнажод нисбат ба мардуми эронинажод аз ҷиҳати шумора бартарии зиёд надоштанд.

**Идораи генерал-губернаторӣ.** Маъмурияти кишвари Туркистон аз ҷиҳати идоракунӣ ба мисли дигар губернияҳои Русия на ин ки ба вазорати корҳои дохилӣ, балки ба вазорати ҳарбии он итоат мекард. Аз ҷиҳати маъмурӣ генерал-губернатории Туркистон ба вилоятҳо, вилоятҳо ба уездҳо, уездҳо ба волостҳо тақсим мешуданд. Генерал-губернатор дар ихтиёри худ идоракунии маъмурӣ ва ҳарбиро муттаҳид мекард. Дар назди ӯ муовин ва шӯрои махсус аз амалдорони ҳарбӣ ва мулкии кишвар вуҷуд доштанд. Органи иҷроия канселярияи ӯ ба ҳисоб мерафт, ки он аз се шуъба иборат буд: шуъбаи аввал бо масъалаҳои маъмурӣ ва ҳайати шахсии маъмурияти кишвар; шуъбаи дуюм бо масъалаҳои замину андоз, сохтмон, алоқа ва масъалаҳои молия, воридоту содирот, назорат ба моликияти вақфӣ, назорат ба хориҷиёни дар кишвар буда ва ғайра машғул буданд; шуъбаи сеюм шуъбаи махсуси дар назди канселярия буда, бахши дипломатӣ ба ҳисоб мерафт, ки он аз соли 1899 амалдори дипломатии намояндаи

вазорати корҳои хориҷӣ шуморида мешуд ва ба воситаи он сиёсати мустамликадории ҳукумати подшоҳӣ бар аморати Бухорою хонигарии Хева низ амалӣ мегардид.

Дар вилоятҳо губернаторҳои ҳарбӣ ва дар уездҳо сарварони уездҳо роҳбарӣ мекарданд. Ҳамаи онҳо шахси ҳарбӣ ва якҷоя маъмурияти ҳарбии кишварро ташкил мекарданд. Бояд зикр кард, ки қисме аз онҳо дар қатори рутбаи ҳарбӣ доштан, аз таъриху фарҳанги кишвар хабардор буданд, забонҳои маҳаллиро медонистанд, баъзеашон шарқшиносони номӣ (ба монанди Н.С. Ликошин – губернатори ҳарбии вилояти Самарқанд) ба ҳисоб мерафтанд.

Сарварони вилоятҳо ҳокимияти маҳаллӣ – оқсақолони деҳаҳо ва авулҳоро аз ҳисоби сарватмандони маҳаллӣ интихоб мекарданд. Аз ҳамин сабаб ҳокимияти маҳаллиро «ҳокимияти халқӣ» мегӯянд. Ин ҳокимияти халқӣ якҷо бо маъмурияти ҳарбӣ номи «идоракунии ҳарбию халқӣ»-ро гирифтааст.

**Санаҳои муҳим:**

1865 – ташкили вилояти Туркистон дар ҳайати генерал-губернатории Оренбург.

1867 – ташкил карда шудани генерал-губернатории Туркистон. 1867 – 1882 – солҳои генерал-губернатори Туркистон будани К.П. Кауфман. 1875 – тақсимоти нави маъмурии кишвари Туркистон

**Савол ва супоришҳо:**

Вилояти Туркистон кай ташкил ёфт ва он кадом мулкҳоро дар бар мегирифт? 2) Генерал-губернатории Туркистон кадом сол таъсис дода шуд ва он аз кадом вилоятҳо иборат буд? 3) Аввалин генерал-губернатори Туркистон кӣ буд ва чӣ ҳуқуқ дошт? 4) Оё «Туркистон» ном гирифтани қисми бузурги қаламрави Осиёи Марказӣ бо ҳақиқати таърихӣ мувофиқат мекунад? 5) Сохти идоракунии генерал-губернатории Туркистонро аз боло ба поён шарҳ диҳед. 7) Ҳудуди генерал-губернатории Туркистон ва вилоятҳои аввали онро аз рӯйи харита муайян кунед. 8) §§ 3,4 ва 5-ро такрор намоед;

**Хонандагон бояд:** ташкилёбии генерал-губернатории Туркистон ва қаламрави онро дуруст муайян карда тавонанд.

## §§7-8. ШИКАСТ ХӮРДАНИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР МУҲОРИБА БО РУСИЯ

**Муҳорибаи Чӯпонато.** К. П.Кауфман баробари генерал- губернатори Туркистон таъйин гардиданаш, амалиёти ишғолгаронаи пешовандони худро давом дод. Мақсади асосии ӯ таслим намудани аморати Бухоро буд. Дар ибтидо таваҷҷуҳи ӯро вазъи мураккаби Самарқанд ба худ ҷалб кард. Баъди аз даст рафтани Ҷиззах, ба ин бохт гурӯҳҳои гуногун якдигарро муттаҳам мекарданд. Ихтилофи байни онҳо то ба дараҷаи хунрезӣ расид. Чунин ҳолат, аз як тараф, қувваи муҳофизони шаҳрро заиф намуда бошад, аз тарафи дигар, сарварони қӯшунҳои дар Осиёи Марказӣ доштаи Русияро хурсанд намуд.

Дар таърихи 1-уми майи соли 1868 дар баландии Чӯпонато (наздикии Самарқанд) муҳорибаи сахттарин байни қӯшунҳои рус ва сарбозони амир, ки бо ихтиёриён муштарак амал мекарданд, ба вуқӯъ омад. Дар ин муҳориба ҳокими Ҳисор Раҳмонқулбийи парвоначии манғит низ бо отряди худ иштирок дошт ва таърихшинос Мирзо Азими Сомӣ воқеанигори ӯ буд. Бухориён, ҳарчанд аз ҷиҳати шумора нисбат ба аскарони подшоҳӣ, ки ба онҳо бевосита худи К.П.Кауфман сарварӣ мекард, бартарӣ дошта бошанд ҳам (аз рӯйи баъзе маълумот шумораи онҳо ба 100 ҳазор нафар мерасид), аз ҷиҳати таҷрибаи ҳарбӣ ва таъмини силоҳ хеле заиф буданд. Дар натиҷа ин муҳориба ҳам боиси мағлубият ва талафоти бузурги бухориён, аз ҷумла сарбозони амир гардид.

**Забти Самарқанд.** Мағлубият дар муҳорибаи Чӯпонато тақдири Самарқандро низ ҳал намуд, зеро сарварони ин шаҳри бостонӣ муқобилати минбаъдаро нисбат ба лашкари истиллогари Русияи подшоҳӣ бефоида ва ба зарари шаҳру шаҳриён (яъне боиси талафоти бешумор ва вайрониҳои зиёд) ҳисобида, бе муқобилат дарвозаи шаҳрро ба қӯшунҳои рус кушоданд. Ҳамин тавр, 2-юми май қӯшунҳои рус вориди Самарқанд гардиданд. Дар санаи 3-юми май ин хабар ба амир Музаффар расид, ки ӯ он лаҳза дар Кармина буд. Вай ҳатто аз изтироб қосидеро, ки хабари аз даст рафтани Самарқандро барояш расонид, қатл намуд.

Дар чунин вазъият гуфтушуниди намояндагии Русия ва Бухоро доир ба масъалаи тиҷорат давом дошт ва он 11-уми майи соли

1868 бо имзои шартномае, ки иборат аз 6 банд аст, анҷом ёфт. Мувофиқи он, дар қаламрави аморати Бухоро барои тоҷирони Русия имкони васеи амалиёт дода шуд.

**Муҳорибаи Зирабулоқ.** Имзои шартномаи тиҷоратии 11-уми майи соли 1868 идомаи ҷангро дар байни Русия ва Бухоро бознадошт. Дар таърихи 12-уми май Ургут ва 18-уми май Каттақӯрғон аз тарафи қисмҳои аскарони рус ишғол карда шуд. Умуман, муҳорибаҳои минбаъда исботи он буданд, ки лашкари амир имкони муқобилатро аз даст додаанд. Амир Музаффар чунин вазъро эҳсос намуда, маҷбур шуд, ки ба имзои шартномаи пешниҳодкардаи Кауфман розӣ шавад.



*Лаҳзаи вориди шаҳри Самарқаид гардидани аскарони рус дар соли 1868 (аз рӯйи амали рассом В.В. Верешагин)*

Ҳанӯз шартнома дар байни Бухорою Русия имзо нагардида, хабари он, яъне ба имзои он майл кардани амир ғазаби як қисми мардуми Бухороро ба вуҷуд овард. Як ҳиссаи чунин мардуми башӯромада, ки ба сӯйи Самарқанд роҳ пеш гирифта буданд, дар Чӯли Малик (байни Ғиждувону Самарқанд) аз тарафи сарбозони амир пароканда карда шуданд.

Яке аз сардорони қабилаҳои қазоқ – Сиддиқтӯра, ки баъди аз тарафи қӯшунҳои рус забт гардидани мулкаш – Туркистон гурехта, ба Бухоро паноҳ бурда буд, сар бардошта, Ғиждувонро ғорат намуд, Карминаро забт кард ва худро «хони чингизнажод» ном ниҳод. Олимақомони худи Бухоро ҳам аз амир талаб мекарданд, ки бо «кофирҳо», яъне русҳо ҷангро давом диҳад. Бинобар ин, амир маҷбур шуд, ки боз майли ҷанг намояд. Ӯ дар наздикии Зирабулоқ бо сарварии Ҳоҷӣ Тӯқсабо ва Усмон Тӯқсабо15 ҳазор сарбози савора, 6 ҳазор сарбози пиёда ва 14 тӯп ҷамъ намуд. Аз

рӯйи маълумоти дигар, шумораи умумии сарбозон ва мардуме, ки он ҷо ба муқобили аскарони рус ҷамъ шуда буданд, ба 50 ҳазор нафар мерасид.

Дар санаи 2-юми июни соли 1868 дар наздикии Зирабулоқ муҳорибаи сахттарин ва охирини байни Русия ва Бухоро ба вуқӯъ омад, вале боз сарбозони амир мағлуб гардида, 1500 нафарро талаф доданд.

Қӯшунҳои рус баъди ғалаба дар Зирабулоқ боз ба сӯйи Самарқанд равон шуданд, зеро дар он ҷо ҳанӯз 1-уми июн шӯриши зиддирусӣ ба амал омада буд. Шӯришгарон шаҳрро ишғол карда, намояндагони Русия ва маҳаллиёни бо онҳо ҳамкорикардаро ба қатл расониданд. Ҳокимони Китоб – Ҷӯрабек ва Шаҳрисабз – Бобобек (писари Ҳакимбек) ҳам бо дастаҳои худ ба Самарқанд, ба кумаки шӯришгарон омаданд, вале онҳо баробари шунидани хабари ҳаракати лашкари рус бо сардории Кауфман, шӯришгаронро ба ҳолашон гузошта, аз Самарқанд берун рафтанд. Шӯришгарон ба чунин вазъият нигоҳ накарда, ҳафт рӯз шаҳрро муҳофизат карданд ва ба қӯшунҳои рус муқобилати сахт нишон доданд. Дар таърихи 8-уми июни соли 1968 шӯриши Самарқанд ваҳшиёна саркӯб карда шуд.

**Шартномаи 23-юми июни соли 1868.** Барои амир Музаффар баъди мағлубият дар муҳорибаи Зирабулоқ ва саркӯб карда шудани шӯриши июни соли 1868 Самарқанд ғайр аз қабули таклифи Кауфман доир ба имзои шартномаи пешниҳод кардааш чораи дигаре набуд. Бинобар ин, ӯ намояндаи худро барои имзои шартнома ба Самарқанд фиристод. Дар таърихи 23-юми июни соли 1868 шартномаи байни Русия ва Бухоро имзо гардид, ки мувофиқи он, амир вазифадор шуд: аз заминҳои забткардаи қӯшунҳои рус дар Хуҷанд, Ӯротеппа, Ҷиззах, Самарқанд ва Каттақӯрғон ба фоидаи Русия даст кашад; ба хазинаи ҳукумати подшоҳӣ чун товони ҷанг 125 ҳазор тилло (500 ҳазор рубли русӣ) фиристад; аз хоки Бухоро хатти телеграф гузаронад; ба тоҷирони Русия имкони дар сарзамини аморат озодона амал карданро диҳад; дар дарёи Ому ба рафтуомади киштиҳои Русия мамониат накунад; ғуломдориро барҳам диҳад ва ҳоказо. Мувофиқи ин шартнома, амир аз ҳуқуқи муносибати мустақилона бо дигар давлатҳои ҳамсоя маҳрум мегардид. Яъне дар асоси ин банди шартнома аморати Бухоро дар ҳақиқат, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ бояд тобеи Русия мешуд.

Шартномаи номбурда баъди имзои тарафайн барои тасдиқ ба подшоҳи Русия Александри II фиристода шуд, вале подшоҳ бо сабабҳои сиёсию иқтисодӣ шартномаро тасдиқ накард. Аз ин рӯ, он шартнома эътибори қонунӣ нагирифт. Соли 1869 ҳукумати амир, ки аз ин ҳолат хабар надошт, бо сафирони худ як қисми товони ҷанг (50 ҳазор тангаи тилло ва 19 ҳазор тангаи нуқра)-ро ба хазинаи ҳукумати подшоҳӣ фиристод. Ганҷурони подшоҳ ҳам он ғаниматро бе ҳеҷ дудилагӣ қабул карданд.

**Исёни Абдумаликтӯра**. Баъди имзои шартнома вазъият дар Бухоро боз ҳам мураккабтар гардид. Шахсони аз шартнома норозӣ дар атрофи писари калонии амир Музаффар–Абдумаликтӯра (Каттатӯра), ки ҳокими Ғузор буд, ҷамъ омада, ӯро амир эълон карданд. Ҳокимони Китобу Шаҳрисабз–Ҷӯрабеку Бобобек ҳам бо дастаҳои худ ба тарафи Абдумаликтӯра гузаштанд. Дар натиҷа, дар худи Бухоро ба муқобили Музаффархон қувваи бузурге ташкил ёфт. Аз рӯйи баъзе маълумот, тирамоҳи соли 1868 дар ихтиёри Абдумаликтӯра қариб 8 ҳазор нафар аскар буд. Сиддиқтӯраи қазоқ низ ба тарафи ӯ гузашт. Дар ҳамон лаҳза қувваҳои Абдумаликтӯра, ки Қарширо ба маркази худ табдил дода буданд ва Музаффархон бо ҳам бархӯрданд, мағлубияти амир аз эҳтимол дур набуд. Инро худи амир ҳам эҳсос намуда, барои имдод ба К.П. Кауфман муроҷиат кард. Кауфман хуб мефаҳмид, ки ҳаракати Абдумаликтӯра, пеш аз ҳама, мухолифи манфиати Русия аст, аз ҳамин сабаб, ба пешниҳоди Музаффархон розӣ шуд. Ӯ барои саркӯб намудани шӯриш бо сарварии генерал А.К. Абрамов қӯшун фиристод.

Тирамоҳи соли 1870 ба қӯшунҳои Абдумаликтӯра, ки дар наздикии Қаршӣ омодаи ҷанг буданд, сарбозони амир ва аскарони рус якбора ҳуҷум карданд. Аскарони рус махсусан, ба қисмҳои исёнгар зарбаи қатъӣ зада, ба онҳо, ки аксар ҷангнодидаю бетаҷриба буданд, талафоти зиёди ҷонӣ расониданд. Дар таърихи 27-уми октябр Қаршӣ аз тарафи аскарони рус забт карда шуд. Пас аз он сарбозони амир ҳам вориди шаҳр гардида, онро тороҷ намуданд. Як қисми бузурги сарбозони амиру аскарони рус ба сӯйи Шаҳрисабзу Китоб ҳаракат карда, он мулкҳоро низ тобеи амир Музаффар гардониданд. Абдумаликтӯра баъд аз ҳамаи ин нобарориҳо аввал ба Хӯқанд, баъд ба Кошғар гурехт.

**Эъзомияи Искандаркӯл.** Баробари ба ихтиёри Русия гузаштани Самарқанд болооби Зарафшон – кӯҳистони Фалғар,

Мастчоҳ, Фон, Киштут ва Моғиён, ки мулкҳои ниммустақил буданд, мантиқан худ аз худ ба Русия тобеъ шуданд. Ҳукумати подшоҳӣ аз ҳисоби Самарқанд, Каттақӯрғон ва дигар мулкҳои зарафшонии аз аморати Бухоро забтнамудааш музофоти Зарафшонро бунёд карда, генерал А.К.Абрамовро сарвари он таъйин намуд. Яке аз мақсадҳои асосии Абрамов тобеи худ гардонидани мулкҳои номбурдаи кӯҳистони Зарафшон буд. Ҳокимони он мулкҳо, агарчи ҳама тоҷик буданд, худро мустақил ҳисобида, байни худ ҷангида, қувваи мудофиавии мулки Кӯҳистонро хеле заиф гардониданд. Чунин вазъият муваффақияти лашкари русро осон гардонид, вале Абрамов намехост, ки кӯшиши ӯ барои таслими болооби Зарафшон лашкаркашӣ (поход)-и ҳарбӣ ном бурда шавад. Бо ҳамин мақсад, ӯ зарур шуморид, ки амалиёти ҳарбиро бо эъзомия (экспедитсия)-и илмӣ рӯпӯш намояд, зеро он вақт марказҳои илмию ҷуғрофии Русия ба омӯзиши табиату набототи Осиёи Марказӣ рағбати зиёд пайдо карда буданд. Дар натиҷа, баҳори соли 1870 бо сарварии генерал Абрамов "Эъзомияи Искандаркӯл" ташкил карда шуд.

Ба ҳайати эъзомияи номбурда 200 нафар казаки мусаллаҳ, ротаи пиёдагард ва взводи пулемётчиёни кӯҳгард дохил мешуданд. Аз Ӯротеппа таҳти фармондеҳии Деннет дастаи дигари ҳарбиёни мусаллаҳ дар роҳ ба дастаи Абрамов пайвастанд. Сафари эъзомия 25-уми апрели соли 1870 аз Самарқанд оғоз ёфт. Моҳи август шаҳри Панҷакент бе муҳориба ба ихтиёри қӯшунҳои рус гузашт, вале дар деҳаҳои Артуч, Панҷрӯд, Дашти Қозӣ, Фалғар, Мастчоҳ ва ғайра ҷангҳои шадид ба амал омаданд. Дар ин амалиёт бисёр деҳаҳо бо фармони Абрамов ба хок яксон карда шуданд. Моҳи июни соли 1870 эъзомия амалиёти ҳарбии худро ба охир расонид. Аз ҳисоби мулкҳои ниммустақили кӯҳистонии болооби Зарафшон тумани Кӯҳистон ташкил ёфт ва он ба музофоти Зарафшон ҳамроҳ карда шуд.

Дар "Эъзомияи Искандаркӯл" як қатор олимон: табиатшинос А.Ф.Федченко, геолог Д.К.Мишенко, нақшабардор (баъдтар арбоби намоёни ҳарбию сиёсӣ) Л.Н.Соболев ва дигарон ширкат доштанд. Бо ташаббуси ин донишмандон барои таҳқиқи захираҳои табиии болооби Зарафшон қадамҳои аввалин ва муҳимми илмӣ гузошта шуд.

**Шартномаи 28-уми сентябри соли 1873.** То моҳи сентябри соли 1873 дар байни Русияю Бухоро, ғайр аз шартномаи тиҷоратии

11-уми майи соли 1868, дигар ягон санади ҳуқуқӣ, ки муносибати ин ду давлатро муайян намоянд, вуҷуд надошт. Бинобар ин, дар доираи ҳукумати Русияи подшоҳӣ боз масъалаи муайян намудани муносибат бо Бухоро ба миён омад.

Дар санаи 28-уми сентябри соли 1873 дар Шаҳрисабз байни Русия ва Бухоро шартномаи нав имзо гардид, ки он бо номи "Шартномаи Дӯстӣ" маълум буда, аз 18 банд иборат аст. Ин шартнома аз тарафи подшоҳ тасдиқ гардид ва дар қатори шартномаи тиҷоратӣ, ки дар боло ба он ишора рафт, ҳамчун санади асосии ҳуқуқии байни Бухоро ва Русия то Инқилоби октябри соли 1917 амал кард.

Шартномаи Дӯстии соли 1873 сарҳади онвақтаи байни Русияю Бухороро тасдиқ намуда, сарҳади байни Бухорою Хеваро низ муайян мекард. Дар асоси он ҳар ду тараф, яъне тарафҳои Русияю Бухоро вазифадор мешуданд, ки дар Осиёи Марказӣ рушди муносибатҳои тиҷоратӣ ва озодона шино кардани киштиҳоро дар дарёи Ому таъмин кунанд; тоҷирони рус на танҳо барои дар тамоми шаҳру ноҳияҳои аморати Бухоро озодона амал намудан ҳуқуқ пайдо карданд, балки дар зери ҳимояи махсуси ҳукумати амирӣ низ буданд; аз молҳои тарафайн бояд на бештар аз 2,5% андоз – закот гирифта мешуд; молҳои русӣ ба воситаи сарзамини Бухоро ба дигар давлатҳо бебоҷ гузаронида мешуданд; тоҷирони ҳар ду тараф метавонистанд дар доираи Осиёи Марказӣ корвонсарой дошта бошанд. Ғайр аз ин, тоҷирони рус дар соҳилҳои рӯди Ому бандар ва анборҳо сохта метавонистанд; ба раиятҳои тарафайн, аз рӯйи қонунҳои мавҷуда, ҳуқуқи дар ҷойи дилхоҳ бо ягон касбу ҳунар машғул шудан дода мешуд. Инчунин, онҳо метавонистанд мулки ғайриманқул, яъне хона, боғ, замини корам дошта бошанд: тарафайн дар қаламрави ҳамдигар (яъне ҳукумати амирӣ дар Тошканд ва ҳукумати Русия дар Бухоро) метавонистанд намояндагӣ дошта бошанд; тарафи ҳукумати амирӣ вазифадор карда мешуд, ки дар сарзамини аморат хариду фурӯши одам, яъне ғуломдориро манъ намояд.

Ҳамин тавр, дар шартномаҳои тиҷоратии соли 1868 ва Шартномаи Дӯстии соли 1873, ғайр аз баъзе бартариҳо барои тоҷирони рус дар сарзамини Бухоро, дигар ишорае нест, ки дар асоси он аморати Бухоро мутеи Русияи подшоҳӣ гардад. Дар байни Русия ва Бухоро дигар шартномаи тасдиқгардидае, ки тобеияти ҳукумати амириро ба ҳукумати подшоҳӣ ба расмият

дарорад,  вуҷуд надошт. Пас ба хулосае омадан мумкин аст, ки аморати Бухоро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ давлати мустақил будааст, вале амирони Бухоро, ки дар назди иқтидори ҳарбии Русия нотавон буданашонро ба хубӣ эҳсос мекарданд, худро «ихтиёран» ба оғӯши тобеият андохта, нисбат ба ҳукумати подшоҳӣ сиёсати содиқона пеш  бурда, аморатро ба мустамликаи ҳақиқии Русия табдил дода буданд.

**Санаҳои муҳим:**

1868, 1-уми май – муҳорибаи Чӯпонато.

1868, 2-юми май – забти Самарқанд.

1868, 11-уми май – имзои Шартномаи тиҷоратӣ дар байни Бухоро ва Русия.

1868, 1-8-уми июн – шӯриш дар Самарқанд.

1868, 2-юми июн – муҳорибаи Зирабулоқ.

1868, 23-юми июн – Шартнома дар байни Русия ва Бухоро (подшоҳи Русия ин шартномаро тасдиқ накард).

1870 – исёни Абдумаликтӯра.

1870 – “Эъзомияи Искандаркӯл”.

1873, 28-уми сентябр – имзои шартнома дар байни Русия ва Бухоро.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Дар бораи муҳорибаи Чӯпонато чӣ медонед? 2) Шаҳри Самарқанд чӣ тавр таҳти назорати лашкари Русия гузашт?  3) Муҳорибаи Зирабулоқ кай, дар байни кадом қувваҳо ба  амал омад ва бо кадом натиҷа анҷом ёфт? 4) Шартномаи 23-юми июни соли 1868 дар байни Бухоро ва Русия чӣ гуна буд ва чаро аз тарафи подшоҳи Русия тасдиқ нагардид? 5) Шӯриши Абдумаликтӯра бо чӣ мақсад оғоз гардид ва бо кадом натиҷа анҷом ёфт? 6) Дар бораи “Эъзомияи Искандаркӯл” муфассалтар нақл кунед. 7) Мазмуни Шартномаи 28-уми сентябри соли 1873 байни Русия ва Бухороро муфассалтар шарҳ диҳед. 8) Амалиёти ҷангии байни қӯшунҳои Бухоро ва Русияро аз рӯйи харита муайян кунед. 9) §§ 4, 5 ва 6-ро такрор намоед;  10) Маводҳои сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** сабабу оқибатҳои шикастхӯрии қӯшунҳои аморати Бухороро аз лашкари Русия дуруст шарҳ дода тавонанд.

# БОБИ 3
# БА АМОРАТИ БУХОРО ҲАМРОҲ КАРДА ШУДАНИ БУХОРОИ ШАРҚӢ

## §9. ҲУҶУМИ АВВАЛИ ЛАШКАРИ АМИРИ БУХОРО

**Чаро Бухорои Шарқӣ мегӯянд?** Дар нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ қаламрави имрӯзаи Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ, яъне водиҳои Ҳисору Вахш, мулкҳои Кӯлобу Балҷувон ва Қаротегину Дарвоз ба ҳайати аморати Бухоро дохил мешуданд. Бо сабаби дар қисми шимолу шарқии Бухоро ҷойгир будани мулкҳои номбурда, онҳоро дар қатори мулкҳои Қаршӣ, Шаҳрисабз, Ғузор, Китоб, Шеробод, Бойсун ва Деҳнав дар адабиёти илмӣ ба таври умумӣ Бухорои Шарқӣ меноманд. Баъзеҳо таҳти ибораи Бухорои Шарқӣ танҳо водии Ҳисору Вахш, мулкҳои Кӯлобу Балҷувон ва Қаротегину Дарвозро дар назар доранд. Ин мулкҳо дар ҳайати давлатдории Бухоро на танҳо то сарнагун шудани тартиботи амирӣ, балки дар ҳайати Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро ҳам монданд. Онҳо танҳо дар натиҷаи тақсимоти ҳудуди миллии соли 1924 аз ҳайати давлатдории Бухоро баромада, ба қисми таркибии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дохил шуданд.

**Вазъи Бухорои Шарқӣ.** Чунонки дар боло ишора шуд, дар сарзамини аморати Бухоро мулкҳое, ба монанди Шаҳрисабз, Китоб, Бойсун, Деҳнав, Ҳисор, Қаротегин, Дарвоз, Кӯлоб ва ғайра буданд, ки ҳокимони онҳо худро мустақил ҳисобида, ба ҳукумати амирӣ сар намефуроварданд. Мулки Қӯрғонтеппа макони кашмакаш гардида, гоҳ тобеи Қундуз, гоҳ Кӯлобу Балҷувон ва гоҳ тобеи Ҳисор мешуд. Амирони манғитияи Бухоро низ барои тобеи худ гардонидани ин сарзамин ба муқобили Шаҳрисабзу Китоб борҳо ҳуҷум карда, хуни зиёде рехтанд. Ин ҷангҳои дуру дароз ҳуҷуми лашкари амири Бухоро – Насруллоро ба водиҳои Ҳисору Вахш ва дигар мулкҳои канортари Бухорои Шарқӣ ба таъхир гузошт. Хони Хӯқанд Муҳаммадалӣ (Мадалӣ) аз ин истифода карда, ба мулкҳои Дарвозу Қаротегин ва Кӯлоб лашкар кашида, муддате Қаротегину Файзободро зери итоати худ даровард. Дар ҳамин давра ҳатто Обигарм ҳам худро мулки мустақил меҳисобид ва ҳокими он баъзан бо ҳокими Ҳисор меҷангид. Ин ҳама воқеаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар Бухорои Шарқӣ оромӣ вуҷуд надоштааст.

Мардум дар Бухорои Шарқӣ бештар бо кишоварзию чорводорӣ, дар нуқтаҳои калонтарини аҳолинишин, ба монанди Кӯлоб, Ҳисор, Қаротоғ, Регар, Деҳнав ва ғайра қисме аз аҳолӣ бо косибию ҳунармандӣ низ машғул буданд. Бо ин мулкҳо тоҷирони бухороӣ, хӯқандӣ ва афғон робита доштанд. Онҳо молҳои овардаашонро ба молҳои маҳаллӣ: пӯст, писта, сангҳои гаронбаҳо, маснуоти ҳунармандию косибӣ ва ғайра иваз менамуданд. Муомилоти пулӣ танҳо дар баъзе нуқтаҳои калонтарини аҳолинишин ҷой дошт.

**Сабабҳои ҳуҷум.** Амир Музаффарро бемуваффақиятии амалиёти ҷангии соли 1866 ба муқобили лашкари рус ором нагузошт. Ӯ мехост, ки ҷойи мулкҳои аздастдодааш (Хуҷанд, Ӯротеппа, Нов, Ҷиззах ва ғайра)-ро аз ҳисоби мулкҳои Бухорои Шарқӣ пур кунад. Аз ин сабаб, ӯ охири ҳамон сол ба водии Ҳисор лашкар кашид. Албатта, муваффақияти ин ҳуҷум аз бисёр ҷиҳат ба мавқеи ҳокимони Китобу Шаҳрисабз вобастагӣ дошт, зеро ҳамон лаҳза ҳокимони Шаҳрисабз – Ҳакимбек (падари Бобобек) ва Китоб – Ҷӯрабек низ майли ба амири Бухоро итоат кардан надоштанд. Вале онҳо дар пеши ҳуҷуми қӯшунҳои рус хусумати худро нисбат ба амир як сӯ гузошта, бо мақсади зарба задан ба душмани асосӣ – қӯшунҳои ҳукумати подшоҳии рус, муваққатан бошад ҳам, бо амир якҷоя амал карданро зарур ҳисобиданд.

Бо ҳамин мақсад ҳокимони номбурда ба амир Музаффар изҳори итоат намуданд, аммо амир ба садоқати онҳо бовар надошт ва бо хар роҳ маъзул намуданашонро меандешид, лекин амир барои чунин нияти худ ҳанӯз ҷуръат намекард. Ба ҳар ҳол, аз садоқати рӯякии онҳо истифода карданӣ шуд.

**Оғози ҳуҷум ва оқибатҳои он.** Амир Музаффар охири соли 1866 Шаҳрисабзро ба такягоҳи қӯшунҳои худ табдил дода, ба водии Ҳисор ҳуҷум кард. Ӯ ба душвории роҳҳои кӯҳӣ нигоҳ накарда, ҳатто тӯпҳоро низ ҳамроҳ гирифт. Баробари огоҳӣ аз ин ҳаракати амир, дар маҳалҳои Бойсун ва Деҳнав бо ташаббуси ҳокими Ҳисор Абдулкарим-додхоҳ дастаҳои ихтиёрии ин мулкҳо ҷамъ омаданд. Дар байни онҳо ҳиссаи асосиро ҳисориҳо ташкил медоданд ва бо ҳамин сабаб ҳамаи он қувваҳои умумии зиддиамирӣ чун «ҳисориҳо» ном бурда мешаванд. Бо даъвати Абдулкарим-додхоҳ ҳокими Кӯлобу Балҷувон Сарахон (Сарабек) ҳам, ки баромадаш аз қабилаи қатағани Кӯлоб буд, ҳамчун иттифоқчӣ бо лашкари худ ба майдони муҳориба ҳозир шуд.

Қӯшунҳои амир махсусан, дар мавзеи Амоқсой ҳарбу зарби сахт ташкил намуда, бар қувваи ҳисориҳо ғалаба карданд ва

баъди он қалъаи Деҳнавро ба муҳосира гирифтанд. Муҳосираи қалъаи Деҳнав, ки асосан аз тарафи ҳисориҳо дифоъ карда мешуд, шаш рӯз давом кард. Баъди забти он аскарони амир тамоми муҳофизони қалъаро қатл ва худи қалъаро бо хок яксон намуданд.

Сарбозони амир баъди мағлубияти қувваҳои муттаҳидаи зиддиамирӣ дар Деҳнав ба самти шарқ, ба дохили водии Ҳисор ҳаракат карданд. Онҳо қалъаҳои Регар, Қаротоғ, Файзобод ва ғайраро низ ба хок яксон намуданд. Абдулкарим-додхоҳ ба назди иттифоқчии худ – ҳокими Кӯлобу Балҷувон – Сарахон гурехт, вале Сарахон барои ҳифзи мансаб ва ҷони худ Абдулкаримро ҳабс намуда, ба амир супорид ва тамоми гуноҳро ба гардани ӯ бор карда, ҷони худро нигоҳ дошт. Дар натиҷа Абдулкарим-додхоҳ ба ҳукми амир бо 20 нафар ҳаммаслаконаш дар Дарбанд қатл карда шуд.

Амир Музаффар баъди ин ғалабаҳо дар Бойсун, Деҳнав, Ҳисор ва Файзобод аз ҷумлаи содиқони худ ҳокимони нав таъйин карда, аввали соли 1867 ба Бухоро баргашт, зеро аз сабаби таслим шудани Сарахон ба сӯйи Кӯлоб ҳаракат карданро зарур нашуморид. Чунин вазъ амирро то андозае хотирҷамъ ҳам карда буд. Ӯ бовар дошт, ки ҳокимони боқимондаи Бухорои Шарқӣ дигар саркашӣ накарда, дар итоати ӯ боқӣ хоҳанд монд.

**Санаҳои муҳим:**

То охири солҳои 70-уми асри XIX – мавҷудияти ниммустақилии мулкҳои Бухорои Шарқӣ.

Охири соли 1866 ва аввали соли 1867 – ҳуҷуми аввали амири Бухоро ба водии Ҳисор.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Чаро Бухорои Шарқӣ мегӯянд ва ба он кадом мулкҳо дохил мешуданд? 2) Вазъи мулкҳои Бухорои Шарқӣ дар замони то ба аморати Бухоро ҳамроҳ шудан чӣ гуна буд? 3) Сабабҳои ба Бухорои Шарқӣ ҳуҷум кардани амири Бухоро – Музаффарро дар чӣ мебинед? 4) Ҳуҷуми аввали амир Музаффар ба водии Ҳисор кай оғоз гардид ва бо чӣ анҷом ёфт? 5) Оқибатҳои ҳуҷуми аввали амир Музаффар ба водии Ҳисор ва ваҳшонияти ӯро муфассалтар шарҳ диҳед. 6) §§ 1, 7, 8-ро такрор кунед;

**Хонандагон бояд:** донанд, ки чаро Бухорои Шарқӣ мегӯянд ва вазъи ин мулкҳоро дар арафаи ҳуҷуми аввали лашкари амири Бухоро шарҳ дода тавонанд.

## §10. ТОБЕИ АМОРАТИ БУХОРО ШУДАНИ БУХОРОИ ШАРҚӢ

**Таслим шудани бекигариҳои Ҳисор, Кӯлоб, Балҷувон, Қӯрғонтеппа ва Қубодиён.** Солҳои 1868–1870 барои амир Музаффар давраи хеле душвор буд, зеро соли 1868 – соли шикаст дар муҳориба бо лашкари Русия дар Ҷӯпонато ва Зирабулоқ, аз даст рафтани Самарқанд, имзои шартномаи барояш вазнин бо Русия, ниҳоят, исёни писараш – Абдумаликтӯра ва ғайра ба ҳисоб мераванд. Ҳангоми шӯриши Абдумаликтӯра якчанд ҳоким аз итоат ба амир саркашӣ намуданд. Масалан, ҳокими Кӯлобу Балҷувон – Сарахон аз ӯ рӯ гардонда, майл ба исён карда буд. Ҳокими нави Ҳисор ҳам ҳамин гуна мавқеъро ишғол мекард.

Амир Музаффар соли 1870, баъди он ки қӯшунҳои Русия шӯриши Абдумаликтӯраро саркӯб намуданд, Китобу Шаҳрисабзро тобеъ намуда, ба сӯйи водии Ҳисор лашкар кашид. Ҳамроҳи ӯ қӯшбегӣ Яъқуббек ҳам буд. Дар ин сафари ҳарбӣ сарбозони амир саравввал дастаҳои ҳарбии беки Шерободод Остонақулбий ва ҳокими нави Деҳнав Улуғбекро шикаст дода, ба Ҳисор наздик шуданд. Дар ин сарзамин ҷанг 15 рӯз давом кард. Ғалаба насиби қӯшунҳои амир гардид ва онҳо ашхоси бисёреро сар буриданд. Шумораи танҳо ҳисориҳои қатлшуда ба 5 ҳазор нафар расида, водӣ ба харобазор табдил ёфт. Баъд аз ғалаба бо ҳукми амир Музаффар тақрибан ду ҳазор зан ва тифли бегуноҳе, ки ба даст афтода буданд, дар ҳавзе андохта, бераҳмона ғарқ карда шуданд. Бо ҳамин тарз, амир Музаффар бекигарии Ҳисорро пурра тобеи худ гардонид.

Бедодгариҳои амир Музаффар дар водии Ҳисор тарсу ваҳми ҳокими Кӯлобу Балҷувон – Сарахонро зиёд намуд. Водии Вахш – бекигариҳои Қӯрғонтеппаю Қубодиён низ зери итоати ӯ буд. Амир соли 1870 ба муқобили Сарахон, ба сӯйи Кӯлоб дастаҳои махсусро бо сарварии қӯшбегӣ Яъқуббек равон кард.

Сарахон боварр дошт, ки барои муқобилат қувваaш нокифоя буда, пас аз мағлубият ҷон ба саломат нахоҳад бурд. Бинобар ин, ӯ аз мубориза даст кашида, ба Афғонистон фирор намуд. Дар

натиҷа, Яъқуббек бе ҳеч муҳориба мулкҳои Кӯлоб, Балҷувон, Қӯрғонтеппа ва Қубодиёнро ба зери тасарруфи ҳукумати амирӣ даровард.

**Забти Қаротегин ва Дарвоз.** Амалиёти минбаъдаи қӯшунҳои амирӣ ба забти Қаротегину Дарвоз нигаронида шуда буд. Ин мулкҳо ниммустақил буда, баъзан боиси кашмакаши байни аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд мегардиданд. Аз соли 1870 то соли 1876 ҳокими Қаротегин Раҳимхон, писари бародари калонии амир Музаффар – Муқимхон буд. Ӯ мустақилияти Қаротегинро мехост. Амир соли 1876 Раҳимхонро ба Бухоро даъват карда, каме дертар ба ҷойи ӯ амакбачаи худи Раҳимхон – Саидхонро фиристод. Саидхон нисбат ба амир содиқ ва тарафдори тобеияти Қаротегин ба Бухоро буд, вале мардуми Қаротегин омадани Саидхонро хуш напазируфтанд ва аз амир баргардонидани Раҳимхонро талаб карданд.

Саркашии мардуми Қаротегин боиси воҳима ва ташвиши амир Музаффар гардид. Губернатори ҳарбии вилояти Фарғона генерал Скобелев чунин вазъияти ӯро пай бурда, ба сӯйи Қаротегин ва Бадахшон фиристодани эъзомияи махсусро тезонид. Ин эъзомия охирҳои моҳи июл ва аввали августи соли 1876 ба роҳ баромад. Мақсади ин тадбир дар маҳалҳои роҳи Помир, махсусан, ба мардуми Қаротегин, нишон додани иқтидори ҳарбии хукумати подшоҳӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ҳайати эъзомия бо мақсади рӯйпӯш намудани ниятҳои дар боло зикршуда, дар қатори ҳарбиён ба он олимони ҷуғрофия, нуҷум ва табиатшинос: Л.Ф.Костенко, В.Ф.Ошанин, А.Р.Бонедорф ва дигарон низ дохил буданд.

Амир Музаффар аз чунин амалиёти саркардагони ҳарбии рус рӯҳбаланд гардида, нисбат ба масъалаи Қаротегин боз ҳам қатъитар амал кард. Ӯ соли 1877 Саидхонро аз Қаротегин ба Бухоро даъват карда, худи ҳамон сол Раҳимхонро ба қатл расонид ва ба Қаротегин чун ҳоким Худойназар оталикро фиристод. Дар натиҷаи ин амалиёти бекигарии Қаротегин бе ҷанг пурра ба қатори мулкҳои Бухоро дохил карда шуд.

Баъди ҳалли тақдири Қаротегин масъалаи Дарвоз ба миён омад. Иҷрои он ба ухдаи ҳоким – беки Қаротегин Худойназар гузошта шуда буд. Ӯ соли 1877 ба сӯйи Дарвоз бори аввал (иборат аз 150 нафар) лашкар кашид, вале шикаст хӯрд. Худойназари маккор бо фиреб шоҳи Дарвоз Сироҷиддинро гӯё барои мулоқот бо амир Музаффар, ба Шаҳрисабз фиристода, дар он ҷо ба асорат гирифтор намуд. Чунин маккории Худойназар ғазаби мардуми

Дарвозро боз ҳам зиёдтар намуд ва онҳо ин дафъа ҳам ба ӯ муқобилати сахт нишон дода, қӯшунҳои якунимҳазорнафараашро торумор карданд. Яъне мардуми диловару озодихоҳи Дарвоз ду ҳуҷуми Худойназарро мардонавор зада гардониданд.

Амир Музаффар аз бемуваффақиятии ҷангҳо дар Дарвоз ва хавфи оғози шӯришро дар дигар мулкҳои тобеаш пай бурда, зуд қувваи зиёдеро ба муқобили он фиристод. Ба ин қувваҳо боз Худойназар сарварӣ мекард. Ин ҳуҷуми сеюми ӯ буд. Онҳо баҳори соли 1878 қалъаи хеле мустаҳками Кафтархона ва баъд Қалъаи Хумбро забт намуданд. Бо ҳамин шаҳигарии Дарвоз ҳам ба қисми таркибии аморати Бухоро табдил ёфт. Ҳамин тавр, дар муддати солҳои 1866–1878 мулкҳои ниммустақили Бухорои Шарқӣ (ғайр аз мулкҳои кӯҳии Бадахшон) тобеи ҳукумати амирии Бухоро гардиданд.



*Посбонони шаб (шабгард) дар Қаратог (расми соли 1898)*



*Намои умумии қалъаи Ҳисор (расми соли 1894)*

**Идора кардани мулкҳои тобеъшуда.** Барои осон гардонидани идоракунии мулкҳои Бухорои Шарқӣ он ба бекигариҳои зерин: Балҷувон, Бойсун, Дарвоз, Деҳнав, Кӯлоб, Шеробод, Юрчӣ, Ҳисор, Қаротегин, Қубодиён ва Қӯрғонтеппа тақсим карда шуд. Ҳар кадоми ин бекигариҳо аз ҷумлаи шахсони ба амир наздик ва содиқ ҳокими худро дошт. Аз ҷумла дар Балҷувон Саидниёзи киикчӣ, дар Кӯлоб Наҷмиддинхоҷа, дар Қаротегин Худойназар ва ғайра бек – ҳоким таъйин шуда буданд. Вале бо сабаби аз маркази аморат – шаҳри Бухоро хеле дур будан ва мушкилии

идоракунии ин диёр, амир ба яке аз ҳокимони бонуфузи он ҳуқуқи васеи назорат ва идоракунии умумиро дода буд. Аввалин шуда ба чунин марҳамати амир беки Ҳисор – Яъқуббек қӯшбегӣ сарфароз гардид.

Ба зери тасарруфи ҳукумати амирӣ даромадани мулкҳои ниммустақили Бухорои Шарқӣ аҳволи мардуми ин диёрро беҳтар накард, баръакс, дар ин сарзамини навзабтшуда аз рӯзҳои аввал бедодгарӣ ба дараҷаи олӣ расид. Вале бояд эътироф намуд, ки дар натиҷаи ба аморати Бухоро ҳамроҳ карда шудани мулкҳои пароканда ва ниммустақили Бухорои Шарқӣ ин диёр низ дар қатори тамоми сарзамини аморат оҳиста-оҳиста ба муносибатҳои молию пулӣ кашида шуд.

**Санаҳои муҳим:**

1870 – ҳуҷуми дуюми амир Музаффар ба водии Ҳисор. Ба аморати Бухоро таслим шудани бекигариҳои Ҳисор, Кӯлоб, Балҷувон Қӯрғонтеппа ва Қубодиён.

1875 – бо ташаббуси губернатори ҳарбии Фарғона Скобелев ба сӯйи Қаротегин ва Бадахшон фиристода шудани эъзомияи махсус.

1876 – тобеи аморати Бухоро гардидани Қаротегин.

1877 – ҳуҷуми якум ва дуюми Худойназар ба Дарвоз.

1878 – ҳуҷуми сеюми Худойназар ба Дарвоз ва тобеи аморати Бухоро карда шудани он.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Ҳуҷуми дуюми амир Музаффар ба Ҳисор кай ба амал омад ва он чӣ натиҷа дод? 2) Мулкҳои Кӯлоб, Балҷувон, Қӯрғонтеппа ва Қубодиён чӣ тавр тобеи амири Бухоро карда шуданд? 3) Аз тарафи губернатори ҳарбии вилояти Фарғона бо кадом мақсад ба сӯйи Қаротегин ва Бадахшон эъзомияи махсус ташкил карда шуд? 4) Қаротегин чӣ тавр тобеи амири Бухоро гардид? 5) Худойназар кӣ буд ва ӯ бо кадом роҳ Дарвозро тобеи Бухоро намуд? 6) Тарзи идоракунии мулкҳои Бухорои Шарқиро баъди ба ҳайати аморати Бухоро дохил шуданашон, фаҳмонед. 7) §§ 1 ва 9-ро такрор кунед; 8) Суратҳо ва маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** оқибатҳои тобеи аморати Бухоро гардидани Бухорои Шарқиро таҳлил карда тавонанд.

# БОБИ 4
# АНҶОМИ ИСТИЛОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ АЗ ТАРАФИ РУСИЯ

## §§ 11-12. ШӮРИШИ СОЛҲОИ 1873 – 1876 ВА БАРҲАМ ДОДА ШУДАНИ ХОНИГАРИИ ХӮҚАНД

**Сабаб ва баҳонаи шӯриш.** Барои ба вуҷуд омадани ин шӯриш якчанд омил мавҷуд буд. Пеш аз ҳама, як қисми мардуми Хӯқанд аз имзои Шартнома бо Русия (13-уми феврали соли 1868) норозӣ буданд, зеро мувофиқи он, на танҳо аз даст рафтани мулкҳои забтнамудаи қӯшунҳои Русия эътироф карда мешуд, балки хонигарии Хӯқанд ҳам ба мустамликаи Русия табдил ёфт. Бинобар ин, аз шартнома онҳое, ки истиқлоли Хӯқандро мехостанд норозӣ буданд. Аз шартномаи мазкур тоҷирони хӯқандӣ ҳам норозӣ буданд. Онҳо минбаъд дар тиҷорати байни Русияю Хӯқанд аз қаламрави генерал-губернатории Туркистон берун фаъолият карда наметавонистанд.

Омили дигар ва асосӣ он аст, ки дар натиҷаи ҷангҳои мансабхоҳонаи Худоёрхону Маллахон ва набардҳо бо Русия хазинаи хонӣ холӣ гардид. Дар натиҷаи аз ихтиёри хонии Хӯқанд баромадани қисми зиёди сарзамини он, ки ба генерал-губернатории Туркистон тобеъ шуданд, даромади хазина хеле махдуд гардид. Минбаъд даромади хазина хароҷотро пӯшонида наметавонист. Бинобар ин, дар хонигарӣ ҳаҷм ва навъи андозҳо нисбатан афзуд. Илова ба ин, ҳангоми муайян намудани ҳаҷми андоз ва ситонидани он амалдорони маҳаллӣ ба худсариҳои зиёд роҳ медоданд. Ҳамаи ин хашму ғазаби халқи заҳматкашро зиёд намуд. Баҳонаи асосии шӯриш барои чорпо зиёд ситонидани андоз – закот ба ҳисоб меравад.

**Оғоз ва рафти шӯриш.** Шӯриш аввали баҳори соли 1873, пеш аз ҳама, дар байни мардуми қирғиз сар шуд, зеро яке аз сарварони шӯриш будани Пӯлодхон (миллаташ қирғиз, писари мударриси Оқмадрасаи Марғелон, номи аслиаш Мулло Исҳоқ Мулло Ҳасан-ӯғли) онҳоро рӯҳбаланд намуд. Аз ин рӯ, қирғизҳо аввалин шуда ба майдон баромаданд. Шӯриш ба зудӣ маҳаллаҳои гуногунро фаро гирифт. Дар он баробари қирғизҳо, ӯзбекҳо ва тоҷикон низ фаъолона иштирок доштанд. Шӯриш аз моҳи июли соли 1873 хусусияти мусаллаҳона гирифт. Дар рафти шӯриш ба он қувваҳои

гуногун ҳамроҳ гардиданд. Махсусан, аз моҳи июли соли 1875 ба шӯриш пайвастани дастаҳои Абдураҳмон-офтобачӣ аҳаммияти махсус дошт. Он ба шӯришгарон рӯҳияи тоза бахшид.

Абдураҳмон-офтобачӣ (писари Мусулмонқул ном шахс, ки аз тарафи хони Хӯқанд Худоёрхон қатл карда шудааст) то соли 1875 ба яке аз қисмҳои аскарони хонигарӣ сарварӣ мекард ва дар саркӯб кардани шӯришҳо борҳо иштирок карда буд. Вале соли 1875 ба муқобили хони Хӯқанд – Худоёрхон суйиқасд ба вуқӯъ омад ва Абдураҳмон-офтобачӣ ҳамроҳи писари калонии Худоёрхон – Насриддинбек иштирокчии фаъоли он буданд. Баробари ба тарафи шӯришгарон гузаштани суйиқасдчиён давраи дуюми шӯриш оғоз мешавад. То ҳамон лаҳза Пӯлодхон роҳбари асосии шӯришгарон буд. Минбаъд ба шӯриш Пӯлодхон ва Абдураҳмон-офтобачӣ бо ҳам сарварӣ карданд. Онҳо Ӯш, Намангон, Андиҷон, Асака ва Олтиарикро ишғол намуда, бевосита ба худи Хӯқанд таҳдид мекарданд. Писари дуюми Худоёрхон Аминбек низ бо дастаҳои худ ба шӯриш ҳамроҳ шуд.

Вазъи Худоёрхон хеле мураккаб гардид. Вай роҳи ягонаи халосиро дар ёрӣ хостан аз генерал-губернатори Туркистон медид, вале баробари ба шаҳри Тошканд расидани мурочиати Худоёрхон, худи ӯ ҳам 22-юми июли соли 1875 бо наздиконаш аз Хӯқанд баромада, ба воситаи Хуҷанд ба Тошканд рафта, худро ба ҳимояи ҳукумати подшоҳӣ гирифт. Баъди ин гурӯҳи Абдураҳмонофтобачӣ на Пӯлодхон, балки писари хони гуреза – Насриддинбекро хон эълон карданд. Мувофиқи баъзе маълумот, Насриддинбек барои ба тарафи худ кашидани Абдураҳмон-офтобачӣ ба ӯ 50 ҳазор тангаи тилло додааст.

Моҳи июли соли 1875 Насриддинбек ва Абдураҳмон-офтобачӣ дар мактуб ба генерал-губернатори Туркистон идома додани муносибати дӯстиро пешниҳод карданд. Дар ҷавоб генерал-губернатор таъкид намуд, ки ҳокимияти Насриддинбекро ба шарте ба расмият мешиносад, ки ӯ тамоми бандҳои шартномаи бо Русия имзонамудаи Худоёрхонро эътироф намояд. Шӯриш ҳанӯз идома дошт ва ноҳияҳои нав ба навро фаро мегирифт. Аз рӯйи баъзе маълумот, аввали августи соли 1875 шумораи иштирокчиёни шӯриш то ба 15–16 ҳазор нафар расид. Шӯришгарон Новро ишғол намуда, роҳи робитаи Ӯротеппаю Хуҷандро буриданд.

Дар санаи 7-уми августи соли 1874 генерал-губернатор Кауфман ба муқобили шӯришгарон қувваи бузургеро сафарбар кард. 22-юми август муҳорибаи сахттарини назди қалъаи Маҳрам ба вуқӯъ омад, ки бо мағлубияти шӯришгарон анҷом ёфт. Кауфман баъди ишғоли қалъаи Маҳрам аз шӯришгарон талаб кард, ки муқобилатро бас карда, чун товони ҷанг ба фоидаи хазинаи подшоҳӣ 40 ҳазор тангаи нуқра ё худ 10 ҳазор тангаи тилло супоранд. Инро аксари сарварони шӯриш рад карданд, вале Насриддинбек 22-юми сентябри ҳамон сол пинҳонӣ аз шӯришгарон бо Кауфман шартнома имзо кард. Мувофиқи он, Насриддинбеки хоин на танҳо хизматгори содиқи ҳукумати подшоҳӣ буданашро эътироф кард, балки соҳилҳои рости дарёи Сирро низ бо шаҳрҳои Намангон ва Чуст ба фоидаи Русия вогузошт. Инчунин, ӯ розӣ шуд, ки ба фоидаи хазинаи ҳукумати подшоҳӣ қариб 2 млн рубл товони ҷанг супорад.

Рафтори хоинонаи Насриддинбек ғазаби нави шӯришгаронро ба вуҷуд овард ва онҳо минбаъд муборизаро ба муқобили хони нави хоин ва атрофиёнаш равона карданд. Бо ин давраи сеюми шӯриш оғоз ёфт. Охирҳои моҳи сентябр шумораи шӯришгарон то ба 60 – 70 ҳазор нафар расид. Шӯришгарон ба ҷойи Насриддинбек Пӯлодхонро хони Хӯқанд эълон карданд. Пӯлодхон Асакаро пойтахти худ эълон кард.

Дар санаи 9-уми октябри соли 1875 шӯришгарон Хӯқандро ишғол намуданд. Насриддинбек гурехт. Пӯлодхон моҳи декабр қароргоҳи худро аз Асака ба Марғелон овард. Муҳорибаи минбаъда, ки асосан бар зидди аскарони рус идома дошт, ба шӯришгарон талафоти зиёде овард. Чунончи, 8-уми январи соли 1876 дар муҳориба – мудофиаи Андиҷон қариб 20 ҳазор нафар шӯришгарон қурбон шуданд. Дар чунин лаҳзаҳои душвор як қисми сарварони шӯриш, аз ҷумла Абдураҳмон-офтобачӣ ба воҳима афтода, бо саркардаҳои ҳарбии рус пинҳонӣ гуфтушунид карданд. Пӯлодхон ҳанӯз ҳам муқобили ҳар гуна созиш ва тарафдори идома додани мубориза буд. Ӯ ба Учқӯрғон рафта, ният дошт, ки аз Қаротегин қувваи нав сафарбар намояд, вале шаби 27-ум ба 28-уми январи ҳамон сол аскарони рус ба манзили Пӯлодхон зада даромаданд. Худи ӯ гурехта бошад ҳам, ба зудӣ дастгир шуд. Моҳи марти ҳамон сол Пӯлодхонро дар майдони бозори Марғелон бо ҳукми суди ҳарбии рус ба дор овехтанд. Дигар сарварони шӯриш низ бо усулҳои гуногун ҷазо дода

шуданд. Ҳукумати подшоҳӣ аз мардуми хонигарии Хӯқанд чун товони ҷанг 3 млн рубл талаб кард. 19-уми феврали соли 1876 бо ризояти подшоҳи Русия Александри II ва бо супориши генерал-губернатори Туркистон Кауфман хонигарии Хӯқанд барҳам дода шуд. Ба ҷойи он дар ҳайати генерал-губернатории Туркистон боз як вилояти нав – Фарғона ташкил ёфт. Губернатори ҳарбии вилояти нав генерал М.Д.Скобелев таъйин гардид.

Ҳамин тавр, шӯриши калонтарини мардуми водии Фарғона шикаст хӯрд. Он аз ҷиҳати хусусият халқӣ буда, дар аввал асосан, ба муқобили зулму истибдоди хонӣ ва минбаъд ба муқобили ниятҳои мустамликадоронаи ҳукумати подшоҳӣ нигаронида шуда буд. Ҳукуматдорони подшоҳӣ натиҷаи онро ба фоидаи Русия ҳал намуданд.

**Санаҳои муҳим:**

1868, 13-уми феврал – шартномаи байни Русия ва хонигарии Хӯқанд

1873, аввали баҳор – оғози шӯриш дар хонигарии Хӯқанд

1874, июл – хусусияти мусаллаҳона гирифтани шӯриш

1875, 22-юми июл – Худоёрхон баъди огоҳӣ аз суйиқасд ба Тошканд гурехт. Пас аз он Насриддинбек худро хон эълон кард.

1875, 7-уми август – генерал-губернатори Туркистон барои саркӯб кардани шӯриш қувваи бузурге фиристод.

1875, 22-юми август – муҳорибаи шадидтарини назди қалъаи Маҳрам.

1875, 22-юми сентябр – Насриддинбек пинҳонӣ бо Кауфман шартнома имзо кард.

1875, 9-уми октябр – шӯришгарон Хӯқандро ишғол карданд.

1876, 8-уми январ – мағлубияти шӯришгарон дар муҳориба. Мудофиаи Андиҷон аз лашкари Русия.

1876, 19-уми феврал – шикаст хӯрдани шӯриш. Барҳам дода шудани хонигарии Хӯқанд.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Сабабҳои шӯриши соли 1873–1876 дар хонигарии Хӯқанд кадомҳоянд? 2) Оғоз ва рафти шӯришро шарҳ диҳед. 3) Сарварони шӯриш киҳо буданд? 4) Чаро Худоёрхон ба Тошканд гурехт? 5) Чаро ҳукуматдорони подшоҳии Русия саркӯб намудани шӯриши Хӯқандро зарур шумориданд? 6) Чаро

Насриддинбек ба тарафи шӯришгарон гузашт? 7) Хонигарии Хӯқанд кай барҳам дода шуд? 8) Шӯриши соли 1873 – 1876 дар хонигарии Хӯқанд аз ҷиҳати хусусият чӣ гуна буд? 9) §§ 4-5 ва 6-ро такрор намоед;

**Хонандагон бояд:** сабаб, баҳона ва рафти шӯриши солҳои 1873-1876-и Хӯқанд ва оқибатҳои онро таҳлил карда тавонанд.

## §13. ЗАБТИ ХОНИГАРИИ ХЕВА ВА МУЛКҲОИ ТУРКМАННИШИН

**Истилои хонигарии Хева.** Амалиёти асосии қувваҳои ҳарбии Русия дар Осиёи Марказӣ минбаъд барои забти хонигарии Хева нигаронида шуда буд. Барои рӯҳан маҳв намудани аскарони хонигарии артиши ҳарбии Русия баҳори соли 1873 ба муқобили он якбора аз се самт: аз самти Тошканд ба воситаи Ҷиззах (бо сарварии генерал-майор Головачёв – 4600 нафар), аз самти Оренбург, ба воситаи қалъача (форт)-и Эмбин (бо сарварии генерал-лейтенант Верёвкин – 3400 нафар) ва аз самти Красноводск (отрядҳои қафқозӣ бо сарварии полковник Маркозов – 4300 нафар), ҳамагӣ бо теъдоди 12 ҳазор нафар бо сарварии умумии К.П. Кауфман ба ҳуҷуми васеъ гузаштанд. Миёнаи моҳи майи соли 1873 қӯшунҳои подшоҳӣ дар қаламрави хонигарӣ амалиёти ҷангӣ анҷом медоданд.

Дар санаи 28-уми май барои шаҳри Хева ҷангҳои сахт ба вуқӯъ омад. Хони Хева Сайидмуҳаммад Раҳими II аз Кауфман сулҳ талабид. 12-юми июн бо фармони Кауфман амалиёти ҷангӣ дар қаламрави хонӣ қатъ гардид. Дар санаи 12-уми августи ҳамон сол байни Русия ва Хева шартномае иборат аз 18 банд имзо гардид, ки мувофиқи он, хони Хева аз пешбурди мустақилонаи сиёсати хориҷӣ бо давлатҳои ҳамсоя маҳрум шуда, тобеи Русия гардида, бояд чун товони ҷанг ба хазинаи подшоҳӣ 2 млн 200 ҳазор рубл месупорад. Аз заминҳои хонигарӣ соҳилҳои рости дарёи Ому ба ихтиёри Русия гузаштанд. Дар ин қисм шуъбаи Омударё бо марказ дар Петро-Александровск (ҳоло шаҳри Турткӯл) ташкил ёфт ва он ба ҳайати вилояти Сирдарёи генерал-губернатории Туркистон ворид карда шуд. Инчунин, хони Хева вазифадор гардид, ки дар қаламрави мамлакати худ ба харидуфурӯши одам

ва ғуломдорӣ хотима диҳад, барои фаъолияти тоҷирони Русия тамоми шароитро муҳайё намояд.

Ҳангоми ҳуҷуми лашкари рус ба муқобили хони Хева амири Бухоро Музаффархон на танҳо ин амалиётро тарафдорӣ кард, балки ба қўшунҳои рус амалан кумак расонид. Чунин рафтори содиқонаи амир ба амалдорони ҳукумати подшоҳӣ хеле писанд афтод. Бинобар ин, ҳукумати подшоҳӣ маҳз чунин садоқати амирро ба эътибор гирифта, ба ивази он мулкҳоеро, ки аз ҳисоби аморат ба ихтиёри Русия гузашта буд, заминҳои Чорҷўйро аз хонигарии Хева гирифта, ба ихтиёри амири Бухоро вогузор кард.

**Забти мулкҳои туркманнишин.** Дар сиёсати ишғолгаронаи ҳукумати подшоҳӣ дар Осиёи Марказӣ баъди ҳалли тақдири хонигарии Хўқанд масъалаи забти сарзамини қабилаҳои туркман ба миён омад. Аммо тадбирҳои ҳукуматдорони подшоҳии Русия доир ба ин масъала нисбатан пештар оғоз ёфта буд. Чунончи, ҳанўз соли 1869 қўшунҳои қафқозӣ бо сарварии полковник Н.Г. Столетов аз бандари Петровск (Махачқалъаи ҳозира) баҳри Хазар (Каспий)-ро гузашта, ба димоғаи Муравёвск фуромаданд. Ин воқеаро оғози забти сарзамини қабилаҳои туркман аз тарафи лашкари Русия ҳисобидан мумкин аст. Онҳо дар ин ҷо шаҳри Красноводскро бунёд намуданд, ки он минбаъд ба яке аз марказҳои асосии ҳарбии Русия барои забти Хева ва замини қабилаҳои туркман табдил ёфт. Моҳи марти соли 1874 ҳукумати подшоҳӣ «Низомномаи муваққатии идораи ҳарбии кишвари Моварои Хазар (Закаспий)»-ро тасдиқ намуд. Дар асоси ин санад дар сарзамини шарқии баҳри Хазар то рўди Атрак ва дар ҷануб то сарҳади хонии Хева шуъбаи Моварои Хазар бо марказ дар Красноводскро таъсис дода, ба ихтиёри волии Қафқоз супориданд. Ҳамон замон ба ҳайати он шуъба приставҳои Манқишлоқ ва Красноводск дохил шуданд.

Минбаъд шуъбаи Моварои Хазар ба маркази асосии қувваҳои ба сарзамини қабилаҳои туркман ҳуҷумкунандаи ҳукумати подшоҳӣ табдил ёфт. Аввали моҳи майи соли 1877 отряди генерал Н.Ломакин Қизиларбатро ишғол кард, вале бо сабаби аз истеҳкоми асосӣ дур будан, онро зуд тарк намуд. Онҳо соли 1878 дар соҳили рўди Атрак истеҳкоми Чатраро бунёд намуда, моҳи август Қизиларбатро дубора ишғол карданд, вале 28-29-уми август аскарони рус дар ҷангҳои шадидтарини

назди Кӯктеппа шикаст хӯрда, ақиб нишастанд. Баъди ин сарвари лашкари рус дар Моварои Хазар М.Д. Скобелев таъйин шуд. Дар санаи 12-уми январи соли 1881 дар натиҷаи ҷангҳои шадиди серӯза қалъаи Данглитеппа, баъд Кӯктеппа, 18-уми январ Ашқобод забт гардид. Моҳи майи ҳамон сол шуъбаи Моварои Хазар ба вилоят табдил ёфт, ки ба он тамоми заминҳои аз ҳисоби кишвари туркманҳо забтгардида дохил мешуд. Бо ҳамин муқобилати сахттарини яке аз қабилаҳои бонуфузтарини туркман – тегинҳо бартараф карда шуд. Бо қӯшунҳои рус асосан ҳамин қабила меҷангид.

Дар санаи 1-уми январи соли 1884 дар воҳаи Марв барои маслиҳат куҳансолони қабилаҳои дигари туркман: вакил, сичмаз, бек ва боҳӣ ҷамъ шуданд. Дар ин ҷамъомад онҳо тақдири минбаъдаи мулки худро баррасӣ карданд. Ниҳоят, моҳи марти ҳамон сол қабилаҳои забтнашудаи туркман дар назди қувваҳои ҳарбии ҳукумати подшоҳӣ маҷбур шуданд, ки ба ҳайати Русия дохил шу- дани мулки худро эътироф кунанд. Вале яке аз нуктаҳои баҳснок – воҳаи туркманнишини Пандин (Панҷдеҳ) буд, ки ба он, чи афғонҳо (бо иғвои англисҳо) ва чи русҳо даъво доштанд. Худи ҳамон сол бо дастгирии англисҳо отряди афғонҳо ноҳияи Кушка ва Пандинро ишғол карданд.

Моҳи марти соли 1885 қӯшунҳои рус бо фармондеҳии сардори вилояти Моварои Хазар А. В. Комаров қӯшунҳои афғонро аз минтақаи Пандин дур андохта, 18-уми март Кушкаро забт намуданд. Дар натиҷаи ихтилоф на муносибати туркманҳою афғонҳо, балки муносибати русҳою англисҳо муташанниҷ гардид ва он қариб ба ҷанг оид шуд, вале ташаббусро дипломатҳои тарафайн ба даст гирифтанд. Дар санаи 10-уми сентябр дар байни Русия ва Англия шартнома имзо гардид ва барои дар ҷануб муайян намудани сарҳад комиссияи махсус ташкил карда шуд. Соли 1887 дар натиҷаи корҳои тӯлонӣ дар ин минтақа аз рӯди Ому то ҳудуди давлати Эрон марзҳои нуфузии байни Русияю Англия муайян гардид. Мувофиқи он, мулкҳои баҳсталаби номбурда дар ихтиёри Русия монданд.

Ҳамин тавр, сарзамини қабилаҳои туркман низ аз тарафи қувваҳои ҳарбии Русияи подшоҳӣ истило карда шуд. Дар таърихи 26-уми декабри соли 1897 идоракунии вилояти Моварои Хазар ба ихтиёри генерал-губернатории Туркистон гузашт.

**Санаҳои муҳим:**

1868 – қӯшунҳои қафқозӣ баҳри Хазарро гузашта, ба димоғаи Муравёвск фуромаданд.

1873, баҳор – ба муқобили хонигарии Хева ба ҳуҷуми васеъ гузаштани қӯшунҳои Русия.

1873, 12-уми июн – бо фармони Кауфман амалиёти ҷангӣ дар қаламрави хонигарии Хева қатъ гардид.

1873, 12-уми август – байни Русия ва Хева шартнома имзо шуд.

1873, март – ҳукумати подшоҳии Русия «Низомномаи мувақ-қатии идораи ҳарбии кишвари Моварои Хазар (Закаспий)»-ро тасдиқ намуд.

1873, май – Қизиларбатро бори аввал забт кардани лашкари Русия.

1874, август – Қизиларбатро дубора забт намудани лашкари Русия.

1875, 28-29-уми август – ҷанги шадидтарин дар Кӯктеппа ва шикасти қӯшунҳои Русия.

1881, январ – аз тарафи лашкари Русия забт карда шудани Данглитеппа, Кӯктеппа ва Ашқобод.

1881, май – шуъбаи Моварои Хазар ба вилоят табдил ёфт.

1884, 1-уми январ – ҷамъомад дар Марв

1885, март – задухӯрди байни қӯшунҳои русу афғон дар Панҷдеҳ (Пандин)

1885, 18-уми март – Кушкаро забт намудани лашкари Русия.

1885, 10-уми сентябр – имзои шартнома дар байни Русия ва Англия.

1887 – марзҳои нуфузии байни Русияю Англия аз рӯди Ому то ҳудуди давлати Эрон муайян гардид.

1897, 26-уми декабр – идоракунии вилояти Моварои Хазар ба ихтиёри генерал-губернатори Туркистон гузашт.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Қӯшунҳои Русия аз кадом самтҳо ба муқобили хонии Хева ҳуҷум намуданд? 2) Ҳуҷуми лашкари Русия ба муқобили хонии Хева бо чӣ анҷом ёфт? 3) Шартномаи 12-уми августи соли 1873-ро, ки дар байни Русия ва хонигарии Хева имзо гардидааст, шарҳ диҳед. 4) Ҳангоми хуҷуми қӯшунҳои Русия ба муқобили Хева мавқеи амири Бухоро чӣ гуна буд? 5) Забти сарзамини

қабилаҳои туркман аз тарафи қӯшунҳои Русия кай оғоз гардид? 6) Дар кадом нуқтаҳои сарзамини қабилаҳои туркман муҳорибаҳои шадидтарин ба амал омаданд? 7) Мақсади ҷамъомади Марв чӣ буд? 8) Дар минтақаи Панҷдеҳ (Пандин) чӣ воқеа рӯй дод? 9) Шартномае, ки 10-уми сентябри соли 1885 дар байни Русия ва Англия имзо гардид, чӣ гуна буд? 10) §§ 1 ва 2-ро такрор кунед;

**Хонандагон бояд:** аз тарафи лашкари рус забт гардидани хонигарии Хева ва мулкҳои туркманнишинро шарҳ дода тавонанд.

## §14. «ҚАЗИЯИ ПОМИР»

**Вазъи мулкҳои Бадахшон дар арафаи тақсимот.** Маълум аст, ки дар миёнаи асри XIX мулкҳои Бадахшон (Помир) низ пароканда ва то андозае мустақил буданд, вале ба ин мулкҳо аз як тараф, амири Афғонистон (баъд бо кумаки Англия), аз тарафи дигар, амири Бухоро (баъд бо кумаки Русия) таҳдид мекарданд. Аз соли 1850 амирони Афғонистон Дӯстмуҳаммадхон ва Шералихон, баъди забти Балх, Тошқӯрғон ва Қундуз борҳо ба сарзамини Бадахшон ҳуҷум карданд. Ҳокими Бадахшон Ҷаҳонгиршоҳ баҳри нигоҳ доштани оромӣ ва мустақилӣ, барои ба ҳукумати Афғонистон супоридани андоз розӣ шуд. Амири Афғонистон Шералихон (соли 1868 ба тахт нишаст) духтари худро ба Ҷаҳонгиршоҳ дода, бо ҳамин роҳ ин мулкро пурра ба ихтиёри худ гирифтанӣ шуд. Ҷаҳонгиршоҳ ҳушёриро аз даст надода, то андозае мустақилиятро нигоҳ дошта бошад ҳам, шурӯъ аз соли 1869 Бадахшон амалан ба доираи таъсири Кобул кашида шуд. Соли 1883 аз тарафи Абдураҳмонхон (соли 1880 амири Афғонистон эълон карда шуд) мулкҳои Бадахшони Ғарбӣ – Вахон, Шуғнон ва Рӯшон забт гардид. Дар як вақт қӯшунҳои Чин низ ба Бадахшони Шарқӣ наздик шуда, дар ин маҳал мавқеи худро мустаҳкам карданд. Русияю Англия (дар асоси муоҳидаҳои солҳои 1867–1873) дар Осиёи Марказӣ ҷараёнгоҳи боло ва миёнаи рӯди Омуро сарҳади нуфузи худ меҳисобиданд. Яъне ин ду давлати бузург ба «Қазияи Помир» ҳанӯз фаъолона дахолат карда наметавонистанд. Ғайр аз ин, Русия дар ин кишвар бо қабилаҳои туркман ҷанг мекард. Бинобар ин, нисбат ба Бадахшон мудохилаи мусаллаҳонаи ҳукуматҳои Афғонистону Чин беш аз даҳ сол (1883–1893) давом кард.

**Ҳалли «Қазияи Помир» дар байни Русия ва Англия.** Охири асри XIX масъалаи ҷиддие, ки миёни Русияю Англия бояд ҳаллу фасл мешуд, «Қазияи Помир» буд. Байни мардуми Бадахшон воқеаҳои назаррасе ба амал омаданд. Масалан, зулму истибдоди ҳукуматдорони афғон тирамоҳи соли 1887 боиси шӯриши мардуми Шуғнон гардид. Шӯришгарон чанде аз хироҷситонандагони афғонро ба қатл расониданд. Ҳукумати Афғонистон барои ба хун оғушта намудани шӯриш ва танбеҳ додани мардуми мулкҳои дигари Бадахшон тайёрии ҷиддӣ медид. Амалдорони Рӯшону Шуғнон ва Вахон дар чунин вазъият ба муқобили иқтидори ҳукумати Афғонистон қувваи худро нокифоя ҳисобида, майл ба тарафи Русия намуданд. Онҳо бо чунин мақсад ба назди ҳукуматдорони Русия ҳайати намояндагӣ низ фиристоданд.

Аввали солҳои 1890-ум ҳукумати подшоҳӣ ба «Қазияи Помир» ба таври ҷиддӣ машғул шуд, зеро то ин лаҳза дигар мулкҳои Осиёи Марказӣ пурра ба зери тасарруфи Русия гузашта буданд ва дар ин кишвар масъалаи номбурда ягона ва нуқтаи охирин дар масъалаи нуфузи марзии байни Русияю Англия ба ҳисоб мерафт. Инак, моҳи июли соли 1891 отряди 120-нафараи казакҳо бо сарварии полковник М.Е. Ионов ба Помир фиристода шуд, ки бо номи «Эъзомияи Ионов» ё худ «Эъзомияи якум» маълум аст. Мақсади эъзомия гӯё дар Бадахшон омӯхтани мулкҳое буд, ки онҳо мувофиқи муоҳадаи соли 1873-и байни Русияю Англия, ба фоидаи ҳукумати подшоҳӣ гузаштаанд, вале дар асл мақсади асосии ин тадбир мустаҳкам намудани нуфузи Русия дар мулкҳои номбурда буд. Ионов амалиёти худро аз ағбаи Қизиларт оғоз намуда, соҳилҳои Рангкӯл ва Қарокӯлро сайр карда, то ба ағбаи Банк расид. Ӯ дар ҳама ҷо ба мардум эълон мекард, ки ин мулкҳо дар тобеияти Русия мебошанд. Дар натиҷа, ин эъзомия «қазияи Помир»-ро боз ҳам тезонид.

Аз сабаби он ки дипломатияи Англия ҳам ба «Қазияи Помир» дахолат мекард, моҳи апрели соли 1892 дар Петербург ин масъала дар машварати махсуси давлатмандони Русия муҳокима гардид ва дар он қарор карда шуд, ки мавқеи ҳукумати худро дар ин гӯша мустаҳкам намоянд. Моҳи июни ҳамон сол полковник Ионов бо роҳи аввала, бо қувваи нисбатан зиёд эъзомияи дуюми Помирро ташкил намуд. Ҳангоми сафари ӯ дар канори дарёи Оқсу дидбонгоҳи Помир (шаҳраки Мурғоби имрӯза) сохта шуд. Дар мавзеи Шоҷон 250 нафар аскарони казакро ба муддати тӯлонӣ ҷойгир карданд. Соли 1893 дар асоси шикояти зиёди шуғнониён

нисбат ба бедодгарии дастаҳои гуногуни афғон бо сарварии капитан С.П. Ванновский отряди дигар ё худ эъзомияи сеюм ба воситаи ағбаи Язгулом то ба Ванҷ сафар намуд.

Ҳукуматдорони подшоҳии Русия доир ба масъалаи Бадахшони Шарқӣ бетараф набуданд. Онҳо аз нияти ҳукумати Чин воқиф гардида, моҳи июли соли 1894 ба дидбонгоҳи Помир (Мурғоб) бо ситодаш М.Е. Ионовро, ки ба рутбаи генерал-майорӣ расида буд, фиристоданд. Ӯро сардори ситоди тамоми отряди рус дар Бадахшон таъйин карданд. Баробари чунин чорабиниҳо гуфтушуниди намояндагони Русияю Чин доир ба масъалаҳои Бадахшони Шарқӣ давом мекард. Дар натиҷаи гуфтушунид ҳукумати Чин дидбонгоҳҳои ҳарбии худро аз сарҳади Бадахшони Шарқӣ бардошт. Баъди ин дар Мурғоб нигоҳ доштани отряди Помир нолозим шуд ва он 25-уми октябри ҳамон сол барҳам дода шуд.

Вале гуфтушуниди байни Русия ва Англия баҳри муайянкунии сарҳади нуфуз дар Бадахшон ҳанӯз аз соли 1893 инҷониб давом дошт. Баҳори соли 1895 комиссияи сарҳадии Англияву Русия охирин қитъаи баҳсталаби сарзамини Осиёи Марказиро ба таври «мушаххас» муайян намуданд. Ниҳоят, моҳи сентябри ҳамон сол Шартномаи махсуси таъйини сарҳади нуфузи байни Русияю Англия дар Бадахшон имзо карда шуд. Моҳи январи соли 1896 подшоҳи Русия Николайи II хатти сарҳадии империяи Русияю Англияро дар Бадахшон тасдиқ кард. Дар асоси ин шартнома, дар Бадахшон сарҳади нуфузи байни Русия ва Англия аз Зоркӯл то канори шарқии Бадахшон – рӯди Панҷ қарор гирифт. Мувофиқи он, соҳилҳои чапи дарё, пеш аз ҳама, заминҳои дар ин канор доштаи Дарвози Бухоро ба зери нуфузи Англия, ба ҳисоби Афғонистон гузашт. Соҳилҳои рости дарё, яъне мулкҳои Вахон, Шуғнон ва Рӯшон ба зери нуфузи Русия даромад, вале ҳукумати подшоҳии рус ин мулкҳоро ба амири Бухоро ба ивази мулкҳои дар ин минтақа аздастдодааш (яъне заминҳои дар соҳилҳои чапи дарё доштаи Дарвози Бухоро) бахшид. Бадахшон (Помир)-и Шарқӣ ба ҳайати вилояти Фарғонаи генерал-губернатории Туркистон ҳамроҳ гардид. Қисми шарқии водии Вахон, ки дар байни мулкҳои Русия ва Ҳиндустон вазифаи минтақаи озод ва бетарафро иҷро мекард, низ ба ихтиёри Афғонистон гузашт.

Ҳамин тавр, «Қазияи Помир» асосан дар байни Русия ва Англия «ҳал» гардид ва гӯё бо ин рақобати байни ду абарқудрати давр доир ба як гӯшаи кӯҳии дунё ба охир расид.

**Санаҳои муҳим:**

1869 – оғози ба доираи таъсири Афғонистон кашида шудани Бадахшон.

1869 – 1873 – имзои муоҳадаҳо дар байни Русия ва Англия оид ба сарҳади нуфуз дар чараёнгоҳи боло ва миёнаи дарёи Ому.

1883 – аз тарафи амири Афғонистон – Абдураҳмонхон забт карда шудани мулкҳои Бадахшони Ғарбӣ – Вахон, Шуғнон ва Рӯшон.

1887, тирамоҳ – шӯриш дар Шуғнон.

1891, июл – экспедитсияи якум ба сӯйи Помир.

1892, апрел – экспедитсияи дуюм ба сӯйи Помир.

1893, экспедитсияи сеюм ба сӯйи Помир.

1895, сентябр – имзои Шартномаи махсус дар байни Русия ва Англия оид ба таъйини сарҳади нуфуз дар Бадахшон.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Вазъи мулкҳои Бадахшон дар миёна ва нимаи дуюми асри XIX чӣ гуна буд? 2) Мувофиқи муоҳадаҳои солҳои 1869 – 1873 байни Русия ва Англия сарҳади нуфузи онҳо дар Бадахшон чӣ гуна муайян гардида буд? 3) Шӯриши соли 1887 дар Шуғнон ба муқобили кӣ нигаронида шуда буд? 4) Доир ба экспедитсияҳои якум, дуюм ва сеюм ба сӯйи Помир маълумот диҳед. 5) Оқибатҳои Шартномаи сентябри соли 1895 (дар байни Русия ва Англия оид ба сарҳади нуфуз дар Бадахшон имзогардида)-ро шарҳ диҳед. 6) §§ 2 ва 13-ро такрор кунед;

**Хонандагон бояд:** ҳалли «Қазияи Помир»-ро дар байни Русия ва Англия, инчунин, оқибатҳои онро барои мардуми Бадахшон шарҳ дода тавонанд.

## §15. ОҚИБАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗИРО ЗАБТ КАРДАНИ РУСИЯ

**Шарҳи умумӣ.** Аз маълумоти боло маълум гардид, ки қисми бузурги сарзамини Осиёи Марказӣ дар нимаи дуюми асри XIX дар натиҷаи амалиёти ҷангии қӯшунҳои рус забт карда шуд ва он мулкҳо ба номи генерал-губернатории Туркистон бевосита ба ҳайати империяи Русия дохил гардиданд. Ин мулкҳо, ки онҳоро “кишвари Туркистон” ҳам меноманд, бо қонуну қоидаҳои умумиимперияви идора карда мешуданд.

Дар кишвари Туркистон на танҳо тарзи идоракунии куҳна барҳам дода, тарзи идоракунии барои ин мулкҳо тамоман нав – усули умумирусиягӣ ҷорӣ карда шуд, балки дар муносибатҳои заминдорӣ, андоз, мактабу маориф, молия ва ғайра низ тағйироти куллӣ ба амал омад. Яъне дар мулкҳои кишвари Туркистон ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ нисбат ба замони тозабтшавӣ тамоман бо маҷрои дигар, бо роҳ ва тарзу усулҳое, ки ба сиёсати ҳукумати подшоҳии Русия мувофиқат мекарданд, пеш мерафт. Ин ҳукумат, агарчи худ боқимондаи ҷомеаи феодалӣ буд, сиёсати пешгирифтаи он, хости рушди муносибатҳои молию пулӣ, пешрафти ҷамъияти сармоядорӣ буд ва кишвари Туркистонро низ ба ҳамин роҳ ҳидоят мекард.

Қисми дигари Осиёи Марказиро ҳанӯз ҳам аморати Бухоро ва хонигарии Хева ташкил медоданд. Ҳарчанд онҳо дар идоракунии дохилӣ мухтор буданд, усули идоракунии пешинаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро то андозае нигоҳ медоштанд, вале аз сабаби он, ки ин мулкҳо ҳам ба доираи нуфузи империяи Русия кашида шуда буданд, дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии онҳо низ дигаргуниҳо ба амал меомаданд. Ин дигаргуниҳо дар мулкҳои номбурда нисбат ба кишвари Туркистон сусттар буданд, вале то андозае ба сиёсати ҳукумати подшоҳии Русия мутобиқат мекарданд. Аниқтараш, ҳукуматдорони аморати Бухоро ва хонии Хева дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва баъзан ҳатто дар ҳаёти фарҳангӣ гӯё чунин сиёсатеро пеш мебурданд, ки он на мутобиқи замони тозабтшавии Осиёи Марказӣ аз тарафи Русия, балки мувофиқи хости ҳукуматдорони подшоҳии рус буд.

Хулоса, дар натиҷаи аз тарафи Русия забт гардидани Осиёи Марказӣ дар ин сарзамин дигаргуниҳои зиёде ба амал омаданд, ки ҳамаи онҳо оқибатҳои ба худ хос доранд ва онҳоро набояд як- тарафа арзёбӣ кард. Аз ин рӯ, он пайомадҳоро ба мусбат ва манфӣ ҷудо кардан зарур аст.

**Пайомадҳои мусбат.** Таҳти ин мафҳум ҷиҳатҳоеро дар назар дорем, ки онҳо ба пешрафти ҷомеа ва осоиштагии мардум то андозае имкону шароит муҳайё намудаанд. Чунин вазъиятро дар омилҳои зерин дида метавонем:

1. Осиёи Марказӣ, ки дар он то забтшавӣ муносибатҳои феодалӣ ҳукмфармоӣ мекард, минбаъд ба доираи муносибатҳои молию пулии ҷамъияти сармоядорӣ ҷалб карда шуд. Аввалин заводҳо ва ташкилотҳои бонкӣ ба вуҷуд омада, роҳҳои оҳан сохта шуданд. Дигаргуниҳо дар соҳаи кишоварзӣ ҳам назаррас буданд.

Умуман, иқтисоди кишвар рӯ ба тараққӣ ниҳод. Осиёи Марказӣ оҳиста-оҳиста на танҳо ба бозори умумирусиягӣ, балки ба воситаи он бо бозори умумиҷаҳонӣ низ муносибат пайдо кард.

2. Ҷангҳои мутақобилаи давлатҳои мустақил ва ниммустақили кишвар, махсусан, байни аморати Бухорою хонигарии Хӯқанд, ки боиси хонахаробиҳои зиёд ва фақирии мардум мегардид, барҳам дода шуд, зеро бар тамоми мулкҳои Осиёи Марказӣ назорати қатъии ҳукумати подшоҳии Русия ҷорӣ гардид. Хомӯш гардидани ҷангу ҷидолҳои дохилӣ барои рушди иқтисод ва тиҷорати байни ноҳияҳо ва вилоятҳои Осиёи Марказӣ шароити мусоид фароҳам овард.

3. Боқимондаҳои муносибатҳои ғуломдорӣ (махсусан, хариду фурӯши ғуломон) манъ карда шуд (дар аморати Бухоро он амалан боз чанде давом дошт).

4. Имкони шиносоӣ бо фарҳанги ҳамдигар ва ғанӣ гардидани он муҳайё гардид. Барои омӯзиши илмии табиату маънавиёти Осиёи Марказӣ қадамҳои аввалин ва ҷиддӣ гузошта шуд.

**Пайомадҳои манфӣ.** Таҳти мафҳуми пайомади манфӣ ҷиҳатҳоеро дар назар дорем, ки онҳо боиси маҳдудиятҳои сиёсӣ, афзудани зулму истибдод, пароканд агии миллӣ ва ғайра гардидаанд. Ин гуна ҳолатҳоро дар нуктаҳои зерин мебинем:

1. Бо забти Осиёи Марказӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ истиқлоли давлатдории халқҳои ин сарзамин аз байн рафт. Кишвари Туркистон қисми таркибии империяи Русия гардид. Аморати Бухоро ва хонигарии Хева низ комилан ба доираи сиёсати ҳукумати подшоҳии рус даромаданд. Онҳо, ба ҷуз бо Русия, бо дигар давлатҳо муносибат карда наметавонистанд.

2. Дар сарзамини генерал-губернатории Туркистон низоми сахти мустамликавӣ ҷорӣ гардид. Ҳукумати иртиҷоии амирии Бухоро ва хонигарии Хева ба зери ҳимояи ҳукумати подшоҳӣ кашида шуда бошанд ҳам, низоми идоракунии дохилӣ дар ҳар дуи ин мулки Осиёи Марказӣ бетағйир монд. Минбаъд ҳукуматдорони амирию хонигарӣ дар зери сояи қувваи ҳарбии Русияи подшоҳӣ нисбат ба мардуми бечораи худ зулмро боз ҳам зиёдгар раво медиданд. Дар натиҷаи ҳамаи ин, мардум ба истисмори боз ҳам сахттар гирифтор шуданд.

3. Шартномаи байни Русияю Англия Рӯди Панҷро сарҳади нуфуз қарор дода, халқи тоҷикро, ки ҳазорҳо сол боз дар тарафи чап ва рости он зиндагӣ карда, бо ҳам рафтуомад ва хешутаборӣ

доштанд, аз ҳам ҷудо кард. Ҳангоми муайян намудани марзи давлатӣ манфиати халқи тоҷик умуман, ба эътибор гирифта нашуд. Ҳол он ки дар он давр тақдири халқи тоҷик ба сиёсати ишғолгаронаи Русияю Англия вобастагии қавӣ дошт.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Баъди Осиёи Миёнаро забт кардани Русия дар кишвари Туркистон кадом дигаргуниҳои умумиро пай бурдан мумкин аст? 2) Баъди ба зери нуфузи Русия кашида шудани аморати Бухоро ва хонигарии Хева оё дар ин мулкҳо ҳам дигаргуниҳои умумиро мушоҳида кардан мумкин аст? 3) Ҷиҳатҳои мусбати аз тарафи Русия забт шудани Осиёи Марказӣ кадомҳоянд? Онҳоро бо мисолҳо шарҳ диҳед. 4) Ҷиҳатҳои манфии аз тарафи Русия забт шудани Осиёи Марказӣ кадомҳоянд? Онҳоро бо мисолҳо шарҳ диҳед. 5) §§ 11-12-ро такрор кунед;

**Хонандагон бояд:** пайомадҳои мусбат ва манфии Осиёи Марказиро забт кардани Русияро шарҳ дода тавонанд.

# БОБИ 5
# ВАЗЪИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ БАЪДИ ИСТИЛОИ РУСИЯ

## §16. ВАЗЪИ КИШВАРИ ТУРКИСТОН ДАР ЗАМОНИ МУСТАМЛИКАВӢ

**Кишвари Туркистон – қисми таркибии империяи Русия.** Дар замони ҳукуматдории мустамликавии Русияи подшоҳӣ дар Осиёи Марказӣ (солҳои 1867–1917) дар ин сарзамин генерал-губернатории Туркистон, аморати Бухоро ва хонигарии Хева мавҷудияти худро нигоҳ доштанд. Кишвари Туркистон ба қисми таркибии Русияи подшоҳӣ табдил ёфт. Тамоми қонун ва тадбирҳои зарурии ҳукумати подшоҳӣ дар ин сарзамин бевосита ҷорӣ карда мешуд.

Ҳукумати подшоҳӣ дар кишвари Туркистон низоми мустамликавии хосеро ҷорӣ кард, зеро ба андешаи баъзе амалдорони ҳукумати подшоҳӣ, усули идоракунии фаронсавӣ (нисбати Тунис ва Алҷазоир) хеле либералӣ менамуд. Ба ақидаи амалдор К.К. Абаза, ин усул барои «мардуми нимваҳшии кишвари Туркистон» гӯё мувофиқ набудааст. Бинобар ин, дар кишвар нисбат ба мардуми маҳаллӣ низоми вазнини истисморӣ ҷорӣ карда шуд.

Соли 1886 «Низомнома оид ба идоракунии кишвари Туркистон» тасдиқ гардид ва он чун қонуни асосии идоракунии ин кишвар бо баъзе тағйироту иловаҳо то Инқилоби октябри Русия (соли 1917) амал кард. Дар он инчунин, сохти судии кишвар, шаклҳои заминдорӣ, шаклу микдори андозҳо ва ғайра муайян шуда буд. Низомнома ҳукуматдории мустамликавии Русияро дар кишвари Туркистон мустаҳкам менамуд.

Чунон ки дар §6 ишора рафт, генерал-губернатории Туркистон ҳангоми ташкилёбӣ (с. 1867) аз ду вилоят (Сирдарё – марказаш дар Тошканд ва Ҳафтрӯд – марказаш дар Верний) иборат буд. Соли 1876 баъди барҳам дода шудани хонигарии Хӯқанд сарзамини боқимондаи он (яъне қисми ҷанубии хонӣ) бо номи вилояти Фарғона ба ҳайати генерал-губернатории Туркистон дохил карда шуд. Округи Зарафшон соли 1887 ба вилояти Самарқанд табдил ёфт. Соли 1882 вилояти Ҳафтрӯдро як муддат ба генерал-губернатории Степной ва соли 1899 боз ба ҳайати генерал-губернатории Туркистон ҳамроҳ намуданд. Шуъбаи

Моварои Хазар (Закаспий) соли 1891 ба вилоят табдил дода шуд ва он то солҳои 1890 – 1897 бевосита дар итоати вазорати ҳарбӣ буда, аз соли 1897 ба генерал-губернатории Туркистон дохил карда шуд.



*Политсияҳои саворaи замони подшоҳӣ дар кишвари Туркистон*

Сарзамини имрӯзаи Тоҷикистони Шимолӣ ва Бадахшон (Помир)-и Шарқӣ ба ҳайати ду вилояти кишвари Туркистон: Самарқанд ва Фарғона мансуб буданд. Ба ҳайати вилояти Самарқанд уезди Хуҷанд ва болооби Зарафшон, ба ҳайати вилояти Фарғона Бадахшони Шарқӣ, ноҳияҳои Конибодом, Исфара ва Ашт дохил мешуданд.

Ҳукумати подшоҳӣ аз фаъолияти генерал-губернатории Туркистон чандон қаноатманд набуд ва аз ҳамин сабаб онҳоро тез-тез иваз мекард. Аз байни 15 нафари онҳо танҳо К.П. Кауфман (1867–1882) ва А.В. Самсонов (1903–1913) муддати нисбатан тӯлонӣ сарварӣ намудаанд. Бо мақсади самаранок истифода кардани Осиёи Марказӣ ҳукумати подшоҳӣ солҳои 1882–1883 бо сарварии сенатор Ф.К. Гирс ва солҳои 1909–1910 бо сарварии граф К.К. Пален ба ин сарзамин комиссияҳои махсус фиристода, маҳал ва соҳаҳои ҷудогонаро ба тарзи васеъ омӯхт.

**Ба кишвари Туркистон омадани муҳоҷирони рус.** Ҳукумати подшоҳӣ Осиёи Марказиро ба мустамликаи худ табдил дода, барои босамар истифода кардани он шурӯъ намуда бошад ҳам, ба садоқати мардуми таҳҷоии ин кишвар нисбати худ бовар надошт. Аз ҳамин сабаб ҳукумати подшоҳӣ бо мақсади ба вуҷуд овардани такягоҳи боварбахш аз губернияҳои сераҳолии маркази Русия қисме аз деҳқонони русро ба ноҳияҳои гуногуни кишвари Туркистон кӯчонид.

## ХАРИТАИ СИЁСИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ




ВИЛОЯТИ
АКМОЛИНСК
ВИЛОЯТИ СЕМИПАЛАТИНСК
кӯли Балхаш
ВИЛОЯТИ
ҲАФТРӮД
Чу
РЕГЗОРИ ТУЮНҚУМ
Сузак
Туркистон
ЕРАЛ-ГУБЕРНАТОРИИ ТУРКИСТОН
ВИЛОЯТИ
Чалолобод
Намангон
ВИЛОЯТИ САМАРҚАНД
Андиҷон
Хуқанд
ТУРКИСТОНИ ШАРҚӢ
Ёрхондарё
Кизилқиё
Ҷиззах
Хуҷанд
ФАРҒОНА
Қошғар
Уротеппа
Самарқанд
Китоб
Зарафшон
Шаҳрисабз
Душанбе
Ҳисор
Кӯлоб
Файзобод
Айвоҷ
Сарой Камар
Балх
Мазори Шариф
бирғон
имана
ҲИНДУСТОН
О Н И С Т О Н
Ч И Н
100 0 100 200 км

Ҳукумати подшоҳӣ бо чунин тадбир бо як тир ду нишон заданӣ буд. Яъне ӯ аз як тараф қисмате аз деҳқонони русро аз губернияҳои сераҳолии марказ кӯчонида, дар он маҳалҳо мехост ба зиёд намудани миқдори замини деҳқонони боқимонда муваффақ гардад ва бо ҳамин аз норизоии деҳқонон ҷилавгирӣ намояд. Аз тарафи дигар, ҳукумати подшоҳӣ мехост деҳқонони кӯчонидашудаи русро дар ин ё он маҳалли кишвари Туркистон ҷойгир намуда, ба онҳо замини зиёд дода, аз ҳисоби онҳо ба худ такягоҳи боэътимод тайёр намояд, зеро чунин такягоҳ ҳангоми болоравии норизоии мардуми маҳаллӣ ба муқобили сиёсати мустамликавии ҳукумати подшоҳӣ хеле зарур ҳисобида мешуд.

Ҳукумати подшоҳӣ нақшаи ба вилояти Ҳафтрӯд кӯчонидани деҳқонони русро соли 1869 тартиб додааст, аммо ба муҳоҷиркунии деҳқонони рус ба вилояти номбурда ҳанӯз соли 1868 шурӯъ карда буд. То соли 1882 дар ин вилоят 29 маҳаллаи руснишин бо аҳолии 25 ҳазор нафар ба вуҷуд омад, вале он вақт танҳо бо вилояти Ҳафтрӯд маҳдуд нагардида, муҳоҷирони русро дар дигар вилоятҳои Туркистон низ ҷойгир намуданд. Масалан, соли 1881 дар вилояти Сирдарё 19 маҳаллаи руснишин бо аҳолии 1300 нафар вуҷуд дошт. Ё худ соли 1896 танҳо дар уезди Хуҷанди вилояти Самарқанд 6 маҳаллаи руснишин мавҷуд буд, ки дар онҳо қариб ҳазор нафар зиндагӣ мекард.

Дар натиҷаи чунин сиёсат дар гӯшаю канори кишвари Туркистон маҳаллаҳои гуногуни руснишин ба вуҷуд омада, сол то сол меафзуданд. Ба зиёдшавии онҳо сохтмони роҳҳои оҳан ва сиёсати муҳоҷиркунии Столипин низ таъсир расониданд. Соли 1910 шумораи чунин маҳаллаҳо дар кишвари Туркистон ба 124 адад расид, ки дар онҳо 70 ҳазор нафар зиндагӣ мекарданд. Дар ин давра шумораи умумии мардуми русзабони кишвар якҷо бо шаҳриён зиёда аз 200 ҳазор нафарро ташкил медод.

Маҳаллаҳои руснишин ва сарҳадии аморати Бухоро, ба монанди Бухорои Нав (Когон), Чорҷӯйи Нав, Тирмиз ва ғайра аз ҷиҳати идоракунӣ ва маъмурӣ ба ҳайати кишвари Туркистон дохил мешуданд, вале бояд таъкид кард, ки ғайричашмдошти ҳукуматдорони подшоҳӣ, муҳоҷирони рус бо мардуми маҳаллӣ бештар унс гирифта, талхию ширинии замони подшоҳиро якҷоя мечашиданд. Онҳо инчунин, ба якдигар барои ғанӣ гардонидани таҷрибаи деҳқонӣ ва истифодаи техникаи нав кумаки амалӣ мерасониданд. Ҳангоми ба вуҷуд омадани ҳаракатҳои

зиддимустамликавӣ ин муҳоҷирон такягоҳи боэътимоди ҳукумати подшоҳии Русия нашуданд. Аз ин ҷиҳат ҳукуматдорони подшоҳӣ то андозае ба мақсади худ нарасиданд. Бинобар ин, комиссияе, ки граф К.К. Пален сарварӣ мекард, чунин ҳолатро дарк карда, пешниҳод намуд, ки минбаъд ба ин кишвар ба ҷойи деҳқонони рус помешикони рус фиристода шаванд.

**Санаҳои муҳим:**

1868 – оғози ба қаламрави кишвари Туркистон муҳоҷир карда шудани деҳқонони рус.

1882 – 1883 ба Осиёи Марказӣ омадани Комиссияи махсуси ҳукумати подшоҳӣ бо сарварии сенатор Ф.К. Гирс.

1886 – аз тарафи ҳукумати подшоҳии Русия тасдиқ шудани «Низомнома оид ба идоракунии кишвари Туркистон».

1909 – 1910 ба Осиёи Марказӣ омадани Комиссияи махсуси ҳукумати подшоҳӣ бо сарварии граф К.К. Пален.

1910 – шумораи умумии русу русзабонҳо дар кишвари Туркистон ба зиёда аз 200 ҳазор нафар, шумораи маҳаллаҳои руснишин ба 124 адад расид.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Ба маълумоти §6 ва мавзӯи мавриди омӯзиш такя намуда, оид ба ташкилёбии генерал-губернатории Туркистон ва усули идораи он муфассалтар ҷавоб гардонед. 2) Чаро кишвари Туркистонро қисми таркибии империяи Русия ҳисоб мекунанд? 3) Дар бораи «Низомнома оид ба идоракунии кишвари Туркистон» чӣ медонед? 4) Сарзамини имрӯзаи Тоҷикистони Шимолӣ ва Бадахшон ба ҳайати кадом вилоятҳои кишвари Туркистон дохил мешуданд? 5) Ҳукумати подшоҳӣ бо кадом мақсад деҳқонони русро ба қаламрави кишвари Туркистон муҳоҷир кард? 6) Оё ҳукумати подшоҳӣ бо муҳоҷир намудани деҳқонони рус ба кишвари Туркистон ба мақсади асосии худ расид? 7) §§ 2 ва 6-ро такрор кунед; 8) Аз рӯйи харита ҷойгиршавии вилоятҳои кишвари Туркистон ва давлатҳои Бухоро ва Хеваро муайян намоед;

**Хонандагон бояд:** вазъи кишвари Туркистонро дар замони мустамликавӣ дуруст таҳлил карда тавонанд.

## §17. ВАЗЪИ СИЁСИИ АМОРАТИ БУХОРО

**Муносибатҳои Русия ва аморати Бухоро.** Вазъи сиёсии аморати Бухоро баъди ба зери тасарруфи Русия гузаштан хеле тағйир ёфт. Акнун аморати Бухоро бо дигар давлатҳои ҳамсоя мустақилона муносибат карда наметавонист. Чунин маҳдудият ҳарчанд дар ягон шартномаи байни Русияю Бухоро акс наёфтааст, вале амирони Бухоро дар симои ҳукумати подшоҳӣ ба худ пушту паноҳи пурқувватеро дида, бо мақсади нигоҳ доштани аморат ва осуда ҳукуматдорӣ намудан, аз баҳри чунин мустақилӣ «ихтиёран» гузашта, худро батамом мутеи ҳукумати подшоҳии Русия ҳисобиданд.

Дар таърихи 22-юми апрели соли 1868 хатти гумрукии Сибири Ғарбӣ ва Оренбург аз байн бардошта шуд. Баъди он масъалаи тиҷорати байни Русияю Осиёи Марказӣ ба масъалаи дохилии империяи Русия табдил гардид. Соли 1894 хатти гумрукии Русияю Бухороро низ аз байн бардоштанд ва он ба хатти гумрукии Бухорою Афғонистон пайваст. Солҳои 1894 – 1895 дар чунин нуқтаҳои сарҳадии аморати Бухоро: Қаршӣ, Келиф, Чӯшқагузар, Паттаҳисор ва Айваҷ нуқтаҳои гумрукии Русия кушода шуд. Ин ташкилотҳо, бегуфтугӯ, озодона ба бозори дохилии чи аморат ва чи кишвари Туркистон дохил гардидани молҳои хориҷиро маҳдуд мегардониданд.

Соли 1893 мувофиқи талаби вазорати молияи Русия аз тарафи ҳукумати амирии Бухоро ва хонигарии Хева сикка задани тангаҳои нуқра қатъ карда шуд. Қурби тангаи бухороӣ ва хевагиро аз рӯйи 15 копейки русӣ ҳисоб карда, аз тарафи Бонки давлатии Русия харида мешуд. Бо ҳамин яке аз нишонаҳои асосии мустақилии аморати Бухоро аз байн рафт, вале амири Бухоро дигар ҳуқуқи сикка задани тангаи худро надошта бошад ҳам, тангаи бухороӣ дар қатори рубли русӣ то барҳам хӯрдани тартиботи амирӣ гардиш кард.

Ба ҳукумати подшоҳии Русия содиқ будан ба ҳар се амири Бухорои замони ҳукуматдории мустамликавии Русия дар ин сарзамин хос аст. Масалан, амир Музаффар кӯшиш мекард, ки нисбат ба ҳукумати подшоҳӣ садоқати худро исбот намояд. Генерал-губернатори Туркистон К.П. Кауфман ҳам ин садоқати ӯро эҳсос намуда, гуфта буд, ки «беҳтарин ҳокими уездии ман амири Бухоро мебошад». Моҳи январи соли 1886 дар Бухоро

Агентии сиёсии императории Русия кушода шуд, ки ба он агенти сиёсӣ сарварӣ мекард ва он дар асл ба фаъолияти амир ва ҳукумати ӯ  назорат карда, ба мушовири асосиаш табдил ёфта буд.

**Тағйирот дар усули вористаъйинкунии амирони Бухоро.** Шуруъ  аз аҳди амир Музаффар ба тахти Бухоро ворис таъйин намудан на ба хоҳишу иродаи амирон, балки ба ризояти подшоҳии рус вобаста буд. Масалан, амир Музаффар 13 писар дошт. Мувофиқи анъанаи пештара, бародарон дар аввал аксар вақт барои мансаб байни худ меҷангиданд, баъди ба мансаб соҳиб шудан бо мақсади бехатарии салтанаташон бародарони дигарро нест мекарданд. Акнун чунин  анъана, ки боиси хунрезиҳои зиёд мегардид, аз байн рафт. Масъулияти дар Бухоро ворис таъйин кардан бо ризояти худи амирон ба  уҳдаи подшоҳи Русия гузашт. Аз ҳамин сабаб амир Музаффар якчанд писари худро як-як ба Петербург, ба суҳбати подшоҳ фиристод. Соли 1882 ба чунин марҳамат Абдулаҳад мушарраф гардида, валиаҳд таъйин шуд. Амир Абдулаҳад (1885–1911) дар навбати худ писараш – Олимхонро дар хурдсолиаш ба дарбори подшоҳ Николайи II (1894 – 1917) фиристод, ки вай дар он ҷо, бо ибораи Садриддин Айнӣ, чун «ғуломи ҳалқабаргӯши колонизаторон», тарбия гирифт  ва лоиқи тоҷу тахти падар гардида тавонист.




*Сохти идоракунии сиёсию маъмурии Аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX*

Амирони охирини Бухоро ба ҳукумати подшоҳии Русия содиқ буданд. Амалдорони аморат низ садоқати амиронро ба ҳукумати подшоҳии Русия эҳсос намуда, ба гумоштагони ҳукумати подшоҳӣ вафодории худро нишон медоданд. Аморати Бухоро ҳарчанд аз ҷиҳати ҳуқуқ давлати мустақил ба ҳисоб мерафт, дар асл аз нигоҳи иқтисодӣ ба талаботи сиёсати иқтисодии Русияи подшоҳӣ комилан мутобиқ карда шуда буд.

**Таркиби маъмурии аморати Бухоро.** Аморати Бухоро то охири аҳди амир Абдулаҳад аз ҷиҳати маъмурӣ ба 28 бекигарӣ ва 9 туман тақсим мешуд. Бекигариҳо инҳо буданд: Чорҷӯй, Кармина, Зиёуддин, Нурато, Қаршӣ, Хатирчӣ, Китоб, Шаҳрисабз, Чироғчӣ, Яккабоғ, Ғузор, Бойсун, Қаротегин, Қубодиён, Шеробод, Деҳнав, Ҳисор, Дарвоз, Балҷувон, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Шуғнон, Рӯшон, Келиф, Каркӣ, Кабаклин, Бурдалик, Норазм ва Сариҷӯй. Дар охири аҳди амир Абдулаҳад бекигарии Сариҷӯй барҳам дода шуд ва панҷ амлокдории он ба бекигарии Ҳисор ҳамроҳ гардид. Аз бекигариҳои номбурда: – Қаротегин, Қубодиён, Ҳисор, Дарвоз, Балҷувон, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва Шуғнону Рӯшон ба қаламрави Тоҷикистони имрӯза дохил мешаванд. Туманҳои аморати Бухоро инҳо буданд: Қарокӯл, Зандане, Пирмаст, Ғиждувон, Конимех, Вағонзе, Вобканд, Шофирком ва Ёртеппа. Туманҳо асосан дар атрофи шаҳри Бухорои Куҳна – маркази аморат ҷойгир буданд ва онҳо бевосита аз тарафи қӯшбегӣ, ки дар аморат шахси дуюм (баъди амир) буд, идора карда мешуданд. Тамоми корҳои динӣ дар ихтиёри қозикалон, назорати иҷрои меъёрҳои шариат дар ихтиёри раис буд. Дар бекигариҳо бекҳо ё худ ҳокимон сарварӣ мекарданд. Инчунин, дар ҳар як бекигарӣ ва туман қозӣ таъйин карда мешуд. Дар деҳаҳо хӯҷаинӣ дар ихтиёри арбобу оқсақолон буд.

Дар идоракунии дохилии хонигарии Хева ҳам, ба мисли амора- ти Бухоро, баъди мутеи Русияи подшоҳӣ гардиданаш, тағйироти ҷиддие ба вуҷуд наомад.

**Санаҳои муҳим:**

1868, 22-юми апрел – хатти гумрукии Сибири Ғарбӣ ва Оренбург аз байн бардошта шуд.

1885–1911 – солҳои ҳукмронии амир Абдулаҳадхон дар Бухоро.

1886, январ – дар Бухоро Агентии сиёсии империяи Русия кушода шуд.

1893 – сикка задани тангаҳои нуқраи бухороӣ ва хевагӣ қатъ гардид.

1893 – хатти гумрукии Русияю Бухоро аз байн бардошта шуд.

1894-1895 – дар чунин нуқтаҳои сарҳадии аморати Бухоро: Қаршӣ, Келиф, Чӯшқагузар, Паттаҳисор ва Айвач нуқтаҳои гумрукии Русия кушода шуд.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Чаро амирони минбаъдаи Бухоро «ихтиёран» мутеи ҳукумати подшоҳии Русия шуда буданд? 2) Дар хатти гумрукии байни Русияю мулкҳои Осиёи Марказӣ чӣ тағйироте ба амал омад? 3) Сикказании тангаҳои бухороӣ ва хевагӣ аз кадом сол қатъ гардид? 4) Дар Бухоро Агентии сиёсии империяи Русия кай кушода шуд ва он бо чӣ кор машғул буд? 5) Баъди ба тасарруфи Русия даромадани Бухоро тағйири усули вористаъйинкунии амиронро бо мисолҳо шарҳ диҳед.4) Вазъи маъмурии аморати Бухоро чӣ гуна буд ва кадоме аз он мулкҳо ба қаламрави Тоҷикистони имрӯза дохил мешаванд? 5) §§ 7-8 ва 17-ро такрор кунед;

**Хонандагон бояд:** вазъи сиёсии аморати Бухороро дар замони мустамликавӣ дуруст шарҳ дода тавонанд.

# БОБИ 6
# СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ РУСИЯ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## §18. БУНЁДИ РОҲҲОИ ОҲАН

**Зарурати роҳҳои оҳан.** Барои ба макони ашёи хом, яъне пахта ва бозори моли саноатчиёни рус табдил ёфтани Осиёи Марказӣ нақши роҳи оҳан хеле бузург аст, зеро бо сохтани ин роҳ пахта аз водии Фарғона то ба марказҳои саноатии Русия дар муддати аз 2 то 6 ҳафта мерасид. Ҳангоми набудани роҳи оҳан воридшавии он аз 4 то 10 моҳ тӯл мекашид.

Зарурати сохтани роҳи оҳани Осиёи Марказиро сармоядорони Москва ҳанӯз соли 1874 ба миён гузошта буданд, вале ҳукуматдорони подшоҳӣ, махсусан амалдорони соҳаи молия, сохтани роҳи оҳанро барои Русия аз ҷиҳати иқтисодӣ зиёновар меҳисобиданд. Бинобар ин, онҳо дар ибтидо сохтани чунин роҳро дастгирӣ накарданд, аммо вазъи ҳамонвақтаи ҳарбии Русия сохтани ин гуна роҳро на танҳо ба миён гузошт, балки ҳамчунин тезонид.

Чунончи, қувваҳои ҳарбии Русия соли 1878 дар яке аз ҷангҳои аввалини худ бо қабилаҳои туркман дар мавзеи Ахалтегин ба муқобилати сахт дучор шуда, шикаст хӯрданд. Барои аскарони рус дар ин ҷанг тай кардани даштҳои беобу регзор хеле гаронӣ кард.

**Оғози сохтмони роҳи оҳан.** Бо мақсади таслим намудани қабилаҳои саркаши туркман, бо супориши ҳукумати подшоҳӣ 3-юми августи соли 1880 аз димоғаи Михайловск (ё худ Узунада) сохтмони роҳи оҳанро ба таври таъҷилӣ оғоз карданд. 1-уми сентябри соли 1881 онро то ба Қизиларбат расониданд. Дар санаи 20-уми сентябри ҳамон сол дар ин роҳ ҳаракати поезд оғоз ёфт. Соли 1884 ин роҳ то ба Ашқобод расид.

Дар ин муддат тақдири қабилаҳои туркман ҳам ҳал гардид. Онҳо дар назди иқтидори ҳарбии аскарони рус маҷбур шуданд, ки таслим шаванд. Бо забти сарзамини қабилаҳои туркман сохтмони роҳи оҳан қатъ нагардид, баръакс, дар ин муддат аз ҷиҳати иқтисодӣ зарур ва фоидаовар будани роҳи оҳан исбот гардид. Бинобар ин, сохтмони роҳи оҳан минбаъд ҳам идома ёфт.

Он соли 1886 ба Марв ва Чорҷӯй омад. Баъдан он роҳ аз сарзамини аморати Бухоро гузашта, соли 1887 то ба Бухорои Нав (Когон) расид ва ба сӯйи Самарқанд идома дода шуд. Соли 1888 Самарқанд ҳам ба хатти роҳи оҳан пайваст гардид. Соли 1895 сохтмони роҳи оҳани Осиёи Марказӣ идома ёфт. Он соли 1899 ба воситаи Хавост ва Хуҷанд то ба Андиҷон расид ва дар ҳамин муддат хатти дигари он аз Хавост то ба Тошканд омад.



*Лаҳзаи сохта шудани роҳи оҳан дар солҳои 80-уми асри XIX*

Сохта шудани ин роҳ барои ноҳияҳои имрӯзаи Тоҷикистони Шимолӣ аҳаммияти махсус дошт. Солҳои 1900 – 1901 роҳи оҳани байни Бухорои Нав (Когон) ва Бухорои Куҳна (пойтахти аморати Бухоро) аз ҳисоби хазинаи амири Бухоро сохта шуд. Солҳои 1900 – 1906 роҳи оҳани Тошканд – Оренбург сохта ба истифода дода шуд. Дар натиҷа роҳҳои оҳани Осиёи Марказӣ бо роҳҳои оҳани умумирусиягӣ пайваст гардид.

**Ба сохтмони роҳҳои оҳан ҷалб карда шудани сармояи хусусӣ.** 10-уми июни соли 1905 ҳукумати подшоҳӣ қонуне баровард, ки мувофиқи он дар Русия барои сохтани роҳҳои оҳан бо сармояи хусусӣ низ иҷозат дода мешуд. Дар натиҷа бо ташаббуси бонкҳои хусусӣ ва сармоядорони ҷудогона, бо мақсади сохтани роҳҳои оҳан ҷамъиятҳои гуногун ташкил карда шуданд. Масалан, соли 1912 ҷамъиятҳои роҳи оҳани Фарғона ва Ҳафтрӯд, соли 1913 ҷамъияти роҳи оҳани Бухоро ташкил шуданд.

Ҷамъияти роҳи оҳани Бухоро бо ташаббуси муҳандиси сохтмони роҳи оҳан А.Н.Ковалевский, бо иштироки бонки Русияю Осиё ва амири Бухоро ташкил ёфта буд. Мақсади таъсиси ин ҷамъият сохта ба истифода додани роҳи оҳани Бухорои Нав (Когон) – Қаршӣ – Келиф – Тирмиз, бо шохаҳои Қаршӣ – Ғузор – Китоб ба ҳисоб мерафт. Сохтмони ин роҳ соли 1914 оғоз ёфт ва соли 1916 ба охир расид. Дар сохтмони ин роҳ аз ҳисоби мардуми маҳаллӣ, махсусан, аз мардуми водии Қаротегин, қувваи кориро ва- сеъ истифода бурданд.

Роҳи оҳан ҳарчанд то ба водии Вахшу Ҳисор ва Кӯлоб, яъне сарзамини имрӯзаи Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ нараси-да бошад ҳам, гумоштагони ширкатҳои гуногун, савдогарони алоҳида ба ин водиҳо сар даровардa, ба ин гӯшаҳои дурдаст мол меоварданд ва аз ин ҷо маҳсулоти заруриро харида, бо роҳҳои гуногун то ба Тирмиз, Чорҷӯй, Хӯқанд, Самарқанд ва дигар истгоҳҳои роҳи оҳан мерасониданд. Бинобар ин сохтмони роҳҳои оҳан барои гӯшаю канори дурдаст ҳам бетаъсир намонд.

**Санаҳои муҳим:**

1874 – пешниҳоди сармоядорони Москва доир ба зарурати сохтмони роҳи оҳани Осиёи Марказӣ.

1880, 3-юми август – аз димоғаи Михайловск (Узунада) таъҷилан оғоз гардидани сохтмони роҳи оҳан.

1880, 20-уми сентябр – дар роҳи оҳани Осиёи Марказӣ аввалин поезд ба ҳаракат даромад.

1887 – сохтмони роҳи оҳан то ба Бухорои Нав (Коғон) расид.

1888 – сохтмони роҳи оҳан то ба Самарқанд расид.

1895 – 1899 – роҳи оҳани Хавост-Хуҷанд-Андиҷон ва Хавост–Тошканд сохта шуд.

1900 – 1901 – роҳи оҳани байни Бухорои Нав (Коғон) – Бухорои Куҳна сохта шуд.

1900 – 1906 – роҳи оҳани Тошканд–Оренбург сохта шуд ва бо роҳҳои оҳани умумирусиягӣ пайваст гардид.

1905, 10-уми июн – ҳукумати подшоҳии Русия ба сармояи хусусӣ барои иштирок дар сохтмони роҳҳои оҳан иҷозат дод.

1912 – ҷамъиятҳои роҳи оҳани Фарғона ва Ҳафтрӯд бунёд гардид.

1913 – ҷамъияти роҳи оҳани Бухоро таъсис ёфт.

1914 – 1916 – роҳи оҳани Бухорои Нав (Коғон) – Қаршӣ – Келиф – Тирмиз бо шохаҳои Қаршӣ – Ғузор – Китоб сохта шуд.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Сохтани роҳи оҳан дар Осиёи Марказӣ чӣ зарурат дошт? 2) Чаро ҳукуматдорони подшоҳӣ пешниҳоди сармоядорони Москваро оид ба зарурати сохтани роҳи оҳани Осиёи Марказӣ рад карданд? 3) Сохтмони роҳи оҳан дар Осиёи Марказӣ кай, аз куҷо ва бо кадом мақсад оғоз гардид? 4) Аввалин поезд дар роҳи оҳани Осиёи Марказӣ кай ба ҳаракат даромад? 5) Соли 1905 дар сиёсати сохтмони роҳҳои оҳани Русия чӣ тағйирот ба

вуҷуд омад? 6) Роҳҳои оҳани Осиёи Марказӣ бо роҳҳои оҳани умумирусиягӣ кай пайваст гардиданд? 7) Ҷамъияти роҳи оҳани Бухоро бо ташаббуси киҳо ташкил карда шуд? 8) Шаҳрҳои асосии Осиёи Марказиро, ки ҳамон давр аз онҳо роҳи оҳан гузаштааст, номбар кунед. 9) §§ 2, 16 ва 17-ро такрор намоед;

**Хонандагон бояд:** сабабу пайомадҳои бунёди роҳҳои оҳанро дар Осиёи Марказӣ дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §19. ВАЗЪИ КИШОВАРЗӢ

**Шаклҳои заминдорӣ ва андоз.** Маълум аст, ки дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар аморати Бухоро ва хонигарии Хӯқанд, то забти Русия ҳиссаи бузурги замин – тахминан 50%-ро заминҳои давлатӣ–амлокӣ ва 25%-ро заминҳои вақфӣ ташкил медоданд. Дар ин заминҳо асосан деҳқонони камзамину безамин кор карда, ба фоидаи хазинаи амирию хонӣ ва ташкилотҳои вақфӣ (мадрасаҳо, масҷидҳо ва ғайра) андоз – хироҷ месупориданд.

Тахминан 25%-и боқимондаи заминро мулкҳои ҳурри холис (яъне мулкҳои аз андоз озод) ва мулкҳои хориҷӣ ташкил менамуданд. Ҳукуматдорони подшоҳӣ аз чунин тартиботи заминдорӣ қаноатманд набуданд. Баъди забти Осиёи Марказӣ, дар кишвари Туркистон дар асоси «Низомнома оид ба идоракунӣ»-и ин кишвар заминҳои давлатӣ, яъне амлокӣ ва як ҳиссаи заминҳои вақфӣ (он мулкҳое, ки санадҳояшон ба мулки вақфӣ мувофиқат намекард) чун мулки хусусӣ, ройгон, бевосита ба ихтиёри истифодакунандагонаш – деҳқонон супорида шуд. Инчунин, он ҳиссаи заминҳои мулкие, ки то забтшавӣ аз андоз озод буданд, аз чунин ҳуқуқ маҳрум гардида, ба қатори заминҳои андозсупоранда дохил карда шуданд. Дар баъзе ноҳияҳо, дар асоси таҷрибаи Русия, қисме аз заминҳо ба ихтиёри обшинаҳои деҳқонӣ гузаронида шуд.

Дар кишвари Туркистон андози давлатиро, ки аз кишоварзон, яъне деҳқонон рӯёнида мешуд, «оброк» меномиданд. Ҳамаи заминҳое, ки аз онҳо оброк мерӯёниданд, ба 8 зина (разряд) тақсим карда шуданд. Мувофиқи он, дар аксари заминҳои истифодашавандаи обӣ аз рӯйи даромаднокӣ андози оброкро

ба ҳисоби миёна то 10% муайян кардаанд. Аз заминҳои лалмӣ аз ҳар десятина 1 рублу 25 копейк рӯёнида мешуд. Барои мардуми бодиянишин, чун андоз, аз ҳар юрт (кибитка) 2 рублу 50 копейк, барои мардуми шаҳр мувофиқи мулки ғайриманкулашон андози давлатӣ муайян кардаанд. Ҳамаи ин андозҳо ба фоидаи хазинаи подшоҳӣ ситонида мешуд. Агар соли 1896 аз мардуми кишвар ҳамчун андоз 6978720 рубл ҷамъ карда бошанд, пас он соли 1917 беш аз 33 млн рублро ташкил намудааст.



*Лаҳзаи аз деҳқонон рӯёнидани андоз – хироҷ*

Дар аморати Бухоро баъди ба зери тасарруфи Русия гузаштанаш доир ба шаклҳои заминдорӣ ва андоз тағйироте ба вуҷуд наомад. Дар ин ҷо мисли пештара замин ба шаклҳои амлокӣ (ё худ давлатӣ, ки ба он заминҳои ба ном амирӣ ҳам дохил мешавад), вақфӣ, мулкҳои ҳурри холис ва хироҷӣ тақсим мешуданд. Чун аввал тахминан 75%-ро заминҳои амлокӣ ва вақфӣ ташкил менамуданд. Аз заминҳои амлокӣ ва хироҷӣ андоз ба номи хироҷ бояд 10%-и ҳосил ба фоидаи хазинаи амир, аз заминҳои вақфӣ ҳамин миқдор андоз ба фоидаи мадрасаю масҷидҳо ва дигар ҷойҳои муқаддас ситонида мешуд.

Андози дигари асосии пуркунандаи хазинаи ҳукумати амирии Бухоро закот ба ҳисоб мерафт. Закот чун андоз аз чорво, молҳои тиҷоратӣ ва пули нақд ситонида мешуд. Ин навъи андоз мувофиқи Қуръон яке аз панҷ рукни асосии мусулмонӣ ба ҳисоб меравад. Ва он бояд ба фоидаи бенавоён ва дар роҳи Худо сарф

мегардид. Мувофиқи шариати ислом, ҳар чизе, ки даромад меоварад, агар аз он закот насупоранд, ҳаром аст.

Аминона ҳам яке аз андозҳои асосии замони амирӣ ба ҳисоб мерафт. Ин навъи андозро аз ҳамаи молҳои барои фурӯхтан муайяншуда меситониданд. Дар байни молҳое, ки ба фурӯш бароварда мешуд, ҷойи намоёнро пахта, ғалла, пӯсти қарокӯлӣ, пашм, чорво, мева, матоъҳои гуногун ва ғайра ташкил менамуданд.

Ғайр аз андозҳои номбурда, дар шароити амирии Бухоро боз даҳҳо навъи гуногуни андоз вуҷуд доштанд. Амалдорони замони амирӣ барои аз мардум зиёдтар ситонидани андоз ҳавасманд буданд, зеро бо чунин тадбир онҳо аз як тараф, ба амир ва наздикони ӯ кордонии худро нишон диҳанд, аз тарафи дигар, як ҳиссаи андози ғункардашударо аз они худ мекарданд.

**Кишти пахтаи навъи амрикоӣ.** Ҳанӯз дар нимаи дуюми асри X1X яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи пахтакории Осиёи Марказӣ иваз намудани пахтаи навъи маҳаллӣ – ғӯза, ки дар ин сарзамин аз замонҳои қадим кишт карда мешуд, бо навъи пешқадами ҷаҳонӣ – амрикоӣ буд, зеро ғӯза, ки нахи кӯтоҳ дошт, талаботи рӯзафзуни саноатчиёни Русияро қонеъ гардонида наметавонист. Аз ҳамин сабаб дар сарзамини Осиёи Марказӣ бо ташаббуси ширкатҳои марказии Русия кишти пахтаи навъи амрикоӣ оғоз ёфт.

Аввалин кӯшиши дар ҳудуди Осиёи Марказӣ паҳн намудани пахтаи навъи амрикоӣ ба замони пеш аз забтшавӣ рост меояд. Масалан, ҳанӯз солҳои 1859–1860 дар Бухоро чунин навъи пунбадонаро, ки аз тарафи тоҷирони рус оварда шуда буд, чун таҷриба кишт кардаанд, вале кишти онсола бо сабаби риоя карда нашудани қоидаҳои агротехникӣ ҳосил надод. Баъди забтшавӣ, соли 1874 дар уездҳои Тошканд, Хуҷанд ва Қурама кӯшиши кишти пахтаи навъи амрикоӣ ба миён омад, ки боз ҳам натиҷаи манфӣ дод. Бори сеюм онро соли 1882 кишт карданд ва дар шароити кишвар аввалин бор натиҷаи дилхоҳ дод. Минбаъд дар Осиёи Марказӣ кишти ин навъи пахта сол то сол зиёд гардид. Чунончи, агар соли 1885 пахтаи навъи амрикоиро қариб ба қадри ҳазор десятина кишт карда, аз он 30 ҳазор пуд пахта гирифта бошанд, пас соли 1887 чунин пахтаро дар 14,5 ҳазор десятина кишт карда, аз он 212 ҳазор пуд ҳосил гирифтаанд.

Дар қаламрави аморати Бухоро ва хонии Хева аз соли 1887 бо ташаббуси рафоқати тиҷоратию саноатии осиёимиёнагии «Кудрин ва К°» кишти пахтаи навъи амрикоӣ сар шудааст. То ин вақт дар ҳудуди ин ду мулк кишти пахтаи навъи амрикоиро манъ карда буданд. Маҳз рафоқати номбурда аз амир ва хон доир ба кишти ин навъи пахта иҷозат гирифтааст.

Солҳои 80 – 90-уми асри XIX рафоқатҳо ва ширкатҳои номии марказие, ки дар ноҳияҳои гуногуни Осиёи Марказӣ нуфуз пайдо карда буданд: рафоқати «Кудрин ва К°», рафоқатҳои «Мануфактураи бузурги Ярослав», «Владимир Алексеев» ширкатҳои бародарон Шлосберг, Познанскийҳо, Крафт ва ғайра ба ҳисоб мерафтанд. Масалан, дар солҳои 1886–1887 аз тарафи рафоқати «Кудрин ва К°» дар Тошканд, Хӯқанд, Хуҷанд, Намангон, Марғелон, Бухоро, Чорҷӯй, Марв, Хева ва Дилварзин 20 ҳазор пуд пунбадонаи пахтаи навъи амрикоӣ тақсим гардидааст. Ба ғайр аз ин, худи рафоқат дар киштзорҳои дар ноҳияҳои гуногуни кишвари Туркистон доштааш қариб даҳ ҳазор десятина ин навъи пахтаро кишт кардааст.

Намояндаи ширкати «Крафт–И.Мейеркорт» ба деҳқонон пунбадонаи пахтаи навъи амрикоиро ройгон тақсим кард. Он инчунин, бо мақсади ҳавасмандӣ ба онҳое, ки пахтаи аълосифати ин навъро зиёд супоридаанд, ҳатто мукофотҳои пулӣ муайян кардааст.

Албатта, рафоқатҳо ва ширкатҳои марказӣ аз харидани пахтаи маҳаллӣ – ғӯза низ даст накашиданд, вале онҳо кӯшиш мекарданд, ки деҳқонон ҳарчи бештар маҳз пахтаи навъи амрикоӣ коранд. Барои ин онҳо деҳқонони пахтакори кишварро на маҷбур, балки ҳавасманд менамуданд. Нархи хариди пахтаи навъи амрикоӣ низ нисбат ба ғӯза баландтар буд.

Ҳамин тавр, бо ташаббуси рафоқатҳо ва ширкатҳои марказии Русия аз аввали солҳои 80-уми асри XIX кишти пахтаи навъи амрикоӣ ҷорӣ карда шуд ва он сол то сол хеле вусъат ёфт. Бо вуҷуди душвориҳои молиявӣ, маҳз бо ташаббуси ширкатҳои марказӣ дар ноҳияҳои гуногуни Осиёи Марказӣ баъзе таҷрибаҳои пешқадами коркарди замин, махсусан, коркарди усули амрикоӣ оҳиста-оҳиста ҷорӣ карда шуд. Аз ҷумла, дар баъзе хоҷагиҳо ҳангоми шудгори замин аз плугҳо низ истифода карданд.

Умуман, тадбирҳои гуногуни дар соҳаи пахтакорӣ андешидашуда (пеш аз ҳама, ҳавасманд намудани деҳқонон) имкон доданд,

ки дар Осиёи Марказй пахтакорӣ рушд ёбад, ҳосилнокии он нисбат ба солҳои пешин зиёд гардад ва истеҳсоли пахта хеле афзояд. Дар натиҷа, агар дар саноати бофандагии Русия ҳиссаи пахтаи ватанӣ (онро асосан пахтаи Осиёи Марказӣ ташкил медод, зеро ҳиссаи пахтаи Қафқоз хеле ночиз буд) соли 1890 тақрибан 30% ва хориҷӣ 70% бошад, пас, соли 1914 ҳиссаи пахтаи ватанӣ (ба марказ кашонидани он соли 1915 ҳам идома ёфт) тақрибан ба 70 % расиду ҳиссаи пахтаи хориҷӣ то ба 30% пойин рафт. Ин бори дигар гувоҳӣ медиҳад, ки дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳон Осиёи Марказӣ ба манбаи асосии ашёи хом – пахта барои саноати бофандагии Русия табдил ёфта буд.

**Санаҳои муҳим:**

1859 – 1860 – аввалин кӯшиши кишти пахтаи навъи амрикоӣ дар Осиёи Марказӣ (дар Бухоро).

1873 – кӯшиши дуюми кишти пахтаи навъи амрикоӣ.

1882 – кӯшиши сеюми кишти пахтаи навъи амрикоӣ, ки бори аввал натиҷаи дилхоҳ дод.

1914 – пахтаи осиёимиёнагӣ тақрибан 70% талаботи саноати бофандагии Русияро таъмин намуд. Яъне Осиёи Миёна ба манбаи асосии ашёи хом – пахтаи саноати бофандагии Русия табдил ёфт.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Дар шаклҳои заминдорӣ ва андози кишвари Туркистон чӣ тағйирот ба амал омад? 2) Шаклҳои заминдорӣ ва андозу андозситонӣ дар аморати Бухоро чӣ гуна буд? 3) Дар қаламрави Осиёи Марказӣ рушд додани кишти пахтаи навъи амрикоӣ чӣ зарурат дошт? 4) Дар Осиёи Марказӣ ба кишти пахтаи навъи амрикоӣ кадом вақт аввалин бор кӯшиш карда шуд? 5) Дар бораи тадбирҳое, ки рафоқатҳо ва ширкатҳои марказии Русия дар рушди кишти пахтаи навъи амрикоӣ андешиданд, нақл кунед. 6) Осиёи Марказӣ кай ба манбаи асосии ашёи хом – пахтаи саноати бофандагии Русия табдил ёфт? 7) §§ 2, 16 ва 17-ро такрор кунед. 8) Аз рӯйи расм лаҳзаи аз деҳқонон рӯёнидани андоз – хироҷро шарҳ диҳед;

**Хонандагон бояд:** вазъи кишоварзии Осиёи Марказиро дар замони мустамликавӣ дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §20. ПАЙДОИШИ САНОАТ

**Ба вуҷуд омадани аввалин корхонаҳои саноатӣ.** Барои Осиёи Марказӣ солҳои 80-ум ва 90-уми асри XIX асосан солҳои бавуҷудоӣ ва рушди соҳаҳои гуногуни саноат ба ҳисоб меравад, зеро мувофиқи баъзе маълумот, то соли 1880 дар кишвари Туркистон ҳамагӣ 21 корхонаи саноатӣ амал мекардаанд. Аз ҷумла: 1 заводи пахтатозакунӣ, 2 заводи пӯст, 1 заводи собунпазӣ, 1 чопхона, 4 заводи май (вино), 1 заводи пиво, 5 заводи спирттозакунӣ, 1 корхонаи пиллахушккунӣ, 1 заводи биринҷтозакунӣ ва ғайра.

То солҳои 80-уми асри XIX гумоштагони рафоқатҳо ва ширкатҳои Русия пахтаи аз Осиёи Марказӣ харидаашонро ба шаҳрҳои марказӣ, аз ҷумла Маскав ва атрофи он фиристода, дар ҳамон ҷо онҳоро аз пунбадона тоза мекарданд, ки ин барояшон хеле гаронӣ мекард. Аз ин рӯ, аз солҳои 80-ум бо ташаббуси онҳо дар маҳалҳои гуногуни пахтакор (бештар дар назди деҳаҳо) заводҳои пахтатозакунӣ сохта шуданд. Дар аввал барои ҳаракати он заводҳо қувваи гов ё асп истифода мешуд. Минбаъд онҳоро бо техника иваз карданд. Дар натиҷаи чунин тадбирҳо аз соли 1880 то соли 1890 танҳо дар кишвари Туркистон боз 63 корхонаи нави саноатӣ ба кор шурӯъ намуд, ки 22-тоашон заводҳои пахтатозакунӣ буданд. Солҳои 1890–1900 боз 111 корхонаи нави саноатӣ сохтанд, ки аз онҳо: 52 заводи пахтатозакунӣ, 3 заводи равғанкашӣ, 6 чопхона, 19 заводи шаробкашӣ ва ғайра буданд. То соли 1900 шумораи умумии корхонаҳои саноатии кишвари Туркистон ба 195 адад расида буд. Аз ин миқдор 75 заводро корхонаҳои пахтатозакунӣ ташкил мекарданд.



*Заводи равғанкашии бародарон Вадяевҳо дар шаҳри Хӯқанд*

**Рушди саноат дар ибтидои асри XX.** Дар ибтидои асри XX корхонаҳои саноатӣ дар Осиёи Марказӣ миқдоран хеле зиёд гардида, сифатан ҳам тағйир ёфтанд. Бисёре аз онҳо аз таҷҳизоти нави замонавӣ истифода мекарданд. Махсусан, чунин тағйирот дар заводҳои пахтатозакунӣ бештар мушоҳида мегардид.

Заводҳои пахтатозакунӣ ба соҳибонашон даромади зиёд медоданд, зеро онҳо пахтаро аз деҳқонон нисбатан арзон харида, онро дар заводи худ тоза карда (яъне нархашро аз пунбадонааш ҷудо намуда) нахашро бо нархи хеле гарон ба корхонаҳои бофандагӣ мефурӯхтанд. Аз ҳамин сабаб, шумораи заводҳои пахтатозакунӣ дар Осиёи Марказӣ босуръат меафзуд ва дар соли 1914 ба 378 адад расид, ки аз он 338 завод фақат дар кишвари Туркистон (аз ҷумла дар вилояти Фарғона 240 завод), дар аморати Бухоро 29 ва дар хонигарии Хева 11 завод ҷой гирифта буд.

Сохтмони заводҳои пахтатозакунӣ минбаъд ҳам идома ёфт. Аз ҷумла, соли 1916 дар Саройкамар (ноҳияи Панҷи ҳозира) ягона дар Бухорои Шарқӣ заводи пахтатозакунӣ сохта шуд, ки он то барқароршавии ҳукумати шӯравӣ амал кард. Он завод ба ширкати «Бухорои Шарқӣ» тааллуқ дошт.

Дар аввал пунбадонаро аз пахта ҷудо карда, онро бештар ба ҷойи сӯзишворӣ истифода мекарданд, яъне қисми зиёди пунбадона ҳамчун ашёи хом бе ягон фоида нобуд мешуд. Бо мақсади истифодаи ин ашё ва аз он гирифтани равған аз аввали солҳои 90-уми асри XIX бо ташаббуси ширкатҳо ва тоҷирон заводҳои равғанкашӣ сохта, ба истифода дода шуданд, ки шумораи онҳо соли 1914 ба 29 адад расид. Масалан, заводи равғанкашии бародарон Вадяевҳо, ки ибтидои асри XX дар шаҳри Хӯқанд сохта шуда буд, аз ҷиҳати таҷҳизот яке аз пешқадамтарин корхонаҳои ҷаҳон ба ҳисоб мерафт.

Мувофиқи ашёи хоми кишвар, инчунин, заводҳои дигар, ба монанди: хиштпазӣ, ордкашӣ, шаробкашӣ, пиво, собунпазӣ, коркарди чӯб, коркарди пӯст, фабрикаҳои тамоку, гӯгирд, корхонаҳои шоҳибофӣ ва ғайра ба вуҷуд омаданд. Дар натиҷаи рушди шаклҳои гуногуни саноат шумораи умумии заводу фабрикаҳои кишвари Туркистон соли 1912 ба 852 ва соли 1917 ба 1100 адад расидааст. Албатта, аксари мутлақи онҳо корхонаҳои хурд буданд. Миқдори зиёди заводу фабрикаҳои нав низ дар вилояти Фарғона ҷой гирифта буданд. Бо рушди корхонаҳои

саноатӣ шаҳрҳои Хӯқанд, Намангон, Андиҷон (дар вилояти Фарғона), Самарқанд, Хуҷанд (дар вилояти Самарқанд), Тошканд (дар вилояти Сирдарё), Когон (дар аморати Бухоро) ва ғайра ба марказҳои саноатӣ табдил ёфтанд.

**Санаҳои муҳим:**

Солҳои 80 – 90-уми асри XIX – солҳои бавуҷудоӣ ва рушди соҳаҳои гуногуни саноат дар Осиёи Марказӣ.

1914 – шумораи заводҳои пахтатозакунӣ дар Осиёи Миёна ба 378 адад расид (дар аморати Бухоро ҳамагӣ – 29 адад).

1916 – сохта шудани заводи пахтатозакунӣ дар Саройкамар (ноҳияи Панҷи имрӯза), ки аввалин чунин завод дар ҳудуди Бухорои Шарқӣ ё худ Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубии имрӯза ба ҳисоб меравад.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Ба вуҷуд омадан ва рушд ёфтани соҳаҳои гуногуни саноат дар Осиёи Марказӣ асосан ба кадом солҳо мувофиқ меоянд? 2) Чаро дар Осиёи Марказӣ бештар заводҳои пахтатозакунӣ ва равғанкашӣ бунёд гардидаанд? 3) Дар он давр бештари заводҳо дар кадом минтақаҳо ҷойгир буданд? 4) Аввалин заводи пахтатозакунӣ дар ҳудуди Бухорои Шарқӣ кай ва дар куҷо ба вуҷуд омад? 5) Навъҳои заводҳои дар он давр мавҷударо номбар кунед. 6) §§ 2, 16 ва 18-ро такрор намоед;

**Хонандагон бояд:** ба вуҷуд омадани аввалин корхонаҳои саноатӣ ва рушди онро дар Осиёи Марказӣ дар замони мустамликавӣ дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §§21-22. СИЁСАТИ МОЛИЯВӢ. БОНКҲО

**Кассаҳои қарздиҳии уездӣ.** Дар шароити Осиёи Марказӣ асоси истеҳсолотро истеҳсолкунандагони хурд – хоҷагиҳои пахтакорон, ғаллакорон, ҳунармандон, косибон ва чорводорон, яъне онҳое, ки худ бо истеҳсолот машғул буданд, ташкил менамуданд. Онҳо ҳар сол ба фоидаи давлат навъҳои гуногуни андоз супорида, хазинаро пур мекарданд. Аз ин рӯ, дар шароити кишвари Туркистон ҳукуматдорони подшоҳӣ бенавогардии ин қисми аҳолиро намехостанд, зеро чунин ҳолат на танҳо барои

ҷамъоварии андоз, балки барои мавҷудияти худи системаи мустамликавӣ хавфи ҷиддӣ дошт. Ҳукуматдорони подшоҳӣ ба хубӣ эҳсос мекарданд, ки истеҳсолкунандагони хурди кишвар муҳтоҷи дастгирии молиявӣ мебошанд ва ҳамин ҳолат онҳоро ба доми судхӯрон кашидааст. Судхӯрон ба ивази қарзи додаашон 60-80 ва ҳатто аз он бештар фоида талаб мекарданд. Баъзе амалдорони подшоҳӣ дар шароити Осиёи Марказӣ роҳи халосиро дар ҷорӣ намудани фаъолияти кассаҳои қарздиҳии уездӣ медиданд.

Соли 1870 генерал-губернатори Туркистон Кауфман дар шароити кишвар зарурати кассаҳои қарздиҳии уездиро ба миён гузошта буд. Соли 1873 барои кишвари Туркистон ойинномаи чунин кассаҳо тартиб дода шуд. Мувофиқи он, пешниҳод шуда буд, ки ба хоҳишмандон – муҳтоҷон қарз ба миқдори аз 10 то 300 сӯм (он солҳо дар вилояти Самарқанд ба 30 сӯм як гови дӯшо ва ё як асп харидан мумкин буд) ба муҳлати аз 3 моҳ то як сол, ба ивази 6%-и солона дода шавад. Дар асоси ҳамин ойинномаи умумии кишвар, минбаъд ҳар як кассаи нав бавуҷудомада ойинномаи хоси худро тартиб медод.

Дар ҳудуди кишвари Туркистон аввалин кассаҳои қарздиҳӣ соли 1876 дар шаҳри Намангони вилояти Фарғона, соли 1882 дар Каттақӯрғони округи Зарафшон (баъд вилояти Самарқанд) ташкил карда шуд. Доираи фаъолияти кассаи Каттақӯрғон ҳудуди минтақаи Панҷакентро низ, ки тумани Нагорний меномиданд, дарбар мегирифт. Соли 1885 кассаи қарздиҳии уезди Хуҷанд ташкил ёфт. Фонди пулии кассаҳо аз маблағи даромади худи уезд ва вилоят таркиб меёфт. Чунин даромад аз ҳисоби андоз, махсусан андози кишоварзон, даромади шаҳрҳо ва ғайра иборат буд.

Миқдори кассаҳои қарздиҳии уездӣ дар кишвари Туркистон соли 1903 ба 21 ташкилот, бо сармояи 342,5 ҳазор сӯм расид. Ин маблағ соли 1909 ба 1159 ҳазор сӯм ва дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳон ба 1,6 млн сӯм расид. Масалан, маблағи кассаи Хуҷанд агар ҳангоми ташкилшавӣ (с. 1885) 7,5 ҳазор сӯмро ташкил диҳад, пас соли 1909 он ба 12 ҳазор сӯм расид. Албатта, ин миқдор маблағ талаботи рӯзафзуни истеҳсолкунандагони хурдро қонеъ гардонида наметавонист. Барои аксари онҳо чунин қарз дастнорас низ буд. Фаъолияти чунин кассаҳо танҳо ҳудуди кишвари Туркистонро фаро гирифта, онҳо дар қаламрави аморати Бухоро ва хонигарии Хева ҳанӯз вуҷуд надоштанд.

**Фаъолияти рафоқатҳо ва ширкатҳои маркази Русия.** Рафоқатҳо ва ширкатҳои маркази тиҷоратии Русия, ки манфиати саноати бофандагиро ҳимоя мекарданд, тарафдори рушди пахтакорӣ буданд. Чунонки таъкид кардем, маҳз бо ташаббуси онҳо дар ҳудуди Осиёи Марказӣ кишти пахтаи навъи амрикоӣ паҳн гардид. Маҳз он рафоқатҳо ва ширкатҳо зарурати қарзро барои рушди пахтакорӣ эҳсос намуда, чунин хоҷагиҳоро ба қадри имкон бо пул таъмин карданд

Масалан, рафоқати «Мануфактураи бузурги Ярослав» шурӯъ аз соли 1887 барои кишти пахтаи навъи амрикоӣ, ба ивази 8 дарсади солона қарз медод. Ин рафоқат дар амалиёти қарздиҳии худ бо рафоқати «Владимир Алексеев» якҷоя фаъолият мекард. Ин ду рафоқат соли 1900 дар 14 волости уезди Андиҷон ба 5632 нафар деҳқонон қариб 415 ҳазор рубл қарз додаанд. Деҳқонон ба ивази ин қарз пахтаи худро бояд маҳз ба намояндагони ҳамин рафоқатҳо месупориданд. Намояндаи ин рафоқатҳо на танҳо дар ҳудуди вилоятҳои гуногуни кишвари Туркистон, балки дар қаламрави аморати Бухоро ва хонии Хева ҳам амал мекарданд.

Рафоқати «Кудрин ва К°», ширкатҳои «Бародарон Шлоссберг», «Познанскийҳо», «Крафт», «Л.Кноп» ва ғайра, ки дар ноҳияҳои гуногуни кишвар фаъолият доштанд, ба мисли рафоқатҳои номбурда, бо шартҳои гуногун ба деҳқонон қарз медоданд. Масалан, рафоқати «Кудрин ва К°» (рафоқати тиҷоратию саноатии осиёимиёнагии «Кудрин ва К°») 27-уми июли соли 1884 (марказаш дар Маскав) аз тарафи 56 нафар саҳмдори москвагӣ, аз ҷумла ширкати Савва Морозов бо мақсади аз ҳудуди Осиёи Марказӣ ва Эрон харидани пахта ташкил карда шуда буд. Ин рафоқат дар Оренбург, Тошканд, Хӯқанд, Кошғар, Бухоро, Чорҷӯй, Марв, Ашқобод ва Машҳад идора ва анборҳо дошт. Рафоқат деҳқонони ноҳияҳои пахтакор ва нуқтаҳои ба он наздикро бо қарзҳои гуногун таъмин менамуд.

Умуман, фаъолияти қарздиҳии рафоқатҳо ва ширкатҳои маркази Русия дар роҳи рушди иқтисоди Осиёи Марказӣ, махсусан пахтакорӣ, қадами ҷиддие буд. Маҳз онҳо дар ҳудуди кишвар барои фаъолияти васеи сармояи бонкӣ шароити мусоид ба вуҷуд оварданд.

**Бонкҳо.** Зарурати дар шароити Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама кишвари Туркистон, оғоз намудани фаъолияти бонкҳои маркази Русияро рафоқатҳо ва ширкатҳои маркази тиҷоратӣ ба миён

гузоштанд, зеро намояндагони онҳо, ки дар кишвар бо корҳои тиҷоратӣ машғул буданд, на ҳама вақт бо пули зиёд ба ин сарзамин омада метавонистанд.

Аз ин рӯ, онҳо аз ҳукумати подшоҳӣ талаб мекарданд, ки дар кишвари дурдаст шуъбаи бонкҳои Русияро ташкил намояд. Мувофиқи талаби онҳо, 10-уми майи соли 1875 дар Тошканд аввалин ташкилоти давлатии қарздиҳӣ дар кишвар – шуъбаи Бонки давлатии Русия кушода шуд. Шуъба то соли 1890 дар сарзамини Осиёи Марказӣ ягона ташкилоти калони қарздиҳӣ ба ҳисоб мерафт ва он ба ширкату тоҷирони калон қарзи кӯтоҳмуддат (то як сол) медод. Минбаъд ин бонк дар шаҳрҳои Самарқанд (с.1890), Хӯқанд (с.1893), Бухоро (с.1894), Ашқобод (с.1895), Андиҷону Верний (с.1911) шуъбаҳои худро кушод.



*Тоқи Саррофон дар шаҳри Бухоро. Дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX ҳам яке аз марказҳои асосии тиҷорат ва иваз кардани пул буд.*

Аз аввали солҳои 90-уми асри XIX дар Осиёи Марказӣ бонкҳои тиҷоратӣ ё худ хусусии Русия ҳам шуъбаҳои худро кушоданд. Шумораи онҳо асосан дар ибтидои асри XX афзуд. Нуҳ адади чунин бонкҳо дар кишвар 45 ташкилот доштанд. Он бонкҳои тиҷоратии русиягӣ, ки дар Осиёи Марказӣ ташкилотҳои худро доштанд, инҳоанд: Бонки Русию Осиёӣ (дар асоси собиқ бонки Русияю Чин бунёд гардидааст), Бонки тиҷорати Сибир, Бонки Азову Дон, Бонки Волгаю Кама, Бонки Муттаҳида (дар асоси собиқ Бонки тиҷорати байналмилалии Маскав бунёд гардидааст),

Бонки русии тиҷорати беруна, Бонки тиҷорати Москва, Бонки саноати Маскав ва Бонки ҳисоби Маскав. Инчунин, як бонки нимҳукуматии Русия – Бонки ҳисоби қарздиҳии Эрон низ дар Осиёи Марказӣ ташкилотҳо дошт. Ғайр аз ин, бонкҳои Русия боз 18 адад бонки маҳаллӣ дар шакли ҷамъиятҳои қарздиҳии байнихудӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва шаҳрӣ мавҷуд буданд. Шумораи умумии ташкилоти бонкҳои марказӣ ва маҳаллӣ дар Осиёи Марказӣ ба 72 адад расида буд, ки аз онҳо дар арафаи Инқилоби Октябр 61 ададашон амал мекарданд.

Шуъбаҳои бонкҳо бештар дар вилояти Фарғона (22 ташкилот) ҷойгир шуда буданд. Боқӣ дар вилоятҳои Сирдарё, Моварои Хазар (Закаспий) (дар ҳар кадом 10 ташкилот), Самарқанду Ҳафтрӯд (дар ҳар кадом 9 ташкилот), яъне дар кишвари Туркистон ҷамъан 60 ташкилоти бонкӣ ҷойгир буданд. Дар амора- ти Бухоро 11 ташкилот ва дар хонигарии Хева ҳамагӣ як ташкилоти бонкӣ амал мекарданд.

Дар байни шаҳрҳо дар ҷойи аввал Хӯқанд, ки 10 ташкилоти бонкӣ (як шуъбаи бонки давлатӣ, 8 ташкилоти бонкҳои хусусии марказӣ ва як бонки маҳаллӣ), дар ҷойи дуюму сеюм Бухорою Самарқанд (дар ҳар кадоми онҳо 8 ташкилоти бонкӣ) ва дар ҷойи чаҳорум Тошканд (бо 7 ташкилоти бонкӣ) қарор дошт.

Ғайр аз бонкҳои номбурда, дар ҳудуди кишвари Туркистон боз ду бонки марказии кишоварзӣ: Бонки Нижегороду Самара (аз соли 1899) ва Бонки Полтава (аз соли 1902) амал мекарданд. Онҳо ба соҳибони мулкҳои ғайриманкул – соҳибони заводҳо, замин, хонаҳо ва ғайра ба муҳлати аз 10 то 66 солу 2 моҳ қарзи дарозмуддат медоданд, вале хусусиятҳои кишварро ба назар гирифта, ин бонкҳо қарзро асосан ба муҳлати 20 солу 7 моҳ додаанд.

Бонкҳои тиҷоратии марказӣ дар сарзамини Осиёи Марказӣ мустақилона амал мекарданд. Онҳо танҳо ба садорат (правление)-ашон итоат намуда, дар асоси ойинномаҳои худ фаъолият мекарданд, яъне дар маҳалҳо ҳукуматдорони подшоҳӣ ба фаъолияти бонкҳо дахолат намекарданд.

Дар сарзамини имрӯзаи Тоҷикистон расман ягон ташкилоти бонкӣ ҷойгир нашуда буд. Фақат дар шаҳри Хуҷанд як ташкилоти хазинахона (казначейство) амал мекард, ки корҳои хурди бонкӣ, аз ҷумла қабул ва фиристодани қарзҳо, ба қайд гирифтани қарзҳои векселӣ ва ғайраро иҷро мекард, вале ин чунин маъно надорад, ки сармояи бонкӣ ба сарзамини имрӯзаи Тоҷикистон

сар надароварда буд. Пеш аз ҳама, бояд ба эътибор гирифт, ки сармояи бонкӣ дар сарзамини Осиёи Марказӣ сарҳади амалиёт надошт. Аз ҳамин сабаб бисёр тоҷирону кордонҳои Хуҷанду Ӯротеппа ҳам аъзои фаъоли шуъбаҳои бонкии дар Самарқанд, Хӯқанд ва дигар шаҳрҳо амалкунанда ба ҳисоб мерафтанд. Масалан, Шуъбаи самарқандии Бонки давлатии Русия (дар асоси маълумоти 1-уми январи соли 1915) дорои 440 нафар шахси ваколатдор (аккредитатсияшуда) буд, ки аз онҳо 111 нафарашон аз уезди Хуҷанд (танҳо аз ш.Хуҷанд – 101 нафар, аз Ӯротеппа – 2 нафар, аз Ғӯлакандоз – 2 нафар ва ғайра) буданд.

Мутасаддиёни бонкҳо бо мақсади ҳарчи васеътар паҳн намудани фаъолияти худ аз хизмати миёнаравҳо: рафоқатҳо, ширкатҳо, тоҷирони бонуфуз, даллолон (комиссионерҳо) ва аробакашҳо моҳирона истифода мекарданд, зеро худи бонкҳо имкон надоштанд, ки бевосита бо истеҳсолкунандагон – деҳқонон, ҳунармандон, косибон, чорводорон ва дигарон сарукор дошта бошанд. Бинобар ин, шуъбаҳои бонкҳо пулро ҳамчун қарз ба рафоқату ширкатҳо ва тоҷирони бонуфуз (бештари онҳо соҳиби корхонаҳои гуногун, махсусан, заводҳои пахтатозакунӣ буданд) медоданд. Рафоқату ширкатҳо ва тоҷирони калон дар навбати худ қарзи аз бонк гирифтаашонро дар байни миёнаравони нисбатан хурд: тоҷирони миёна ва хурд, даллолон (комиссионерҳо), аробакашҳо ва дигарон тақсим мекарданд. Ин гурӯҳ дар навбати худ қарзро ба истеҳсолкунандагон, аз ҷумла ба деҳқонон мерасониданд.

**Ширкатҳо ва рафоқатҳои маҳаллӣ.** Нуқтаи охири қарз аз маркази ташкилотҳои бонкӣ ҳар қадар дур бошад, суди қарз ҳамон қадар ҳам меафзуд. Яъне, агар бонкҳо ба рафоқату ширкатҳо ё худ тоҷирони калон қарзро ба ивази 8 – 10% диҳанд, пас, дар маҳалҳои наздики бонк он қарз баъзан ба ивази 12 – 15% дастраси деҳқонон мешуд. Вале дар гӯшаҳои дурдаст, ки рақобат вуҷуд надошт, фоидаи қарз 50 – 60% ва ҳатто аз он ҳам зиёд мешуд. Аз ин рӯ, баъзе ширкатҳо манфиатдор буданд, ки қарзро аз бонкҳо гирифта, ба маҳалҳои дурдаст баранд, зеро дар чунин маҳалҳо, аз як тараф рақобат вуҷуд надошт, аз тарафи дигар ширкатҳо суди қарзро мувофиқи хости худ метавонистанд баланд кунанд.

Дар шароити Осиёи Марказӣ амалиёти пахта шуруъ аз кишти пунбадона то ба марказҳои саноатӣ расонидани нахи он – ҳама дар зери назорати сармоягузорони бонкҳо буданд.

Тавре ишора шуд, барои мутобиқ гардонидани фаъолияти бонкҳо дар шароити Осиёи Марказӣ, махсусан, барои амалӣ гардидани амалиёти қарздиҳии онҳо, рафоқатҳо ва ширкатҳо нақши муҳим бозидаанд. Ширкатҳо ва рафоқатҳое, ки солҳои 70–80-уми асри XIX дар Осиёи Марказӣ амал мекарданд, аксар рафоқат ва ширкатҳои маскавӣ ё худ аз дигар шаҳрҳои марказии Русия буданд, вале онҳо ҳам дар амалиёт бахри рушди фаъолияти худ, ба тоҷирони маҳаллӣ такя мекарданд. Дар натиҷа, минбаъд аз ҳисоби тоҷирони маҳаллӣ бунёдкунандагони ширкатҳо, баъдтар рафоқатҳои бузург сабзида расиданд, ки мисоли онро дар симои ширкатҳои бародарон Вадяевҳо, Р.Ш. Потеляхов ва дигарон дида метавонем.

Масалан, 24-уми ноябри соли 1894 Шуъбаи Хӯқандии Бонки давлатии Русия ба тоҷирони начандон номӣ бародарон Вадяевҳо (яҳудиёни бухороӣ) 50 ҳазор рубл қарз дода буд. Дар санаи 21-уми июли соли 1900 ҳамон шуъба кордонии онҳоро ба назар гирифта, миқдори қарзро то ба 100 ҳазор рубл зиёд намуд. Ин гуна кумаки бонкӣ ба бародарон Вадяевҳо имкон дод, ки 28-уми феврали соли 1902 дар Хӯқанд бо номи «Хонаи тиҷоратии бародарон Вадяевҳо», бо сармояи 70 ҳазор рубл ширкати мустақиле бунёд кунанд. Мақсади ин ширкат асосан хариду фурӯши пахта, фурӯши маҳсулоти саноатӣ ва ғайра ба ҳисоб мерафт. Кордонии Яъқуб ва Сион Вадяевҳо диққати амалдорони бонкҳои марказии Русияро ҷалб карда буд. Пас аз ташкил ёфтани ширкат, Бонки давлатӣ миқдори қарзи Вадяевҳоро боз ҳам зиёдтар намуд, ки он соли 1903 то ба 200 ҳазор рубл ва соли 1907 то ба 250 ҳазор рубл афзуд.



*Лаҳзаи хариду фурӯши пахта дар майдони яке аз заводҳои пахтатозакунӣ.*

Бародарон Вадяевҳо баъди дар Осиёи Марказӣ паҳн гардидани фаъолияти бонкҳои марказии тиҷоратии русиягӣ шахсони боэътимоди бисёре аз онҳо гардида буданд. Дар натиҷа, бародарон Вадяевҳо дар қатори Бонки давлатӣ аз дигар бонкҳои тиҷоратии марказӣ низ қарзҳои зиёди нисбатан имтиёзнок гирифта, ба амалиёт даровардаанд. Дар замони афзудани рақобати байни бонкҳо наздикшавии ширкати Вадяевҳо бо Бонки тиҷоратии марказии Русияву Осиё аҳамияти махсус дошт ва он 11-уми майи соли 1912 ба ташкил дода шудани ширкати боз ҳам калонтари «Рафоқати тиҷоратию саноатии Вадяевҳо» боис гардид.

Дар рафоқат низ бародарон Сион ва Яъқуб нақши пешбар бозиданд. Аз ширкати собиқи Вадяевҳо амалиёти пахта ва заводҳои пахтатозакунӣ ба рафоқат гузашт. Охири соли 1913 дар ихтиёри ин рафоқат 9 заводи шахсии пахтатозакунӣ ва 15 заводи иҷора, яъне ҷамъ 24 заводи пахтатозакунӣ кор мекард. Охири соли 1912 шумораи он заводҳои пахтатозакунӣ ба 28 адад расид, ки аз онҳо 12 завод моли худи ширкат ва 16 завод иҷора буд.

Бонки Русияву Осиё, ки дар қатори бародарон Вадяевҳо бунёдгузори рафоқат ба ҳисоб мерафт, дар муддати фаъолияти муштарак ба ширкат (солҳои 1912 – 1915) маблағи хеле бузурги имтиёзнок дода буд. Рафоқат маҳз ба шарофати ин бонк аз 1-уми ноябри соли 1913 то майи соли 1914 ба деҳқонони пахтакор ба миқдори зиёда аз 12,5 млн рубл қарз додааст. Дар натиҷа, миқдори умумии қарзи ба деҳқонон додаи рафоқат зиёда аз 36 млн рублро ташкил намудааст.

Рафоқати Вадяевҳо сол то сол пурқувват мегардид. Аз панҷ як ҳиссаи пахтаи Осиёи Марказӣ танҳо ба воситаи ҳамин рафоқат ба марказҳои саноатии Русия фиристода мешуд. Дар соли 1915 рафоқат бо бонкҳои гуногун робита дошт. Вай ҳиссаи асосии саҳмҳои яке аз ҷамъиятҳои калонтарини саҳомии Русия «Салолин»-ро низ соҳиб шуд. Дар натиҷа, рафоқати Вадяевҳо дар арафаи маҳви низоми подшоҳии Русия ба қатори рафоқатҳои бузургтарини соҳаи саноати сабуки империя (махсусан, дар соҳаи пахта, равған ва маргарин) дохил гардид.

Фаъолияти рафоқатҳо нисбат ба ширкатҳо хеле васеъ буд. Аз ин ҷиҳат ташкилёбии рафоқати Вадяевҳо ва баъд рафоқати Потеляхов аз кӯшиши бунёди иттиҳодияҳои монополистӣ дар Осиёи Марказӣ дарак медод.

**Ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ.** Дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ чун дар тамоми империяи Русия дар шароити

кишвари Туркистон ҳам яке аз вазифаҳои навбатии ҳукумати подшоҳӣ наҷот додани хоҷагиҳои деҳқонони миёнаҳол ба ҳисоб мерафт. Онҳо дар ин соҳа роҳи ягонаи наҷотро дар ҷорӣ намудани амалиёти ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ медиданд.

Ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ, чун дар тамоми Русия, дар кишвари Туркистон ҳам бояд мувофиқи қонуни 7-уми июни соли 1904 қабулшуда бунёд мегардиданд. Дар асоси он қонун се навъи чунин ташкилотҳо пешбинӣ шуда буд: рафоқати қарздиҳӣ, рафоқати қарздиҳии амонатӣ ва кассаҳои ҷамъиятии амонатӣ. Соли 1905 доир ба ҳар кадоми ин шаклҳо ойинномаҳои махсус таҳия карда шуд. Мувофиқи он ҳуҷҷатҳо, **рафоқати қарздиҳӣ** танҳо аз ҳисоби маблағи Бонки давлатӣ ташкил меёфт, бинобар ин, нисбат ба аъзои худ ҳаққи узвият надошт. Ҳангоми амалиёти мусбати рафоқат Бонки давлатӣ нисбат ба он сари чанд вақт миқдори қарзи худро зиёд мекард. Даромад ва зарари рафоқати қарздиҳӣ ба уҳдаи давлат мегузашт.

**Рафоқати қарздиҳии амонатӣ** дар асоси ҳаққи узвияти бунёдкунандагонаш ташкил карда мешуд ва даромаднокӣ, яъне ҳаққи узвияти саҳм (дивиденд) ҳам ба фоидаи аъзои он буд. Фақат баъди як соли фаъолияти мусбат чунин рафоқатҳо метавонистанд аз қарзи Бонки давлатӣ истифода кунанд. Ҳангоми пароканда ва ё қатъ карда шудани фаъолияти онҳо тамоми маблағашон дар байни аъзо – бунёдгузоронашон тақсим карда мешуд. Барои ташкил намудани ҳар ду шакли рафоқатҳои номбурда, яъне рафоқатҳои қарздиҳӣ ва карздиҳии амонатӣ, ариза бо имзои беш аз 20 нафар шахсони алоҳида зарур буд. Яъне ташкил намудани чунин ташкилотҳо ба ташаббуси худи истеҳсолкунандагони хурд – деҳқонон, ҳунармандон ва косибон вобастагӣ дошт. Фарқи шакли сеюми ташкилот, яъне **кассаҳои ҷамъиятии қарздиҳии амонатӣ** аз рафоқатҳои номбурда он аст, ки ин ташкилот бо ташаббуси ҷамъиятҳои алоҳида ё ҷамъиятҳои деҳотӣ ташкил карда мешуд.

Дар шароити кишвари Туркистон аз ҳар се шакли номбурда танҳо ду шакли аввала, рафоқатҳои қарздиҳӣ ва қарздиҳии амонатӣ ташкил карда шудаанд.

Ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ қарзро ба таври имтиёзнок танҳо ба аъзои худ, ба миқдори барои ҳар як кас то ҳазор сӯм, ба ивази то 12%-и солона медод. Қарзи дарозмуддат то 5 сол ва кӯтоҳмуддат то 1 сол муайян карда шуда буд.

Дар қаламрави кишвари Туркистон соли 1907 аввалин рафоқати қарздиҳӣ дар вилояти Фарғона ташкил карда шуд. Аз соли 1910 чунин рафоқатҳо ба таври оммавӣ бунёд гардиданд. Соли 1917 шумораи умумии онҳо ба 900 адад расид. Аз ин ҳисоб тахминан 340 рафоқати карздиҳӣ ва бештар аз 500 рафоқати қарздиҳии амонатӣ мавҷуд буданд. Шумораи умумии аъзои ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ танҳо дар вилоятҳои Фарғона, Самарқанд ва Сирдарёи кишвари Туркистон то ба 200 ҳазор нафар расида буд.

Аз сабаби он ки талаботи истеҳсолкунандагон ба қарз хеле зиёд буд, бинобар ин, баробари афзудани шумораи ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ, маблағи онҳо низ меафзуд. Фақат соли 1917 аз тарафи тамоми ташкилотҳои хурди қарздиҳии кишвар (ғайр аз вилояти Моварои Хазар) ба истеҳсолкунандагон қариб 51 млн сӯм қарзи имтиёзнок дода шуд.

Фаъолияти ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ ноҳияҳои пахтакор, ғаллакор, чорводор, маҳалҳои ҳунармандону косибони танҳо кишвари Туркистонро фаро гирифта буд. Бисёр хоҷагиҳои ноҳияҳои имрӯзаи Тоҷикистони Шимолӣ низ ба доираи фаъолияти ин ташкилотҳо дохил мешуданд. Ба ин фаъолияти рафоқатҳои қарздиҳии Ӯротеппа, Нов, Қистакӯз, Исфисор, Ғӯлакандоз, Исфара, Маҳрам ва ғайра мисол шуда метавонанд. Ташкилотҳои хурди карздиҳӣ баробари мустаҳкамшавӣ ва васеъ кардани фаъолияти худ инчунин, вазифаи миёнаравиро низ ба уҳда доштанд, яъне аъзояшонро бо афзорҳои кишоварзӣ, пунбадонаи тухмӣ, тухми кирмак, ғалла ва ғайра таъмин мекарданд.

Дар шароити кишвари Туркистон ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ, барои дастгирӣ ва рушди хоҷагиҳои деҳқонони миёнаҳол, ҳунармандон ва косибон нақши муҳим бозидаанд. Ин раванд истеҳсолкунандагонро аз панҷаи миёнаравон, махсусан судхӯрон, пурра халос карда натавониста бошад ҳам, ба ҳар ҳол, ба хоҷагиҳои миёнаҳол дасти ёрӣ дароз карда, қисми зиёди онҳоро аз фақру харобшавӣ эмин дошт.

**Санаҳои муҳим:**

1870 – пешниҳоди генерал-губернатори Туркистон Кауфман доир ба зарурати кассаҳои қарздиҳии уездӣ дар шароити кишвари Туркистон.

1875, 10-уми май – дар шаҳри Тошканд кушода шудани шуъбаи Бонки давлатии Русия, ки аввалин ташкилоти бонкӣ дар қаламрави Осиёи Марказӣ мебошад.

1876 – бунёди аввалин кассаи қарздиҳии уездӣ дар Намангон.

1890 – 1917 – дар қаламрави Осиёи Марказӣ кушода шудани ташкилотҳои гуногуни бонкҳои марказии Русия ва ба вуҷуд омадани бонкҳои маҳаллӣ.

1904, 7-уми июн – қонун дар бораи ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ.

1907 – таъсиси аввалин ташкилоти хурди қарздиҳӣ дар вилояти Фарғона.

1912, 11-уми май – ташкил карда шудани "Рафоқати тиҷоратию саноатии Вадяевҳо".

**Савол ва супоришҳо:**

1) Кассаҳои қарздиҳии уездӣ бо кадом мақсад ва дар кадом қисми қаламрави Осиёи Марказӣ ташкил карда шуданд? 2) Дар бораи фаъолияти қарздиҳии ширкатҳои марказии Русия дар Осиёи Миёна чӣ медонед? 3) Бонкҳои марказии Русияро, ки дар қаламрави Осиёи Марказӣ амал мекарданд, номбар кунед. 4) Миёнаравҳо киҳо буданд ва зарурати онҳо барои фаъолияти бонкҳо дар чист? 5) Дар бораи ширкатҳо ва рафоқатҳои маҳаллӣ чӣ медонед? 6) Бародарон Вадяевҳо чӣ тавр ба муваффақиятҳои бузург ноил гардиданд? 7) Зарурати барпо намудани ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ дар чист ва аҳаммияти онҳоро дар чӣ мебинед? 8) Ташаббуси таъсиси ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ дар ихтиёри кӣ буд? 9) §§ 2, 18, 19 ва 20-ро такрор намоед;

**Хонандагон бояд:** сиёсати молиявию қарзӣ ва ба вуҷуд омадани ташкилотҳои бонкиро дар Осиёи Марказӣ дар замони мустамликавӣ дуруст шарҳ дода тавонанд.

## БОБИ 7

## §23. ТАРКИБИ ИҶТИМОИИ ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Миллату халқҳо ва табақаҳои иҷтимоӣ.** Дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар Осиёи Марказӣ асосан тоҷикон, ӯзбекҳо, туркманҳо, қирғизҳо, қазоқҳо, қароқалпоқҳо, ки мардуми муқимии ин сарзамин ба ҳисоб мерафтанд, зиндагӣ мекарданд. Ғайр аз онҳо, махсусан, дар шаҳрҳои бостонии Бухоро, Самарқанд ва дигар шаҳрҳо яҳудиён зиндагӣ мекарданд, ки онҳоро ба таври умум «яҳудиёни бухороӣ» мегуфтанд. Дар баъзе шаҳру ноҳияҳо, махсусан, дар шаҳрҳои Бухорою Самарқанд ва атрофи онҳо эрониён, дар баъзе ноҳияҳои кишвар арабҳо низ мезистанд. Шуруъ аз нимаи дуюми солҳои 60-уми асри XX дар ҳудуди Осиёи Марказӣ муқимшавии русҳо ва дигар халқҳои аврупоӣ, ки онҳоро ба таври умум «русзабонҳо» мегуфтанд, оғоз гардид.

То рушди муносибатҳои молию пулӣ дар қаламрави Осиёи Марказӣ мардуми асосӣ аз рӯйи табақаҳои иҷтимоӣ ба деҳқонон, чорводорон, феодалон (сарватмандон ё худ заминдорони калон), рӯҳониён, тоҷирон, ҳунармандон ва косибон тақсим мешуданд. Бо рушди муносибатҳои молию пулӣ, ки аз нимаи дуюми асри XIX оғоз гардид, аз ҳисоби халқҳои маҳаллӣ низ ташаккулёбии табақаҳои нави иҷтимоӣ – коргарон ва буржуазияи миллӣ оғоз шуд. Амалдорони маҳаллӣ асосан аз ҷумлаи феодалон ва рӯҳониён, баъзан тоҷирон буданд.

**Оғози ташаккулёбии синфи коргари миллӣ.** Ибтидои ташаккулёбии синфи коргар дар Осиёи Марказӣ асосан ба солҳои 80–90-уми асри XIX мувофиқ меояд, зеро бавуҷудоӣ ва рушди соҳаҳои гуногуни саноат ва сохтмони роҳҳои оҳан маҳз ба ин солҳо мансуб аст.

Шумораи коргарон ба иқтидори заводҳо ва корҳои сохтмони роҳҳои оҳан вобастагӣ дошт. Мувофиқи баъзе маълумот, танҳо дар кишвари Туркистон то охири асри XIX шумораи умумии коргарони корхонаҳои саноатӣ тақрибан 10 ҳазор нафар буд, ки аз онҳо 70,7%-ро намояндагони халқҳои маҳаллӣ ташкил мекарданд. Ҳиссаи коргарони маҳаллӣ, махсусан, дар вилояти Фарғона зиёд буда, он 79,3%-ро ташкил медод. Сабаби ин, пеш аз ҳама,

он аст, ки аксари мутлақи коргарони заводҳои пахтатозакунӣ аз мардуми маҳаллӣ буданд. Тақрибан сеяки коргарони заводҳои пахтатозакунии вилояти Фарғонаро мардуми водии Қаротегин, ки бечоратарин мардуми аморати Бухоро ба ҳисоб мерафтанд, ташкил мекарданд.



*Намои дохилии хонаи яке аз сарватмандони шаҳри Самарқанд (аввали асри XX*

Дар ибтидои асри XX қисме аз корхонаҳои Осиёи Марказӣ ҳаҷман васеъ ва сифатан беҳтар гардида, дорои шумораи зиёди коргарон мешуданд. Масалан, дар вилояти Фарғона, мувофиқи маълумоти соли 1914, дар се заводи пахтатозакунии Миркомил Муъминбоев – 125 нафар коргар, дар заводи қанндодӣ (аз лаблабӯи қанд)-и Қовунчии уезди Тошканд аз ҳама зиёд – 1000 нафар коргар кор мекард, вале ҳанӯз заводҳое низ буданд, ки ҳамагӣ 8 – 10 нафар коргар доштанд.

Дар сарзамини имрӯзаи Тоҷикистон аввалин намояндагони снифи коргар дар гурӯҳи ноҳияҳои шимолӣ, махсусан дар шаҳри Хуҷанд ва атрофи он ташаккул меёфт. Масалан, соли 1916 танҳо дар корхонаҳои саноатии уезди Хуҷанд – 416 нафар коргар, дар кони ангишти Сулукта – 580 нафар коргар кор мекарданд. Вале дар Хуҷанд ҳам ба монанди бисёр дигар шаҳрҳои қадимаи Осиёи Марказӣ ҳанӯз миқдори зиёди коргаронро коргарони корхонаҳои ҳунармандӣ ва косибӣ ташкил медоданд. Мувофиқи баъзе маълумот соли 1912 шумораи чунин коргарон дар уезди

Хуҷанд ба 2492 нафар расидааст. Аз ин аснод маълум мешавад, ки дар уезди Хуҷанд миқдори коргарони корхонаҳои ҳунармандию косибӣ нисбат ба коргарони корхонаҳои саноатӣ хеле зиёд будааст.



*Аҳли оилаи тоҷири бадавлати яҳудии бухороӣ*

Миқдори муайяни коргарон дар корхонаҳои ҳунармандию косибии Ӯротеппа, Исфара, Конибодом, Панҷакент, Ҳисор, Қаротоғ, Душанбе, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Дарвоз, Ғарм ва дигар ҷойҳо низ кор мекарданд. Дар бисёри ин корхонаҳо фаъолияти меҳнатии коргарон мавсимӣ ё худ оилавӣ буд. Қисме аз коргарон бо корҳои деҳқонӣ (кишоварзӣ) ва чорводорӣ низ машғул буданд.

Дар сарзамини Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубии имрӯза марҳалаи ташаккулёбии синфи коргар дар ибтидои асри XX ҳанӯз ҳам хеле суст буд. Вале яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи ташаккулёбии синфи коргар дар ин қисми Тоҷикистони тошӯравӣ он аст, ки як ҳиссаи мардуми он ҳар сол ба шаҳрҳои гуногуни кишвари Туркистон ва маркази аморати Бухоро рафта, дар заводҳо, фабрикаҳо, корхонаҳои хурди ҳунармандию косибӣ ва ҳатто дар хоҷагиҳои заминдорони водиҳои Зарафшону Фарғона кор мекарданд. Яъне дар ин сарзамин синфи коргар аз ҳисоби ҳамин гуна мардикорон ташаккул меёфт.

**Оғози ташаккули буржуазияи миллӣ.** Ҷараёни ташаккулёбии буржуазияи миллиро рушди муносибатҳои молию пулӣ ва васеъ гардидани амалиёти сармояи бонкӣ тезонид, зеро шуъбаҳои

осиёимиёнагии бонкҳои марказӣ дар шароити кишвар аз кумаки миёнаравҳо васеъ истифода мекарданд. Аксари миёнаравҳо аз мардуми маҳаллӣ, махсусан, тоҷикон, ӯзбекҳо ва яҳудиён иборат буданд. Онҳо баробари қарзро ба истеҳсолкунандагон ба ивази суди баланд расонидан, инчунин, маҳсулотро аз истеҳсолкунандагон харида, ба рафоқату ширкатҳо ва савдогарони калон мефурӯхтанд ё агар худашон намояндаи онҳо бошанд, он маҳсулотро ба нуқтаҳои таъйиншуда мерасониданд. Дар натиҷаи чунин амалиёт миёнаравҳо оҳиста-оҳиста бадавлат мешуданд, худ соҳиби маблағ ва мулкҳои зиёд гардида, ба ташаккулёбии буржуазияи миллӣ ибтидо мегузоштанд.

Дар шароити Осиёи Марказӣ дар ҳайати буржуазияи ба тозагӣ ташаккулёбанда фарқи ҷиддие мавҷуд буд. Масалан, намояндагони буржуазияи миллии водии Фарғона даромади худро бештар барои ба вуҷуд овардани соҳаҳои гуногуни саноат сарф менамуданд. Аз ҳамин сабаб дар шаҳру ноҳияҳои водӣ, аз ҷумла, дар уезди Хуҷанд (агарчи он аз ҷиҳати маъмурӣ ба вилояти Самарқанд дохил мешуд), соҳаҳои гуногуни саноат сол то сол меафзуд. Дар натиҷа, буржуазияи тоза ташаккулёбандаи водии Фарғона аз намояндаи буржуазияи тиҷоратӣ ба буржуазияи саноатӣ ё худ саноатию тиҷоратӣ табдил мееёфт.

Аммо тарзи ташаккулёбии буржуазияи миллӣ дар аморати Бухоро аз тарзи ташаккулёбии буржуазияи миллии водии Фарғона тамоман фарқ мекард. Чунончи, ҳарчанд дар аморати Бухоро миллионерҳои маҳаллӣ хеле зиёд буданд, аксари онҳо даромади худро бештар ба тиллою нукра ва дигар сангҳои қиматбаҳо табдил дода, ба сохтани заводу фабрикаҳои нав чандон ҳавасманд набуданд. Аз ин рӯ, тараққиёт дар соҳаҳои гуногуни саноати сарзамини аморати Бухоро хеле суст ба назар мерасид. Ҳол он ки эҳтиёҷ ба навъҳои гуногуни он, чун дар водии Фарғона, дар Бухоро ҳам зиёд буд.

Дар натиҷа, буржуазияи тоза тавлидёбандаи Бухоро на буржуазияи саноатӣ, балки буржуазияи тиҷоратӣ ва судхӯр ба ҳисоб мерафт. Ин ба буржуазияи Самарқанд ва Хева ҳам хос аст.

**Таркиби табақаҳои иҷтимоии тоҷикон.** Чун дигар халқҳои муқимии Осиёи Марказӣ таркиби табақаҳои иҷтимоии тоҷикон низ яксон набуд. Масалан, дар шароити аморати Бухоро ва кишвари Туркистон аз байни тоҷикон шахсоне баромада буданд, ки мансабҳои гуногун, ҳатто дар шароити аморат мансабҳои масъ-

улро ба ухда доштанд. Масалан, дар Бухоро оилаи Арабовҳо, Мансуровҳо, Қосимхӯҷаевҳо ва дигарон чун миллионерҳои давр – намояндагони буржуазияи миллӣ ташаккул ёфта буданд. Дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд ва Ӯротеппа аксари тоҷирон, косибон, ҳунармандон аз ҷумлаи тоҷикон буданд. Дар қаламрави аморати Бухоро ва баъзе ноҳияю вилоятҳои кишвари Туркистон аз ҳисоби тоҷикон заминдорони калон – феодалон ҳам бисёр буданд, вале аксари тоҷикон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX бо деҳқонӣ машғул буда, зиндагии фақирона доштанд.

**Санаҳои муҳим:**

Солҳои 80–90-уми асри XIX – оғози ташаккулёбии синфи коргар ва буржуазияи миллӣ дар Осиёи Марказӣ.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Миллату халқиятҳои Осиёи Марказӣ ва табақаҳои иҷтимоии онҳо дар охири асри XIX ва аввали асри XX-ро номбар кунед.2) Ташаккулёбии синфи коргари миллӣ кай ва чӣ тавр оғоз гардидааст? 3) Доир ба оғози ташаккулёбии буржуазияи миллӣ чӣ медонед? 4) Таркиби табақаҳои иҷтимоии тоҷикон дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX чӣ гуна буд? 5) §§ 20, 21 ва 22-ро такрор кунед;

**Хонандагон бояд:** таркиби иҷтимоии халқҳои Осиёи Марказиро дар замони мустамликавӣ дуруст муайян карда тавонанд.

# БОБИ 8
# ҲАРАКАТҲОИ ИҶТИМОӢ, МАЗҲАБӢ ВА МИЛЛИЮ ОЗОДИХОҲӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## § 24. ҶУНБИШҲОИ МАРДУМӢ ДАР СОЛҲОИ 70-80-УМИ АСРИ XIX.

**Ҷунбишҳои мардумӣ дар кишвари Туркистон.** Ба тасарруфи Русия гузаштани Осиёи Марказӣ аҳволи мардумро чандон беҳ накард. Рушди муносибатҳои молию пулӣ як қисми деҳқонон, косибон ва ҳунармандонро хонахароб намуд. Худсариҳои амалдорони маҳаллӣ ҳадду канор надошт. Истеҳсолкунандагон маҳсулоти зиёд ба даст оранд ҳам, он бо роҳҳои гуногун: ба воситаи андозҳо, баргардонидани қарз ва ғайра насиби ҳаннотон мегардид. Бинобар ин, халқи мазлуми заҳматкаш ба душвориҳои давр тоб оварда натавониста, ба мубориза бармехост.

Баъди дар сарзамини Осиёи Марказӣ, махсусан, кишвари Туркистон, ҷорӣ гардидани ҳукуматдории бевоситаи Русияи подшоҳӣ, соли 1872 дар соҳили Қарасуи уезди Тошканд ва дар Хуҷанд, соли 1873 дар Пошӣ ном деҳаи Ӯротеппа ва дигар ҷойҳо ҷунбишу шӯришҳои халқӣ ба вуқӯъ омаданд.

Аз ҷумла ҷунбиши мардумии соли 1880-и Хуҷанду Ӯротеппа ба тарзи зайл ба амал омадааст. Аввали моҳи ноябри ҳамон сол сарвари уезди Хуҷанд Путинсев фармон дод, ки аз ҳар раияти ноҳияҳои Хуҷанду Ӯротеппа иловагӣ андози земствогӣ рӯёнанд, агарчанде мардуми ин ноҳияҳо тамоми андозҳои пештар муайяншударо аллакай адо карда буданд. Мардум, ки дигар имконияти иҷро намудани андози навро надошт, муқобили фармони нав баромада, онро ғайриқонунӣ ҳисобида, бо шикоят ба сӯйи идораи Путинсев равон шуданд. Вале сарвари уезд ба эътирози мардум аҳаммият надод ва баръакс, ба политсия фармуд, ки сарварони ҳаракат Рахмонқулхоҷа, Миркомилбой ва дигаронро ҳабс намоянд. Дар ҳамон лаҳза ба ҳимояи мардуми Хуҷанду Ӯротеппа ҳисобчии хазинаи (казначей) дар шаҳри Хуҷанд доштаи ҳукумати подшоҳӣ Воробёв баромада, андози навро ғайриқонунӣ ва худи Петинсевро «ғораткунандаи мардум» ҳисобид. Вале чорабиниҳои сарвари уезд, ки ба генерал-губернатори Туркистон маъқул буд, бинобар ин, Воробёвро барои шаккокиаш ба ҳабси муваққатии ҳарбӣ (гаупвахта) шинонидаанд.



*Ҳайати оилаи камбизоати водии Фаргона*
*(охири асри XIX ва аввали асри XX)*

Бояд ба инобат гирифт, ки аллакай дар солҳои 80-уми асри XIX дар кишвари Туркистон аввалин тазоҳуроти коргарон ба амал омадааст. Ин тазоҳуроти соли 1885 дар кони ангишти Заврон-Киштути волости Панҷакент (тобеи уезди Самарқанд) мебошад, ки дар он тақрибан 80 нафар коргарон кор мекарданд. Соҳиби кон полковники баистеъфобаромадаи қӯшунҳои подшоҳӣ Заленский ба ҳисоб мерафт. Коргарон аз шароити вазнини кор норозӣ буда, аз хӯҷаини кон зиёд намудани маоши худро талаб карданд, вале роҳбарияти кон аз иҷрои талаби коргарон саркашӣ намуд. Пас коргарони бақаҳромада мудири кон ва ду нафар назоратчиёни конро зада, худ барои шикоят ба Панҷакент рафтаад. Аммо ҳукуматдорони маҳаллии волостӣ ба муқобили онҳо қувваро истифода бурда, се нафар фаъолонашонро ҳабс ва як қисми дигарро аз кор озод намуданд. Он вақт ягон талаби коргарон қонеъ нагардид. Тазоҳуроти коргарӣ бошад, дар шароити Осиёи Миёна, махсусан кишвари Туркистон, чун худи Русия, амри воқеӣ гардида, зуд-зуд дар нуқтаҳои гуногун ба амал меомаданд.

**Ҷунбишҳои мардумӣ дар аморати Бухоро.** Аҳволи халқи заҳматкаш дар аморати Бухоро боз ҳам вазнинтар ва худсарии ҳукуматдорони маҳаллӣ зиёдтар буд. Маҳз чунин ҳолат соли 1871 боиси шӯришҳои халқӣ дар бекигариҳои Қаршӣ ва Ғузор гардид.

Чуноне дар боби аввал ишора рафт, Бухорои Шарқӣ асосан солҳои 70-уми асри XIX ба зери итоати ҳукумати амирӣ кашида шуд, вале дар ин гӯша аллакай солҳои 80-ум вазъият хеле ноором гардида буд. Зеро дар ин қисми аморат зиндагии мардум боз ҳам тоқатфарсотар ва худсарии ҳокимони маҳаллӣ боз ҳам зиёдтар ба ҳисоб мерафт. Бо ибораи академик Б. Ғафуров: «Ҳукумати амирӣ аслан Бухорои Шарқиро чун мустамликаи худ қарор дода, дар ин ҷо назар ба қисми ғарбии аморат тартиботи сохттаре ҷорӣ намуд». Амир ба сипоҳиёни дарбории худ, ки дар ин гӯша «хизмат» мекарданд, ба ивази маош чун танҳо ситонидани андози як ё худ якчанд деҳаҳоро бахшида буд. Дар натиҷа деҳқонони ин гуна деҳаҳо «амалан дар ҳолати крепостноӣ» буданд.

Ҳукумати амирии Бухоро барои пешгирӣ ва ё худ пахш намудани ҳар гуна хуруҷҳои халқӣ дар Ҳисор ва Ғарм як ҳисса сарбозони эътимодбахше дошт. Чӣ тавре таъкид шуд, аз сабаби аз маркази аморат хеле дар канор будани ин гӯша, ба яке аз ҳокимони он ҳуқуқи васеъ дода шуда буд. Дар аввал соҳиби чунин ҳуқуқи васеъ ҳокими Ҳисор Яъқуббек – қӯшбегӣ ба ҳисоб мерафт. Баъди ӯ ҳокими Ҳисор Салим дастархончӣ гардид, вале ӯ ҳуқуқи васеъро бо зуддӣ аз даст дод. Сабаби чунин тағйирот воқеоти зерин гардидааст: Вақте Салим – дастархончӣ ҳокими Ҳисор гардидааст (тахминан соли 1878), аз ҳуқуқи васеи худ истифода бурда, духтари соҳибҷамолеро, ки Яъқуббек барои амир Музаффархон тахмин карда буд, ба ҳарами худ даровард. Амир ба чунин «гуноҳи азим» Салим – дастархончиро ба Бухоро даъват карда, инчунин, шикоятҳои гуногунро низ ба эътибор гирифта, аввал ба тахтапушташ бо дурра занонд ва баъд ҳукм кард, ки дар заводи хишт чун коргари одӣ кор кунад. Баъди Салим – дастархончӣ мансаби ҳокимии Ҳисор ба авлодони наздиктарини амир насиб гардид. Аз ин рӯ, беки навбатии Ҳисор писари амир Музаффархон – Саид Абдумуъмин гардид, вале амир аз сабаби он ки баногоҳ писараш ташаббускори суиқасди муқобили амир нагардад, бинобар ин, ба писараш ҳуқуқи васеъ (чун барои Яъқуббек – қӯшбегӣ) надод. Дар ихтиёри вай фақат мулкҳои Ҳисору Қаратоғ буду халос, вале дар Ҳисор чун пештара амир як ҳисса сарбозонро нигоҳ медошт.

Баъди Яъқуббек дар идоракунии Бухорои Шарқӣ нуфузи ҳокими Қаротегин Худойназар (баромади ӯ эронист) афзуд. Ба вай супорида шуда буд, ки Ғармро ба маркази қароргоҳи худ

табдил дода, барои мустаҳкамии ҳокимияти амирӣ дар ин гӯша тамоми чораҳои заруририро бинад. Худойназар низ чун ҳокимнамояндаи амир, аз Ғарм истода, аз баҳори соли 1878 то соли 1886 идоракунии Бухорои Шарқиро ба ухда дошт. Бо ташаббуси ӯ, барои осон гардидани идоракунии бекигариҳои Бухорои Шарқӣ, онҳо боз ба амлокдориҳо тақсим карда шуданд. Баҳори соли 1886 беки нави Ҳисор Останақул – қӯшбегиро таъйин намуданд. Дар замони ӯ ҳуқуқи волигии амир дар Бухорои Шарқӣ боз насиби беки Ҳисор, яъне Останақул қӯшбегӣ гардид.

Худсарию бедодгариҳои ҳукуматдорони амирӣ, ки дар Бухорои Шарқӣ «адои вазифа» доштанд, инчунин, зиндагии тоқатфарсои мардуми ин диёр солҳои 1885 – 1886 сабабгори мавҷи ҳаракатҳои халқӣ дар Муъминобод, Кӯлоб, Балҷувон, Ҳисор ва Деҳнав, соли 1887 дар дараи Ромит ва ғайра гардидаанд. Аз байни ин шӯришҳои номбурда шӯриши соли 1885, ки дар ҳудуди Муъминободи бекигарии Кӯлоб ба вуқӯъ омадааст, боиси ташвиши сахти ҳукуматдорони амирӣ гардид. Баҳонаи ин шӯриш хеле афзудани иштиҳои амалдорони ҳоким дар ситонидани андоз аз ҳосили соли 1885 буд. Яъне, чуноне маълум мешавад, онҳо дар натиҷаи камҳосилию беҳосилии солҳои гузашта (бо сабаби хушксолиҳо ва ҳуҷуми малаххо), аз деҳқонон андозро ба миқдори дилхоҳ ситонида натавонистаанд. Инак, соли 1885 ҳосил нисбатан фаровон гардид. Амалдорони ҳоким чунин вазъиятро ба фоидаи худ истифода бурдани шуда, аз деҳқонон қарзҳои солҳои пешина, яъне андозҳои солҳои беҳосилию камҳосилии гузаштаро низ талабиданд. Чунин кирдори худсаронаи амалдорони маҳаллӣ аз як тараф, сабабгори аз тарафи мардуми мазлум барои шикоят ба назди амир фиристодани ҳайати вакилон гардида бошад, аз тарафи дигар, баҳонаи сар задани шӯриш шуд, ки он бо зудӣ сарзамини Муъминободро фаро гирифт. Иштирокчиёни фаъол ва роҳбарони ин шӯриш Мулло Мирзо, Мулло Барот, Мулло Давлат, Мулло Назрӣ, Одинамуҳаммад ва дигарон ба ҳисоб мерафтанд. Шӯриш агарчанде пахш карда шуд, вале амири Бухоро махсусан аз ин ҷунбиш сахт ба ташвиш афтода, маҷбур шуд, ки ҳокими Кӯлоб Назарбойро аз вазифааш озод кунад.

Маълумоти дар боло овардашуда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки чи дар кишвари Туркистон ва чи дар аморати Бухоро, мардуми меҳнаткаш зиндагии вазнинро аз сар мегузаронидаанд, аммо бо

сабаби худсарии ҳокимони маҳаллӣ вазъияти мардум дар аморати Бухоро, махсусан дар Бухорои Шарқӣ боз ҳам вазнинтар буд. Бо ҳамин сабаб дар ин гӯшаи дурдаст ҳаракатҳои мардумӣ тез-тез ба амал меомаданд.

**Сарчашма**

Садриддин Айнӣ ба даромад ва масрафи ҳукумати Бухоро дахл намуда, чунин далелҳои аҷибро пешниҳод мекунад:

«Ба ҳисобҳои тахминӣ с. 1913 даромади ҳукумати Бухоро 30 миллион сӯм буд. Ин маблағ фақат ҳисоби маблағе буд, ки ба хазинаи амир медаромад, пулҳое, ки маъмурон ва одамони онҳо аз халқ мегирифтанд, ба ин намедароянд.

Масрафҳои асосии ҳукумати Бухоро маблағҳое буд, ки ба сарбоз ва элнавкарҳо пардохта мешуд. Пеш аз инкилоби соли 1917 сарбози амир шаш ҳазор нафар буда, моҳона ва дигар хароҷоти онҳо як миллион сӯм тахмин мешуд. Элнавкарҳо ҳазор нафар буда, хароҷоташон тахминан сад ҳазор сӯм буд. Хилъат ва маблағҳое ҳам, ки ба саркардагони ба такоуд [нафақа] баромада ва муллоҳо дода мешуд, тахмин соле як миллион сӯм буд.

Ба ҳамин ҳисоб хароҷоти умумии амир солона ду миллиону дусад ҳазор сӯм буда, харочоти дигар, зебу ороиши дарбор ва разолатҳое аз кабили ишратҳои шабонаи махсус буданд.

Ба маъмурони идораҳои мулкӣ, ба хидматгорони дарбор, ба қозӣ, раис ва бекҳо ва ба одамони онҳо ҳеҷ маоше дода нашуда, тамоми маишати онҳо ба таври ғайримаҳдуд ба гардани фуқаро бор мешуд. Аммо барои соҳиби аслии мамлакат–барои халқ, ки хазинаи ҳукуматро пур ва шиками тамоми маъмуронро сер мекард, як пул ҳам сарф намешуд.

Ба корҳое, аз қабили маорифи халк, нигаҳдории тандурустӣ, таъмири роҳҳои умумӣ, тақсими об, дастгирии камбағалон ва ёрӣ ба деҳқонон пул сарф кардан он сӯ истад, ҳатто номи ин қабил масъалаҳо ҳам дар миён набуд.

Хулоса, аз 30 миллион сӯме, ки ҳар сол ҷамъ мешуд, як қисмаш фақат ба айшу ишрати амир сарф шуда, дигараш барои муҳофизати тахти амирӣ аз шӯришу исёнҳои эхтимолии мардум захира мешуд.

Дар ҳукумати Бухоро чунонки ҳеч як идораи мунтазаме на-буд, дафтари мадохил ва махориҷи мунтазаме низ вучуд надошт. Бинобар ин, тамоми рақамҳои дар боло нишон додашуда тах-

минӣ ва қиёсӣ мебошанд». (Ниг.: Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. -Душанбе, 1987. - С. 19-20).

**Санаҳои муҳим:**

-1871– шӯришҳои халқӣ дар бекигариҳои Қаршӣ ва Ғузор.

-Солҳои 70–80-уми асри Х1Х– чунбишҳои мардумӣ дар маҳалҳои гуногуни кишвари Туркистон ва аморати Бухоро.

-1880-ноябр – чуинбиши мардумӣ дар Хӯҷанду Ӯротеппа.

-1885-хуруҷи коргарони кони ангишти Заврон-Киштути волости Панҷакент, ки аввалин ҳаракати коргарӣ дар қаламрави Осиёи Марказӣ мебошад.

-1885–шӯриш дар Муъминобод.

**Саволҳо ва супоришҳо:**

1) Сабаби солҳои 70–80-уми асри Х1Х дар кишвари Туркистон ва аморати Бухоро ба вуҷуд омадани чунбишҳои мардумӣ кадомҳоянд? 2) Бобоҷон Ғафуров сиёсати ҳукумати амирии Бухороро нисбат ба Бухорои Шарқӣ чӣ гуна баҳо додааст? 3) Чаро амири Бухоро ба ҳокими Ҳисор Яъқуббек қӯшбегӣ ҳуқуқи васеъ дод, вале чунин ҳуқуқро ба писараш Абдумуъмин надод? 4) Кадоме аз бек – ҳокимони Бухорои Шарқӣ ҳуқуқи нисбатан васеъ доштанд? 5) Баҳонаи шӯриши соли 1885 дар Муъминобод дар чӣ буд? 6) Аз рӯйи сарчашма Садриддин Айнӣ дар бораи даромад ва хароҷоти ҳукумати амирии Бухоро чӣ гуна маълумот медиҳад? 7) §§ 9,10,16,17 ва 23-ро такрор намоед.

**Хонандагон бояд:** сабабу оқибатҳои чунбишҳои мардумии Осиёи Марказиро дар замони мустамликавӣ дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §25. ШӮРИШИ ВОСЕЪ

**Сабабҳои шӯриш.** Дар байни шӯришҳои солҳои 80-ум бузургтарин шӯриш бо сарварии Восеъ ба ҳисоб меравад, ки он соли 1888 дар бекигарии Балҷувон ба амал омадааст. Сабаби асосии ин шӯриш низ бенавоӣ ва қашшоқии халқи мазлум, зиёд будани андозҳо, худсарии ҳукуматдорони маҳаллӣ ва ғайра гардидаанд. Бенавоии мардуми ин бекигарӣ ба дараҷае буд, ки мувофиқи нақли яке аз иштирокчиёни шӯриши Восеъ – Давлат

Собиров дар он замон «дар ихтиёри мардони як деҳа танҳо як ҷома буд ва касе ба бозор равад ё домод шавад, ҳамон ҷомаро мепӯшид». Падари Восеъ – Шакар (номи бобояш – Белак) деҳқони камбағал аз деҳаи Нурунҷи Балҷувон будааст. Бо сабаби рӯй додани баъзе ҳодисаҳо ӯ ба деҳаи Дараи Мухтори ноҳияи Ховалинг муҳоҷир гардид, ки дар он ҳангом Восеъ шонздаҳсола буд. Вайро дар ҷавониаш ба ҳайати сарбозони ҳокими Кӯлобу Балҷувон Сарабек сафарбар намуданд ва соли 1870 дар ҷангҳои муқобили қӯшунҳои амири Бухоро – Музаффархон ширкат варзидааст. Восеъ ҳатто дар яке аз ҷангҳо бо ҳокими Дарвоз низ иштирок намудааст. Дар натиҷаи ин Васеъ бо баъзе нозукиҳои санъати ҳарбӣ шинос гардид. Касби Восеъ деҳқонӣ ва ҷувозкашӣ буд. Ӯ зағирро қисман худаш кишт мекард ва бештар онро аз деҳқонони деҳаҳои гуногуни атроф харида, ҷувоз мекашид ва равғанашро дар бозори Ховалинг мефурӯхт. Ҳангоми шӯриш Восеъи паҳлавонҷусса тахминан 35–37 сола будааст.

**Баҳонаи шӯриш.** Мувофиқи ривоятҳо, дар яке аз рӯзҳои бозор ҳокими Балҷувон Мирзо Акрам ҳамроҳи закотчиёнаш ва чанд нафар сарбозон ду деҳқони маҳбусро барои дар сари вақт насупоридани андоз, ба бозори Ховалинг, барои қатл овардаанд. Агарчанде дар ҳудуди аморат ҳукми қатлро амир медоду дар шароити Бухорои Шарқӣ ин гуна ҳуқуқро пештар танҳо ҳокими Ҳисор дошт. Восеъ аз воқеа воқиф шуда, ба беку амалдоронаш ҳамлаи шерона намуд ва маҳбусони бечораро аз марг наҷот дод. Дар ҳамон лаҳза қисме аз деҳқонони дар бозорбуда ба Восеъ ҳамроҳ мешаванд. Ҳоким бо сарбозони худ аз тарс роҳи гурезро пеш гирифт. Мувофиқи ин ривоят ҳамин ҳодиса барои оғози шӯриш баҳонае гардидааст.

Мувофиқи ривояти дигар, вақте Восеъ машғули хирманкубӣ будааст, мансабдорони хокими Балҷувон омада, аз ӯ чор танга андози «ноҳақона» талаб кардаанд. Восеъ пул надошт, вале мансабдорон ӯро ба ҳолаш нагузоштаанд. Бинобар ин, Восеъ ба ғазаб омада, бо як чолокӣ ба мансабдорон ҳамла намуда, онҳоро аз асп зада меафтонаду мегурезад.

**Оғоз ва рафти шӯриш.** Восеъ дар муддати даҳ рӯз деҳаҳои Сурхдара ва Шӯробдарaро тай намуда, мардумро ба шӯриш даъват кардааст. Дар рӯзи ёздаҳум дар теппаи кӯҳи Тали Баландсор гулхан афрӯхтаанд, ки ин нишонаи даъват ба шӯриш буд. Дар ибтидои шӯриш дар атрофи Восеъ 11 тан ҳамдиёраш

будаанд, вале ба зудӣ сафи онҳо ба 600 нафар расидааст. Онҳо бист рӯз дар мавзеи Сурсақова манзил гузошта, ба мубориза тайёрӣ диданд. Ҳокими Балҷувон бо қувваҳои дар ихтиёр доштааш ба бошишгоҳи шӯришгарон ҳамла кард, вале шикаст хурд. Шӯришгарон деҳаи Хоҷабалҷувон ва ниҳоят қалъаи Балҷувонро, ки маркази ҳокимнишин буд, соҳиб шуданд. Ҳоким бо амалдорону сарбозонаш гурехт. Ҳашт рӯз Балҷувон дар ихтиёри шӯришгарон монд. Он лаҳза шумораи шӯришгарон то ба ҳазор нафар расид. Онҳо асосан аз ҷумлаи мардуми деҳаҳои Маҳмуддара, Сӯҷина, Шайхон, Чуқурак, Оқтирак ва ғайра будаанд. Дар ин муддат Восеъ «ҳукумати» худро ташкил дод, ки дар он Юсуф ном шахс вазир, Мулло Назир, ки ӯ ҳам мисли Восеъ ҷувозкаш буд, девонбегӣ таъйин шуданд.

Доир ба оғози шӯриш маълумоти дигаре низ ҳаст, ки мувофиқи он шӯришгарон бо сарварии Восеъ аввал ҳавлии амлокдори Ховалинг ва ҳомиёни онро ба хок яксон намуда, пас ба сӯйи қалъаи Балҷувон ҳаракат кардаанд. Онҳо ба қалъа якбора ҳуҷум накардаанд, баръакс, ба назди ҳоким Мирзо Акрам намояндагони худро фиристода, розигии ӯро барои кам кардани андоз пурсидаанд. Ҳоким бошад, он намояндагонро ҳабс намуда, ба назди шӯришгарон барои ташвиқот чанд нафар муллоҳоро фиристода, хостааст ки бо ҳамин усул онҳоро пароканда намояд. Аммо шӯришгарон, ки дар деҳаи Тутиқозӣ (наздикии Балҷувон) меистоданд, ба найранги он муллоҳо бовар накарданд. Дар ҳамин лаҳза сарбозони ҳоким якбора ба муқобили шӯришгарон ба ҳуҷум мегузаранд. Восеъ ҳушёриро аз даст надода, дар аввал қувваи худро ба ҳолати мудофиавӣ гузаронида, баъд ҳуҷум мекунад. Дар натиҷа ғалаба насиби Восеъ мегардад. Ин муҳорибаи аввалин ва ҳам ғалабаи нахустини Восеъ дар рафти шӯриш ба ҳисоб меравад. Дар ин муҳориба ҳатто сарвари қӯшунҳои бек Содиқбек кушта мешавад. Ҳоким ва атрофиёнаш ба сӯйи Кангурт мегурезанд. Шӯришгарон



*Восеъ – пешвои шӯришгарон*
*(Аз рӯйи амали рассом С. Пирумшоев)*

бошанд, баробари ба даст даровардани ғалаба намояндагони худро аз ҳабс озод намуда, аслиҳаи ба даст даровардаро дар байни худ тақсим мекунанд. Мувофиқи ин ривоят шӯришгарон танҳо се шабонарӯз қалъаи Балҷувонро соҳибӣ кардаанд, вале онҳо «аз ғалабаи худ мамнун шуда, қадаме аз Балҷувон берун намондаанд».

Ҳокими Балҷувон Мирзо Акрам аз вазъият истифода бурда, қувваҳои парокандаи худро аз сари нав ҷамъ менамояд. Дар ин муддат ба ихтиёри ӯ дастаи сарбозоне, чун кумак аз беки Кӯлоб низ омада мерасад. Мирзо Акрам бо якҷоягии ин қувваҳо ба қалъаи Балҷувон ҳуҷум карда онро соҳиб мешавад. Шӯришгарон бошанд, ба сӯйи Кангурт қафо гашта, деҳқонони Кангурту Қизилмазорро ҷамъ карда, қалъаи Балҷувонро бори дуюм ба даст медароранд. Дар ин муҳориба сарвари нави қӯшунҳои ҳокими Балҷувон Аллаёр низ кушта мешавад. Ҳокими Балҷувон боз роҳи гурезро пеш гирифта, ин дафъа дар кӯҳҳои Қизилмазор манзил мегирад. Дар ихтиёри Восеъ Балҷувон, Ховалинг ва Кангурт мегузарад. Овозаи ғалабаҳои Восеъ ниҳоят то ба амир Абдулаҳадхон, ки ӯ ҳамон лаҳза барои истироҳати тобистона ба Шаҳрисабз омада буд, низ мерасад. Расидани ин хабар, дар як вақт бо ба сӯйи Ҳисор, аз тарафи амир фиристодани дастаи сарбозон бо сарварии Яъқуббек мувофиқ омад. Беки Ҳисор Остонақул қӯшбегӣ баробари ба мулкаш омада расидани он сарбозон, ба онҳо қӯшунҳои худро низ ҳамроҳ намуд ва сарварии умумиро ба уҳдаи худ гирифта, барои пахш намудани шӯриш ба сӯйи Балҷувон мешитобад. Восеъ аз омадани қувваҳои зиёди амирӣ хабардор шуда, Пули Сангини – дарёи Вахшро, ки ягона гузаргоҳ ба сӯйи Балҷувон буд, вайрон мекунад, вале Остонақул таъхир накарда, барои аз дарёи Вахш гузаштан, мардуми деҳаи Норак ва атрофи онро сафарбар намуда, бо дасти онҳо маҷбуран гузаргоҳе месозад.

Қӯшунҳои Остонақул баробари аз дарёи Вахш гузаштан, ба муқобилати сахти шӯришгарон дучор мешаванд. Он лаҳза дастаҳои ҷудогонаи шӯришгаронро дӯстони содиқи Восеъ–Назир, Карим, Наим, Нозим, Муҳаммадӣ, Муродалӣ, Раҳимбой, Саидалӣ ва Давлат сарварӣ мекарданд. Вале сифатан акнун бартарӣ ба фоидаи Остонақул буд, зеро дар Кангурт ба онҳо дастаҳои парокандаи беки Балҷувон низ ҳамроҳ шуда будаанд. Дар Тутқавул ва Кангурт дар байни шӯришгарон ва қӯшунҳои

Остонақул ҷангҳои шадиде ба амал омаданд. Вале ин ҳар ду муҳориба ҳам ба фоидаи Остонақул ва мағлубияти шӯришгарон анҷом ёфт.

**Шикасти шӯриш.** Восеъ баъди шикастхӯриҳои Тутқавул ва Кангурт аз муҳорибаи нав даст кашида, бо дастаи камшумори боқимондааш ба сӯйи деҳаи Сарипул (шимолу шарқии Ховаlinг) қафо гашт. Вале қисмҳои қӯшунҳои Остонақул то ба ин ҷо ҳам омада расида, ба шӯришгарон зарбаи охиринро расониданд, ки ин воқеа тахминан охири моҳи июли соли 1888 ба вуқӯъ омада буд. Восеъ баъди ин шикастхӯрӣ ба деҳаи Гулдара, ба назди Юнус ном ҳаммаслакаш мегурезад. Юнус Восеъро дар камари обшара пинҳон менамояд. Вақте Давлат қаравулбегӣ аз ҷойи Восеъ огоҳ мегардад, Юнус дӯсташро аз ин хабардор мекунад ва Восеъ дар Девлох ном кӯҳ паноҳ меёбад. Баъди ин воқеа амалдорони ҳоким худи Юнусро дастгир намуда, ба сараш равғани доғро рехта куштанд. Писари Юнусро бошад, бо шамшер пора карданд.

Ниҳоят Маҳмадалӣ ном хоин (собиқ иштирокчии шӯриш, ки аз тарафи сарбозони ҳоким ҳабс карда шуда буд ва гӯё аз ҳабс гурехта, ба Восеъ ҳамроҳ шудааст) ба Восеъ маслиҳаташ медиҳад, ки аз кӯҳҳои Девлох ба Буздара ном чарогоҳ раванду аз он ҷо ҳамаашон (онҳо 12 нафар будаанд) асп гирифта, ба Афғонистон гурезанд. Вале дар Буздара Восеъ ва ҳаммаслаконашро сарбозони ҳоким интизор буданд. Дар ин ҷанги нобаробар (тахминан охири августи соли 1888) Восеъ асир меафтад. Ӯро аз он ҷо аввал ба Балҷувон, баъд ба Ҳисор оварданд ва аз он ҷо беки Ҳисор Остонақул қӯшбегӣ вайро бо шаш нафар ҳамсафонаш ба Шаҳрисабз, ба ҳузури амир Абдулаҳадхон, ки ҳанӯз ҳам истироҳаташро дар ин ҷо давом медод, мефиристад. Бо ҳукми амир Восеъро дар тоқи нимвайронаи Оқсарои Шаҳрисабз ба дор кашиданд.

Баъди саркӯб намудани шӯриш 120 нафар иштирокчии он ҳабс ва 46 нафари онҳо қатл гардиданд. Минбаъд ҳам таъқибкунии иштирокчиёни ин шӯриш панҷ сол давом мекунад.

Дар шӯриш асосан деҳқонон иштирок кардаанд. Инчунин, нисбати ин шӯриш баъзе сарватмандон ва диндорон низ хайрхоҳ буданд. Чунончи, ҳангоми ҳабси Восеъ Эшони Халифа писарони Восеъ – Ҳасан ва Давлатро дар хонаи худ пинҳон намудааст. Ё худ ҳангоми ба Шаҳрисабз фиристодани Восеъ, ҳамроҳи ӯ, чун гунаҳкорони ашаддии ин воқеа, аз ҷумлаи мансабдорони маҳал-

лӣ, ба монанди Абдулҳаққхоҷаи Соҳибзода, Муллобойи тӯқсабо, Қурбон қаравулбегӣ, Хӯҷамурод мирохӯр ва дигарон низ буданд.

**Сабабҳои шикастхӯрӣ.** Сababи асосии шикастхӯрии шӯриши Восеъ, чун дигар шӯришҳои деҳқонӣ, ин пеш аз ҳама, ба он ҷалб нагардидани деҳқонони дигар деҳаю бекигариҳо, камтаҷрибагии сарварони шӯриш, мавҷуд набудани нақшаи амалиёт, нокифоягии аслиҳаи ҷангӣ ва ғайра буданд. Аҳаммияти шӯриши Восеъ дар он аст, ки баъди пахш намудани шӯриш ҳукуматдорони амирӣ маҷбур шуданд, ки миқдори ситонидани баъзе навъҳои андозҳоро кам намоянд (масалан, аз наску нахӯд) ва баъзеашро (ба монанди «сабзапулӣ», ки аввали баҳор аз ҳар оила 4 тангагӣ рӯёнида мешуд) аз байн бардоранд. Рафти ин шӯриш, қаҳрамониҳои Восеъ ва мардуми ин диёр дар романи Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода – «Восеъ» ба тарзи образнок нишон дода шудааст.

**Сарчашма**

Аз маълумоти бойгонӣ ошкор мегардад, ки амалиёти ҷангии байни шӯришгарон ва сарбозони бек дар даҳрӯзаи аввали моҳи июли соли 1888 оғоз ёфта, то миёнаи ҳамон моҳ ба авҷи баланди худ расидааст. Тахмин меравад, ки дафъаи аввали аз тарафи шӯришгарон ишғол намудани қалъаи беки Балҷувон ба 12–13 июл рост меояд. Ба ин хабари ба намояндаи расмии Русия дар Бухоро расида шаҳодат медиҳад. Аз ҷумла, дар хабари 18 июли соли 1888 аз Бухоро (аз маълумоти сардори Агентии сиёсии Русия дар Бухоро Н. Чариков) ба сардори Департаменти Осиёии ВКХ Русия Н.О. Резенбах расида, омадааст, ки «Акрамбеки ба Балҷувон фаристодашуда акнун дар ҳузури тӯраҷони Бойсун (яъне беки Бойсун – Н.Ҳ.) мебошад, дигар ба тарафи Балҷувон намеравад, мегӯянд, ки дар он ҷо аҳолӣ ба ҷунбиш даромадааст».

Санади дигар, ки дар он 9 июли соли 1888 омадааст, ин вазъи ноороmро боз возеҳтар нишон медиҳад. Аз ҷумла, дар он доир дар бораи аз тарафи амир бо сардории Акрамбек саркарда ба Балҷувон фиристодани ҳазор сарбозу дувоздаҳ амалдор ва артиллерия сухан меравад.

АВПРИ – Ф. СПб, Главный архив -1-9. Оп. 111. -Д. 10. -Лл. 329-330, 313. (Аз кит.: Пирумшоев Ҳ. Табли озодӣ дар аҳди бедорӣ. -Душанбе, 2018. _С. 239-240).

**Санаҳои муҳим:**

-1870 – Восеъ дар ҷанги муқобили лашкари амири Бухоро – Музаффархон ширкат варзидааст.

-1888 – шӯриши Восеъ

**Саволҳо ва супоришҳо:**

1) Шӯриши Восеъ кай ва дар куҷо сар шуда, кадом маҳал ва ноҳияҳоро фаро гирифтааст? 2) Дар бораи сабаб ва баҳонаи шӯриши Восеъ чӣ медонед? 3) Ҳамсафони Восеъ киҳо буданд? 4) Дар бораи шахсияти Восеъ ва рафти шӯриши ӯ нақл кунед. 5) Дар бораи сабабҳои шикаст ва аҳаммияти шӯриши Восеъ чӣ медонед? 6) Дар бораи шӯриши Восеъ кадом нависандаи тоҷик романи таърихӣ навиштааст ва он чӣ ном дорад? 7) §§ 9, 10, 16, 17 ва 23-ро такрор кунед.

**Хонандагон бояд:** сабабҳо, баҳона, оғоз ва рафти шӯриши Восеъро дуруст шарҳ дода тавонанд.

## § 26. МУБОРИЗАҲОИ ЗИДДИ МУСТАМЛИКАВӢ ДАР КИШВАРИ ТУРКИСТОН

**Сабаби шӯришҳо.** Дар ҳудуди кишвари Туркистон худсарию бедодгариҳои амалдорони маҳаллии ҳукумати подшоҳӣ ҳадду канор надошт. Бераҳмии онҳо ҳангоми ҷамъоварии андоз, махсусан, ҳангоми ба фоидаи муҳоҷирони рус кашида гирифтани ҳиссае аз заминҳои мардуми таҳҷойӣ зоҳир мегардид. Дар натиҷаи пайдарпай афзудани маҳаллаҳои руснишин заминҳои корам ва чарогоҳҳои мардуми маҳаллӣ маҳдуд мешуд. Фасли тобистон дар баъзе ноҳияҳои кишвар норасоии об барои корҳои обёрӣ эҳсос карда мешуд. Ҳангоми дар чунин ноҳия мавҷуд будани маҳаллаҳои руснишин аксари масъалаҳо, аз ҷумла об, ба фоидаи русҳо ҳал мегардид.

Ғайр аз бедодгарию маҳдудиятҳои иқтисодӣ, аз тарафи амалдорони маҳаллии ҳукумати подшоҳӣ на ҳама вақт дин ва урфу анъанаҳои мардуми маҳаллӣ ба эътибор гирифта мешуд. Дар идоракунии кишвар (ғайр аз идоракунии маҳаллӣ) аз байн бардоштани нуфузи сарварони дини ислом, дар қаламрави кишвар маҳдуд карда шудани мулкҳои вақфӣ ва ғайра рӯҳониёнро

норозӣ ва ниҳоят ба ғазаб меовард. Ҳол он ки пеш аз забтшавӣ, чи ҳукумати хонигарӣ ва чи ҳокимони маҳаллӣ, ягон чорабиниро бе ризоят ва маслиҳати олимақомони дин намегузаронидaнд. Мулкҳои вақфӣ муқаддас ҳисоб карда мешуданд.

Барҳам хӯрдани истиқлоли миллӣ қисми зиёди мардуми кишвар, махсусан, зиёиёни маҳаллиро ором намегузошт. Қисме аз онҳо роҳи ягонаи озодиро дар мубориза медиданд.

Бештари мардуми маҳаллии кишвари Туркистон дар симои ҳукуматдорони маҳаллии подшоҳӣ истисморгарони асосӣ ва таҳқиркунандагони дину урфу одатҳои миллии худро медиданд. Маҳз ҳамин омилҳо дар ҳудуди кишвар барои ба амал омадани шӯришҳои зиддимустамликавӣ, аз ҷумла «Исёни вабо», шӯриши соли 1898 дар Андиҷон, шӯриши осиёимиёнагии соли 1916 ва ғайра боис гардидаанд.

**«Исёни вабо».** Моҳи июни соли 1892 дар шаҳри Тошканд ҳаракати халқӣ сар зад, ки он дар таърих бо номи «Исёни вабо» маълум аст. Барои пешгирии бемории вабо аз тарафи ҳукумати кишвари Туркистон баъзе тадбирҳо андешида шуд, ки ин боиси ба вуҷуд омадани исён дар Тошканд гардид. Бемории вабо аввалин бор моҳи март дар шаҳрҳои Кобул ва Ҳироти Афғонистон пайдо шуда, нишонаҳои онро 1-уми июн дар уезди Ҷиззахи вилояти Самарқанд ва 7-уми июн дар Тошканд ба мушоҳида гирифтаанд, вале барои табобати беморон табибон ва дорувор намерасид. Бинобар ин, мувофиқи баъзе маълумот, шумораи умумии аз ин беморӣ фавтидагон танҳо дар кишвари Туркистон қариб ду ҳазор нафарро ташкил медод.

Сарварони шаҳри Тошканд бо маслиҳати мутахассисон барои пешгирии ин бемории хавфноки гузаранда бо қарори худ барои гӯронидани мурдаҳои аз беморӣ фавтида танҳо як қабристонро муайян намуда, 12 қабристони дигари шаҳрро бастанд. Дар қабристони муайяншуда ҳам мурдаро танҳо баъди иҷозати хӯҷаинҳои шаҳр мегӯрониданд. Аз сабаби зиёд гардидани фавтидагон муҳлати иҷозат барои дафн тақрибан 3–4 рӯз давом мекард. Дар ин муддат мурда бояд нигоҳ дошта мешуд. Агар авлоди мурда ин қоидаи навро ба эътибор нагирифта, мурдаи аз бемории вабо фавтида (баъзан аз ин беморӣ набошад ҳам)-ро худсарона дар дигар қабристон ба хок супоранд, ҳукуматдорони шаҳр онҳоро маҷбур мекарданд, ки мурдаро аз қабристони аввала бароварда, ба қабристони муайяншуда оварда гӯронанд.

Инчунин, дар муддати тадбири мубориза бо вабо аз шаҳр баромадан ва ба шаҳр даромадан маҳдуд карда шуда буд. Чунин ҳолат на танҳо тоҷирон, балки чоряккорон, мардикорон ва дигар мардуми гуногунпешаро низ норозӣ мекард.

Баҳона ба оғози исён – бе иҷозат ба қабристони хостаашон гӯронидани мурда гардид. Шаҳрдорон аз ин воқеа воқиф гардида, наздикони он мурдаро аз байни бозор гузаронида, ба идораи маъмурияти шаҳрӣ бурданӣ шуданд. Мутасаддиён дар роҳ онҳоро таҳдид намуда гуфтаанд, ки «мурдаро аз он қабристон гирифта, дар қабристони муайяншуда гӯронед». Мардуми бозор ва кӯчаҳои шаҳр аз асли воқеа воқиф гардида, ба ҳимояи наздикони он майит баромаданд. Дар натиҷа ин воқеа ба исён табдил ёфт. Ҳукуматдорон ба муқобили исёнгарон қувваи зиёди низомӣ равон карданд. Дар баъзе маҳаллаҳои шаҳр задухӯрди байни қувваҳои низомӣ ва исёнгарон ба амал омад. Аз иштирокчиёни шӯриш панҷ нафар ҳалок гардида, бисёриҳо ҳангоми гурехтан дар ҷӯйи Анҳор ғарқ шуданд. Мувофиқи баъзе маълумот, баъди хомӯш карда шудани исён аз он канал 80 ҷасад баровarданд. Аз фаъолони исён 60 нафар ба ҳабс гирифта шуд.

Ҳамин тавр, яке аз шӯришҳои калонтарин, ки маҳз дар натиҷаи ба эътибор гирифта нашудани урфу одатҳои миллӣ аз тарафи мустамликадорон ба вуқӯъ омадааст, хомӯш карда шуд. Ин шӯриш аз рӯйи хусусият зиддимустамликавӣ ва миллию озодихоҳӣ мебошад.

**Шӯриши соли 1898 дар Андиҷон.** Соли 1898 дар водии Фарғона шӯрише ба амал омад, ки дар таърих бо номҳои «Шӯриши Андиҷон», «Шӯриши Эшони Дукчӣ» ва «Шӯриши Мадалӣ-эшон» маълум аст. Сарвари шӯриш Мадалӣ-эшон ба ҳисоб меравад. Падари ӯро Собир дукчӣ мегуфтанд, бинобар ин ба Мадалӣ-эшон боз лақаби «дукчӣ»-ро ҳамроҳ кардаанд. Собир-дукчӣ устои камбағали деҳаи Чимиёни уезди Марғелон буд. Мадалӣ-эшон на танҳо эшони машҳури водӣ, балки заминдори калон ҳам ба ҳисоб мерафт. Ӯ воқеан, маълумоти хуби динӣ дошта, зиёрати Макка ҳам карда буд.


*Муҳаммадалӣ (Мадалӣ-эшон, Эшони Дукчӣ, Дукчӣ-эшон). Сарвари шӯришгарони Андиҷон дар соли 1898*

Вай танҳо дар уезди Марғелон 447 таноб замин, ду осиёб, чор ҷувози равғанкашӣ ва заводи хишт дар ихтиёр дошт. Мадалӣ-эшон муридон – пайравони зиёде дошт. Рӯзе дар Марғелони Нав полисмейстери азхудрафтаи рус ӯро дар ҳузури мардум, аз ҷумла муридонаш, маҷбур  кард, ки аз хар фуромада, пиёда аз шаҳр гузарад. Мадалӣ-эшон ин  воқеаро барои худ таҳқир ҳисобид. Баъди ин ӯ нисбат ба амалдорони ҳукумати подшоҳӣ нафрати зиёд пайдо карда, муридонашро ҳам дар рӯҳияи бадбинӣ тарбия мекард. Ӯ ва муридонаш барои ба мубориза зидди амалдорони подшоҳӣ бархезонидани мардум лаҳзаи муносиберо мунтазир буданд. Соли 1898 чунин лаҳза  муҳайё гардид. Мадалӣ-эшон ва муридони ӯ аз ҳамин вазъияти мусоид истифода карданӣ шуданд.



*Иштирокчиёни шӯриши соли 1898 дарАндиҷон, ки занҷирбанд гардидаанд*

Дар аввал дар атрофи Мадалӣ-эшон тақрибан 200 нафар саворагон аз деҳаи Тоҷики уезди Мингтеппа ҷамъ шуданд. Баъд ба онҳо мардуми худи Мингтеппа, ки деҳаи сераҳолӣ буд, ҳамроҳ гардиданд. Дар санаи 17-уми майи соли 1898 Мадалӣ-эшон ба тарафи Андиҷон, ки маркази уезд буд, ҳаракат кард. Шумораи шӯришгарон ба 2 ҳазор нафар расид, ки аз онҳо тахминан ҳазор нафарашон саворагон буданд. Онҳо 18-уми март ба гарнизони қӯшунҳои рус якбора ҳуҷум карданд. Дар натиҷа, дар байни аскарони рус ва шӯришгарон задухӯрди сахт ба амал омад. Аз аскарони рус 22  нафар ҳалок шуда, 24 нафар захмӣ гардиданд. Бо ташаббуси  ҳукуматдорони кишвар ва вилоят ба Андиҷон

қувваҳои нав фиристода шуд. Баробари расидани қувваҳо, бегоҳии ҳамон рӯз шӯриш дар Андиҷон хомӯш гардид. Мадалӣ-шон гурехта бошад ҳам, худи ҳамон рӯз дастгир шуд.

Шӯриши соли 1898 на танҳо Андиҷон, балки Намангон, Марғелон, Ӯш, умуман, қариб тамоми водии Фарғонаро фаро гирифта буд. Дар шӯриш баробари ӯзбекҳою тоҷикон, қирғизҳо, низ иштирок карданд. Шӯриш аз рӯйи хусусияташ миллию озодихоҳӣ ба ҳисоб меравад, зеро он, пеш аз ҳама, ба муқобили сиёсати мустамликадоронаи ҳукумати подшоҳӣ нигаронида шуда буд.

**Сарчашма:**

Бобоҷон Ғафуров дар бораи ҳуҷуми дастаҳои Эшони Дукчӣ ё худ Дукчӣ-эшон ба гарнизони руси воқеъ дар шаҳри Андиҷон навиштааст: «18-уми майи соли 1898 (бо тақвими куҳна) халифа Мадалӣ ном пешвои тасаввуф, ки бо номи Дукчӣ-эшон низ машҳур буд, бо як даста пайравонаш иборат аз 1500 нафар, дар шаҳри Андиҷон ба гарнизони русҳо ҳамла кард. Балвогарон соати 3-и шаб, овозу садое набароварда, тамоми аскаронро дар ғафлат мононда, ҳуҷум кардanду зуд як баракро печонида гирифтанд. Дар ин байн дар дигар баракҳо солдатҳо бедор шуда, берун ҷастанд ва ҳамлаваронро дур партофтанд...

Худи ҳамон рӯз муайян шуд, ки пайравони Дукчӣ-эшон шаҳрҳои Ӯш, Марғелон ва баъзе дигар ҷойҳоро гирифта будаанд...» (Ниг.: Ғафуров Б. Тоҷикон. Китоби 2. С.209).

**Санаҳои муҳим:**

– 1892, июн – «Исёни вабо» дар Тошканд.
– 1898 – шӯриш дар Андиҷон.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Сабабҳои дар кишвари Туркистон ба амал омадани шӯришҳои зиддимустамликавӣ кадомҳоянд? 2) Чаро исёнеро, ки моҳи июни соли 1892 дар шаҳри Тошканд ба амал омадааст, «Исёни вабо» мегӯянд? 3) Баҳонаи саршавии «Исёни вабо» чӣ буд?

4) Чаро шӯриши соли 1898 дар Андиҷон номҳои «Шӯриши Эшони Дукчӣ» ё «Шӯриши Мадалӣ-эшон»-ро гирифтааст? 5) Худи Мадалӣ-эшон кӣ буд? 6) Рафти «Исёни вабо» ва шӯриши

соли 1898 дар Андиҷонро нақл кунед. 7) «Исёни вабо» ва шӯриши соли 1898 дар Андиҷон аз рӯйи хусусият чӣ гуна шӯришҳо буданд? 8) § 16-ро такрор кунед; 9) Расми иштирокчиёни шӯриш ва маводи сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** сабабу оқибатҳои муборизаҳои зидди мустамликавиро дар кишвари Туркистон дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §27. ИНҚИЛОБИ ЯКУМИ РУС ВА ТАЪСИРИ ОН БА ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Инқилоби якуми рус.** Ибтидои асри XX барои Русия давраи нооромиҳо буд. Буҳрони иқтисодии солҳои 1900–1903, махсусан хушксолии 1901, ҷанги Русу Ҷопон (солҳои 1904–1905) сабаби хароб гардидани иқтисоди мамлакат ва боз ҳам вазнинтар шудани аҳволи мардум шуд. Овозаҳои дар амалиёти ҷангии муқобили қӯшунҳои япон шикаст хӯрдани лашкари рус боиси боз ҳам коста шудани обрӯю эътибори ҳукумати подшоҳӣ гардид.

Соли 1898 Ҳизби Сотсиал-Демократии Коргарии Русия (РСДРП) ташкил шуд, ки он сарнагун намудани тартиботи подшоҳиро мехост. Ин ҳизб дар Анҷумани дуюми худ (соли 1903) ба ду гурӯҳ: болшевикон (бо сарварии В.И.Ленин) ва меншевикон тақсим шуд, ки онҳо минбаъд ба ҳизбҳои алоҳида табдил ёфтанд.

Бо вуҷуди ихтилоф, ин ҳизбҳо дар масъалаи сарнагун намудани ҳукумати подшоҳӣ асосан ҳамфикр буданд. Ташкилотҳои ин ҳизбҳо дар тамоми гӯшаю канори империяи Русия, аз ҷумла дар кишвари Туркистон, амал мекарданд.

Инқилоби якуми рус 9-уми январи соли 1905 дар шаҳри Петербург бо Якшанбеи хунин (яъне дар он рӯзи якшанбе аз тарафи аскарони ҳукумати подшоҳӣ тирборон шудани намоиши осоишта) оғоз ёфта, ба зудӣ қариб тамоми сарзамини империяи Русия, аз ҷумла Осиёи Марказиро низ фаро гирифт.

Дар кишвари Туркистон маркази асосии ҳар гуна ошӯб ва гирдиҳамоиҳои эътирозӣ шаҳри Тошканд ба ҳисоб мерафт. Дар вилоятҳои Фарғона ва Самарқанд дар ҳаракатҳои инқилобӣ деҳқонон низ иштирок намуданд. Масалан, моҳҳои октябр–ноябри соли 1905 деҳқонони уезди Хуҷанд на танҳо аз додани андоз ба

хазинаи подшоҳӣ саркашӣ карданд, балки замини сарватмандон ва давлатиро дар байни худ тақсим намуданд.

Моҳи марти соли 1906 деҳқонони деҳаи Чоркӯҳи волости Исфара ёвари сардори уезди Хӯқандро ҳабс карда, заминҳои амалдоронро соҳиб шуданд. Ҳодисаҳои бо зӯрӣ соҳиб шудан ба замини дороён аз тарафи деҳқонони камзамин ва безамин дар мулкҳои болооби Зарафшон ҳам рӯй медоданд.

**Тадбирҳои ҳукумати подшоҳӣ.** Барои аз ҳаракати инқилобӣ дур намудани оммаи халқ, ҳукумати подшоҳӣ тадбирҳои гуногун меандешид. Ҳукумати подшоҳӣ, масалан, 6-уми августи соли 1905 дар бораи даъват намудани Думаи машваратии давлатӣ (Думаи булигинӣ) манифест баровард. Дар санаи 17-уми октябр Манифест озодиҳои шаҳрвандонро эълон кард. Бо ин ҳукумати подшоҳӣ буржуазияи Русияро ба тарафи худ кашид. Дар натиҷа, дар Русия ҳизбҳои сиёсии буржуазии октябристҳо ва кадетҳо ба вуҷуд омаданд.

Аввали моҳи майи соли 1906 қоидаҳои интихоботи вакилон аз кишвари Туркистон, ки аз тарафи подшоҳи рус тасдиқ гардида буд, ба Думаи давлатӣ пешниҳод карда шуд. Мувофиқи он, барои муҳофизати манфиати русҳо ва русзабонҳо аз панҷ вилояти кишвар якнафарӣ, аз ҳисоби шаҳри Тошканд ва казакҳои вилояти Ҳафтрӯд якнафарӣ, яъне ҷамъ ҳафт нафар намояндагони рус вакил интихоб мегардиданд. Дар ҳоле, ки аз ҳисоби мардуми маҳаллӣ аз тамоми вилоятҳои кишвар якнафарӣ ва аз шаҳри Тошканд низ як нафар, яъне ҷамъ шаш нафар намоянда интихоб мегардид. Мувофиқи ин тартибот, агар ба ҳисоби миёна аз 46 ҳазор нафар русҳо ва русзабонҳо як нафар намоянда интихоб кунанд, пас, аз 896 ҳазор мардуми маҳаллӣ як нафар вакил интихоб мекарданд. Дар асоси ин қоида, вакилони интихобшуда аз мардуми маҳаллии кишвари Туркистон дар Думаи давлатӣ шахсони зерин буданд: 1) муллои тошкандӣ Абдурауфқорӣ Абдувоҳидқориев, 2) тоҷири самарқандӣ Тошпӯлод Абдухолиқов, 3) тоҷири фарғонагӣ Муҳаммадҷонов, 4) чорводори калони сирдарёӣ Т.Оллоберганов, 5) муҳандиси ҳафтрӯдӣ Муҳаммадҷон Танишбоев, 6) аз вилояти Моварои Хазар полковник Махдумқулӣ. Аз ҳисоби русу русзабонҳои шаҳри Тошканд олими шарқшинос В.П. Наливкин вакил интихоб шуд.

Дар Русия ҳанӯз мавҷҳои инқилоб идома дошт. Ҳукумати подшоҳӣ бо мақсади мустаҳкам намудани мавқеи худ 9-уми июли

соли 1906 Думаи булигиниро пароканда намуда, ибтидои соли 1907 интихоботи Думаи дуюми давлатиро гузаронид, вале ин Дума нисбат ба Думаи якум боз ҳам чаптар буд

**Пурзӯршавии таъқибот.** Ҳукумати подшоҳӣ аз паст шудани мавҷи инқилоб истифода карда, 3-юми июни соли 1907 Думаи дуюми давлатиро, ки дар таърих «Табаддулоти 3-юми июн» ном гирифтааст ва маънои ба итмом расидани Инқилоби якуми русро дорад, пароканда намуд. Яъне инқилоб шикаст хӯрд ва ҳукумати подшоҳӣ бо мақсади мустаҳкам кардани мавқеаш таъқиби мухолифонашро шиддат дод. Масалан, моҳи ноябри соли 1907 Шуъбаи мудофиавии ноҳияи Туркистон ташкил карда шуд, ки онро худи русзабонҳо «Охранка» ва мардуми маҳаллӣ «Идораи сиёсӣ» мегуфтанд. Дар асл он политсияи махфӣ буд, ки намояндагонаш на танҳо дар кишвари Туркистон, балки дар қаламрави аморати Бухоро ва хонигарии Хева ҳам амал мекарданд, вале ин ҳама пеши роҳи афзудани ҳаракати зиддимустамликавиро гирифта натавонист.

Инқилоби якуми рус, махсусан, барои бедории сиёсии зиёиёни миллии Осиёи Марказӣ, таъсири ҷиддӣ расонид. Дар кишвари Туркистон, ки қисми таркибии империяи Русия ба шумор мерафт, рӯзномаҳои гуногун ба майдон омаданд. Ин инқилоб ҷараёни ташаккули ҳаракати ҷадидии Осиёи Марказиро тезонид. Инқилоби мазкур, ки ба муқобили ҳукумати подшоҳӣ нигаронида шуда буд, ба афзудани ҳаракати зиддимустамликавии мардуми Осиёи Марказӣ такони ҷиддӣ дод.

**Сарчашма:**

Академик Бобоҷон Ғафуров дар бораи эътирози мардуми кишвари Туркистон нисбати «Якшанбеи хунин» чунин навиштааст: «Якшанбеи хунин»-и 9-уми январи соли 1905 ва ваҳшиёна тирборон шудани намоишгарони бесилоҳ тамоми мамлакатро аз қаҳру ғазаб ба даҳшат оварду боиси нафрату адовати аҳли кишвари Туркистон ҳам гардид. Бо ташаббуси болшевикон дар рӯзи «Иди Татяна», яъне 12-уми январи соли 1905, ки дар ин рӯз 150-солагии Университети Москва ҷашн гирифта мешуд, дар чандин шаҳрҳои генерал-губернаторӣ: – дар Тошканд, Самарқанд, Қизиларбат митингу намоишҳо шуда, иштирокчиёни онҳо дар ҷавоби ваҳшонияти навкарони бенӯхтаи подшоҳ, ки дар Петербург содир намуданд, қаҳру

ғазаб ва нафрату кинаи худро изҳор доштанд». (Ниг:. Ғафуров Б.Ғ.Тоҷикон. Китоби 2. - С. 237).

Садриддин Айнӣ дар бораи Инқилоби якуми рус ва таъсири он ба Бухоро навиштааст: «Револютсияи соли 1905-и Русия ба Бухоро таъсири калон бахшид, ҳаракати прогрессивӣ, ки пештар дар доираҳои танги ҷудогона буд, хеле вусъат ёфт. Газетаҳои русӣ ҳар гапро озодона менавиштагӣ шуданд, аз тарафи турку тоторҳои Русия, ки пештар ғайр аз «Тарҷумон» газетае надоштанд, газетаҳо ва журналҳои гуногун баромадан гирифт». (Ниг.: Айнӣ С. Мухта- сари тарҷумаи ҳоли худам. Куллиёт. Ҷилди 1.-Сталинобод, 1958. С.58-59).

**Санаҳои муҳим:**

1898 – бунёди Ҳизби Сотсиал-Демократии Коргарии Русия (РСДРП)

1903 – Анҷумани дуюми Ҳизби Сотсиал-Демократҳои Русия ва ба ду гурӯҳ: болшевикон ва меншевикон тақсим шудани он.

1904 – 1905 – ҷанги Русу Ҷопон.

1905, 9-уми январ – «Якшанбеи хунин», саршавии Инқилоби якуми буржуазию демократии Русия ё худ Инқилоби якуми рус.

1905, 6-уми август – Манифести ҳукумати подшоҳии Русия дар бораи даъват карда шудани Думаи машваратии давлатӣ (Думаи булигинӣ)

1905,17-уми октябр – Манифести ҳукумати подшоҳӣ, ки озодиҳои шаҳрвандонро эълон мекард.

1905 – 1906 – хуруҷҳои деҳқонон дар кишвари Туркистон.

1904, май – ба Думаи давлатии Русия ворид шудани қоидаҳои аз тарафи подшоҳ тасдиқшудаи интихоботи вакилон аз кишвари Туркистон.

1906, 9-уми июл – пароканда карда шудани Думаи булигинӣ.

1907, ибтидои сол – интихоботи Думаи дуюми давлатӣ.

1907, 3-юми июн – пароканда карда шудани Думаи дуюми давлатӣ ва шикасти Инқилоб. Ин рӯз бо номи «Табадуллоти 3-юми июн» маълум аст.

1907, ноябр – ташкил шудани Шуъбаи мудофиавии ноҳияи Туркистон («Охранка» ё худ «Идораи сиёсӣ»).

**Савол ва супоришҳо:**

1) Инқилоби якуми рус кай ва бо кадом воқеа оғоз ёфт?

2) Дар натиҷаи таъсири ин инқилоб дар кадом маҳал ё худ ноҳияҳои кишвари Туркистон ҳаракатҳои деҳқонӣ ба вуҷуд омаданд? 3) Ҳукумати подшоҳӣ барои пароканда кардани қувваҳои инқилобӣ чӣ тадбирҳо андешид? 4) Манифести 17- уми октябри соли 1905-и ҳукумати подшоҳӣ чиро эълон кард? 5) Дар бораи Думаҳои якум ва дуюми давлатии Русия чӣ медонед? 6) Дар кишвари Туркистон ба Думаи давлатии Русия аз ҷумлаи русу русзабонҳо ва мардуми маҳаллӣ бо кадом тарз интихоб шудани вакилонро фаҳмонед. 7) Шуъбаи мудофиавии ноҳияи Туркистон кай ва бо кадом мақсад ташкил карда шуд? 8) § 24-25-ро такрор кунед; 9) Маводи сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** Инқилоби якуми рус ва таъсири онро барои Осиёи Марказӣ дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §28. ФОҶИАИ СУННИМАЗҲАБОН ВА ШИАМАЗҲАБОН ДАР БУХОРО

Моҳи январи соли 1910 дар шаҳри Бухорои Куҳна – маркази аморати Бухоро, дар байни суннимазҳабон ва шиамазҳабон панҷ шабонарӯз, яъне аз 22-юм то 26-уми январ хунрезии даҳшатноке ба амал омад.

Маълум аст, ки аксари мардуми аморати Бухоро (тоҷикҳо, ӯзбекҳо, туркманҳо ва дигарон) пайрави мазҳаби суннӣ мебошанд. Эътиқодмандони равияи шиаро[1] асосан эрониёне, ки дар шаҳри Бухорои Куҳна ва деҳаҳои атрофи он мезистанд, ташкил мекарданд.

Маҳз ҳамин фарқи мазҳабӣ ду халқи асосии эронинажод – тоҷикон ва эрониёнро аз ҳам ҷудо намудааст. Байни сунниҳо ва шиамазҳабон ихтилофот пештар низ вуҷуд дошта бошанд ҳам, дар даҳсолаҳои охир намояндагони ин ду мазҳаб бародарвор зиндагӣ мекарданд.

1 **Мазҳаби шиа** – як равияи дини ислом, ки дар заминаи зиддиятҳои сиёсию иқтисодӣ байни халифаҳо ва авлоди пайғамбари ислом Муҳаммад баъд аз вафоташ пайдо шудааст. Байни шиаҳо ва сунниҳо дар масъалаҳои идоракунии давлат, муносибат ба Қуръон, ҳадисҳо ва усули ибодат зиддиятҳо вуҷуд дорад. Шиаҳо тарафдори Алӣ (Ҳайдар) буда, халифаҳои дигар – Абубакр, Умар ва Усмонро эътироф намекунанд.

Барои ба амал омадани хунрезии январи соли 1910 дар Бухоро сиёсати пешгирифтаи амирони манғит ва хусумати мансабталошони ин ду мазҳаб сабаби асосӣ гардиданд. Ин воқеа чунин рӯй дода буд: Амирони манғит дар шароити аморати Бухоро ба худ такягоҳи боэътимоде надоштанд. Худи қабилаи манғит нисбатан камшумор буд. Онҳо на танҳо бо дигар қабилаҳои ӯзбек, балки умуман, бо туркнажодҳо иттифоқи мустаҳкаме надоштанд. Тоҷикон, ки аксари мардуми аморатро ташкил медоданд, ҳеҷ гоҳ сазовори боварии амирони манғит нагардидаанд. Бинобар ин, амирони манғит ба мансаби қӯшбегӣ (ки баъди амир шахси дуюм ба ҳисоб мерафт) наздикони худ, тоҷик ва намояндаи дигар қабилаҳои туркнажодро таъйин намекарданд, зеро онҳо хавф доштанд, ки дар сурати ба мансаби қӯшбегӣ таъйин кардани намояндаи тоҷикон ё худ қавмҳои туркнажод, яъне суннимазҳабҳо, онҳо метавонанд, ки амирро ба осонӣ аз мансаб дур кунанд. Бо ҳамин сабабҳо амир ба мансаби қӯшбегӣ маҳз намояндаи шиамазҳабон – эрониёнро таъйин мекард, чунки эрониён бо сабаби кам будани нуфузи худ дар аморат ҳеҷ гоҳ талоши мансаби амириро намекарданд ва ба амирони манғит содиқона хизмат менамуданд. Агар амирони манғит қӯшбегии аз ҳисоби шиамазҳабон таъйинкардаашонро аз вазифа озод карданӣ шаванд ҳам, ҳеҷ хавфе ба онҳо таҳдид намекард.

Дар замони ҳукмронии амир Абдулаҳад[2] шахси бонуфузтарин баъд аз ӯ Остонақул-қӯшбегӣ, ки аслаш эронист, ба ҳисоб мерафт. Остонақул низ аз мавқеи худ истифода карда, ба дигар мансабҳои калидии ҳукумати амирӣ эрониёнро таъйин мекард. Чунин амалиёти ӯ мансабталошони суннимазҳабро бо сарварии раиси Бухоро Бурҳониддин, ки мехост баъд аз амир бонуфузтарин шахс дар аморат бошад, ба ғазаб овард. Бинобар ин, тарафдорони Бурҳониддин барои аз байн бардоштани Остонақул-қӯшбегӣ мунтазири фурсати мувофиқе буданд.

**Баҳона, оғоз ва оқибатҳои фоҷиа.** Барои саршавии фоҷиа фурсати мусоид ва баҳонае ҳам муҳайё гардид. Санаи 22-юми январи соли 1910, рӯзи шанбе, дар боғе, ки берун аз дарвозаи Самарқандии шаҳри Бухорои Куҳна воқеъ буд, як ҷамоаи эрониёни маҳаллӣ ва мусофирон ҷамъ шуда, мотам ороста, маросими таъзияи Ҳусайн, писари Алӣ, набераи пайғамбар Муҳаммадро

2 Мувофиқи баъзе маълумот, модари амир Абдулахад – Шамшод аслаш эронӣ буда, зани дӯстдоштаи амир Музаффар ба ҳисоб мерафт.

мегузаронианд. Барои озодона гузаронидани маросими Ошӯро эрониёни бухороӣ аз соли 1908, яъне дар замони Остонақулқӯшбегӣ ҳуқуқ пайдо карда буданд.

Одатан, дар рӯзи маросими мотами имом Ҳусайн, эрониён либосҳои сиёҳ бар тан тобути холиро бардошта, «Во Ҳусайн!» – гӯён ба сари синаи худ мекӯфтанд.

Дар маросими 22-юми январ на танҳо қисме аз тоҷикон ва ӯзбекони бухороӣ, балки баъзе толибилмони тошкандӣ ва фарғонагие, ки дар мадрасаҳои Бухоро мехонданд, низ ҳозир буданд. Чунин амалиёти эрониён боиси хандаи яке аз толибилмони фарғонагӣ гардид. Эрониён ин хандаро нисбати мазҳаби худ таҳқир ҳисобида, ба ӯ ҳуҷум карда, маҷрӯҳаш намуданд. Аз ин ҳодиса иртиҷоъпарастони бухороӣ (мансабталошони суннимазҳаб) истифода карда, барои ба муқобили эрониён бархезонидани як қисми толибилмони мадрасаҳо ва мардуми гумроҳи Бухоро муваффақ гардиданд.

Мувофиқи баъзе маълумот, бо даъвати иғвогарон ба тарафдории суннимазҳабон қариб даҳ ҳазор нафар бухороиён ба майдон баромаданд. Онҳо, ки асосан ба сӯйи Арк ҳаракат мекарданд, аз қӯшбегӣ Остонақул на танҳо қатли гунаҳкорони воқеа аз тарафи эрониён, балки дар сарзамини аморати Бухоро тамоман манъ намудани ҳар гуна маросиму чорабиниҳои шиамазҳабонро талаб менамуданд. Аммо дар дохили шаҳри Бухорои Куҳна худи ҳамон рӯзи аввали воқеа, яъне 22-юми январ, кушокушии байни суннимазҳабон ва шиамазҳабон оғоз шуда буд. Ҳар ду тараф нисбат ба якдигар ваҳшонияти зиёде зоҳир намуданд. Мувофиқи маълумоти шоҳидони он рӯзҳои фоҷиа, «дар нуктаҳои шаҳр, ки зиёда кушокушӣ ба амал омадааст, хуни одамӣ чун оби борон аз гузарҳои танг ҳаракат кардааст».

Ҳукумати амирии Бухоро қудрати бо қувваи худ бартараф намудани хунрезии мазҳабии байни бухороиён ва эрониёнро надошт. Бинобар ин, бо илтимоси амир Абдулаҳадхон, ба шаҳр як дастаи аскарони рус бо сарварии генерал Лилиентал дохил шуда, ба хунрезӣ хотима доданд. Ташаббускорони хунрезӣ – олимақомони суннимазҳаб ба истеъфои қӯшбегӣ Остонақул ва ҳаммаслаконаш муваффақ гардиданд. Баъди ин воқеа Мирзо Насрулло, ки суннимазҳаб буд, қӯшбегӣ таъйин шуд.

Ҳамин тавр, рақобати мансабӣ дар Бухоро ба хунрезии калонтарине расонид, ки гунаҳкорони асосии он мансабталошони

ҳар ду мазҳаб – суннӣ ва шиа буданд, вале ин фоҷиа ба мардуми бечораи бухорой ва эронӣ бадбахтиҳои зиёде овард. Онҳо аз ин фоҷиа ягон беҳбудие надиданд, баръакс, ҳамаи қурбоншудагон ва маҷрӯҳон аз ҷумлаи онҳо буданд.

**Сарчашма:**

Садриддин Айнӣ дар бораи сабабҳои ба амал омадани фоҷиаи байни суннимазҳабон ва шиамазҳабони Бухоро навиштааст: «Ҳарчанд дар замонҳои собиқ миёни шиа ва сунниёни Бухоро баъзан кудуратҳо пайдо шуда бошад ҳам, дар солҳои охир ин ду фирқа бародарвор мезистанд. Тоҷир, аснофи ва деҳқони ин ду ҷамоа ба якдигар кину адоват надоштанд. Ҳарчанд уламои ин ду фирқа барои тақвияи нуфузи худ дар байни авом тухми адоват мекоштанд, боз ҳам ин адоват аз байни талабаи нодон ва ҷоҳилаи авом болотар намегузашт, лекин дар байни ҳукком ва маъмурини ду фирқа адоват баркамол буд. Эшон низои мансабӣ ва сиёсии худро ба чашми авом ба либоси мазҳабӣ ҷилва медоданд». (Ниг: Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 10. С.118).

**Санаҳои муҳим:**

1910, 22 – 26-уми январ–фоҷиаи суннимазҳабон ва шиамазҳабон дар Бухоро.

1910 – 26 январ – Остонақули шиамазҳаб аз мансаби қӯшбегӣ озод ва ба ҷойи ӯ Мирзо Насрулло қӯшбегӣ гардид.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани фоҷиа ё худ хунрезии байни суннимазҳабон ва шиамазҳабони Бухоро кадомҳоянд? 2) Қӯшбегӣ дар шароити аморати Бухоро чӣ мавқеъро ишғол мекард? 3) Кадом воқеа барои саршавии ин фоҷиа баҳона гардид? 4) Саршавӣ ва оқибатҳои хунрезиро шарҳ диҳед. 5) Оё мардуми одии суннимазҳаб ва шиамазҳаби Бухоро, ки дар ин фоҷиа талафоти зиёде доданд, манфиате ба даст оварданд? 6) § 17-ро такрор кунед; 7) Маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** сабабу оқибатҳои фоҷиаи суннимазҳабон ва шиамазҳабон дар Бухороро дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §29. ШӮРИШИ МИЛЛИЮ ОЗОДИХОҲИИ СОЛИ 1916

**Оғози ҷанги якуми ҷаҳон.** Санаи 19-уми июл (1-уми август)-и соли 1914 Ҷанги якуми ҷаҳонӣ оғоз ёфт, ки ба он 38 давлати ҷаҳон бо теъдоди 1,5 млрд нафар ё худ аз чор се ҳиссаи аҳли башар кашида шуд. Дар чор соли ҷанг, яъне то соли 1918, дар амалиёти ҷангӣ беш аз 10 млн нафар ҳалок ва зиёда аз 20 млн нафар маҷрӯҳ гардиданд.

Зиддияти байни давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон, ки дар охири асри XIX, махсусан аввали асри XX, хеле боло гирифта буд, ниҳоят ба ҷанги ҷаҳонӣ оварда расонид. Ташаббускорони ин ҷанг ба ду иттифоқи ба ҳам муқобил: Антанта ва Иттифоқи сегона тақсим шуда буданд. Русия, бо якҷоягии Англия ва Фаронса бунёдгузорони Антанта буданд.

Русияи подшоҳӣ, ки яке аз иштирокчиёни фаъоли Ҷанги якуми ҷаҳонӣ буд, зиёда аз 2 млн нафар аҳолии худро талаф дод. Мамлакат аз ҷиҳати иқтисодӣ боз ҳам хароб тар, аз ҷиҳати молиявӣ тобеи мамлакатҳои Ғарб шуд. Барои пӯшонидани хароҷоти ҷанг миқдор ва навъҳои андозро зиёд карданд. Дар натиҷа, мардуми Русия, ки аз ҷанг дилгир шуда буданд, ба муқобили сиёсати ҳукумати худ шӯриш мебардоштанд. Яке аз бузургтарини ин шӯришҳо соли 1916 дар Осиёи Марказӣ ба амал омад.

**Сабабҳои шӯриш.** Чунон ки дар §25 зикр кардем, худсарию бедодгарии ҳукуматдорони подшоҳӣ, таҳқири дин ва урфу одатҳои мардуми маҳаллӣ, ба фоидаи муҳоҷирони рус кашида гирифтани замини мардуми маҳаллӣ, бештар ба фоидаи муҳоҷирони рус ҳал карда шудани ҷанҷоли об, душвориҳои зиндагӣ, махсусан, зиёд будани андозҳо ва бераҳмиҳо ҳангоми рӯёнидани андоз ғазаби мардумро нисбат ба сиёсати ҳукумати подшоҳӣ зиёд карда буд. Чунин вазъият сабаби шӯришҳои зиёди зиддимустамликавӣ гардидааст. Ҳамин гуна вазъият минбаъд ҳам идома дошт ва барои шӯриши навбатӣ ҳам сабабҳои асосӣ гардид. Бо оғози Ҷанги якуми ҷаҳон худсарию тороҷгарии амалдорони ҳукумати подшоҳӣ нисбат ба пештара боз ҳам зиёдтар шуд. Шӯриш, ки дар шаҳри Хуҷанд оғоз гардид, ба зудӣ тамоми ҳудуди кишвари Туркистон ва Қазоқистонро фаро гирифт.

**Баҳонаи шӯриш.** Ҳукумати подшоҳии Русия ба садоқати мардуми Осиёи Марказӣ нисбати худ бовар надошт. Аз ин рӯ, дар солҳои ҷанг ҳам аз ҳисоби мардуми таҳҷоии ин кишвар ба

хизмати ҳарбии Русия сафарбар карда нашуд, вале соли 1916 ҳукумати подшоҳӣ вазъи ногувори фронтҳоро ба назар гирифта, ба корҳои ақибгоҳ сафарбар намудани мардуми таҳҷойии кишвари Туркистон ва Қазоқистонро зарур шуморид. Дар санаи 25-уми июни соли 1916 доир ба ин масъала фармони подшоҳ эълон карда шуд.

Мувофиқи он бояд аз ҳисоби мардони аз 19 то 43-солаи кишвари Туркистон 250 ҳазор нафар ва Қазоқистон 80 ҳазор нафар ба корҳои заминкании хатти фронт ҷалб карда мешуданд. Масалан, фақат аз уезди Хуҷанд бояд 8948 кас сафарбар шуда, 8140 нафарашон бояд ба корхои ақибгоҳи фронт фиристода мешуданд. Вазнинии тақсимот ба гардани аҳолии шаҳри Хуҷанд афтода буд, зеро танҳо аз ин шаҳри бостонӣ бояд 2708 нафар аз онҳое, ки дар корҳои пахтакорӣ иштирок намекарданд, сафарбар мегардиданд.

Дар асоси фармони номбурда 2-юм ва 3-юми июли ҳамон сол мардони Хуҷандро ба рӯйхат гирифтанд. Аксари онҳое, ки ба рӯйхат дохил шуда буданд, қувваи асосии кориро ташкил медоданд. Аз ин рӯ, дар айни авҷи корҳои тобистонӣ ба корҳои ақибгоҳи фронт ҷалб намудани онҳо, бегуфтугӯ, ба вазъи хоҷагиашон таъсири манфӣ мерасонид. Ғайр аз ин, хизмати ҳарбӣ дар байни мардуми Осиёи Марказӣ чандон роиҷ набуд, аз ин рӯ, ин маърака ҳамовозие пайдо накард. Илова бар ин, аз тарафи амалдорони маҳаллӣ ҳангоми барӯйхатгирӣ ба беадолатиҳо роҳ дода мешуд. Яъне ҳар касе, ки доро буд, ба амалдорон ришва дода, худро аз рӯйхат мебаровард. Чунин вазъият бечорагонро, ки имкони ришва додан надоштанд, ба ғазаб овард ва ба шӯриш водор намуд. Ин чорабинӣ ба оғози шӯриш баҳона гардид.

**Оғоз ва рафти шӯриш.** Дар санаи 4-уми июли соли 1916 дар назди қозихонаи маҳаллаи Қалъаи Нави шаҳри Хуҷанд беш аз 500 нафар шаҳриён ҷамъ омада, аз қозӣ ва пристав талаб карданд. ки барӯйхатгириро қатъ намоянд, аммо ин талаби онҳо аз тарафи қозӣ ва пристав ба эътибор гирифта нашуд. Пас мардум бо чунин талаб ба назди сардори уезд, ба сӯйи бозори Чоршанбе ҳаракат карданд. Дар роҳ ба издиҳом аз ҳар сӯ одамони бисёре ҳамроҳ гардиданд. Шумораи намоишчиён афзуда, ба 7–8 ҳазор нафар расид, вале сарварони уезд ба қувваи политсия такя намуда, талаби мардумро рад карданд. Дар натиҷа, мардуми бағазабомада ба ҳуҷум гузаштанд. Ҷӯра Зокиров, Зубайдулло Раҳматуллоев, Ҷӯра Алӣ ва дигарон аз ҷумлаи фаъолони ин ҳаракати мардумӣ буданд.

Аз тарафи политсия ба муқобили мардум тир кушода шуд. Бегоҳии ҳамон рӯз дар шаҳр ҳолати ҳарбӣ эълон гардид. Дар тамоми гӯшаю канори шаҳр ҳарбиён ва политсия назорати қатъӣ ҷорӣ намуданд. Рӯзи дигар, яъне 5-уми июл, ба хуҷандиёни шӯришбардошта беш аз 700 сокини волости Қистакӯз ҳамроҳ шуданд, вале он вазъиятро дар шаҳр дигар тағйир дода натавонист. Шӯриш дар шаҳри Хуҷанд дигар хомӯш гардида буд. Шӯриши Хуҷанд барои ҳаракатҳои умумии кишвар ишорае гардид. Он зуд ноҳия ва вилоятҳои нав ба навро фаро мегирифт. Баъди шӯриши



*Ҷӯра Зокиров (1894 – 1929) яке аз иштирокчиёни фаъоли шӯриши соли 1916 дар Хуҷанд*

Хуҷанд мардуми Ургут шӯриш бардоштанд. Дар таърихи 6-уми июли ҳамон сол намоишҳои эътирозӣ ба муқобили сиёсати ҳукумати подшоҳӣ дар Самарқанд ва Тошканд ба амал омаданд. 8–9-уми июл ҳаракати халқӣ дар Фарғона сар шуд. Дар миёнаи моҳи июл чунин ҳаракат қариб тамоми кишвари Туркистонро фаро гирифта буд. Махсусан, мардуми Ҷиззах қариб ҳама ба мубориза бархостанд. Эътирозҳои мардумӣ дар Ӯротеппа, Ашт, Панҷакент низ ба амал омад. Дар ноҳияю даштҳои Қазоқистон шӯриш бештар аз ҳама дар вилояти Турғай шиддат гирифт.

Дар шӯриш тамоми табақаҳои аҳолӣ: деҳқонон, коргарон, тоҷирон, зиёиён ва ҳатто рӯҳониён иштирок намуданд.

**Шикасти шӯриш.** Ҳукумати подшоҳӣ аз вусъати шӯриш ба воҳима афтода, 17-уми июли соли 1916 дар кишвари Туркистон вазъи ҳарбӣ эълон кард. Дар бисёр маҳалҳо бо фармони амалдорони ҳукумати подшоҳӣ ба муқобили шӯришгарон аз силоҳ истифода карданд. Аскарони ҳукумати подшоҳӣ ба муқобили шӯришгарон бераҳмона тир мекушоданд. Микдори сарбозоне, ки барои саркӯб намудани шӯриш сафарбар гардидаанд, низ кам набуд. 13-уми декабри соли 1916 ноиби раиси Думаи IV давлатии Русия А.Ф.Керенский маҳз ҳамин вазъиятро ба эътибор гирифта, дар суханронииаш гуфта буд, ки «ба фронтҳои ҷангӣ боз як фронти нав – «фронти Туркистон» илова гардид».

Шӯриш дар бисёр маҳалҳо маҳз аз тарафи аскарони подшоҳӣ бо силоҳ саркӯб карда шуд. Дар натиҷа, аз иштирокчиёни шӯриш одамони бисёре ҳалок гардиданд. Генерал-губернатори Туркистон

дар мактуби махфии ба номи подшоҳ Николайи II фиристодааш таъкид намудааст, ки дар натиҷаи ин шӯриш аз ҳисоби русҳо: 97 нафар аскар, 7 нафар амалдор, 2325 нафар аҳолии рус ҳалок шуданд. Ғайр аз инҳо, 86 нафар аскар захмӣ гардида, 76 нафар аскар ва 1384 нафар аҳолии рус беному нишон гардиданд. Ин рақамҳои дақиқ, ки танҳо талафоти ҳукумати подшоҳиро нишон медиҳад, худ гувоҳи он аст, ки талафоти шӯришгарон хеле зиёд будааст.

Ҳамин тавр, шӯриш бераҳмона саркӯб карда шуд. Бисёр фаъолони он ҳабс ва табъид (бадарға) гардиданд. Амалдорони ҳукумати подшоҳӣ баъди саркӯб намудани шӯриш миқдори муайяншудаи мардикорон (аз ҷумлаи мардуми маҳаллии кишвари Туркистон ва Қазоқистон)-ро маҷбуран ба корҳои ақибгоҳи фронт фиристоданд. Шӯриш, агарчи аз тарафи ҳукумати подшоҳӣ саркӯб карда шуд, дар амал ба сиёсати мустамликадоронаи ҳукумати подшоҳии Русия як зарбаи қатъӣ буд, зеро он аз рӯйи хусусияташ шӯриши миллию озодихоҳӣ ба ҳисоб мерафт. Шӯриш барои бедории сиёсӣ ва баланд гардидани шуури сиёсии мардуми маҳаллӣ кумаки амалӣ расонид. Он қувваи мардуми маҳаллии Осиёи Марказиро, ки ҳукумати подшоҳӣ эътибораш намедод, нишон дод. Аз ин рӯ, ин шӯриш аҳаммияти бузурги таърихӣ дошт.

**Сарчашма:**

Дар мактуби сардори шуъбаи ҳимоя (охрана)-и ноҳиявии Туркистон М.Н.Волков аз 10-уми июли соли 1916 оид ба вазъи мардум гуфта шудааст: «... мувофиқи хабарҳое, ки ба шуъба мерасанд, аҳолии маҳаллӣ бениҳоят ба ғазаб омадааст ва сабабаш овозаҳое мебошад, ки одамони пулдори босавод метавонистаанд худашон ба мардикорӣ нараванд, рафта хандаққовӣ накунанду ба ҷойи ин маблағи муайян диҳанд. Дар бозору чойхонаву дигар ҷойҳо гап-гап шудааст, ки агар бойҳо ба мардикорӣ гирифта нашаванд, камбағалон ҳатман шӯриш мекунанд ва худашон ин гуна бойҳоро кушта мепартоянд». (Ниг.: Иқтибос аз китоби Ғафуров Б. Тоҷикон. Китоби 2. - С. 261).

**Санаҳои муҳим:**

1914, 19-уми июл (1-уми август) – оғози Ҷанги якуми ҷаҳон.

1916, 25-уми июн – фармони подшоҳи Русия доир ба корҳои ақибгоҳи фронт сафарбар намудани мардуми таҳҷойии кишвари Туркистон ва Қазоқистон.

1916, 4-уми июл – оғози шӯриш дар шаҳри Хуҷанд.

1916,17-уми июл – эълон гардидани вазъи ҳарбӣ дар кишвари Туркистон.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Ҷанги якуми ҷаҳонӣ кай оғоз гардид ва дар он чанд мамлакати дунё иштирок намудаанд? 2) Дар ин ҷанг чӣ қадар мардум талаф ёфт? 3) Барои саршавии шӯриши соли 1916 кадом воқеа баҳона гардид? 4) Шӯриш дар Хуҷанд кай ва аз кадом воқеа сар шуд? 5) Дар бораи рафти шӯриши Хуҷанд ва фаъолони он нақл кунед. 6) Ғайр аз Хуҷанд, он сол шӯришҳои халқӣ боз дар куҷоҳо сар заданд? 7) Шӯриши соли 1916 аз рӯйи хусусияташ чӣ гуна шӯриш буд ва аҳаммияти он аз чӣ иборат аст? 8) § 24 – 25-ро такрор кунед; 9) Маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** сабабҳо, баҳона, оғоз ва рафти шӯриши миллии озодихоҳии соли 1916-ро дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §30. ЧОРАБИНИҲО БАРОИ ПЕШГИРИИ ШӮРИШҲОИ ХАЛҚӢ ДАР ҚАЛАМРАВИ АМОРАТИ БУХОРО

Шӯриши соли 1916 ҳарчанд қисми зиёди кишвари Туркистон ва Қазоқистонро фаро гирифт, вале дар аморати Бухоро, амалдорони подшоҳӣ, якҷоя бо амалдорони ҳукумати амирӣ, тамоми чораҳоро андешиданд, то ин ки дар қаламрави аморат алоқманд ба шӯриши кишвари ҳамсоя ягон хел, хуруҷҳои халқӣ ба амал наоянд.

Аз ҷумла, то ин ки дар аморати Бухоро ҳар гуна хуруҷҳо вобаста ба шӯриши соли 1916 пешгирӣ карда шавад, агенти сиёсии рус дар Бухоро Н.А.Шулга 5 июли соли 1916 ба Тошканд, ба штаби округи ҳарбии Туркистон доир ба хавфнокии руҳияи мардуми Бухоро хабар дода, таъкид намудааст, ки бо ташаббуси баъзе талабаҳои мадраса овозае паҳн гардидааст, ки гӯё дар ҷанги ҷаҳонӣ вазъи Русия душвор гардидааст, сарбозони он ба нокомиҳо дучор шудаанд, бинобар ин, аз мардуми Бухоро ҳам ба корҳои ақибгоҳи фронти ҷангӣ, дар қатори аҳолии кишвари Туркистон, сафарбар мекардаанд. Ин амалдори баландпояи Русия дар Бухоро 15 июли он сол бо мактуб ба қӯшбегии Бухоро Мирзо Насрулло муроҷиат намуда, таъкид намудааст:

1. Мувофиқи маълумоти тоза гирифтаам, дастаи савораи шӯришгарон дар байни Каттақӯғон ва Ҷумъа пайдо шудаанд. Аз ин сабаб ба ҳамаи бекҳои сарҳадӣ фармони махсус додан зарур аст, ки навкарони худро ҷамъ карда, ин дастаҳои муссаллаҳро ҳеҷ гоҳ ба қаламрави Бухоро роҳ надиҳанд;

2. Мувофиқи барқияи ротмистри жандармҳо, дар деҳаи Мир маддоҳе пайдо шудааст, ки дар байни мардум иғво меандозад. Дар ҷамъомади барпогардида 1000 нафар иштирок намудаанд. Фавран он шахсро пайдо намуда, ба ҳабс гирифта, инчунин, ҳамаи онҳоеро, ки аҳолиро ба ошӯб даъват мекунанд, ҳабс кардан зарур аст;

3. Аз ҳамин рӯз сар карда, дар тамоми нуқтаҳои асосии шаҳри Бухорои Куҳна дидбонии аскарони савораро муқаррар намуда, ба қозикалон, раис ва миршаб таъйин кардан лозим аст, ки ба ягон хел овозаҳо роҳ надиҳанд;

4. Бо сабаби торафт бештар паҳн шудани овозаҳо дар бораи он ки гӯё аълоҳазрат барои ҳукумати рус якчанд ҳазор нафар мардикор мегирифта бошад, ба аҳолӣ ҳарчӣ васеътар фаҳмонидан зарур аст, ки ин овозаҳо беасос аст ва аҳолӣ набояд ба он бовар кунад, паҳнкунандагони чунин хабарҳоро сахт ҷазо додан лозим аст.

Қӯшбегии Бухоро Мирзо Насрулло (солҳои фаъолият 1910–1918) 16 июли соли 1916, яъне рӯзи дигари гирифтани мактуби дар боло ишорашуда, ба агенти сиёсии рус доир ба чораҳои андешидашуда чунин ҷавоб гардонидааст: “Ман ба қозикалон, раис ва миршаби Бухоро фармон додам, ки дар Бухорои Куҳна фавран дидбонии аскарони савораро муқаррар намуда, тамоми шахсонеро, ки ҳар гуна овозаҳо паҳн мекунанд, таъқиб намоянд. Ҳамин гуна фармон ба бекҳо ҳам равона карда шуд. Илова ба ҳамаи ин, ба онҳо боз амри зерин фиристода шуд:

1. Ба бекҳои Зиёвуддин ва Хатирчӣ фармон дода шуд, ки фавран тамоми навкаронро ҷамъ карда, ба посбонии сарҳад фиристанд, то ки ба қаламрави Бухоро гурӯҳҳои мусаллаҳ гузашта натавонанд;

2. Ба беки Зиёвуддин фармон дода шуд, ки маддоҳи дар деҳаи Мир пайдошударо, ки аҳолиро ба шӯриш даъват кардааст, зуд пайдо намуда, ба ҳабс гирад. Инчунин, одамонеро, ки ӯро дастгирӣ намудаанд ва аҳолиро ба шӯр оварданианд, бояд ҳабс карда шаванд;

3. Барои дидбони истгоҳҳои роҳи оҳани Зирабулоқ, Зиёвуддин, Кармина, Малик, Қизилтеппа, ки дар қаламрави Бухоро воқеанд, ман супориш додам, ки миқдори зарурии навкорон гузашта шаванд. Дар айни ҳол истгоҳҳои Зирабулоқ ва Зиёвуддинро навкарони беки Зиёвуддин дидбонӣ карда, бародарони худи бек ба онҳо сарвар таъйин гардидаанд. Истгоҳҳои Кармина ва Маликро навкорони бекии Кармина ва истгоҳи Қизилтеппаро навкарони амлокдори Бӯстон посбонӣ хоҳанд кард".

Садриддин Айнӣ дар асарҳои худ далелҳои болоиро асосан тасдиқ намуда, дар бораи таъсири шӯриши соли 1916 ба аморати Бухоро махсус таваққуф карда, чунин маълумоти аҷиб медиҳад: «Ман тобистони соли 1916-ро бештар ба саёҳат гузаронидам. Ноҳияхо ва деҳаҳои Бухороро ягон-ягон гаштам. Ба Самарқанд, Хуҷанд ва тарафҳои Фарғона рафтам.

Дар ин тобистон дар Бухоро таъқибот аз солҳои пеш бештар ва шиддатноктар шуд. Хусусан, баъд аз шӯриши деҳқонон ва меҳнаткашони Туркистон ба муносибати мардикоргирӣ ба муқобили ҳукумати подшоҳӣ, гирифтугири амир ва политсияи подшоҳӣ боз ҳам зиёдтар гардид. Амир дар ҳар район ва қишлоқҳои калон агентҳои махсус монда, мардумро аз гуфтугузор кардан дар бораи шӯриши Туркистон манъи қатъӣ кард».

Айнӣ дар давом ба мавқеи синфи дорои Бухоро нисбат ба шӯриши соли 1916-и Туркистон махсус таваққуф намуда, таъкид мекунад, ки «бойҳои калони Бухоро бо аризаи коллективонаи худ ба агенти сиёсии давлати Руссия дар Бухоро, ба муносибати шӯриши Туркистон, садоқати худро ба подшоҳи Руссия маълум карданд».

Сабаби чунин мавқеъро ишғол намудани сарватмандон, яъне буржуазияи нав ташаккулёфтаистодаи Бухоро дар он аст, ки онҳо бо буржуазияи Русия манфиати ягона доштанд. Аниқтараш, қариб ҳамаи сарватмандони бухороӣ бо ташкилотҳои бонкӣ ва ширкатҳои тиҷоратии русиягӣ, ки дар Бухоро фаъолият мекарданд, алоқа доштанд. Маҳз чунин ҳамкорӣ ҳар сол ба сарватмандони бухороӣ низ фоидаи хеле зиёди бедарди миён меовард. Ҳукумати подшоҳии Русия бошад, дар баробари манфиати буржуазияи рус, манфиати сарватмандони бухороиро низ ҳимоя мекард. Яъне сарватмандони бухороӣ ҳам дар симои ҳукумати подшоҳии Русия пушту паноҳи худро медиданд.

Албатта, муносибати мардуми одии аморати Бухоро нисбат

ба шӯриши мардуми Туркистон дигар буд. Садриддин Айнӣ маҳз ба мавқеи ин қисми аҳолӣ аҳаммият дода, таъкид мекунад, ки оммаи мардуми Бухоро «ба шӯриш ба назари хайрхоҳона нигоҳ мекарданд, ғалабаи шӯришро «аз Худо» металабиданд ва баъд аз торумор шудани шӯриш, гурезагони шӯришро дар хонаҳои худ пинҳон мекарданд ва барои гурехта рафтани онҳо ба ҷойҳои дигар ёрӣ медоданд».

Умуман, амалдорони ҳукумати подшоҳӣ якҷоя бо амалдорони ҳукумати амирӣ тавонистанд, ки дар қисми марказӣ ва ғарбии аморат соли 1916 ягон хел хуруҷи нисбатан калони оммавӣ сар назанад, ҳарчанд мардуми ин гӯшаҳо ҳам аз зулму истибдоди амалдорони маҳаллӣ-амирӣ ба дод омада буданд. Новобаста аз ҳамаи ин сахтгириҳо, дар роҳи оҳани Бухоро, Қаршӣ, Қубодиён ва Қаротегин ҷунбишҳои мардумӣ ба амал омадаанд. Албатта, бузургтарине аз онҳо шӯриши Қаландаршоҳ ба ҳисоб меравад.

**Сарчашма**

Дар санаи 5 июли соли 1916 агенти сиёсии рус дар Бухоро Н.А. Шулга ба Тошканд, ба штаби округи ҳарбии Туркистон, дар бораи ниҳоят хавотирнок шудани рӯҳияи аҳолии Бухоро, ба муносибати эълон карда шудани мардикоргирӣ чунин хабар дода буд: “Овозаҳоеро, ки се рӯз пеш дар Бухоро дар бораи аз вилоятҳои кишвари Туркистон ба корҳои ақибгоҳ фиристода шудани мардикорони миллати маҳаллӣ шуда буданд, дирӯз одамони аз Самарқанд омадагӣ тасдиқ карда накл намуданд, ки дар ин бора дар кӯчаҳо эълонҳо овехта шудаанд... Ба ин муносибат тамоми шаҳр ин навигариро муҳокима менамояд, илова бар ин, баъзе овозаҳои афсонавие паҳн мешаванд, ки гӯё қувваҳои русҳо камӣ карда, онҳо ба як қатор нокомиҳо дучор гардида бошанд... Дина баъзе муллобачаҳо чунин тахминҳо мекарданд, ки Русия аз Бухоро ҳам сафарбарӣ намудани одамонро талаб мекунад ва дар он сурат назар ба он ки ба ҷанг рафта ҳалок шаванд, дар ҳамин ҷо мурдан беҳтар аст, мегӯянд”.

(Ниг.: Каримов Т.Р. Шӯриши соли 1916 дар Тоҷикистон. -Душанбе, 1966. -С. 74-75).

**Санаҳои муҳим**

1916-5 июл – хабари агенти сиёсии рус дар Бухоро Н.А. Шулга ба штаби округи ҳарбии Туркистон доир ба рӯҳияи аҳолии Бухоро.

1916-15 июл – мурочиати агенти сиёсии рус дар Бухоро ба қӯшбегӣ оиди пешгирии ҳар гуна баромадҳо вобаста ба шӯриши соли 1916.

1916-16 июл – ҷаноби қӯшбегӣ ба агенти сиёсии рус доир ба чораҳои андешидашуда барои пешгирии ҳар гуна тазоҳурот вобаста ба шӯриши соли 1916.

1916-тобистон – сафарҳои Садриддин Айнӣ ба Самарқанд, Хуҷанд ва вилояти Фарғона.

**Саволҳо ва супоришҳо.**

1) Агенти сиёсии рус Н.А. Шулга 5 июли соли 1916 ба штаби округи ҳарбии Туркистон доир ба рӯҳияи аҳолии Бухоро чӣ хабар додааст? 2) Агенти сиёсии рус дар Бухоро дар мактуби худ аз 15 июли соли 1916 ба қӯшбегии Бухоро чиро таъкид намудааст? 3) Мирзо Насрулло кӣ буд ва ӯ ба агенти сиёсии рус ба кадом мазмун ҷавоб гардонидааст? 4) Андешаҳои Садриддин Айнӣ дар бораи таъсири шӯриши соли 1916 ба аморати Бухоро чӣ гуна аст? 5) Чаро сарватмандони Бухоро сиёсати ҳукумати подшоҳии Русияро тарафдорӣ кардаанд? 6) Муносибати мардуми одии аморати Бухоро нисбат ба шӯриши соли 1916 чӣ гуна буд? 7) §29-ро такрор намоед. 8) Маводди чун сарчашма овардашударо таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** чорабиниҳои амалдорони ҳукумати подшоҳии Русия дар Бухоро якҷоя бо амалдорони амирӣ барои пешгирии хуруҷҳои халқӣ дар қаламрави аморати Бухороро дар соли 1916 дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §31. ШӮРИШИ ҚАЛАНДАРШОҲ

Дар Бухорои Шарқӣ, махсусан дар бекигарии Қаротегин, бештар нооромиҳо эҳсос карда мешуд. Якчанд хуруҷҳои халқии ин гӯшаи дурдаст бо номи Қаландаршоҳ алоқаманд аст. Қаландаршоҳ (солҳои зиндагиаш 1857–1931) зодаи деҳаи Кӯли Мазанги Қалъаи Лабиоби (ҳозира Тоҷикобод) бекигарии Қаротегин буда, тамоми сахтиҳои зиндагиро аз сар гузаронидааст. Ӯ, ки дар оилаи деҳқон ба дунё омада буд, бо сабаби камзаминӣ, ба мисли дигар ҳамдиёронаш ба Фарғона, Тошканд ва Боку ба мардикорӣ рафтааст.

Аввали асри XX махсусан Тошканд ва Боку, яке аз нуқтаҳои инқилобӣ ба ҳисоб мерафтанд ва он воқеаҳо, албатта, барои Қаландаршоҳ бетаъсир набуданд. Ӯ баъди он ки ба деҳааш баргашт, аҳволи вазнини ҳамдеҳагонашро ба хубӣ мушоҳида намуд, зеро ҳамон лаҳза мардум аз зулму ситами беки ҳамонвақтаи Қаротегин Абдулмуъмин (1904 – 1908) ба дод омада буданд.

Қаландаршоҳро махсусан, усули рӯёнидани андозҳо аз тарафи амалдорони беки Қаротегин зиёда ба ғазаб овардааст. Ӯ ҳанӯз соли 1905 кӯшиш кард, ки ҳамдеҳагонаш ва мардуми атрофи онро ба шӯриш бархезонад. Аммо бек ба воситаи ҷосусонаш аз ин омодагиҳои Қаландаршоҳ огоҳ гашт. Тарафдорони бек бо мақсади ба канор кашидани мардум ташвиқ карданд, ки «гӯё амири Бухоро аз аҳволи мардуми Қаротегин огоҳ нест. Агар мардум бо мактуб ба амир мурочиат карда, аҳволи худро фаҳмонанд, он гоҳ ҳам андозҳо сабук карда мешаваду, ҳам беке, ки нафрати мардум нисбати ӯ зиёд гардидааст, озод мегардад».

Соли 1905 мардуми зиёде ба ташвиқи амалдорони бек бовар карда, аз Ҳоит ва Қалъаи Лабиоб, бо сарварии Қаландаршоҳ, бо аризаи шикоятӣ ба сӯйи Бухоро ҳаракат намуданд. Чунин ҳолат беки Қаротегин Абдулмъмин, ки лақаби «чушқа» («хук»)-ро дошт, ба воҳима андохт. Вай бо гурӯҳи амалдоронаш дар деҳаи Пандовчӣ ба шикоятчиён расид ва ба онҳо ваъдаҳои зиёд дода, аз роҳашон гардонид. Дере нагузашта сарварони ҳаракат Қаландаршоҳ ва Мирзо Раҳматро ҳабс намуда, барои ҷазо додан ба Ҳисор фиристоданд. Дигар фаъолони ҳаракат ба сӯйи Фарғона гурехтанд. Баъди 75 чӯбӣ ҷазо дидан, Қаландаршоҳ ва Мирзо Раҳмат ба сӯйи Фарғона, аз он ҷо ба Тошканд ва Боку рафтанд.

Соли 1908 Қаландаршоҳ ва Мирзо Раҳмат ҳар ду дар Бухоро шудаанд ва аризаи шикоятиро аз болои беки Қаротегин ба амир расониданд. Амири Бухоро Абдулмуъминро аз вазифаи беки Қаротегин озод карда, беки Ҳисор таъйин мекунад. Беки Қаротегин Авлиёқулбек (1908–1910) таъйин шуд. Новобаста аз он ки мартабаи Абдулмуъмин баландтар шуда буд, зеро мақоми беки Ҳисор, нисбат ба беки Қаротегин баландтар буд, вале аз вазифаи беки Қаротегин озод шудани ӯ, обрӯ ва эътибори Қаландаршоҳро дар байни мардум хеле зиёд намуд. Қаландаршоҳ бо мардум боз ҳам наздиктар шуд. Ӯ мардумро даъват мекард, ки ба зулму истибдод бо мубориза ҷавоб гардонанд.

**Сабаби шӯриш.** Моҳи июни соли 1916 бо сарварии Қаландаршоҳ дар амлокдории Қалъаи Лабиоб шӯриши нисбатан калонтаре ба амал омад. Дар ин сол беки Қаротегин Раҳмонқул (1914–1916) фармуд, ки аз мардум иловагӣ ба тарзи маҷбурӣ андози ҳарбӣ ҷамъ намоянд. Албатта, чунин амр аз тарафи амири Бухоро Олимхон (1911–1920/21) шуда буд, ки мехост подшоҳи русро дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ намояд. Бинобар ин, амалдорони бек ғалла ва пулҳоеро ки ҷамъ менамуданд, ба Бухоро мефиристоданд. Дар амлокдорӣ ҷаъоварии андози ҳарбиро Дарвозӣ бий, ки худ аз деҳаи Капалии ҳамин амлокдорӣ буд, сарварӣ мекард. Вай ҳатто аз ҳиссаи худ ба ҳисоби амир ғалла ва пули зиёд фиристода, сазовори рутбаи «бий» ва заминҳои нав ҳамчун «танхо» гардидааст. Деҳқононе, ки дар ҳудуди танхои ӯ буданд, маҷбур шуданд, ки дар як сол ду маротиба андоз супоранд. Аз деҳқонон на танҳо ғалла ва пул, балки чорво ва чизҳои назаррасе, ки ҳангоми мардикорӣ аз Фарғона оварда буданд, кашида мегирифтанд. Чунин ҳолат норозигии мардумро зиёдтар намуд.

**Оғозо шӯриш.** Қаландаршоҳ бенизомиҳои амалдорони бекро мушоҳида намуда, дигар тоқат карда натавонист. Ӯ деҳқонони мазлумро ба шӯриш даъват намуд. Вай таъкид менамуд, ки агар мо сарҷамъ шавем, қувваамон на танҳо барои пеш кардани амлокдор Халилбек, балки барои сарнагун гардонидани худи мир-беки Қаротегин кифоягӣ мекунад. Фақат ҳамон вақт мо аз зери зулми бойҳо ва одамони мир, яъне бек халос шуда метавонем. Қаландаршоҳ деҳқононро даъват мекард, ки андозҳоро насупоранду ба шӯриш ҳамроҳ шаванд. Дар натиҷа дар атрофи Қаландаршоҳ мардуми бисёре ҷамъ шуда буданд. Онҳо асосан ба каланду бел, калтак ва ғайра мусаллаҳ гардидаанд.

Беки Қаротегин Раҳмонқул, бо шунидани хабарҳо доир ба шӯриш дар амлокдории Қалъаи Лабиоб, Халилбекро вазифадор намуд, ки ҳамаи фаъолони шӯриш, аз ҷумла Қаландаршоҳро ҳабс намуда, ба Ғарм фиристад. Ҳалимбек бо дастаҳои мусаллаҳи бек ба Қалъаи Лабиоб омад. Дар натиҷа, як қисми фаъолони шӯришро, ки аз деҳаҳои гуногун буданд, ҳабс гардиданд, аммо Қаландаршоҳ пинҳон шуд. Ӯ ба деҳаи Фатҳобод, ба назди Аббосхоҷаи судур, ки қозии тамоми қисми болоии бекигарии Қаротегин ҳисоб мешуд, рафт. Ҳамроҳи вай деҳқонони зиёд бо табар, зоғнӯл, каланд ва ғайра мусаллаҳ буданд. Қаландаршоҳ аз Аббосхоҷаи судур хоҳиш

кардааст, ки «ту одами баобрӯ, муҳофизи шариат, дида истодаӣ, ки чӣ тавр амалдорони бек ба ҷони мардуми бечора расонидаанд». Бинобар ин, аз вай хоҳиш намудаанд, ки ба назди бек равад ва ҳамаи воқеаҳоро ба ӯ фаҳмонад, то ин ки ба бенизомиҳо хотима диҳад, ҳабсшудагонро озод намояд, аммо Аббосхоҷаи судур аз иҷрои ин талабҳо даст кашида, баръакс фармуд, ки дасту пойи Қаландаршоҳро банданд. Ин ҳукми судур иҷро нагардид.

Шӯришгарон аз Аббосхоҷаи судур хоҳиш мекарданд, ки молҳои аз мардикорӣ, аз Фарғона овардаи онҳоро баргардонанд. Ҷавобан ба ин, наздикони судур ба задани шӯришгарон сар карданд. Қаландаршоҳ аз онҳо талаб кард, ки ин корро накунанд. Аммо одамони судур ба худи Қаландаршоҳ дарафтиданд. Он гоҳ шӯришгарон ҳам ба ҳуҷум гузаштанд. Дар натиҷа, аз тарафи шӯришгарон бародари Аббосхоҷаи судур Қозиҷон кушта ва Абулхайр махсум захмӣ гардиданд. Шӯришгарон ҳавлии судурро тороҷ намуда, дар натиҷаи ҳамроҳ шудани деҳқонони деҳаҳои дигар, онҳо якҷоя ба сӯйи Қалъаи Лабиоб ҳаракат карданд. Қаландаршоҳ фармуд, ки хоҷагиҳои сипоҳиёни бекро байни худ тақсим кунанд. Амалдорон ва бойҳо дар қалъа паноҳ шуданд. Аз тарафи шӯришгарон муҳосираи қалъаи амлокдорнишин чаҳор рӯз давом кард. Ин нуқтаи баланди шӯриши Қаландаршо буд.

**Шикасти шӯриш.** Беки Қаротегеин Раҳмонқул аз амалиёти шӯришгарон ба воҳима афтода, барои пахш намудани он аз Ғарм 200 нафар сарбозони мусаллаҳро фиристод. Бо наздик шудани сарбозони бек шӯришгарон ба сӯйи деҳаҳои худ пароканда шуда рафтанд. Худи Қаландаршоҳ дар деҳаҳои Мазор пинҳон шуд. Сӣ нафар фаъолони шӯриш ҳабс гардиданд. Қисми дигари фаъолони шӯриш ба сӯйи Фарғона гурехтанд. Бо ҷойи ҳодиса худи бек Раҳмонқул омода, фармуд, ки аз мардуми деҳаҳои дар шӯриш иштироknамуда сад ҳазор танга ҷамъ намуда, ба Аббосхоҷаи судур супоранд. Инчунин, фармуд, ки мулкҳои сипоҳиён ба соҳибонашон баргадонида шавад ва ба ивази молҳои пайдонашудаи сипоҳиён, аз фаъолони шӯриш ҷарима ситонида шавад. Ҷавобан ба ин деҳқонони деҳаҳои Дараи Назарак, Кӯл, Фатҳобод, Капалӣ ва Дараи Мазор ба тарзи оммавӣ ба сӯйи Фарғона роҳ пеш гирифтанд. Дар натиҷа бек маҷбур шуд, ки қарори аввалаи худро бекор карда, танҳо аз ҳар деҳа ба фаъолони шӯриш ҷарима бор намояд.

Баъди се моҳи шӯриши Қаландаршоҳ, моҳи октябри соли 1916, шӯриши мардумӣ дар деҳаҳои Дараи Мазор ба амал омад. Баҳонаи ин шӯриш дар ин ҷо дастгир шуда, ба Ғарм фиристодани Қаландаршоҳ гардид. Аммо Қаландаршоҳ аз ҳабсхонаи Ғарм гурехта, ба Фарғона рафт.

Ҳангоми шӯриш дар амлокдории Қалъаи Лабиоб, дар амлокдории Ҳоит ҳам ҷунбиши деҳқонон бо сарварии Одина Лучак ба амал омад. Шӯришгарон мехостанд ба шӯришгарони Қалъаи Лабиоб ҳамроҳ шаванд, аммо тамоми пулҳоро навкарони бек посбонӣ мекарданд. Ниҳоят, ин шӯриш ҳам пахш карда шуд ва Одина Лучак ба сӯйи Фарғона гурехт.

Ҳамин тавр, маълумоти болоӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар Бухорои Шарқӣ ҳам деҳконон бо тарзи гуногун эътирози худро нисбати зулму ситами амалдорони маҳаллии амир баён кардаанд. Онҳо аз навиштани мактуби эътирозӣ ба амири Бухоро, то ба муқобилистӣ дар лангарҳо расида, ба муқобили сипоҳиёни беки Қаратегин дар баробари белу каланд, зоғнӯл, аз санг ва ғайра истифода бурдаанд. Аммо шӯришгарон пароканда буданд ва нақшаи ягона надоштанд. Бинобар ин, шӯриш шикаст хӯрд. Худи Қаландаршоҳ, ки дар муборизаҳо обутоб меёфт, тартиботи шӯравиро ба хубӣ пазируфт, ҳатто минбаъд дар вазифаи раиси Кумитаи инқилобии кенти Лангари Шоҳ адои вазифа намуд. Аз тарафи дигар шӯриши Қаландаршоҳ аз он далолат медиҳад, ки ба доираи шӯриши соли 1916 на танҳо сарзамини кишвари Туркистон ва Қазоқистон, балки аморати Бухоро ҳам кашида шуд. Аз ҳамин сабаб ҳам шӯриши соли 1916-ро шӯриши мардуми Осиёи Миёна меноманд.

**Сарчашма:**

Амалдорон ва мулкдорон, ки аз шӯриш зарар дида буданд, мехостанд зарари худро аз мардуми ҳамон деҳаҳое, ки Қаландаршоҳро пинҳон кардаанд, рӯёнанд. Бо ҳамин максад онҳо мардуми он деҳаҳоро саросар ҷазо дода, ба онҳо ҷарима бор карданд. Ҷавобан ба ин амал деҳқонони деҳаҳои Лангари Шоҳ, Дараи Мазор, Деҳиғилмон ва Кӯл амалдоронро зада, аз супоридани ҷарима ва хироҷ даст кашиданд. Шӯришгарон дар деҳаи болои Дараи Мазор, ки дар баландӣ ҷойгир буд, ҷамъ омада, худро мудофиа карданд. Онҳо сипоҳиёни бекро аз баландӣ бо санг ба нишон мегирифтанд. Дар натиҷа сипоҳиён якчанд рӯз ба

макони шӯришгарон баромада натавонистанд. Нихоят сипоҳиён вонамуд карданд, ки гӯё онҳо ба ҳар тараф гурехтаанд, аммо дар амал дар паси харсангҳою нишебиҳо пинҳон шудаанд. Ҳамин, ки шӯришгарон ба ҳамворӣ, ба деҳаи Лангари Шоҳ фаромаданд, онҳоро сипоҳиёни мусаллаҳи савора иҳота намуданд. Шӯришгарон маҷбур шуданд, ки ба ҳар тараф пароканда шаванд. Дар натиҷаи ин задухӯрдҳо аз ҷумлаи деҳқонон 6 нафар ҳалок, 40 нафар захмӣ ва 25 нафар ҳабс гардиданд. Ҳалокшудагон ва захмиён аз ҷумлаи сипоҳиён низ буданд. Аз ҷумла, амлокдор Халилбек ҳам аз зарбаи деҳқон Ҳоҷӣ Иброҳим захмӣ гардидааст. (Ниг.: Маджлисов А.Р. Аграрное отношения в Восточной Бухаре в X1X и в начале XX вв. – Душанбе – Алма-Ата, 1967. -С. 103).

**Санаҳои муҳим**

1905 – кӯшиши Қаландаршоҳ барои ба шӯриш бархезонидани ҳамдеҳагонаш.

1908 – Қаландаршоҳ ва Мирзо Раҳмат аризаи шикоятии мардумро ба амири Бухоро расониданд.

1916-июн – шӯриши Қаландаршоҳ

1916-октябр – шӯриш дар деҳаҳои Дараи Мазор

**Саволҳо ва супоришҳо**

Чаро соли 1905 кӯшиши Қаландаршоҳ барои ба шӯриш бархезонидани мардум амалӣ нагардид? 2) Бо кадом мақсад Қаландаршоҳ бо ҳамдеҳагонаш соли 1905 ба сӯйи Бухоро ҳаракат намудаанд ва он бо чӣ анҷомид? 3) Қаландаршоҳ ва Мирзо Раҳмат аризаи шикоятии мардумро кай ба амири Бухоро расониданд? 4) Сабаби асосии шӯриши соли 1916 бо сарварии Қаландаршоҳ дар чист? 5) Қаландаршоҳ бо як гурӯҳ шӯришгарон бо кадом мақсад ба назди Аббосхоҷаи судур рафтаанд, худи Аббосхоҷа кӣ буд ва аз вай чӣ ҷавоб гирифтанд? 6) Сабаби шикастхӯрии шӯриш ва оқибатҳои он бо чӣ анҷомид? 7) Чаро деҳқонони амлокдории Ҳоит бо сарварии Одина Лучак ба шӯриши Қаландаршоҳ ҳамроҳ шуда натавонистанд? 8) § 29-ро такрор намоед; 9) Маводди чун сарчашма овардашударо таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** сабабҳо, оғоз ва рафти шӯриши Қаландаршоҳро дуруст шарҳ дода тавонанд.

# БОБИ 9
# АФКОРИ ҶАМЪИЯТИЮ СИЁСӢ ВА ФАРҲАНГИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

## §32. ТАШАККУЛИ АФКОРИ ҶАМЪИЯТИЮ СИЁСӢ ВА ФАРҲАНГИИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX

**Таъсири дигаргуниҳои иқтисодию сиёсӣ ва ҷамъиятӣ.** Баъди тасарруфи Осиёи Марказӣ аз ҷониби Русияи подшоҳӣ дар натиҷаи дигаргуниҳои иқтисодию сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва фарҳангии кишвар дар афкори ҷамъиятию сиёсии мардуми он, махсусан зиёиён, тағйироти куллӣ ба вуҷуд омад.

Пас аз истило сарзамини Осиёи Марказӣ ба доираи муомилоти молию пулӣ ва бозори умумирусӣ кашида шуд. Дар ин сарзамин корхонаҳои саноатӣ ва ташкилотҳои бонкӣ ба вуҷуд омаданд; хатҳои роҳи оҳан гузаронида шуданд; дар кишоварзии кишвар дигаргуниҳо (баъзе анвои нави воситаҳои кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти нав) пайдо шуданд.

Дар кишвари Туркистон баробари ин дигаргуниҳо ва барҳам дода шудани мустақилии хонигарии Хӯқанд, инчунин, ба баъзе урфу одатҳои пойдори динию миллӣ ва маҳаллӣ зарбаи қатъӣ зада шуд. Акнун дар ин кишвар сарварони дини ислом аз мавқеъ ва ҳуқуқҳои номаҳдуди собиқа маҳрум гардиданд. Онҳо дар идоракунии мулкҳои кишвар, шуруъ аз генерал-губернаторӣ то идораи уезду волост ҳеч нуфузе надоштанд ва амалдорони подшоҳӣ андешаи эшонро умуман, ба эътибор намегирифтанд. Мансабҳои бонуфузи динӣ – қозикалон ва раис дар қаламрави кишвари Туркистон дигар вуҷуд надошт. Ин тағйирот зиёиёни маҳаллиро зиёда ба андеша водор намуд.

**Дигаргуниҳо дар ҳаёти фарҳангӣ ва тиббӣ.** Дар кишвари Туркистон махсусан, тағйирот дар ҳаёти фаҳангӣ назаррас буд. Масалан, соли 1868 дар шаҳри Тошканд аввалин чопхона ба кор шурӯъ кард. Соли 1870 китобхонаи оммавӣ кушода шуд. То ин вақт дар сарзамини Осиёи Марказӣ, махсусан, дар Бухоро, Самарқанд, Хӯқанд китобхонаҳо асрҳо боз вуҷуд дошта бошанд ҳам, дар назди дарбори хону амирон ва мадрасаҳо буда, хусусияти оммавӣ надоштанд.

Дар санаи 28-уми апрели соли 1870 шумораи аввалин нашрияи генерал-губернатории кишвари Туркистон – рӯзномаи

«Туркестанские ведомости» чоп шуд, ки бо он таърихи матбуоти даврии Осиёи Марказӣ оғоз гардид. Аз ҳамон сол чопи рӯзнома бо забонҳои ӯзбекию қирғизӣ бо номи «Туркистон вилоятининг газети» ба чоп шурӯъ шуд. Бо мақсади аз ҳисоби толибилмони маҳаллӣ тайёр намудани тарҷумонҳо 19-уми декабри соли 1884 дар шаҳри Тошканд, дар ҳавлии сарватманди маҳаллӣ Саидғанӣ Азимбоев, нахустин мактаби русии маҳаллӣ кушода шуд. Олими номии рус В.П.Наливкин муаллими он буд. Миқдори чунин мактабҳо сол то сол меафзуд. Масалан, соли 1911 танҳо дар Хуҷанд, Панҷакент, Ӯротеппа, Конибодом, Исфара, Хоруғ ва дигар шаҳрҳо беш аз 10 мактаби русии маҳаллӣ амал мекарданд. Дар сарзамини аморати Бухоро аввалин чунин мактаб соли 1894 дар шаҳри Бухорои Куҳна ташкил ёфт.


*Дарси ҷуғрофия дар яке аз мактабҳои русии маҳаллӣ.*

Дар нимаи дуюми асри XIX барои аз нуқтаи назари илмӣ омӯхтани сарзамини Осиёи Марказӣ аввалин кӯшишҳои ҷиддӣ оғоз ёфт. Чунончи, соли 1871 Ҷамъияти илмии Осиёи Миёна бунёд гардид, ки мақсади он ҷамъ ва нашр кардани мавод дар бораи мардуми ин диёр буд. То ин давр аз расадхонаҳои собиқ, аз ҷумла аз расадхонаи Улуғбек (дар Самарқанд), ки дар замони худ шуҳрати ҷаҳонӣ дошт, қариб асаре намонда буд. Соли 1873 дар Тошканд аввалин расадхонаи замонавӣ сохта шуд. Соли 1897 бо ташаббуси олимони маъруфи рус В.Ф.Ошанин ва С.И.Жидинский Шуъбаи туркистонии Ҷамъияти ҷуғрофии Русия ташкил ёфт. Ҷуғрофияшиноси номии рус П.П.Семёнов-Тяншанский ба омӯзиши ҷуғрофияи кишвар асос гузошт. Дигар олими маъруфи рус, ҷуғрофияшинос А.П.Федченко бори нахуст водии Фарғона ва Олойро омӯхта, нуқтаи баландтарини кӯҳҳои ин минтақаро муайян намуд. Дар соҳаи тиб низ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Масалан, дар шаҳри Тошканд дар нимаи дуюми соли 1865 бо мақсади табобати ҳарбиёни рус бемористони махсус бунёд гардида буд. Минбаъд дар ин ҷо бемористон ва амбулаторияи табобатӣ бунёд шуданд, ки дорои 168 бистар буданд. Дар шаҳрҳои Самарқанд, Хӯқанд,

Хуҷанд, Ӯротеппа ва Панҷакент низ бемористону марказҳои табобатӣ пайдо шуданд.

Дигаргуниҳои соҳаи тиб ба аморати Бухоро низ бетаъсир намонд. Мутахассисони рус дар шаҳри Бухорои Куҳна як бемористон ва як амбулаторияи занона, дар шаҳрҳои Шаҳрисабз, Қаршӣ ва Душанбе яктоӣ бемористонҳои ҳар кадоме дорои 5 бистар, дар маҳаллаҳои руснишин ва сарҳадӣ: Бухорои Нав (Когон), Чорҷӯйи Нав, Паттаҳисор, Тирмиз ва Каркӣ низ амбулаторияҳо ташкил карданд. Дар ҳудуди Кӯҳистони Бадахшон дар Хоруғ ва маҳалҳое, ки қисмҳои сарҳадии аскарони рус ҷойгир буданд, нуқтаҳои табобатӣ ташкил карда шуданд. Дар аксари шаҳрҳо ва шаҳракҳо дорухонаҳо ҳам бино гардиданд. Чи аз нуқтаҳои табобатӣ ва чи аз дорухонаҳо минбаъд мардуми маҳаллӣ низ ба қадри имкон истифода мекарданд.

**Мавқеи зиёиёни маҳаллӣ нисбат ба тағйирот.** Дигаргуниҳои дар сарзамини Туркистон ва аморати Бухоро бавуҷудомада, албатта, ба афкори ҷамъиятию сиёсии мардуми он, махсусан зиёиён, бетаъсир намонд. Онҳо доир ба сабаб ва оқибатҳои ин дигаргуниҳо андеша меронданд. Аксар носозгориҳои чи замони гузашта ва чи сиёсати мустамликадории ҳукумати подшоҳиро мазаммат менамуданд.

Дар натиҷаи таъсири тағйироте, ки дар нимаи дуюми асри XIX ба амал омад, зиёиёни Осиёи Марказӣ ба гурӯҳҳо тақсим шуданд. Як гурӯҳи зиёиён (асосан дар кишвари Туркистон) воқеияти баамаломадаро, муваққатан бошад ҳам, қабул намуда, мунтазири барқароршавии тартиботи аввала (чи мақомҳои динӣ ва чи мулкҳои вақфӣ) буданд. Гурӯҳи дигари зиёиён ин дигаргуниҳоро амри воқеӣ ва баргаштан ба тартиботи пештараро имконнопазир ҳисобида, сарзамини Осиёи Марказиро тарк намуда, ба мамлакатҳои ҳамсоя: Афғонистон, Эрон, Туркия ва давлатҳои гуногуни араб ҳиҷрат намуданд. Қисми сеюми зиёиён воқеаҳои даврро аз ҳар ҷиҳат омӯхта, сабабҳои онро ба хубӣ фаҳмиданд, доир ба оқибатҳои он барои худ хулосаҳои зарурӣ бароварда, баҳри наҷоти халқу ватани худ ва урфу анъанаи мардуми он мекӯшиданд. Онҳо ба хубӣ эҳсос намуданд, ки воқеан, халқҳои Осиёи Марказӣ хеле камбағалу нодор буда, мамлакат аз давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон аз ҳар ҷиҳат қафо мондаанд. Тарафдорони ин гурӯҳ сабабҳои асосии ҳама гуна бадбахтиҳои мардум ва қафомондагии мулкро, пеш аз ҳама, дар бемаърифатии

мардум ва амалдорон медиданд. Ақидаи ин гурӯҳи зиёиён дар эҷодиёти маорифпарварони он давра таҷассум ёфтааст, ки бузургтарини онҳо Аҳмади Дониш буд.

**Сарчашма:**

Академик Бобоҷон Ғафуров аҳаммияти таърихии ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Марказиро нишон дода, доир ба вуҷуд омадани дигаргуниҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ навиштааст: «Тавассути ҳамроҳ шудан ба Русия Осиёи Миёна ба муомилаи молии ҷаҳонӣ кашида шуд. Тадриҷан дар ин сарзамин корхонаҳои саноатӣ, дар навбати аввал корхонаҳои пахтатозакунӣ ва равғанкашӣ ба вуҷуд омаданд... Дар натиҷаи ҳамроҳ шудан ба Русия ҳаёти фарҳангии Осиёи Миёна рӯҳ гирифт. Масалан, дар Тошканд китобхона, театр, музей кушода шуда, кори матбуот рӯ ба тараққӣ ниҳод... Ривоҷи фарҳанг, ки бо кумаки зиёиёни рус шурӯъ гардида буд, ба фаъолияти зиёиёни маҳаллӣ кумак расонид...». (Ниг.:Ғафуров Б. Тоҷикон. Китоби 2. С.187).

**Санаҳои муҳим:**

1865, нимаи дуюми сол – бунёди бемористони махсус дар шаҳри Тошканд.

1868 – бунёди аввалин чопхона дар шаҳри Тошканд.

1870 – кушода шудани китобхонаи оммавӣ дар шаҳри Тошканд.

1870, 28-уми апрел – нашри аввалин шумораи рӯзномаи «Туркестанские ведомости».

1870 – бунёди Ҷамъияти илмии Осиёи Миёна.

1873 – бунёди расадхона дар Тошканд.

1884, 19-уми декабр – кушода шудани нахустин мактаби русии маҳаллӣ дар шаҳри Тошканд.

1897 – ташкили Шуъбаи Туркистонии Ҷамъияти ҷуғрофии Рус.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Ба мардуми маҳаллӣ дигаргуниҳои иқтисодию сиёсӣ ва ҷамъиятие, ки дар Осиёи Марказӣ дар нимаи дуюми асри XIX ба амал омаданд, чӣ тавр таъсир намуд? 2) Мардум дигаргуниҳои ҳаёти фарҳангӣ ва тиббии даврро чӣ гуна қабул карданд? 3) Аввалин рӯзнома дар Осиёи Марказӣ кай ва бо кадом ном нашр гардид? 4) Нахустин мактаби русии маҳаллӣ кадом сол, дар куҷо

кушода шуд ва мақсад аз бунёди чунин мактабҳо чист? 5) Аз олимони рус, ки дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар омӯзиши Осиёи Марказӣ саҳм гузоштаанд, киҳоро медонед? 6) Дар соҳаи тиб чӣ тағйирот ба вуҷуд омад? 7) Зиёиёни маҳаллӣ тағйироти баамаломадаро чӣ тавр қабул намуданд? 8) §§ 2, 18, 20, 21 ва 22-ро такрор кунед; 9) Расм ва маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** таъсири дигаргуниҳои сиёсӣ ва ҷамъиятии дар замони мустамликавӣ дар Осиёи Марказӣ бавуҷудомадаро барои ташаккулёбӣ афкори ҷамъиятии сиёсӣ дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §33. АҲМАДИ ДОНИШ – ИСЛОҲОТХОҲ ВА МАОРИФПАРВАР

**Ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш.** Яке аз фозилтарин фарзандони Бухорои Шарифи асри XIX Аҳмад Маҳдуми Дониш мулаққаб ба Аҳмади Калла (1826–1897) мебошад. Ӯ дар шаҳри Бухоро, дар оилаи Носир ном муллои тоҷик ба дунё омадааст. Маълумоти ибтидоиро дар мактаби хусусии духтаронаи модараш гирифта, дар мактаби қориён (ҳофизони Қуръон) низ таҳсил намудааст, вале мактаби қориёнро зуд тарк намуда, аз 14-солагӣ таҳсилро дар мадраса идома додааст. Ӯ дар мадраса ғайр аз илмҳои динӣ, дар асоси асарҳои олимони Шарқ фанҳои табииёт, риёзиёт, нуҷум, ҳайат, таърих, фалсафаи табиӣ ва адабиётро бештар мустақилона меомӯзад.

Аҳмади Дониш аз хурдсолӣ хатти зебо ва дар рассомиву наққошӣ истеъдоди фавқулодае доштааст. Баъди хатми мадраса ӯро бо тавсияи яке аз устодони санъаткораш ба ҳайси меъмор ва наққош ба дарбори амир ба кор гирифтанд, вале аз сабаби набудани корҳои иморатсозию бинокории ҳукуматӣ Аҳмади Дониш дар дарбор бештар бо кори китобати рисолаву девонҳо ва коғазҳои расмии дарборӣ машғул буд. Ин ба ӯ имкон дод, ки аз як тараф, ҳунари хушнависӣ ва наққошии худро боз ҳам такмил диҳад, аз тарафи дигар, аз китобхонаи ғании дарбор истифода карда, илмҳои гуногунро мустақилона боз ҳам амиқтар омӯхта, ба донишмандӣ шуҳрат пайдо намояд. Аҳмади Дониш

ҳанӯз дар замони ҳукуматдории амир Насрулло аз ашхоси соҳибмаърифати аҳли дарбор маҳсуб мешуд.

Аҳмади Дониш бо супориши амирони Бухоро се дафъа ба Русия сафар намудааст. Ҳангоми ин сафарҳо бо ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва махсусан, фарҳангии Русия ба қадри имкон аз наздик шинос шуд. Ин сафарҳо дар ташаккули ҷаҳонбинии ӯ ҳамчун маорифпарвар ва ислоҳотхоҳ нақши муҳиме бозидаанд.



*Аҳмади Дониш (дар мобайн) – асосгузори ҳаракати маорифпарварӣ дар Осиёи Марказӣ. (Расми соли 1874, ҳангоми бо аъзои сафорати Бухоро дар Санкт – Петербург будан, кашида шудааст)*

**Андешаҳои ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш.** Аҳмади Дониш солҳои 1870–1873 милодӣ рисолае таълиф намуд, ки он бо номи «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» маъруф аст. Ин рисола дар асл барномаи ислоҳоти ҷиддии тарзи давлатдорӣ ва асосҳои иҷтимоии аморати Бухоро ба шумор меравад.

Аҳмади Дониш дар ин рисола барои идоракунии мамлакат тартиботи вазорат ва маҷлиси машваратӣ (парламент)-ро зарур мешуморад. Ба ақидаи ӯ, ҳуқуқи амир чун ҳокими мутлақ бояд дар асоси қонун (Конститутсия) маҳдуд карда шавад. Ғайр аз ин, дар рисола доир ба сохт ва ҳуқуқи вазоратҳо, тартибот ва мавқеи қувваҳои ҳарбӣ, ҳуқуқу мартабаи амир, муносибати давлатдорон бо халқро батафсил баён кардааст.

Ба андешаи Аҳмади Дониш, подшоҳ ҳамон вақт одил шудан метавонад, ки даҳ шартро риоя кунад. Шарти аввал, ба андешаи мутафаккир, «дар ҳар воқеа, ки раоёро пеши ҳоким афтод, подшоҳ худро дар он воқеа аз раоё тасаввур кунад ва дигареро бар худ ҳоким донад. Ва дар он ҳам ҳар ҳукм, ки аз дигаре ба худ

раво намедорад. мисли он (онро – Н.Ҳ.) аз худ ба дигаре раво надорад ва агар раво дорад, хиёнат карда бошад».

Ё худ дар шарти ҳафтум мегӯяд: подшоҳи одил «он ки аз хатари ҳукумат ва вилоят ғофил набошад. Ва яқин донад, ки мансаби аморату ҳукумат олатест, (ки) бад-он саодату некномии дунё ва охират касб метавон кард. Ва ҳам шақовату гирифторӣ ва бадномии абадӣ ҳосил тавон намуд». Дар шарти нуҳум гуфтааст: «... некбахттарини раиятдорон касест, ки раият бад-ӯ некбахт аст ва бадбахттарин касе он аст, ки раият бад-ӯ бадбахт аст».

Аҳмади Дониш дар назди амир Музаффар шарт мегузорад, ки танҳо дар сурати қабул гардидани андешаҳояш доир ба ислоҳот ӯ метавонад дар кори идораи давлатии амирӣ иштирок намояд. Амир аз чунин пешниҳоди бебоконаи Аҳмади Дониш ҷиҳати давлатдории худ хавф бурда, на танҳо онҳоро қабул накард, балки худи ӯро аз дарбор дур карда, аввал ба Ғузор, баъд дар Наҳрпай қозӣ таъйин намуд.

**«Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш.** Мутафаккир аз соли 1875 ба навиштани шоҳасараш «Наводир-ул-вақоеъ» шуруъ намуда, онро пас аз понздаҳ сол ба итмом расонид. Ӯ соли 1885, танҳо баъди марги амир Музаффар ва ба тахт нишастани амири ҷавон – Абдулаҳад ба Бухоро баргашт ва бо «марҳамат»-и амири нав муддате китобдори мадрасаи Ҷаъфархоҷаи Бухоро таъйин гардид. Ин ҳама ба нависанда имкон дод, ки шоҳасари худро ба итмом расонида, онро дар байни ҳаводорону ҳамфикрони худ интишор намояд.

Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» чун шоҳиди замон иллатҳои иҷтимоӣ, нобаробарӣ ва беадолатиҳои ҷомеаи феодалии Бухоро, қафомондагии ҳаёти фарҳангӣ, тарзи шахшудаи таълим дар мактабу мадрасаҳо, симои манфури табақаҳои ҳукмрони амирӣ, ки нисбат ба мардум бераҳмӣ зоҳир менамуданд, ҷаҳолат ва ғафлатзадагии арбоби дин ва ғайраро хеле сахт танқид намудааст. Муаллиф «Рисола дар назми тамаддун ва таовун»-ро ҳамчун яке аз қисмҳо ба «Наводир-ул-вақоеъ» дохил кардааст.

Таълифи «Наводир-ул-вақоеъ»-ро уламои расмии Бухоро, амир ва аҳли дарбор зараровар ҳисобида бошанд, зиёиёни пешқадами Бухоро онро бо мамнуният қабул карданд. Ин асар дар бедории мардуми тоҷик, умуман зиёиён, нақши муҳим бозид. Худи нависанда аз доираи зиёиёни Бухоро дар канор набуд. Ӯ ҳама вақт якчанд нафар уламо ва толибилмони боистеъдодро

дар атрофи худ ҷамъ намуда, доир ба фасодҳои замона ва роҳҳои халосӣ аз он суҳбатҳо мерост. Аҳмади Дониш тавассути суҳбатҳо ва паҳн намудани ақидаҳояш, инчунин, таълифи асарҳои гаронбаҳояш барои дар шароити Бухоро ба вуҷуд омадан ва ташаккул ёфтани як равия ё худ ҷараёни нав – равияи маорифпарварӣ замина гузоштааст.

**Аҳмади Дониш – асосгузори ҳаракати маорифпарварӣ.** Маорифпарварӣ ҷараёни иҷтимоию сиёсӣ ва адабию фарҳангиест, ки зиёиёнро аз ғафлати замони куҳнаи феодалӣ бедор намуда, ба замони нав, замони тантанаи илму амал ва адолат даъват мекард. Тарафдорони ин ҷараён (ё худ равия) маҳз бо роҳи тарғиби ғояҳои хайр, адолат, илму маърифат иллатҳои сохти ҷамъиятиро барҳам задан, анъанаю маишат ва сиёсати онро тағйир додан мехостанд. Андешаҳои Аҳмади Дониш ҳам пурра ба ҳамин мақсад равона гардида буд. Бинобар ин, ӯро барҳақ асосгузори ҷараёни маорифпарварии на танҳо Бухоро, балки тамоми Осиёи Марказӣ мешиносанд.

Дар ғояҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш ҳақиқатан ҳам тамоми ҷиҳатҳои мусбати афкори фалсафӣ ва иҷтимоию сиёсии на танҳо халқи тоҷик, балки дигар халқҳои Осиёи Марказӣ, мамлакатҳои ҳамҳудуди Шарқ ва ғайра низ таҷассум ёфтаанд. Барои ташаккули ин ғояҳо махсусан, таассуроти сафарҳои Петербург нақши муҳим бозидааст, зеро дар натиҷаи ин сафарҳо Аҳмади Дониш бо чашмони худ дид, ки ватанаш – Бухоро нисбат ба Русия то кадом дараҷа аз ҷиҳати иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ қафо мондааст.

Аҳмади Дониш яке аз барҷастатарин ва фозилтарин одамони Бухоро ба шумор мерафт. Ӯ пешрафти иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангии ватани худро мехост. Орзу мекард, ки мулкаш обод ва мардуми он хушбахт бошад.

**Сарчашма:**

Аҳмади Дониш яке аз шартҳои давлатдориро чунин тасвир кардааст: «Ва султонро ин миқдор илм лобуд аст, ки бидонад, ки вайро дар ин олам барои чӣ овардаанд ва қароргоҳи вай чист. Дунё манзилгоҳи вай аст, на қароргоҳи вай. Ва ӯ бар сурати мусофирест, ки раҳми модар бидояти манзили вай аст ва лаҳад ниҳояти манзили вай». (Ниг.: Дониш А. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2. Душанбе, 1989, – саҳ. 117, 130–131)

**Санаҳои муҳим:**

1826 – 1897 – солҳои зиндагии Аҳмади Дониш.

1870 – 1873 – Аҳмади Дониш барномаи ислоҳоти худро бо номи «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» иншо намуд.

1875 – 1890 – Аҳмади Дониш шоҳасари худ «Наводир-ул-вақоеъ»-ро таълиф кард.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Дар бораи ташаккули ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш чӣ медонед? 2) Чаро барои ташаккули ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш сафарҳояш ба Русия нақши муҳим бозидааст? 3) Барномаи ислоҳоти Аҳмади Дониш чӣ ном дорад ва дар он кадом масъалаҳо ба миён гузошта шудаанд? 4) Дар шоҳасари Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» кадом масъалаҳо инъикос ёфтаанд? 5) Чаро Аҳмади Донишро асосгузори ҳаракати маорифпарварӣ медонанд? 6) Маорифпарвариро чӣ тавр мефаҳмед? 7) §§ 17 ва 32-ро такрор кунед; 8) Расм ва маводи сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд**: симои барҷастаи Аҳмади Донишро ҳамчун ислоҳотхоҳ ва маорифпарвар дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §34. ҲАРАКАТИ ҶАДИДИЯ

**Ба вуҷуд омадани ҳаракати ҷадидия дар Осиёи Марказӣ.** Ҳаракати ҷадидия дар Осиёи Марказӣ охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX дар байни зиёиёни бедоргаштаи маҳаллӣ дар аввал ҳамчун ҷараёни фарҳангию маърифатӣ, баъд ҳамчун ҷараёни иҷтимоию сиёсии ислоҳотхоҳона ба вуҷуд омадааст. Тарафдорони ин ҳаракат ақибмондагии иқтисодию сиёсии мулки худро ба хубӣ дарк намуда, коста будани маънавиёти мардумро эҳсос карданд ва чун пешовандонашон–маорифпарварон дар андешаи он буданд, ки 1) бо роҳи интишори адабиёти нав ва ба роҳ мондани чопи рӯзномаю маҷаллаҳо аҳволи мардумро беҳтар намоянд; 2) ба ислоҳи тарзи идоракунии кишвари худ ноил гардида, барои рушд ёфтани он чун халқҳо ва давлатҳои тараққикардаи ҷаҳонӣ шароит муҳайё кунанд; 3) ба барҳам додани ҳар гуна разолатҳои давр–бетартибию ғоратгариҳо ҳангоми ситонидани андозҳо, худсарии амалдорон ва ғайра муваффақ шаванд; 4) бо роҳи ислоҳот дини исломро ба талаботи

замони нав – рушди муносибатҳои сармоядорӣ мутобиқ гардонанд. Ҷадидони Бухоро худро «ҷадид» наномидаанд. Ин номро ба онҳо, чун калимаи таҳқиркунанда, муқобилони ислоҳот гузоштаанд. Барои гузоштани чунин ном аз тарафи ҷадидон ташкил карда шудани мактабҳои усули нав (ё худ усули ҷадидӣ) сабаб шуда буд. «Ҷадид» калимаи арабӣ буда, ба форсии тоҷикӣ маънои «нав», «тоза»-ро дорад ва он ягон маънии таҳқиркунандаеро ифода намекунад, вале дар шароити аморати Бухоро ҳомиёни тартиботи куҳна ҳар каси ба худ аз рӯйи ақида муқобилро «ҷадид» меномиданд. Оҳиста-оҳиста ин калима нисбати ҳамаи онҳое, ки тарафдори ислоҳот буданд, мактабҳои усули нав мекушоданд, дар чунин мактабҳо таҳсил менамуданд ва ё бо он робита доштанд, умуман, нисбати ҳамаи онҳое, ки чи ба тартиботи асримиёнагии амирӣ ва чи усули куҳнаи таълим розӣ набуданд, истифода мегардид. Онҳо бо истилоҳи «ҷадид» ба таърих ворид шуданд ва худи ҷадидон онро нисбати худ ва ҳамфикронашон на ба маънои таҳқир, балки чун шахси озод, ҷорикунандаи андешаву ақидаҳои нав қабул карданд.


حبل المتين

*Яке аз шумораҳои рӯзномаи «Ҳабл-ул- матин» (аз 14-уми майи соли 1907), ки бо забони форсӣ дар Калкуттаи Ҳиндустон нашр гардида, дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Бухоро ҳам паҳн мегардад.*

Дар асл ҷадидон дар марҳалаи аввал худро «ҷавонон», «ҷавонфикрон», «маорифпарварон», «тараққипарварон», «ислоҳотпарварон», «ислоҳотхоҳон», «навпарастон» ва ғайра меномиданд. Ғайр аз ин, ҷадидони Бухоро ба ҷавонтуркони Туркия пайравӣ намуда, худро «ҷавонбухороиён» ва ҷадидони Хева худро «ҷавонхевагиҳо» меномиданд. Дар навбати худ ҷадидон муқобилони худро «куҳнапарастон», «қадимиён», «қадимпарастон», «тарафдорони усули куҳна» ва ғайра мегуфтанд. Аз ҳамин сабаб ҷанҷоли тарафдорон ва муқобилони мактаби усули нав дар таърих ба номи «низои байни ҷадидону қадимпарастон» маълум аст ва он ҷанҷол сол то сол шиддат ёфта, махсусан, дар шароити Бухорои амирӣ, бештар шакли фоҷиавӣ касб мекард.

Марказҳои намоёни ҳаракати ҷадидӣ дар аморати Бухоро шаҳри Бухорои Куҳна (пойтахти аморат), дар кишвари Туркистон – шаҳрҳои Самарқанд, Хӯқанд, Тошканд ва дар хонигарии Хева – шаҳри Урганҷ ба ҳисоб мерафтанд, зеро ин шаҳрҳо дар баробари марказҳои маъмурӣ ҳисоб шудан, марказҳои илму маърифат ҳам буданд.

Сарчашмаҳои ташаккули ҳаракати ҷадидия инҳо буданд: 1) ақидаҳои маорифпарварӣ, махсусан, эҷодиёти Аҳмади Дониш; 2) таъсири ҳаракати ҷадидияи тоторҳо, ки ҳанӯз солҳои 80-уми асри XIX ташаккул ёфтааст; 3) таъсири рушди муносибатҳои нави молию пулӣ; 4) таъсири матбуоти даврӣ.

**Фаъолияти ҷадидон дар кишвари Туркистон.** Бояд таъкид намуд, ки ҷадидон дар Осиёи Марказӣ дар шароити гуногун амал мекарданд. Масалан, дар шароити кишвари Туркистон онҳо то андозае озодона фаъолият менамуданд. Ҳукуматдорони подшоҳӣ ба корҳои ҷадидон (ғайр аз солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ) чандон аҳаммият намедоданд. Бинобар ин, ҷадидони кишвари Туркистон дар роҳи амалӣ гардонидани мақсадҳои худ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо, ғайр аз муқобилати тарафдорони усули куҳнаи таълим, дигар монеаи ҷиддие қариб эҳсос намекарданд.

Ҳаракати ҷадидия дар кишвари Туркистон то замони Инқилоби феврали (соли 1917) Русия ба таври муташаккил ташаккул наёфта бошад ҳам, тарафдорони он шароити кишварро ба назар гирифта, дар назди худ чунин мақсадҳои муайян гузошта буданд: дар масъалаи тарбия – ҷавонони маҳаллиро бештар ба илму маърифат, ривоҷ додани корҳои тиҷорату саноат даъват менамуданд. Дар ин соҳа онҳо, бегуфтугӯ, тарафдори ислоҳи усули таълим дар мактабу мадрасаҳо ва бунёди мактаби усули нав буданд; оид ба сабук намудани аҳволи халқи заҳматкаш – ба тартиб даровардани андозҳо ва сабук кардани онҳо; қатъ гардонидани муҳоҷиркунии деҳқонони рус ба кишвари Туркистон; дар масъалаи идоракунии кишвар – ислоҳ намудани усули идоракунии мустамликавӣ, аз ҷумла тағйир додани баъзе бандҳои «Низомнома оид ба идоракунии кишвари Туркистон», ки дар асоси онҳо амалдорони ҳукумати подшоҳӣ нисбат ба мардуми маҳаллӣ бераҳмӣ зоҳир менамуданд; дар масъалаи ҳуқуқ – баробарҳуқуқии раияти муқимии кишвар бо раияти Русия, маҳдуд кардани дахолати амалдорони подшоҳӣ ба корҳои идоракунии

маҳаллӣ, ки баъзан боиси аз тарафи эшон поймол карда шудани урфу анъанаҳои  мардум мегардид ва ғайра.

Сарварони ҳаракати ҷадидия дар кишвари Туркистон: Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ (1875–1919), Абдулқодир Шакурӣ (Абдулқодир Абдулшукуров 1875–1943, ҳар ду аз Самарқанд). Мунавварқорӣ Абдурашидов (аз Тошканд) буданд.

Аз тарафи ҷадидони кишвари Туркистон маҷаллаю рӯзномаҳои: «Хуршед» (1906), «Самарқанд» (1913 – 1914), «Ойина» (1913 – 1915), «Тараққӣ» (1906), «Шуҳрат» ва «Туҷҷор» (1907 – 1908), «Осиё» (1913 – 1915), «Садои Туркистон» (1914 – 1915), «Садои Фарғона» (1913) ва ғайра нашр мегардиданд. Аз байни онҳо маҷаллаи «Ойина», ки Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ нашр мекард, бо ду забон: форсии тоҷикӣ ва ӯзбекӣ, боқӣ ҳама ба забони ӯзбекӣ чоп мешуданд.

Дар шароити кишвари Туркистон муқобилони ҳаракати ҷадидия аз ҳисоби мударрису муллоҳо ва толибилмон кам набуданд. Онҳо дар мактабу мадрасаҳо усули куҳнаи таълимро дастгирӣ намуда, муқобили мактабҳои усули нав, мактабҳои русии маҳаллӣ, тарафдори аз нав барқарор кардани мавқеи  номаҳдуди дину шариат ва ғайра буданд, вале мухолифони ислоҳот аз ошкоро ба муқобили сиёсати ҳукумати подшоҳӣ баромадан метарсиданд.

**Фаъолияти ҷадидон дар аморати Бухоро.** Дар шароити аморати Бухоро вазъият барои фаъолияти ҷадидон андаке дигар буд. Ҳукумати амирӣ аз рӯзҳои аввали ба майдон омадани ҳаракати  ҷадидӣ тарафдорони онро таъқиб намуда, фаъолияти мактабҳои усули навро манъ кард. Чунин муносибат суръати аз ҷиҳати ташкилӣ танзим ёфтани ҳаракати ҷадидияи Бухороро тезонид. Махсусан, соли 1909 аз тарафи ҳукумати амирӣ баста шудани мактаби усули нави Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим (1877–1934) ва Садриддин Айнӣ (1878–1954) тарафдорони ҳаракати навро ба ғазаб овард ва онҳоро баръакс, бо ҳам наздиктар намуд. Тарафдорони мактаби усули нав минбаъд бо ҳам тез-тез вохӯрда, доир ба тақдири Бухоро, мардуми он, корҳои мактабу мадрасаҳо суҳбатҳо меоростанд. Дар натиҷа, солҳои 1909 – 1910 дар Бухоро ҳаракати ҷадидӣ ҳамчун ҳаракати ислоҳотхоҳонаи ҷамъиятию сиёсӣ пурқувват шуд ва аз ҷиҳати ташкилӣ ташаккул ёфт.

Садриддин Айнӣ бо дӯсти худ Абдулвоҳиди Мунзим дар маркази ҳаракати  ҷадидияи Бухоро, дақиқтараш, аз ҷумлаи сарварони он буданд. Ҷадидони бухороӣ вазъи аморатро ба

эътибор гирифта, баҳри рушду ободии ватани худ, инчунин, баҳри хушбахтии мардуми он, дар назди худ чун мақсаду маром, иҷрои вазифаҳои зеринро гузоштаанд: дар соҳаи маориф – барҳам додани бесаводӣ тавассути кушодани мактабҳои усули нав, ислоҳоти таълим дар мадрасаҳо, паҳн намудани адабиёти нав ва матбуоти ҳаррӯза; дар соҳаи ҳимояи манфиати халқ – бо роҳи ташвиқот ба мардум фаҳмонидани разолатҳои ҳукуматдорони амирӣ, исрофкории амир ва аҳли дарбор, инчунин, дар байни мардум барҳам додани исрофкориҳои зиёд ҳангоми тӯй, мотам (маросимҳои азодорӣ) ва дигар маъракаҳо; дар соҳаи мустаҳкам намудани иттифоқ ва дӯстии мардум – бо роҳи фаҳмондан барҳам додани низоъҳои мазҳабӣ ва ғайра.

Минбаъд ба ҳаракати ҷадидияи кишвари Туркистон ва Бухоро дар қатори зиёиён, инчунин, намояндагони тоҷирони маҳаллӣ низ дохил гардиданд. Ҷадидон ҳақиқатан ҳам давомдиҳандагони фаъолияти маорифпарварони асри XIX буданд. Бинобар ин, онҳоро низ маорифпарварон номидан хато нест, вале ин ҳаракатро нисбат ба маорифпарварони асри XIX «як қадам ба қафо» гуфтан хатост. Баръакс, ҳаракати ҷадидӣ нисбат ба маорифпарварии гузашта як қадам ба пеш аст, зеро маорифпарварони аввала норасоиҳои замонро дар асарҳо, суҳбатҳо, шеъру сурудҳои худ сахт танқид карда, барои амалӣ гаштани он корҳои назаррасе накардаанд. Аммо ҷадидон аз ибтидо фаъолияти худро бо кори амалӣ– ташкили мактабҳои усули нав, нашри рӯзномаҳо, ислоҳи усули таълим дар мадрасаҳо ва ғайра оғоз карданд.

Ба ҷадидон тамғаи исломпарастӣ (панисломизм)-ро часпонида, сиёҳ кардан низ хатост, зеро, чунон таъкид намудем, фаъолони ин ҳаракат аксаран аҳли савод, муллою муллозодаҳо, мударрисҳо ва толибилмони мадрасаҳо, яъне қариб ҳама аз аҳли ислом буданд. Бинобар ин, онҳо ҳеҷ гоҳ аз доираи ислом берун шуда наметавонистанд ва ин тавр шуданаш мумкин ҳам набуд. Аз аҳли ғайримусулмон – яҳудиёни маҳаллӣ аксаран хайрхоҳон буданду халос. Аз ин рӯ, ҷадидон аз доираи шариати дини ислом набаромада, бо роҳи ислоҳот мулки худ ва мардуми онро аз ҳолати бенавоию фақирӣ бароварда, ба қатори халқҳо ва давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон расонидан мехостанд.

**Пурзӯршавии ҷараёни пантуркистӣ дар байни ҷадидон.** Маълум аст, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар

асоси идеологияи миллатгароёни турк – туркизм ақида ва ё худ равияи дигар – пантуркизм (туркпарастӣ, марказаш дар Туркия) ба вуҷуд омада, рушд кард. Мувофиқи таълимоти туркпарастон, як қатор миллатҳои ҷаҳон, ба монанди юнониҳо, форсҳо, арабҳо кайҳо хароб шудаанд ва онҳо гӯё оянда надоранд; қисми дигари миллатҳо, аз ҷумла халқҳои Аврупо гӯё ба интиҳо мерасанд; танҳо қисми сеюми миллатҳо, ки ба онҳо туркҳоро нисбат медоданд, гӯё тараққӣ мекунанд ваояндаи дунё насиби онҳост. Бинобар ин, онҳо «ягонагии миллӣ ва давлатӣ»-и ҳамаи халқҳои туркзабонро тарғиб мекарданд. Туркпарастӣ дар байни тоторони миллатгарои Қриму Поволже ҳамовозии зиёд пайдо кард, зеро онҳо тавассути ин равия воситаи ягонаи ҷудоӣ аз давлати Русияро медиданд. Бояд таъкид кард, ки як қисми тарҷумонҳо ва ҳатто амалдорони хурди давлати Русия, ки бо корҳои Осиёи Марказӣ машғул буданд, аз ҷумлаи тоторҳо буда, баъзеи онҳо, ба мисли ҷадидони тотор, ҳамин равияро дастгирӣ мекарданд. Ҷавононе, ки аз Осиёи Миёна ба Туркия ва ё ба Қриму Поволже сафар мекарданд ё худ аз тарафи чадидон барои таҳсил фиристода мешуданд, зуд зери таъсири ҳамин равия меафтоданд. Минбаъд онҳо чун ташвиқгари ҳамин равия ба воя мерасиданд ва амал мекарданд.

Дар шароити Осиёи Марказӣ туркпарастон мавҷудияти тоҷиконро тамоман инкор мекарданд. Тоҷиконро «туркҳои бо таъсири адабиёти классикии форс забони худро гумкарда» мешумориданд. Бинобар ин, онҳо мегуфтанд, ки «тоҷикон бояд ба асли худ – туркҳо табдил дода шаванд».

Доир ба муайян намудани туркпарастии ҷадидони Осиёи Марказӣ ҳушёрии ҷиддӣ лозим аст. Пеш аз ҳама, бояд ба эътибор гирифт, ки ҳаракати ҷадидӣ ва туркпарастӣ ҳеҷ гоҳ ҳаракати ягона набуд ва на ҳамаи ҷадидон дар тамоми даври фаъолияташон туркпараст буданд. Махсусан, дар давраи аввали фаъолияти ҷадидони Бухоро таъсири равияи туркпарастӣ нисбатан кам буд. Аз ҳамин сабаб ҷадидони Бухоро аввалин мактаби усули нав ва нахустин рӯзномаро ба забони форсии тоҷикӣ ташкил намудаанд, вале пӯшида нест, ки нуфузи туркпарастӣ дар фаъолияти онҳо сол то сол меафзуд. Зеро худи ҷадидони Осиёи Марказӣ дар симои давлати Туркия намунаи ибратбахши давлати тараққикардаи исломиро дида, нисбат ба он таваҷҷуҳи зиёде пайдо карда буданд. Дар натиҷа, қисми зиёди зиёиёни бедоргаштаи тоҷик, ки ба равия ё худ ҳаракати ҷадидия дохил буданд,

низ бо равияи туркпарастӣ заҳролуд шуда, минбаъд худро турк ҳисоб намуда, нисбат ба миллат ва забони худ хиёнатҳои зиёде карданд.

**Сарчашма:**

Садриддин Айнӣ дар аввал бо кадом ном фаъолият кардани ҷадидони Бухороро чунин шарҳ медиҳад: «Азбаски барои ба ҳамдигар наздик шудани ин соҳибфикрон дар марҳалаи аввал мактаби усули ҷадидия сабаб шуда буд, уламо ва арбоби ҳукумат ин фирқаро «ҷадид» ё «ҷадидӣ» номидаанд. Азбаски маслаки ин фирқа тараққию пешрафт ва роҳбаронашон ҷавонон ва ҷавонфикрон буданд, онҳо худро «ҷавонбухороиён» (мисли ҷавонтуркон) меномиданд». (Ниг.: Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. - Душанбе, 1987. - С.70).

**Санаҳои муҳим:**

Охири асри XIX ва ибтидои асри XX – дар сарзамини Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омадани ҳаракати ҷадидӣ ё худ ҷадидия.

1909-1910 – дар Бухоро ҳаракати ҷадидия ҳамчун ҳаракати ислоҳотхоҳонаи ҷамъиятию сиёсӣ ташаккул ёфт.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Тарафдорони ҳаракати ҷадидия ба кадом мақсад (андешаҳо) бо ҳам муттаҳид гардидаанд? 2) Манбаъҳои ташаккули ҳаракати ҷадидӣ кадомҳоянд? 3) Ҳаракати ҷадидия дар шароити Осиёи Марказӣ кай ба вуҷуд омад? 4) Ҷадидон дар шароити Бухоро худро дар аввал бо кадом номҳо муаррифӣ менамуданд? 5) Ҷадидон дар кишвари Туркистон дар кадом шароит фаъолият мекарданд ва дар назди худ чӣ мақсад гузоштанд? 6) Ҷадидон дар аморати Бухоро чӣ гуна фаъолият доштанд? 7) Ҳаракати ҷадидии Бухоро кай аз ҷиҳати ташкилӣ ташаккул ёфт? 8) Туркпарастӣ чист ва чаро нуфузи он дар байни ҷадидон зиёд гардид? 9) §§ 32 ва 33-ро такрор кунед; 10) Маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** ташаккулёбии ҳаркати ҷадидии Бухоро ва кишвари Туркистонро дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §§35-36. МАКТАБҲОИ УСУЛИ НАВ ВА РӮЗНОМАИ «БУХОРОИ ШАРИФ»

**Фарқи мактабҳои усули куҳна ва нав.** Ҳанӯз дар охири асри XIX ва махсусан, ибтидои асри XX муносибати як гурӯҳ зиёиёни пешқадам нисбат ба усули куҳнаи таълим дар мактабу мадрасаҳо тағйир ёфта буд. Зиёиён ҳатто яке аз сабабҳои асосии қафомондагии диёри худ ва мардуми онро маҳз дар қафомонда будани усули таълими мактабу мадарасаҳо дида, дар андешаи ислоҳи он буданд. Зеро фанҳое, ки дар мактабҳои усули куҳна асрҳо боз таълим дода мешуданд, танҳо ба як мақсад – ҳарчи васеътар омӯзонидани асосҳои дини ислом нигаронида шуда буданд. Аз ин рӯ, дар чунин мактабҳо толибилмон қариб ним сол танҳо ҳарфҳои арабиро азёд меомӯхтанд. Баъд ба омӯзиши «Ҳафтяк» (пораҳо аз Қуръон), сипас ба хондани «Чоркитоб» шуруъ менамуданд. Ин ҳама қариб се солро дар бар мегирифт.



*Бинои яке аз мактабҳои усули куҳна дар шароити деҳоти Бухорои амирӣ*

Дар мактабҳои усули куҳна дигар фанҳо қариб омӯзонда намешуд. Баъзан бо ташаббуси худи муаллимони мактаб–домуллоҳои баъзе мактабҳои куҳна фанҳои дунявӣ, ба монанди риёзиёт, таърих, ҷуғрофия ва ғайра таълим дода мешуд, вале шумораи ин гуна мактабҳо хеле кам буд.

Бинобар ин, аксари толибилмон баъди хатми мактабҳои усули куҳна аз навиштан тамоман бехабар буданд. Чунин вазъият яке аз хусусиятҳои замони гузашта буд. Дар ҳудуди Осиёи Марказӣ, махсусан, дар маҳалҳои тоҷикнишин, қариб деҳае набуд, ки он ҷо масҷид набошад. Дар шаҳрҳо миқдори масҷидҳо хеле зиёд буд. Масалан, дар шаҳри Бухорои Куҳна дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX 360 масҷид амал мекард. Дар назди қариб ҳамаи масҷидҳо мактабҳои усули куҳна амал



*Машғулият дар мактаби усули куҳна дар замони Бухорои амирӣ*

мекарданд. Барои духтарон дар баъзе маҳалҳо мактабҳои алоҳида мавҷуд буданд. Доир ба омӯзиши илмҳои дунявӣ дар мадрасаҳо вазъият каме беҳтар буд.

Вале дар ин ҷо риёзиёт, ҷуғрофия, таърих, нуҷум омӯхта шаванд ҳам, қисми зиёди таҳсил ба омӯзиши забони арабӣ, қироати Қуръон ва махсусан, шарҳи гуногуни он, шариати ислом ва ғайра нигаронида шуда буд. Дар нимаи дуюми асри XIX дар мадрасаҳо омӯзиши илмҳои дунявӣ хеле маҳдуд гардида, ҳатто омӯзиши илми тиброро аз байн бардоштанд. Шумораи мадрасаҳо хеле зиёд буд. Танҳо дар шаҳри Бухорои Куҳна беш аз 200 мадраса амал мекард, ки онҳо беш аз 10 ҳазор донишҷӯ доштанд. Дар Хуҷанд 47 мадраса, инчунин, дар Ӯротеппа, Панҷакент, Қаротоғ ва дигар нуқтаҳои Тоҷикистони имрӯза низ мадрасаҳо вуҷуд доштанд. Аҳмади Дониш, Муфтӣ Икромча, Садри Зиё, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Садриддин Айнӣ ва дигарон, ки дастпарварони мактабу мадрасаҳои ҳамон давр буданд, ба замони нав мувофиқ набудани усули таълимро дар асарҳояшон зикр намудаанд. Замони нав – давраи рушди муносибатҳои молию пулӣ ба донандагони илмҳои дунявӣ бештар муҳтоҷ буд. Чунин талабот зарурати бунёди мактабҳои усули навро ба миён овард, зеро дар мактабҳои усули нав толибилмон дар баробари Қуръон ва



*Мадрасаи Мири Араб – яке аз мадрасаҳои номии Бухоро, ки дар асри XIX ва ибтидои асри XX ҳам фаъолият дошт.*



*Мадрасаи Рустамбек дар Истаравшан. Асри XIX.*



*Мадрасаи Олим-додхоҳ дар Панҷакент. Асри XIX*

азхуд намудани заруриёти динӣ, риёзиёт, ҷуғрофия, таърих ва дигар фанҳои дунявиро низ ба таври васеъ ва ҳатмӣ меомӯхтанд. Ғайр аз ин, дар мактабҳои усули нав барои дар муддати хеле кӯтоҳ ёд гирифтани хондану навиштани толибилмон диққати махсус дода мешуд.

**Ташкили мактабҳои усули нав.** Дар шароити кишвари Туркистон ташкили мактабҳои русии маҳаллӣ кушодани мактабҳои усули навро тезонид, зеро ин воқеият зиёиёни пешқадами кишварро водор намуд, ки ҳарчи зудтар нисбати тақдири халқи худ чораҳои амалӣ андешанд. Ҳамин ҳолат баъзе саноатчиёни маҳаллиро, ки худ маърифатпарвар буданд, бетараф нагузошт. Барои зиёиён тарафи иқтисодии масъала мураккабӣ мекард, вале барои саноатчиёни маҳаллӣ, ки сол то сол соҳиби даромади зиёд мегардиданд, ин қисми масъала зуд ҳалшаванда буд. Ҳамин тавр, бо дастгирии сарватмандони маҳаллӣ соли 1898 дар Хӯқанд (бо ташаббуси мулло Салоҳиддин), соли 1899 дар Андиҷон (бо ташаббуси мулло Шамсиддин) ва дар Тошканд (бо ташаббуси қорӣ Маннон) мактабҳои усули нав (таълим ба забони ӯзбекӣ) ташкил ёфтанд.

Нахустин мактаби усули нави форсии тоҷикӣ ба номи маорифпарвари самарқандӣ – Абдулқодир Шакурӣ марбут аст. Бо ташаббуси ӯ соли 1901 дар гузари Хоҷазудмуроди шаҳри Самарқанд аввалин чунин мактаб кушода шуд. Баъдтар ӯ дар деҳаи Раҷабамини Самарқанд ва соли 1903 дар гузари Қӯшҳавз, дар ҳавлии Муҳаммадраҳимбой низ ҳамин гуна мактабҳои усули нав бунёд намудааст. Садриддин Айнӣ соли 1908 ҳангоми бори аввал ба Самарқанд сафар намуданаш ҳамроҳи Абдулвоҳиди Мунзим маҳз бо фаъолияти ҳамин мактаб шинос шудааст. *Аз ҳамон рӯзи шиносоӣ бо мактаби Шакурӣ, мегӯяд ӯ: «фикри мактаб тамоми мағзи моро ишғол кард».*

Абдулқодир Шакурӣ баробари фаъолияти омӯзгорӣ, инчунин, барои мактабаш дастурҳои зарурӣ ва китобҳои дарсӣ низ тартиб медод. Ба қалами ӯ аввалин китоби алифбои форсии тоҷикии мактабҳои усули нав «Роҳбари савод», китобҳои қироати «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт», «Зубдат-ул-ашъор» тааллуқ дорад. Дар мактаби Шакурӣ ҳар сол маҷлиси кушоди имтиҳонот ташкил мешуд, ки рафти онро на танҳо падару модарони толибилмон, балки дигар ҳавасмандон низ мушоҳида карда метавонистанд

Миқдори мактабҳои усули нав дар кишвари Туркистон сол то сол меафзуд. Агар соли 1910 шумораи ин гуна мактабҳо дар шаҳр ва маҳалҳои гуногуни кишвар тақрибан 50 адад бошад, пас соли 1911 онҳо ба 68 адад расиданд. Масалан, дар сарзамини имрӯзаи Тоҷикистони Шимолӣ–собиқ уезди Хуҷанд, волостҳои Панҷакент, Конибодом ва Исфара 7 мактаби усули нав амал мекард.



*Абдулқодир Шакурӣ (1875 – 1943, дар мобайн), маорифпарвар, яке аз аввалин муассисони мактаби усули нави форсии тоҷикӣ дар Самарқанд.*




*«Таҳзиб-ус-сибён» – аввалин китоби қироати форсии тоҷикии С.Айнӣ, ки барои мактабҳои усули нав тартиб додааст ва он соли 1909 дар Самарқанд нашр гардидааст.*

Аввалин кӯшиши ташкил намудани мактаби усули нав дар шароити Бухоро ба мулло Ҷӯрабойи пирмастӣ, ки бо тиҷорат машғул буд, мансуб аст. Ӯ, ки дар Туркия таҳсил намуда буд, дар асоси усули мактабҳои туркӣ ва русӣ ибтидои соли 1900 дар гузари Пӯстиндӯзони шаҳри Бухорои Куҳна мактаби хусусӣ кушод. Вай ният дошт, ки дар 5 – 6 моҳ наврасон ва калонсолонро саводнок намояд, вале мактаб ба қадри имкон ҳавасмандонро ба худ ҷалб карда натавонист ва аз ин рӯ худ ба худ ба зудӣ баста шуд.

Баъд аз мулло Ҷӯрабой, солҳои 1902 – 1903 Каипов ном тотор мактаби усули наве ифтитоҳ кард, вале он мактаб низ

дер давом накард ва баста шуд. Октябри соли 1908 бо ташаббуси Мирзо Абдулвоҳид Бурҳонов (Мунзим) ва Садриддин Айнӣ дар дохили шаҳри Бухоро, дар гузари дарвозаи Салоҳҳон, дар ҳавлии худи Мунзим барои бухороиён аввалин мактаби усули нави форсии тоҷикӣ кушода шуд, ки он 12 нафар хонанда дошт. С.Айнӣ ва А.Мунзим сараввал дар такмили маҳорати омӯзгории худ ба муаллимон ва мактабҳои тотории Бухоро такя намудаанд. Онҳо барои аз ҷиҳати моддӣ таъмин кардани мактаби худ ба бойбачагон моҳе се сӯм ҳаққи таълим муайян намуда, камбағалонро ба таври ройгон қабул мекарданд. Мунзим барои шогирдони мактаби худ «Роҳбари хат» ном аввалин дастурамали дарсӣ тартиб дод. Ин мактаб дар таърих бо номи «Мактаби Мунзим» маълум аст.

Дар мактаби А.Мунзим ва С.Айнӣ низ нарасидани китобҳои зарурӣ эҳсос карда мешуд. Бо мақсади бартараф намудани ин норасоӣ моҳи март ва апрели соли 1909 бо ташаббуси онҳо «Ширкати Бухорои Шариф» таъсис гардид. Ин ширкат дар навбати аввал барои саҳеҳ талаффуз кардани овозҳои нутқ, махсусан, оятҳои Қуръон, китоби «Тартил-ул-Қуръон»-ро ба чоп омода намуда, ба воситаи муаллимони тотор барои нашр ба чопхонаи Оренбург фиристодааст. Бо ташаббуси С.Айнӣ китоби



*Мирзо Абдулвоҳид Бурҳонов (Мунзим), (1877 – 1934), шоир, нависанда, маорифпарвар, муассиси яке аз аввалин мактабҳои усули нав (ҷадидӣ)-и форсии тоҷикӣ дар Бухоро*



*Садриддин Саидмуродзода Айнӣ (1878 – 1954), шоир, нависанда, маорифпарвар, олим, муассиси яке аз аввалин мактабҳои усули нав (ҷадидӣ)-и форсии тоҷикӣ дар Бухоро*

қироати «Таҳзиб-ус-сибён» («Тарбияи кӯдакон») омода ва нашр карда шуд. Ғайр аз мактаби мазкур, бо ташаббуси А.Мунзим барои мардуми калонсоли бухороӣ мактаби шабона низ кушода шуда буд. Ба ин мактаб ӯ ҷавонони 20–30-соларо ҷамъ намуда, ҳар рӯз ду соат таълим медод.


*Муфтӣ Икромча (Мулло Икром Абдусаломов, 1847–1925), маорифпарвар, мударрис, яке аз устодони С.Айнӣ*

Дар натиҷа, дар Бухоро обрӯ ва эътибори мактаби усули нави Мунзим ва Айнӣ бештар паҳн гардид, ки ин ҳолат мухолифони онро ором намегузошт. Мунзим ва Айнӣ хавфи баста шудани мактабашонро ҳис карда, бо мақсади пешгирӣ ва ба умум нишон додани натиҷаи кори худ 6-уми сентябри соли 1909 маҷлиси имтиҳонот оростанд. Дар он қариб 100 нафар даъватшудагон аз ҳисоби падарон, рӯҳониён, шаҳриён ва ғайра ҳузур доштанд. Ҳозирон дар фаъолияти ин мактаб ягон нишонаи муқобили шариатро пайдо накарданд, вале, бо вуҷуди ин, 25-уми сентябри соли 1909 бо амри ҳукумати амирӣ мактаби Мунзим ва Айнӣ баста шуд. Баъд аз ин таҳсили бухороиёнро дар мактабҳои усули нави тоторӣ ҳам манъ намуданд, аммо қисме аз бухороиён, яъне онҳое, ки бештар муштоқи савод буданд, ба манъи ҳукуматдорони амирӣ нигоҳ накарда, баъди ин воқеа ҳам дар мактабҳои тоторӣ таҳсилро давом доданд.

Баъзе мактабдорони бухороӣ, баъди баста шудани мактаби Мунзим ҳам, ба ҳар гуна таҳдиди ҳукуматдорони амирӣ нигоҳ накарда, фаъолияти мактаби худро пинҳонӣ давом доданд. Илова ба ин, бо ташаббуси худи бухороиён боз мактабҳои дигари махфии усули нав ташкил меёфт. Дар натиҷа, соли 1914 танҳо дар шаҳри Бухорои Куҳна шумораи умумии чунин мактабҳои махфии ҷадидон ба 45 адад расида буд, ки дар аксари онҳо таълим ба забони форсии тоҷикӣ сурат мегирифт.

Мактабҳои усули нав аз доираи ашхоси бонуфузи Бухорои амирӣ тарафдорон пайдо карда буд. Яке аз чунин хайрхоҳони мактаби усули нав мударрис, қозӣ, муфтӣ Икромча (Мулло Икром Абдусаломов, 1847 – 1925) ба ҳисоб мерафт. Ӯ дар мавқеи маорифпарварӣ истода, аҳаммият ва зарурати чунин мактабро барои саводнокшавии ҷавонон таъкид намудааст.



*Аҳмадҷон Махдуми Ҳамдӣ (1875-1946) шоир, маорифпарвар ва яке аз муборизони муқобили тартиботи амирии Бухоро*

**Ҷамъияти «Тарбияи атфол».** Муборизаи шадиди байни тарафдорон ва муқобилони мактаби усули нав, пеш аз ҳама, тарафдорон – ҷадидонро водор намуд, ки дар баробари махфӣ нигоҳ доштани амалиёти худ, боз ҳам муттаҳидтар шаванд. Бо ҳамин мақсад онҳо 1-уми декабри соли 1910 ҷамъияти пинҳонии худро бо номи «Тарбияи атфол» бунёд намуданд. Таъсискунандагони ин ҷамъият Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Ҳамидхоҷаи Меҳрӣ, Аҳмадҷон Махдуми Ҳамдӣ (Абусаидзода), мударрис Ҳоҷӣ Рофеъ ва Мукаммалиддин Махдуми Бурҳонзода буданд. Умуман, аз 28 нафар узви ин ҷамъият 14 нафар муллою муллозода ва се нафар мударрис буданд. Ҷамъияти «Тарбияи атфол» аввалин ташкилоти ҷадидони Бухоро ба ҳисоб меравад. Ташкил намудани мактабҳои усули нав ва барои таҳсил ба Туркия фиристодани толибилмони бухороӣ мақсади аввалини ин ҷамъият ҳисоб мешуд.



„ШАРИФЪ"

«بخارای شریف»

از یازدهم ماه مارت اوایل بهار-حیات آثار شروع به نشر روزنامه «بخارای شریف» نموده هر روزه

باستثنای ایام عید و جمعه‌ها بتوفیق باری نشر خواهد شد

*Яке аз шумораҳои «Бухорои Шариф» – аввалин рӯзномаи форсии тоҷикӣ, ки дар Бухорои Нав (Когон) нашр мешуд.*

**Рӯзномаи «Бухорои Шариф».** Дигар кори ба чашм намоёне, ки ҷадидони Бухоро карданд, нашри рӯзномаҳо буд. Маҳз бо ташаббуси онҳо аввалин рӯзномаи форсии тоҷикии «Бухорои Шариф» 11-уми марти соли 1912 нашр гардид. Ин рӯзнома дар чопхонаи Бухорои Нав (Когон) бо ташаббуси равшанфикрони машҳури тоҷик – тоҷир ва миллионери бухороӣ Мирзо Муҳиддин Мансуров ва Мирзо Сироҷи Ҳаким чоп шуд. Муҳарририи

рӯзнома ба уҳдаи яке аз донишмандони забону адабиёти форсии тоҷикӣ, адиб ва журналисти маъруф Мирзо Ҷалол Юсуфзода, ки ӯро аз Боку ба Бухоро даъват карда буданд, гузошта шуда буд.

Рӯзномаи «Бухорои Шариф» аз мавқеи маорифпарварӣ хонандагони худро бо забони сода аз воқеаҳои ҷаҳонӣ, масъалаҳои гуногуни таърих, ҷуғрофия, адабиёт ва ғайра огоҳ мекард. Дар саҳифаҳои он махсусан, зарурати омӯхтани илму дониш, таъкид карда мешуд ва доир ба ин масъала мақолаҳои ташвиқотӣ чоп мегардид. Ба андешаи муаллифони мақолаҳо, асоси рушди мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон маҳз тавассути ба нуқтаи баланд расидани савияи илму дониши раияташон ба амал омадааст. Сарзамини аморати Бухоро маҳз аз сабаби беаҳаммиятӣ нисбат ба илму дониши дунявӣ ба ҳолати қафомондагӣ гирифтор шудааст.

Рӯзномаи «Бухорои Шариф» дар замони душвори ҳукмронии амирӣ ягона минбари рӯшанфикрони тоҷик ба ҳисоб мерафт. Бинобар ин, дар саҳифаҳои рӯзнома талабу дархости онҳо доир ба тақдири минбаъдаи Бухоро бештар чоп мегардид. Рӯзнома то 2-юми январи соли 1913 ҳамагӣ 153 шумора нашр гардид ва бо иғвои муқобилони ислоҳот аз тарафи ҳукумати амирӣ баста шуд.

Ҳамин тавр, аз тарафи ҷадидони Бухоро нашр карда шудани аввалин рӯзномаи форсии тоҷикӣ бузургтарин воқеа дар ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Дар ҷумҳурии мо рӯзи нашри нахустин рӯзномаи «Бухорои Шариф», яъне 11-уми мартро ҳамчун Рӯзи матбуоти тоҷик ҷашн мегиранд. Ҷадидони Бухоро инчунин, аз 14-уми июли соли 1912 то 2-юми январи соли 1913 (ҳамагӣ 49 шумора) рӯзномаи «Тӯрон»-ро низ ба забони ӯзбекӣ нашр намудаанд.

**Сарчашма:**

Дар яке аз мақолаҳои рӯзномаи «Бухорои Шариф» таъкид шудааст: «Дар корҳои тиҷоратӣ ва саноатӣ аҳаммияти илми дунё аз вақти ҷанг зиёдтар аст. Агар мамлакат саноат, тиҷорат надошта бошад, ҳатман тараққӣ нахоҳад кард ва оқибат маҳв ва нобуд хоҳад шуд». (Ниг.: рӯзномаи «Бухорои Шариф», 1912, 6-уми июн, № 6).

**Санаҳои муҳим:**

1898 – ташкили аввалин мактаби усули нав – ҷадидӣ бо забони ӯзбекӣ, бо ташаббуси Мулло Салоҳиддин дар Хӯқанд.

1901 – ташкили аввалин мактаби усули ҷадидӣ, ба забони форсии тоҷикӣ, бо ташаббуси Абдулқодири Шакурӣ дар Самарқанд.

1908 – ташкили аввалин мактаби усули нав ба забони форсии тоҷикӣ, бо ташаббуси А.Мунзим ва С.Айнӣ дар Бухоро. Ин мактаб дар таърих бо номи «Мактаби Мунзим» маълум аст.

1909 – 25-уми сентябр – аз тарафи ҳукумати амирӣ баста шудани мактаби Мунзим.

1910 – 1-уми декабр – бунёди ҷамъияти пинҳонии «Тарбияи-атфол» дар Бухоро.

1912, 11-уми март–1913, 2-юми январ – нашри аввалин рӯзномаи форсии тоҷикии «Бухорои Шариф».

**Савол ва супоришҳо:**

1) Мактабҳои усули куҳна аз нав чӣ фарқ доштанд? 2) Аввалин мактабҳои усули нав дар қаламрави Осиёи Марказӣ кай ба вуҷуд омадаанд? 3) Таъсиси аввалин мактаби усули нави форсии тоҷикӣ ба кӣ мансуб аст? 4) Дар бораи «Мактаби Мунзим» чӣ медонед ва чаро он аз тарафи ҳукумати амирӣ баста шуд? 5) Барои мактабҳои усули нав аз тарафи Садриддин Айнӣ ва Абдулвоҳиди Мунзим чӣ китобҳои дарсӣ нашр гардид? 6) Ҷамъияти «Тарбияи атфол» чӣ гуна ҷамъият буд? 7) Рӯзномаи «Бухорои Шариф» кай ва бо ташаббуси киҳо нашр гардид? 8) §§ 33 ва 34-ро такрор кунед; 9) Ба расмҳо аҳамият дода, маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** зарурати мактабҳои усули нав (ҷадидӣ) ва фарқи онҳоро бо мактабҳои усули куҳна дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §§37-38. ТАЪРИХНИГОРӢ ВА ҲАЁТИ АДАБИЮ МУСИҚӢ

**Таърихнигорӣ.** Яке аз хусусиятҳои таърихнигорӣ ва ҳаёти илмию адабии тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX он аст, ки аксари таърихнигорони ин давр нависанда ё шоир, умуман, маорифпарвар буданд. Дар инъикоси ҳодисаҳои таърихӣ ва ҳаёти илмиву адабӣ Аҳмади Дониш бо асари барҷастаи худ «Наводир-ул-вақоеъ» дар пешгоҳ меистад. Афкори маърифатпарварии ӯ ба эҷодиёти таърихнигорон низ бетаъсир намонд. Бинобар ин, яке аз фарқҳои таърихнигории ин давр аз замонҳои гузашта он аст, ки маҳз дар ҳамин давра асарҳои

танқидии таърихӣ ба вуҷуд омаданд. Дар ин соҳа махсусан, асарҳои Аҳмади Дониш ва Мирзо Абдулазими Сомӣ, мақоми муҳимеро ишғол мекунанд.

**«Рисолаи таърихӣ»-и Аҳмади Дониш,** ки дар солҳои охири умри нависанда таълиф шуда буд, вале нотамом мондааст (бо ҳамин сабаб ба ин рисола муаллиф ном нагузоштааст), бо номи шартии «Рисолаи таърихӣ» машҳур гардид. Дар он муаллиф таърихи хонадони Манғитияро таҳлил намуда, махсусан, ба замони ҳукмронии амир Музаффар диққати ҷиддӣ додааст. Аҳмади Дониш давраи ҳукмронии амирони хонадони Манғитияро аз нуқтаи назари танқидӣ, ҳаҷвнигорона, нисбатан батафсил тасвир кардааст. Дар асари мазкур аз ҳаёти халқи одӣ низ бисёр лаҳзаҳои муҳим нақл карда шудааст.

Аҳмади Дониш дар «Рисолаи таърихӣ» ба хулосае меояд, ки салтанати амирон ба зулм ва нобаробарии иҷтимоӣ асос ёфтааст, бинобар ин, он бояд сарнагун шавад. Ин асар имрӯз бо номи «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития» дастраси хонандагон гардидааст.

**Мирзо Абдулазими Сомӣ** (Бӯстонӣ, тав. 1838, соли ваф. номаълум) низ муаллифи «Таърихи салтанати Манғития» ном асари таърихӣ мебошад. Ӯ баъди хатми мадраса дар хидмати дарбор буд. Агар Аҳмади Дониш хидматро аз замони амир Насрулло оғоз карда бошад, пас Сомӣ аз замони амир Музаффар шурӯъ карда, дар замони амир Абдулаҳад давом додааст. Сомӣ чун таърихнигор дар сафарҳои ҳарбӣ амиронро ҳамроҳӣ мекард. Ӯ шоҳиди ҷанги байни Русияю Бухоро (соли 1868) буда, онро дар асари худ батафсил нишон додааст. Дар асар муаллиф тавонистааст, ки ҷаҳолат, ақибмондагӣ ва бемаърифатии амалдорону сарлашкарони амириро ба қалам дода, онҳоро масхара намояд.



*Шарифҷон Махдуми Садри Зиё – маорифпарвар ва муассиси яке аз маҳфилҳои адабӣ дар шаҳри Бухоро*

**Шарифҷон Махдуми Садри Зиё** (1867–1932) дар шаҳри Бухоро, дар оилаи Абдушакур ном домулло, ки бо тахаллуси Оят шеър менавишт, ба дунё омадааст. Ӯ баробари соҳиб будан ба мансабҳои калон аз ашхоси мутафакки-

ри намоёни давр низ ба ҳисоб мерафт. Мероси илмию адабиаш беш аз 60 асарро ташкил медиҳад. Муҳимтарини онҳо: «Наводири Зиёия», «Рӯзнома», «Тазкират-ул-хаттотин», «Таърихи амирони Манғития», «Рисолаи асбоби инқилоби Бухоро» ва ғайра мебошанд. Ғайр аз ин, хонаи Садри Зиё ба як маҳфили адабӣ табдил ёфта буд, ки дар он зумрае аз мутафаккирон, олимону шоирон ва зиёиён фаъолона иштирок доштанд.

**Ҳаёти адабӣ. Дилшоди Барно** (1800–1907) – шоира, маорифпарвар ва таърихнигор. Шоира дар Ӯротеппа (Истаравшан) ба дунё омадааст. Амири Фарғона Умархон ҳангоми забти Ӯротеппа (солҳои 1810–1822) Дилшодро ҳамроҳи асирон ба Хӯқанд мебарад. Яке аз асарҳои Дилшод «Таърихи муҳоҷирон» мебошад. Ӯ дар ин асар тороҷгарӣ ва хунрезихои Умархон, баъзе воқеаҳои мансуб ба забти Осиёи Марказӣ аз тарафи Русияи подшоҳӣ, ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии замонро инъикос кардааст.

**Абдулқодирхоҷаи Савдо** (1823–1873) шоир, маорифпарвар ва таърихнигор буда, дар Бухоро таваллуд ёфтааст. Дар ҳамин ҷо таҳсили мадраса намудааст. Қобилияташро ба назар гирифта, ӯро ба кори дарбор даъват карданд. Шоир дар бисёр шеърҳояш, махсусан, шеърҳои ҳаҷвиаш, ба худ тахаллуси «Бепул»-ро қабул намудааст. Вай инчунин, муаллифи як рисолаи таърихӣ мебошад.

**Муҳаммад Шамсиддин Махдуми Шоҳин** (1857 – 1894) яке аз шоирони шинохта ва маорифпарварони нимаи дуюми асри XIX мебошад. Ӯ дар Бухоро ба дунё омада, баъди таҳсили мадраса мирзои яке аз маъмурони дарбор гардид. Шоҳин мероси адабии зиёд боқӣ гузоштааст. Ӯ дар «Бадоеъ-ус-саноеъ» афкори маорифпарварии Аҳмади Донишро идома дода, махсусан, тартиботи амирӣ, амалҳои разилонаи мансабдорони онро сахт мазаммат кардааст.

**Мирзо Ҳайити Саҳбо** (такр. 1850 – 1918) яке аз шоирони лирики давр ба ҳисоб меравад. Ӯ дар тумани Вобканди наздикии Бухоро ба дунё омада, дар замони амир Абдулаҳад ба хизмати дарбор ҷалб гардида, унвони «тӯқсабо» ва «бий»-ро гирифта буд, вале ба кирдорҳои разилонаи дарбориён ва амалдорони амир нафрати зиёд дошт. Мирзо Ҳайити Саҳбо шоири ҳақҷӯй ва ҳақгӯй буд, доир ба нуқсонҳои аморат бе парда сухан мекард, ки инро аз шеърҳои лирикиаш ба хубӣ эҳсос карда метавонем. Ӯ соли 1915 барои рӯзномахонӣ ҳатто ҷазо дидааст. Амир Олимхон баъди намоиши апрелии соли 1917-и Бухоро Саҳборо ҳокими Қубодиён

таъйин карда, соли 1918 дар он ҷо ӯро бо дасти одамони худ ба тарзи ваҳшиёна қатл кард.

**Тошхоҷаи Асирӣ** (1864–1915) – шоир ва маорифпарвар. Дар Хуҷанди бостонӣ ба дунё омада, бо касби сангиосиётарошӣ фақирона зиндагӣ мекард. Ба ақидаи Асирӣ, вазифаи адабиёт тарғиби ақлу дониш аст. Бинобар ин, ӯ тарғибгари фаъоли илму дониш ба ҳисоб меравад. Ба андешаи шоир, мардуми гумроҳро бо роҳи маърифатнок кардан аз ҷаҳолат раҳонидан мумкин аст. Шоир дар ашъораш истисморгаронро сахт мазаммат мекунад. Ӯ тарафдори қотеи ислоҳи усули таълим дар мактабу мадрасаҳо ва дар мактабҳо ҷорӣ намудани таълими илмҳои дунявӣ буд.

**Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат** (1878–1902) бо вуҷуди он, ки ҳамагӣ 25 сол умр дидааст, чун устоди ғазал шуҳрат пайдо карда буд. Фақру ятимӣ дар зиндагии ӯ нақши вазнине гузоштааст. Аз 15–16-солагӣ ба таҳсили мадраса оғоз намуда, ба ҳайати адибони номии давр ворид шуд. Дар ғазалу қасидаҳои шоир разолатҳои замона сахт танқид карда мешавад. Ҳайрат аз бемории сил вафот кардааст.


*Нимпайкараи Туғрал дар ноҳияи Айнӣ*

**Нақибхони Туғрал** (1865–919) яке аз шоирони намоёни давр ва устоди ғазал ба ҳисоб меравад. Ӯ дар деҳаи Зосуни бекигарии Фалғар, дар оилаи давлатманде (аз авлоди Хоҷа Аҳрори Валии Самарқандӣ) ба дунё омада, дар Самарқанду Бухоро таҳсил кардааст. Чанде дар назди Шамсиддин Шоҳин хондааст. Баъди таҳсил ба зодгоҳаш баргашта, бо деҳқонӣ ва чорводорӣ машғул шудааст. Бо туҳмати аксулинқилобӣ ӯро ба қатл расониданд. Ӯ дар ғазал пайрави Бедил буда, дар баробари сурудани ишқ, инчунин, бехирадии мансабдорону давлатдорон, авомфиребии муллоҳои чаласаводу рӯҳониёни иртиҷоъпарастро тасвир намудааст.

Дар ибтидои асри XX дар Бухоро **Садриддин Айнӣ ва Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим** низ чун маорифпарвар ва шоир ба ҷодаи адабиёт қадамҳои ҷиддӣ гузошта буданд. Дар шеърҳои онҳо, ки аз ақидаҳои маорифпарварӣ саршор буд, тараҳҳум нисбат ба халқи мазлум, нафрат ба истисморгарон дида мешавад. Маҳз тарафдории босаводу маърифатнок шудани мардум онҳоро ба

ташкил намудани мактаби усули нав ва навиштани китобҳои дарсӣ водор намуд, ки дар ин бора мо маълумот додем.

Ҳамдардӣ нисбат ба мардум, нафрат ба истисморгарон ҷавҳари эҷодиёти шоири инқилобӣ **Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ** (1889–1929)-ро ташкил менамоянд, ки шеърҳои худро бо ду забон: тоҷикӣ ва ӯзбекӣ навиштааст.

Зиёиёни тоҷик, махсусан, зиёиёни водии Фарғона ба эҷодиёти шоирон ва маорифпарварони номии ӯзбек –**Муҳаммадхоҷаи Муқимӣ** (1850–1903), **Зокирҷони Фурқат** (1858–1909) ва дигарон аз наздик шинос буданд. Дар эҷодиёти онҳо, махсусан, дар ғазалҳояшон, дӯстию рафоқат, адлу инсоф тараннум карда мешуд.

Умуман, вазъи илму адаби ибтидои асри XX аз он гувоҳӣ медиҳад, ки эҷодиёти намояндагони он нисбат ба навиштаҳои пешовандон ҷиддитар шуда, ба мардум ва ниёзҳои он наздиктар шудаанд. Аксари адибон дар асарҳояшон нисбат ба бетартибиҳои давр оштинопазир буда, ислоҳи онҳоро талаб мекарданд.

**Олимон, маорифпарварон ва сайёҳони тоҷик.** Олимони тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX садҳо нафаранд. Қисме аз онҳо маорифпарварон буданд. Мувофиқи маълумоти мавҷуда, ду нафари онҳо – Ҳоҷӣ Юсуфи Хуҷандӣ ва Мирзо Сироҷи Ҳаким дар баробари маорифпарвар буданашон, сайёҳони номии давр ҳам ба ҳисоб мерафтанд.

**Ҳоҷӣ Юсуфи Хуҷандӣ** (1842–1925) – зодаи шаҳри Хуҷанд, донишманди бузурги соҳаи ҷуғрофия, картография, риёзиёту тиб, нуҷуму космология, муҳандиси соҳаи обёрӣ, шоиру мусиқишинос ва сайёҳи тоҷик, муаллифи даҳҳо рисолаи илмӣ, яке аз ихтироъкорони глобус мебошад. Дар баробари забони модариаш – тоҷикӣ, донандаи забонҳои ӯзбекӣ, арабӣ, юнонӣ, туркӣ, русӣ ва испанӣ низ буд. Ҳамчунин, қобилияти баланди хушнависӣ ва рассомӣ дошт. Донишгоҳи «Аҳзар»-и шаҳри Қоҳираро хатм кардааст. Дар фаъолияти табибиаш бештар ба асарҳои Абубакри Розӣ ва Абуалӣ ибни Сино такя намуда, дар табобат бештар доруҳоеро, ки худ аз гиёҳҳо омода мекард, истифода мебурд. Дар ҳавлии ӯ шахсони маорифпарвар ҷамъ омада, маҳфиле ба вуҷуд оварда буданд. Дар ин ҳавлӣ инчунин, мактаби усули нав – мактаби ҷадидӣ бунёд гардида буд.

Ҳоҷӣ Юсуф бо рӯшанфикрони шаҳрҳои Тошканд, Бухоро, Самарқанд ва Алмаато (собиқ Верний) шиносоӣ дошт. Ба бисёр

шаҳрҳои Русия – Қазон, Уфа, Маскав, Петербург, Одесса сафар карда, муддате дар Маскаву Петербург зиндагӣ кардааст.

Солҳои 1875 – 1887 Ҳоҷӣ Юсуф ба сафари дурударози дувоздаҳсола баромада, дар мамлакатҳои Туркия, Юнон, Италия, Фаронса, Олмон, Англия, Испания, Марокаш, Алҷазоир, Миср, Арабисто- ни Саудӣ, Ироқ, Сурия, Эрон ва Афғонистон будааст. Яъне ӯ дар ин сафар се қитъаи олам – Осиё, Аврупо ва Африқоро сайр кар- дааст.

Ҳоҷӣ Юсуф, дар баробари асарҳои зиёд, ёздаҳ адад глобуси калону хурд офаридааст, ки аз онҳо танҳо яке боқӣ мондааст ва ҳоло дар осорхонаи таърихию бостоншиносии шаҳри Самарқанд маҳфуз мебошад. Ӯ ҳамчун муҳандиси соҳаи обёрӣ бо мутахассисони рус дар тартиб додани лоиҳаи обёрии заминҳои атрофи ҳавзаи дарёи Сир, пешгирии обхезии дарёҳои Ҳоҷибоқирхону Сир ва сохтани дарғотҳо иштирок намудааст.

**Мирзо Сироҷи Ҳаким** (1877–1914) – зодаи шаҳри Бухоро, маорифпарвар, шоир, нависанда, табиб, тоҷир ва сайёҳи тоҷик. Дар баробари забони модариаш – тоҷикӣ, донандаи забонҳои арабӣ, русӣ, туркӣ ва фаронсавӣ буд. Аз моҳи июни соли 1902 то январи соли 1903 (7 моҳ) дар шаҳрҳои Боку, Тифлис, Батуми, Истанбул, София, Белград, Будапешт, Вена, Берлин, Порис, Лондон, Берн, Марсел, Варшава, Маскав, Красноводск, Ашқобод будааст. Дар давраи дуюми сайёҳӣ (феврали соли 1903 – тобистони соли 1905) шаҳрҳои Қучон, Машҳад, Нишопур, Сабзавор, Ҳирот, Кобул, Бомиён, Тошқӯрғон, Мазори Шариф, Тирмиз ва Чорҷӯйро саёҳат кардааст. Дар давраи сеюми сайёҳӣ (1905–1910) баробари шаҳрҳои гуногуни Туркманистони имрӯзаро сайр кардан, аз Красноводск ба Боку ва сипас ба Эрон мегузараду муддате дар Теҳрон бо омӯзиши тибби аврупоӣ ҷиддан машғул шуда, дар яке аз шифохонаҳои шаҳри Теҳрон табибӣ мекунад. Бо сабаби сар задани инқилоб дар Эрон (солҳои 1905–1911), Мирзо Сироҷ озими шаҳрҳои Бомбай, Ҳайдаробод ва Деҳлии Ҳиндустон шудааст. Соли 1906 боз ба Эрон баргашта, чаҳор сол (1906–1910) дар Мозандарон бо номи “Доктор Собир” фаъолият кардааст.

**Мирзо Сироҷ солҳои** 1910 – 1914 дар ватанаш – шаҳри Бухоро бо корҳои табобат машғул шуда, бо лақаби «Мирзо Сироҷи табиб» машҳур мегардид. Ӯ дар ин давр бо ҳаракати ҷадидӣ – ҷавонбухороиён пайваста, дар шароити ҳанӯз тираи Бухорои амирӣ усули нави муолиҷа – табобати аврупоиро пеш мегирад.

Шеъру мақолаҳояш дар рӯзномаҳои ҷадидии замон – «Бухорои Шариф», «Ойина» ва «Тӯрон» интишор мешуданд. Китоби «Туҳафи аҳли Бухоро» хонандагонро бо ҳаёти мардуми Шарқу Ғарб шинос мекард.

**Ҳаёти мусиқӣ.** Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар кишвари Туркистон, махсусан, шаҳрҳои Самарқанд, Хӯқанд, Хуҷанд; дар аморати Бухоро – шаҳри Бухорои Куҳна дар баробари марказҳои ҳаёти адабӣ будан, инчунин, марказҳои мусиқӣ низ ба ҳисоб мерафтанд. Дар ин шаҳрҳо, ки ҳунармандон, ҳофизон, навозандагон, бахусус, шашмақомхонҳои беҳтарин аз гӯшаю канорҳои гуногун ҷамъ омада буданд, анъанаҳои хуби шашмақомхонӣ ва рушди онро возеҳу равшан пай бурдан мумкин буд. Дар байни шашмақомхонони давр Содирхон, Ҳоҷӣ Абдулазиз Расулов, Левӣ Бобохонов, ки бо лақаби «Левича» машҳур буд, Домулло Ҳалим Ибодов ва дигарон аз шуҳрати зиёд бархӯрдор гардидаанд. Дар маҳалҳо инчунин, ҳофизону навозандагони мардумӣ фаъолият мекарданд.

**Шашмақомхонони машҳури охири асри XIX ва аввали асри XX**




*Содирхони Ҳофиз Бобошарифов (1847–1931)*



*Ҳоҷӣ Абдулазиз Расулов (1852–1936)*



*Левӣ Бобохонов (Левича, 1873–1926)*



*Домулло Ҳалим Ибодов (1878–1940)*



*Ҳайати навозандагон. Водии Фаргона.*
*Охири асри XIX ва аввали асри XX*

**Сарчашма:**

Садриддин Айнӣ дар бораи Мирзо Азими Сомӣ чунин маълумот додааст: «Мирзо Азими Сомӣ дар даври амир Музаффар дар ҷанг бо Русия дар сафҳои ҷанг ба сифати вақоеънигор ҳозир будааст. Баъд аз он ҳам дар аҳди амир Музаффар ва Абдулаҳад чанд соле ба дарбор муншигӣ карда, оқибат ба сабаби танқидгариаш дар айёми пиронсолагӣ аз дарбор ронда шуда гуруснаву бараҳна, ба як пора нон муҳтоҷ шуда, мурда рафт.

Мирзо Азим дар иншо ва таҳрир хеле моҳир ва аз воқеаҳои таърихӣ огоҳ буд. То охири умраш аз мутолиаи осори таърихӣ ҷудо нашуд. Худаш низ осори таърихия, аз ҷумла таърихи сулолаи Манғитиёнро навишт. Бар хилофи таърихнависони куҳнаи дарборӣ, ҳақиқатҳои талхро аз касе натарсида, кушоду ошкор ба қалам овард». (Ниг.: Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. С. 23-24).

**Санаҳои муҳим:**

1800 – 1907 – солҳои зиндагии Дилшоди Барно.
1823 – 1873 – солҳои зиндагии Абдулқодирхоҷаи Савдо.
1838 – соли таваллуди Мирзо Азими Сомӣ.
1850 (тақрибан) – 1918 – солҳои зиндагии Мирзо Ҳайити Саҳбо.
1857 – 1894 – солҳои зиндагии Шамсиддини Шоҳин.
1864 – 1915 – солҳои зиндагии Тошхоҷа Асирӣ.
1865 – 1919 – солҳои зиндагии Нақибхон Туғрал.
1867 – 1932 – солҳои зиндагии Шарифҷон Махдуми Садри Зиё.
1878 – 1902 – солҳои зиндагии Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат.
1842 – 1925 – солҳои зиндагии Ҳоҷӣ Юсуфи Хуҷандӣ.
1877 – 1914 – солҳои зиндагии Мирзо Сироҷи Ҳаким.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Хусусиятҳои таърихнигорӣ ва ҳаёти илмиву адабии тоҷик дар замони мустамликавӣ чӣ гуна буд? 2) Дар бораи Аҳмади Дониш ҳамчун таърихнигор чӣ гуфта метавонед? 3) Дар бораи Мирзо Абдулазими Сомӣ ва Шарифҷон Махдуми Садри Зиё чӣ медонед? 4) Аз шоирони номии охири асри XIX ва аввали асри XX киҳоро медонед? 5)Дар бораи олимон, маорифпарварон ва сайёҳон Ҳоҷӣ Юсуфи Хуҷандӣ ва Мирзо Сироҷи Ҳаким чӣ гуфта метавонед? 6) Мусиқии охири асри XIX ва ибтидои асри XX чӣ гуна буд? 7) §§ 32, 33, 34, 35 ва 36-ро такрор кунед; 8) Ба расмҳо аҳамият дода маводи сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** ходимони барҷастаи ҳаёти илмию адабӣ ва мусиқии Осиёи Марказиро дар замони мустамликавӣ дуруст муайян карда тавонанд.

## ФАСЛИ II
## ВАЗЪИ ТОҶИКОНИ АФҒОНИСТОН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX

## БОБИ 10
## АФҒОНИСТОН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX

### §39. МУТТАҲИДШАВИИ АФҒОНИСТОН

**Оқибатҳои парокандагии мамлакат.** Дар Афғонистони нимаи дуюми асри XIX халқиятҳои зиёде зиндагӣ мекарданд. Тоҷикон дар қатори паштунҳо мардуми сершумортарини ин сарзамин ба ҳисоб мерафтанд. Онҳо асосан дар музофотҳои ғарбӣ, марказӣ ва шимолу шарқӣ зиндагӣ карда, бо дигар халқиятҳо талхию ширинии замонро чашида, дар тамоми воқеаҳои давр фаъолона иштирок намудаанд.

Давлати Афғонистон, ки соли 1747 баъди марги Нодиршоҳи Афшор бо ташаббуси Аҳмадшоҳи Дурронӣ ташкил ва мустақил гардида буд, баъди барҳамхӯрии давлатдории Дуррониён (соли 1818) ба хонигариҳои мустақили феодалии Кобул, Қандаҳор, Пешовар ва Ҳирот тақсим шуд. Дар байни онҳо асосан душманӣ ҳукмфармо буд. Хонигари Кобул нисбатан пуриқтидор ба ҳисоб мерафт. Дӯстмуҳаммадхон (1826–1863), ки фаъолияти ҳукмронии худро аз ҳамин хонигари оғоз карда буд, барои мутамарказ кардани давлати Афғонистон кӯшишҳои зиёде намудааст. Вале тадбирҳои ӯ, махсусан дар давраи аввал, на ҳама вақт натиҷаҳои дилхоҳ ба бор меоварданд, зеро ба ин тадбирҳо ҳокимони ҷудогона муқобилати сахт нишон медоданд. Дӯстмуҳаммадхон тамоми мулкҳои қаламрави ҳукумати худро дар байни писаронаш (29 писар ва 23 духтар) тақсим карда буд.

**Ҷанги аввали Англияю Афғонистон** (1838–1842). Империалистони англис, ки дар Ҳиндустон чун мустамлика ҳукуматдории худро мустаҳкам намуда буданд, мехостанд Афғонистонро низ ба тасарруфи худ дароваранд. Аз ин рӯ, онҳо ба муттаҳидшавии сарзамини Афғонистон манфиатдор набуданд, баръакс, мехостанд, ки ҳарчи бештар ба чунин иқдоми пешгирифтаи Дӯстмуҳаммадхон халал расонанд. Ҳокими Панҷоб Ранҷит Сингҳ, ки аз рӯйи нақшаи англисҳо амал мекард, вилоятҳои Мултон, Кашмир ва Пешоварро забт намуд. Охири соли 1838 қӯшунҳои калони англису ҳинд Қандаҳор ва Кобулро забт

намуда, ба тахти Афғонистон шоҳи гуреза Шуҷоъро нишонданд. Ин сабаби боло гирифтани муборизаи озодихоҳонаи халқҳои Афғонистон гардид. Ҳамин тавр, дар сарзамини Афғонистон аввалин ҷанги ватанӣ сар зад, ки ба муқобили ниятҳои ишғолгаронаи англисҳо нигаронида шуда буд.

Апрели соли 1842 мардуми башӯромада шоҳ Шуҷоъро ҳангоми аз Кобул гурехтанаш, дастгир намуда, чун хоин қатл карданд. Дар мавзеъҳои гуногун байни муборизони Афғонистон ва ишғолгарони англис ҷангҳои шадиде ба амал омаданд. Дар ин ҷанг англисҳо 40 ҳазор нафар аскарони худро талаф дода, шармандавор шикаст хӯрданд. Дар натиҷа, ҷанги аввали ватанӣ бо ғалабаи халқҳои Афғонистон анҷом ёфт. Аввали соли 1843 Дӯстмуҳаммадхон, ки аз соли 1840 дар Ҳиндустон буд, ба Афғонистон баргашт.



*Давлати Афғонистон дар солҳои 1747-1919*

Дӯстмуҳаммадхон баъди бозгашт ҳам аз нияти муттаҳидкунии мамлакат даст накашида буд, вале акнун муносибати ӯ

нисбат ба англисҳо хеле тағйир ёфта буд. Дақиқтар бигӯем, вай бо англисҳо сиёсати мусолиҳаро пеш гирифта, натиҷаи муборизаи пирӯзмандонаи халқҳои Афғонистонро хиёнаткорона барбод дод.

Дӯстмуҳаммадхон баъди соҳиби мулкҳои пешинаи худ, яъне Кобул, Ҷалолобод, Ғазнин ва Бомиён шудан, на танҳо суръати муттаҳидшавии Афғонистонро ба муддати бист соли дигар ба таъхир андохт, балки мамлакатро ба тобеияти англисҳо кашида, маҷбур буд, ки ҳар иқдоми худро аз назари ҳукуматдорони он гузаронад. Илова бар ин, аз тарафи Дӯстмуҳаммадхон таъқиби муборизони халқӣ, ки барои наҷоти кишвар фидокориҳои зиёд мекарданд, авҷ гирифт.



*Ҷанговарони афғон дар либоси зимистона (нимаи аввали асри XIX)*

**Ба итмом расидани муттаҳидшавии Афғонистон.** Дӯстмуҳаммадхон аз оғози солҳои 50-уми асри XIX барои муттаҳидсозии сарзамини Афғонистон ҷиддитар камар баст. Масалан, соли 1850 як даста қӯшунҳои ҳукуматӣ ба шимол ҳаракат карда, тамоми мулкҳои шимоли Афғонистон, ба монанди Тахористон (Қатаған), Самангон, Тошқӯрғон, Балх, Шибирғон ва соли 1859 Бадахшонро тобеи Афғонистон намуданд. Вале бар хилофи дигар мулкҳои шимолии Афғонистон, то замони Абдураҳмонхон дар Бадахшон мирҳои маҳаллӣ ҳукмронӣ мекарданд. Моҳи марти соли 1862 амир Дӯстмуҳаммадхон бо лашкари калон ба Ҳирот ҳуҷум карда, охири марти соли 1863 онро ҳам тобеи худ намуд.

Ҳирот яке аз мулкҳои охирине буд, ки ба марказ итоат намекард. Бинобар ин, бо забти Ҳирот аз тарафи қӯшунҳои ҳукуматӣ давраи ба сифати як давлати воҳиду ягона дар сарҳади имрӯзаи худ муттаҳид шудани сарзамини Афғонистон асосан ба охир расид. Дӯстмуҳаммадхон бо ин гӯё яке аз мақсадҳои асосии худро иҷро намуд ва моҳи июни соли 1863 дар Ҳирот вафот кард.

**Оқибати ҷангҳои хонаводагӣ.** Дар аҳди Дӯстмуҳаммадхон муттаҳидгардии Афғонистон ҳанӯз маънои онро надошт, ки ҳокимияти марказӣ пуриқтидор шуд ва мулкҳои атроф бечунучаро ба он итоат мекарданд. Ҳарчанд сарварони мулкҳои

ҷудогона аз фарзандон ва ё наздикони амир буданд, ҳар кадоми онҳо орзуи мустақил будан доштанд ва ба муқобили ҳукумати марказӣ мубориза мебурданд.

Чунончи, баъди марги Дӯстмуҳаммадхон ба тахт писараш Шералихон (1863–1879) нишаст. Бародари калонии Шералихон – Афзалхон ҳокими Мазори Шариф буд ва ба амири воқеӣ итоат кард, вале бародари дигари Шералихон – Аъзамхон даъвои мансаб карда, исён бардошт.

Бо ташвиқи ӯ Афзалхон бо писараш Абдураҳмонхон, ки ҳокими Тахористон ва Бадахшон буд, низ исён бардоштанд. Аз ин рӯ, ба Шералихон лозим омад, ки соли 1864 ба сӯйи Балх лашкар кашида, онҳоро мағлуб намояд. Ӯ Афзалхонро дастгир намуда, ҳабс кард. Сардор Абдураҳмонхон ба Бухоро фирор намуд. Соли 1865 бародари аслии худи Шералихон – Аминхон – ҳокими Қандаҳор исён бардошт. Шералихон бо қувваи зиёд ин исёнро саркӯб намуд, ки дар ин ҷанг 8 ҳазор нафар қандаҳориҳо ҳалок шуданд. Дар байни ҳалокшудагон Аминхон ва писари худи Шералихон – Алихон ҳам буданд. Ин фоҷиа ба Шералихон чунон таъсир кард, ки ӯ муддате аз корҳои давлатӣ даст кашида, шабу рӯзро ба зиёрату ибодат мегузаронид. Аз чунин вазъият Аъзамхон ва Абдураҳмонхон (ӯ ба воситаи Шеробод дохили Афғонистон шуда буд) истифода карда, исён бардоштанд ва Кобулро ишғол карданд. Онҳо Афзалхонро аз ҳабс озод намуда, подшоҳи Афғонистон эълон карданд. Англисҳо ҳукумати навро ба зудӣ эътироф карданд, вале октябри соли 1867 Афзалхон ногаҳон вафот кард. Ба тахт Аъзамхон (1867–1869) нишаст. Ҷанҷоли хонаводагӣ боз аланга гирифт.



*Арки Ҳирот, ки қасри ҳокимон ба ҳисоб мерафт.*

Шералихон дар атрофи худ қувваҳои зиёдеро ҷамъ намуда, декабри соли 1868 ба Аъзамхон ва Абдураҳмонхон сахт шикаст дод. Баъди ин Абдураҳмонхон боз роҳи Бухоро ва Самарқандро пеш гирифт. Аъзамхон ба Эрон фирор кард. Ҳамин тавр, Шералихон январи соли 1869 ҳукумати худро баъди ҷангҳои бардавоми хонаводагӣ, ки боиси харобӣ ва кушторҳои зиёде гардидаанд, аз нав барқарор намуд.

**Сарчашма:**

Бо андешаи Ҳақназар Назаров дар замони салтанати Дӯстмуҳаммадхон дар Афғонистон чунин ҳолат ҳукмфармо буд: «Ҳар шоҳзода дар қаламрави худ соҳибихтиёр ва ҳокими мутлақ дониста мешуд. Ғайр аз ин, қӯшунҳои низомии Афғонистон ҳам, ки аз нав ташкил карда шуданд, дар байни 5 нафар фарзанди арҷманди амир тақсим гардида буданд ва маошот ва масорифоти онҳо аз ҳисоби молиёти мардумони зери итоаташон сурат мегирифт, ки ин вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳоро хеле вазнин ва тоқатфарсо мегардонид». (Ниг.: Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон. Душанбе, 1998. С.170).

**Санаҳои муҳим:**

1826 – 1863 – солҳои ҳукмронии Дӯстмуҳаммадхон.

1838 – 1842 – ҷанги аввали ватанӣ дар Афғонистон.

1863 – тобеи ҳукумати марказӣ шудани Ҳирот, ки бо ҳамин муттаҳидшавии сарзамини Афғонистон асосан ба охир расид.

1863 – 1879 – солҳои ҳукмронии Шералихон.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Дар хусуси оқибатҳои парокандагии феодалӣ дар Афғонистон чӣ медонед? 2) Бо кадом мақсад англисҳо ба Афғонистон сар дароварданд? 3) Дар бораи ҷанги аввали ватании Афғонистон чӣ медонед? 4) Муттаҳидшавии сарзамини Афғонистон асосан кай ба итмом расид? 5) Дар бораи усули идоракунии Дӯстмуҳаммадхон нақл кунед. 6) Оқибати ҷангҳои хонаводагӣ дар Афғонистон ба чӣ оварда расонид? 7) §§ 1 ва 14-ро такрор кунед; 8) Ба расмҳо, харита аҳаммият дода, маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** оқибатҳои парокандагии Афғонистон ва муттаҳидшавии онро дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §40. КӮШИШҲО БАҲРИ ПОЙДОР НАМУДАНИ ЯГОНАГИИ АФҒОНИСТОН

**Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ.** (1838–1897) маорифпарвар ва яке аз ходимони муътабари ҷамъиятии Афғонистони нимаи дуюми асри XIX ба ҳисоб меравад. Ӯ дар замони Аъзамхон вазифаи садри аъзамро ба ухда дошт, барномаи ислоҳоти дохилиро тавассути гузориши махсус ба Шералихон тақдим карда буд.

Дар ҳақиқат, Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ як нобиға, мутафаккири бузург ва муслиҳи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии олами Шарқ ба ҳисоб меравад. Вай дар мамлакатҳои гуногуни Шарқу Ғарб, аз ҷумла солҳои 1887–1889 дар Русия будааст. Бар зидди фишору тазйиқи хориҷиён, пеш аз ҳама, англисҳо мубориза мебурд. Иттиҳоде, ки Ҷамолиддини Афғонӣ таблиғ мекард, ҷанбаи динӣ дошт ва аз ин рӯ, вайро асосгузори ҷараёни иттиҳоди исломӣ (исломпарастӣ ё худ панисломизм) меҳисобиданд. Вале ақидаҳои сиёсӣ, фалсафӣ ва ахлоқии ӯ рӯҳи динӣ дошта бошанд ҳам, амалан, ҳадафашон бартараф кардани ақибмондагии моддӣ ва фарҳангӣ, таассуби динӣ, истибдоди феодалӣ ва зулми мустамликадорӣ буд.



*Саид Ҷамолиддини Афғонӣ – маорифпарвар ва яке аз ходимони муътабари ҷамъиятии Афғонистон дар нимаи дуюми асри XIX*

Вай дар хитоба ва мақолаҳояш иттиҳоди мусалмонон, адолати иҷтимоӣ ва маърифатнокии мусулмонон, ба замони нав мутобиқ сохтани таълимоти динӣ ва ғайраро ташвиқ мекард, халқро ба сарнагун кардани режими пӯсидаи истибдодӣ ва барпо намудани ҳукумати миллии машрута даъват менамуд. Бинобар ин, Ҷамолиддини Афғониро пешоҳанги ислоҳот ва тағйироти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, аз ҷумла ислоҳоти Шералихон ҳисоб мекунанд.

**Ислоҳоти Шералихон.** Баъди ба охир расидани ҷангҳои хонаводагӣ Шералихон ба гузаронидани ислоҳоти иҷтимоӣ ва

фарҳангӣ шурӯъ намуд. Дар ин ҷода ӯ маҳз ба неруҳои миллӣ ва иҷтимоии мардумони ғайриафғон, аз ҷумла тоҷикон, такя намудааст. Мақсади асосии ин ислоҳот мустаҳкам кардани ҳукумати марказӣ ва хотима бахшидан ба худсариҳо ва худхоҳиҳои амалдорон буд.

Шералихон саравал ба тарзи таъйин кардани амалдорон тағйироти ҷиддие ворид кард. Масалан, Дӯстмуҳаммадхон ба сарварии вилоятҳо ва маҳалҳо ҳатман писарони худро таъйин мекард ва ба кордонии онҳо аҳаммият намедод. Аммо Шералихон ба лаёқат, садоқат ва шоистагии ҳар яке аз авлодаш, ки ба мансаб таъйин мекард, диққати махсус медод. Чунончи, бо сабаби аз уҳдаи вазифа баромада натавонистанаш, писараш Иброҳимхонро аз вазифаи ҳокимии вилояти Ҳирот озод намуд, вале ӯ ба садоқати амалдорони ғайриафғон, аз ҷумла тоҷикон нисбат ба худ бовар надошт, бинобар ин, онҳоро ба мартабаҳои баланд таъйин намекард. Аз ҳамин сабаб тамоми мансабҳои асосии вилояту ноҳияҳои тоҷикнишин ба паштунҳо тааллуқ дошт. Ба ҳар ҳол, бо ташаббуси Шералихон, дар таърихи нави Афғонистон аввалин бор ба маънои имрӯза як ҳайати ҳукуматие ташкил карда шуд, ки он аз шахсиятҳои нисбатан кордон, лоиқ ва сазовор таркиб ёфта буд. Ба ҳамаи онҳо аз хазина маош таъйин гардид.

Ислоҳоти Шералихон дар марказ низ мушоҳида мегардид. Масалан, бо супориши ӯ иборат аз 12 нафар як Шӯрои давлатӣ ташкил карда шуд. Амир масъалаҳои муҳимми мамлакатдориро бо онҳо маслиҳат ва машварат мекард. Соли 1865 бори аввал дар Афғонистон Маҷлиси бузурги машваратӣ (Луя Ҷирга) даъват гардид, ки дар он 2 ҳазор нафар вакилони тамоми қавмҳо ва вилоятҳои мамлакат ҳамроҳ бо аҳли дарбор иштирок карданд.

Ислоҳоти ҳарбии Шералихон ҳам ҷолиби диққат аст. То замони ӯ неруҳо қавмӣ ва ғайримунтазам буда, ҳамеша боиси шиддат ёфтани ҷангҳои байнимулкӣ мешуданд. Бо ташаббуси ӯ як неруи мунтазами ҳукуматӣ ба вуҷуд оварда шуд. Афсарони калонсолро ба нафақа гусел карда, ҷавононро ба хизмати озод ва умумӣ ҷалб менамуданд. Артиши миллӣ аз се қисм: савора, пиёда ва тӯпхона иборат буд, ки дар маҷмӯъ, 50 хазор нафарро ташкил медод. Маоши аскари пиёда 7 рупия ва аскари савора 14 рупия буд, ки ҳар моҳ накд аз хазина пардохта мешуд.

Дар андозу хироҷ ва тарзи рӯёнидани онҳо тағйироти куллӣ ба вуҷуд оварда шуд. Масалан, сеяки андози замин чанд моҳ қабл

аз расидани ҳосили замин аз деҳқонон рӯёнида мешуд, ки Шералихон чунин тартибро бекор кард. Акнун андоз аз замин вақте ситонида мешуд, ки ҳосил ҷамъоварӣ шуда бошад. Инчунин, ба воситаи таксилдорон ва мустаҷирон ҷамъоварии хироҷи замин бекор карда шуд ва ҳар як молиядиҳанда худаш мустақиман хироҷро супорида, расидхат мегирифт. Бо сабаби зиёд гардидани хароҷот Шералихон андози нав – сарихонагиро ба унвони «ғазои муҳаммадӣ» (4-рупиягӣ аз сари ҳар хонае) ҷорӣ намуд. Дар натиҷаи ин даромади умумии хазинаи амирӣ ба 20 млн рупия расид.

Дар ҳаёти фарҳангӣ низ дигаргуниҳо ба вуҷуд омаданд. Бо кӯшиши Мирзо Абдуллохон дар Кобул аввалин чопхонаи литографӣ ташкил карда шуд. Роҳҳо ва пулҳо сохта шуданд. Ҳунармандӣ рушд ёфт.



*Тӯпҳои афғонӣ дар болои филҳо*

Ҷанги дуюми Англияю Афғонистон (1878–1880). Ҳукумати Англияро мустаҳкамшавӣ, ягонагӣ ва пешрафти Афғонистон ба ташвиш овард. Сиёсати пешгирифтаи Шералихон ба онҳо маъқул набуд. Ӯ дар қаламрави мулки худ ҷой додани агентҳои дипломатии англисро намехост, ки ин гуна мавқеъгирӣ ҳукумати Ангияро ба ғазаб меовард. Англисҳо доир ба масъалаи Афғонистон аз Русия хавфи ҷиддӣ надоштанд, зеро ҳанӯз соли 1873 мувофиқи қарордоди байни Русияю Англия дарёи Ому хатти сарҳадии нуфузи байни онҳо қарор дода шуда буд. Яъне бо ин Русия расман эътироф кард, ки Афғонистон аз минтақаи нуфузи ӯ хориҷ аст, вале баъди он ки қӯшунҳои рус соли 1873 хонигарии Хеваро забт ва ба ишғоли даштҳои Қароқум шуруъ карданд, ин

ташвиши англисҳоро зиёд намуд. Ғалабаҳои қӯшунҳои рус дар ҷанги Русияю Туркия (солҳои 1877 – 1878) онҳоро хеле бетоқат кард.

Англисҳо бим доштанд, ки Русия ба воситаи Афғонистон ба муқобили Ҳиндустон лашкар кашиданист. Чунин тарсу бими онҳоро соли 1878 ба Кобул омадани ҳайати сафорати рус бо сарварии генерал Столетов қувват бахшид. Ҳангоми гуфтушуниди байни Русияю Афғонистон маълум гардид, ки ҳукумати Шералихон дар ҷанги муқобили Англия бо Русия ҳамкорӣ карданн мехоҳад. Ҳукумати Русия дар чунин ҳолат ба Афғонистон гӯё аз ҷиҳати моддӣ ва таҷҳизоти низомӣ ҳамаҷониба мусоидат мекард. Ин гуна қарордоди байни Русияю Афғонистон барои ҳуҷуми навбатии қӯшунҳои англис баҳонаи асосӣ гардид.

Дар санаи 20-уми ноябри соли 1878 Англия ба муқобили Афғонистон ҷанг эълон кард. Рӯзи дигар қӯшунҳои 30-ҳазорнафараи англисҳо дар самтҳои Қандаҳор, Курам ва Хайбар якбора ба ҳуҷум гузаштанд, вале дар чунин лаҳзаи мураккаб Шералихон ба ҷойи ба ҷанги муқобили англисҳо сафарбар намудани лашкари 50-ҳазорнафарааш, онҳоро ба ақибнишинӣ ва парешонӣ ҳидоят намуд. Ӯ Кобулро бо писараш Яъқубхон гузошта, 13-уми январи соли 1879 ба Мазори Шариф омад ва мехост, ки ба Петербург рафта, конгресси байналмилалӣ оид ба Афғонистонро даъват кунад, вале 21-уми феврали соли 1879 Шералихон дар Мазори Шариф вафот кард. Яъқубхон баробари шунидани хабари вафоти падараш гуфтушунид бо англисҳоро оғоз кард.

**“Шартномаи Гандумак” ва идомаи ҷанг.** 26-уми майи соли 1879 дар мавзеи Гандумак байни Афғонистон ва Англия шартномае ба имзо расид, ки барои Афғонистон шартномаи хеле нангин ва вазнин ба ҳисоб мерафт. Дар асоси он равобити хориҷии Афғонистон ба ихтиёри ҳукумати Англия гузашт, дар Кобул намояндаи англисҳо бо дастаи низомии муҳофиз муқим гардид. Яъне дар асоси ин шартнома Афғонистон аз истиқлоли сиёсӣ ва ҳамкорӣ бо мамлакатҳои дуру наздик маҳрум гашта, ба замимаи Ҳиндустон табдил ёфт. Баъди имзои “Шартномаи Гандумак” намояндагии сиёсӣ ва низомии англисҳо дар Кобул таҳти сарпарастии майор А.Каваняри, ки ба ҳайси вазири мухтор шинохта шуда буд, ҳуқуқи васеъ дошт, ки ба корҳои дохилии Афғонистон ҳам худсарона мудохила намояд.

Носозгориҳои рӯзгор, баланд рафтани нархҳо, рафтору кирдори англисҳо, бесалоҳиятии амир Яъқубхон ва ғайра 3-юми сентябри соли 1879 сабаби шӯриши умумихалқии мардуми Кобул гардид. Шӯришгарон пайдарпай ба маҳалли зисти англисҳо – Болоҳисори Кобул ҳамла мекарданд. Аз англисҳо низомиёни бисёре кушта шуданд.

Ҳукуматдорони англис бо шунидани воқеаҳои фоҷиавии Кобул фавран ба хоки Афғонистон лашкари зиёд равон карданд. Англисҳо баробари ба Кобул расидан бо мақсади нишон додани қудрат ва тавоноии худ дар шаҳр намоиши расмии қӯшунҳояшонро ташкил намуданд. Ба чунин ҳол Яъқубхон тоқат накарда, ба истеъфо рафт ва декабри соли 1879 ба Ҳиндустон фиристода шуд. Баъди он генерали англис Робертс худро ҳокими мутлақи Афғонистон ҳисоб мекард.

Ҳамаи ин воқеаҳо мардуми Афғонистонро хеле ба ғазаб овард. Дар санаи 2-юми декабри соли 1879 бар зидди истилогарони англис ҷиҳоди умумӣ эълон карда шуд. Дар натиҷа аз чаҳор тараф дастаҳои фидоиён якбора ба Кобул ҳуҷум карда, 14-уми декабри соли 1879 қувваҳои низомии англисҳоро аз Кобул хориҷ карданд.

**Сарчашма:**

Гуфтори як сиёсатмадори англис доир ба ҷанговарони Афғонистон: «Мо, англисҳо, на танҳо як бор, балки чандин бор бо таҳаммули хисоратҳои сангини ҷонӣ ва молӣ, ки бар мо ворид омадааст, дарсҳои муҳимме дар мавриди Афғонистон ёд гирифтаем, мо аз неруи муқовамати нажоди Афғонистон огоҳ шудем, ин миллати рашид ва ҷанговар дар даштҳои хавфнок ва кӯҳҳои душворгузари ватани аҷдодии худашон нишон доданд, ки бо чӣ фидокорӣ ҷангиданд ва аз он дифоъ карданд. Афғонҳо, ки дар солҳои 1842 ва 1880 бо мо ҷангида буданд, таълимоти низомӣ ва аслиҳаи кофӣ надоштанд, бо ин ҳол мардона муқовимат карданд ва қасдашон дар ин ҷангҳо ин буд, ки аз ҳуҷуми кофирон ҷилавгарӣ кунанд ва мардона ҷилавгарӣ карданд». (Ниг.:Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон.- С. 226).

**Санаҳои муҳим:**

1838 – 1897 – солҳои зиндагии Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ.

1865 – бори аввал дар Афғонистон Маҷлиси бузурги машваратӣ (Луя Ҷирга) даъват гардид.

1878 – 1880 – ҷанги дуюми ватанӣ дар Афғонистон.
1879, 26-уми май – имзои “Шартномаи Гандумак”.

**Савол ва супоришҳо:**
1) Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ кӣ буд ва таълимоти ӯ аз чӣ иборат аст? 2) Ислоҳоти Шералихон кадом ҷабҳаҳоро дар бар мегирифт? 3) Усули идоракунии Шералихон чӣ тавр буд ва он аз усули идоракунии Дӯстмуҳаммадхон бо чӣ фарқ мекард? 4) Дар бораи ҷанги дуюми ватании Афғонистон чӣ медонед? 5) «Шартномаи Гандумак» чӣ гуна шартнома буд? 6) § 39-ро такрор кунед; 7) Ба расмҳо аҳамият дода, маводи сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** кӯшишҳо баҳри пойдор намудани ягонагии Афғонистонро дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §41. АФҒОНИСТОН ДАР ЗАМОНИ ҲУКМРОНИИ АБДУРАҲМОНХОН

**Ба охир расидани ҷанг.** Баъди аз Кобул ронда шудани англисҳо ҳам вазъи Афғонистон беҳ нагардид. Бuҳрони сиёсӣ идома дошт. Мамлакат бе подшоҳ буд. Аз сабаби мавҷуд набудани ягонагӣ интихоби подшоҳ кори осон набуд. Аз ворисони Шералихон касе набуд, ки сазовори эҳтироми умум бошад. Дар чунин вазъ сардор Абдураҳмонхон, ки аз соли 1869 инҷониб дар паноҳи давлати Русия, дар Самарқанд мезист, ба Афғонистон баргашт. Ӯ моҳи марти соли 1880 ба мардум эълон намуд, ки «маҳз ба хотири наҷоти мамлакат аз асорати англисҳо ва пеш кардани душман аз сарзамини Афғонистон омадааст ва дар тараддуди ташкил кардани сипоҳи муҷоҳидон мебошад». Ин хитобномаҳоро мардуми Афғонистон ҳамчун муждаи раҳоибахш пазируфтанд. Дар натиҷа, сардор Абдураҳмонхон тавонист дар атрофи худ қариб сад ҳазор неруҳои довталаби миллиро ба хотири аз хоки Афғонистон пеш кардани англисҳо муттаҳид созад. Дар атрофи ӯ асосан мардуми ғайрипаштуни шимол ва маркази Афғонистон, аз ҷумла тоҷикон ҷамъ шуда буданд. Дар санаи 20-уми июли соли 1880 дар Чорякор маҷлиси намояндагони муҷоҳидони халқӣ барпо гардид ва дар он Абдураҳмонхон подшоҳи қонунии Афғонистон интихоб шуд ва то соли 1901 ҳукуматдорӣ кард. Вале ӯ баробари соҳиби тоҷу тахт шудан, худро беҳад комёб донист ва бо англисҳо роҳи

созиш ва мусолиҳаро пеш гирифта, аз ҳимояи манфиати миллӣ қатъи назар кард. Ҳол он ки худи англисҳо баъди нооромиҳои зиёд ҳозир буданд, ки хоки Афғонистонро ҳарчи зудтар тарк намоянд. Абдураҳмонхон метавонист бо фишори сиёсӣ англисҳоро бе ҳеҷ гуна қайду шарт ба тарки хоки Афғонистон маҷбур намояд, аммо ин тавр нашуд. Мутаассифона, ӯ шартномаи барои мардуми Афғонистон вазнин ва нангини Гандумакро бо баъзе тағйирот асосан қабул кард. Яъне ӯ эътироф кард, ки Афғонистон ғайр аз давлати Англия бо ҳеҷ ҳукумати хориҷӣ равобити сиёсӣ дошта наметавонад, вилояти Қандаҳор зери фармони ҳукумати алоҳида қарор мегирад, нақшаҳои сарҳадии Сибӣ, Пишин ва Хайбар дар ихтиёри ҳукумати Англия боқӣ мемонад. Ба ивази ин ҳукумати Англия салтанати амир Абдураҳмонхонро дар қисми боқимондаи Афғонистон эътироф кард.

Дар таърихи 8-уми августи соли 1880 англисҳо баъди муваффақиятҳое, ки чашмдор набуданд, қаламрави Афғонистонро тарк намуданд. Бо ҳамин ҷанги дуюми ватании мардуми мамлакат, ки аз моҳи ноябри соли 1878 то сентябри соли 1880 идома ёфт, ба охир расид. Ин ҷанг нақшаи англисҳоро, ки мехостанд давлатдории Афғонистонро барҳам дода, онро ба замимаи Ҳиндустон табдил диҳанд ва ҳукмронии худро дар ин сарзамин пойдор ва абадӣ гардонанд, барбод дод. Аҳаммияти таърихии муборизаи фидокоронаи мардуми Афғонистон дар солҳои ҷанги ватанӣ низ ҳамин аст.

Ҳанӯз аз замони Шералихон рӯди Ому ҳамчун хатти сарҳадии шимолии Афғонистон шинохта шуда буд, вале марзи масоҳати байни рӯди Ому то ҳудуди Эрон, ки аз дашту биёбон мегузашт, дуруст муайян нашуда буд. Пас аз он ки соли 1884 қӯшунҳои рус вилояти Марвро забт намуданд, масъалаи хатти марзии ин минтақа боз ба миён омад ва доир ба он гуфтушуниди байни Русия ва Англия оғоз гардид.

Дар санаи 30-юми марти соли 1885 қӯшунҳои рус бо сарварии генерал Комаров ногаҳон ба мавқеи сарҳадбонони афғон дар Панҷдеҳ (Пандин) ҳуҷум карданд. Дар натиҷа, байни қувваҳои низомии рус ва сарҳадбонони афғон ҷанги шадиде ба амал омад. Афғонҳо дар ин ҷанг шикаст хӯрда, ақиб нишастанд. Гуфтушуниди байни Русияю Англия ба он овард, ки Панҷдеҳ дар ихтиёри русҳо боқӣ монад. Инчунин, сарҳади шимолии Афғонистонро аз рӯди Ому то дарёи Теҷен муайян намуданд. Ҳангоме ки қӯшунҳои рус

ба сӯйи Марв ҳаракат мекарданд, амир Абдураҳмонхон соли 1884 як даста қуввaҳои низомии худро ба соҳили рости рӯди Панҷ фиристода, Рӯшон ва Шуғнонро забт намуд, ки ин бар хилофи созишномаи соли 1873 байни Русия ва Англия буд, зеро мувофиқи он созишнома, рӯдҳои Ому ва Панҷро чун сарҳади шимолии Афғонистон тасдиқ карда буданд. Англисҳо медонистанд, ки чунин амалиёти ишғолгаронаи Абдураҳмонхон боиси норизоии Русия мегардад. Ғайр аз ин, барои англисҳо гӯё дар сарҳади Афғонистон якчанд нуқтаи норавшан мавҷуд буд, ки мехостанд онро ҳаллу фасл намоянд.

Моҳи сентябри соли 1893 бо мақсади муайян намудани хатти сарҳади шарқии Афғонистон ҳайати расмии англисӣ таҳти рохбарии М.Дюранд ба Кобул омад. Дар таърихи 12-уми ноябр ӯ бо амир Абдураҳмонхон шартномае имзо намуд, ки мувофиқи он, сарҳадҳои шарқӣ ва ҷанубии Афғонистон, аз даҳанаи Вахон то ҳудуди Эрон, инчунин, сарҳади шимолӣ аз Сарикӯл то резишгоҳи дарёи Кӯкча ва Ому муайян карда шуданд. Ин муоҳада дар таърих бо номи «Хатти Дюранд» маълум аст. Дар асоси муоҳада «минтақаи мустақил»-и афғоннишини Читрол, Свот, Баҷувар, Вазиристон ва ғайра, ки дар онҳо бештар аз 3 млн нафар афғон мезист, тобеи Ҳиндустони Англия гардонида шуд. Қабилаҳои афғони «минтақаи озод» ба ин шартнома муқобил баромаданд, бинобар ин, англисҳо маҷбур шуданд, ки ба баъзеи онҳо ҳаққи таъйини сарнавишт диҳанд.

Ҳайати дигари муштараки русӣ – англисӣ соли 1893 ҳалли масъалаи сарҳадоти Бадахшонро оғоз намуда, баъди танаффусҳои зиёд, соли 1895 онро ба итмом расонид. Мувофиқи он, марзи сарҳадиро аз Зоркӯли Вахон то сарҳади Чин муайян карданд. Афғонистон соҳиби қисми асосии Вахон ва Дарвози Ҷанубӣ шуда, Шуғнон ва Рӯшони шимоли рӯди Панҷ ба ихтиёри русҳо гузашт.

**Тадбирҳо барои рушди иқтисод.** Оқибатҳои ҷанги дуюми ватанӣ барои Афғонистон вазнин буд, зеро иқтисоди мамлакат комилан хароб ва низоми идоракунӣ аз байн рафта буд. Бинобар ин, ба Абдураҳмонхон лозим омад, ки идораи давлатиро аз поён то боло ташкилу танзим намояд. Аз сабаби он ки ӯ нисбат ба корубори Шералихон ва хонаводаи ӯ нафрати зиёд дошт, аз тамомиислоҳот ва дастовардҳои замони ӯ даст кашид. Акнун мисли пештара ҳукумати марказӣ ва ҳайате, ки аз садри аъзам, вазифаҳои дохила, хориҷа, молия ва дигар вазоратхонаҳо иборат

бошад, вуҷуд  надошт, балки низоми чунин соҳаҳои идоракунӣ мувофиқи хости худи Абдураҳмонхон тавассути чанде аз мирзоҳо сурат мегирифт. Риштаи ҳамаи корҳо дар дасти худи амир буд, зеро ӯ ба ҳеҷ кадом аз соҳибмансабонаш бовар надошт, аз ин рӯ, ҳатман ба тамоми корҳои мулкӣ ва низомӣ худаш дахолат мекард. Рӯҳониён низ  зери назорати сахти ҳукумати амирӣ қарор гирифтанд. Як қисми  онҳо аз имтиёзҳои собиқ маҳрум гардиданд. Мулкҳои вақфӣ ба  зери назорат гирифта шуд.

То соли 1895 вилояти Нуристон мустақил буд. Амир Абдураҳмонхон ин мулкро низ (с. 1895) ба давлати худ ҳамроҳ намуд. Ба чунин иқдоми ӯ қисми ғарбии Нуристон муқобилати сахт нишон дод,  вале шикаст хӯрд. Баъди ин қисми зиёди нуристониҳо дини ис- ломро қабул карданд. Ҳамин тавр, бо ҳамроҳ намудани Нурис- тон давлати Афғонистон дар ҳудуди имрӯзаи худ комилан ташак- кул ёфт ва мутамарказ гашт. Он аз ҷиҳати маъмурӣ ба панҷ вилоят: Кобул, Ҳирот, Қандаҳор, Мазори Шариф, Ҷалолобод ва ҳафт ҳукумат: Бадахшон, Маймана, Фароҳ, Ғазнӣ, Хуст ва ғайра тақсим мешуд.

Амир Абдураҳмонхон ба қувваи ҳарбӣ диққати ҷиддӣ медод. Мувофиқи тартиботи ӯ, аз 8 нафар мард як нафар ба хизмати доимии аскарӣ даъват карда мешуд. Аз соли 1887 ҳар 20 хонавода бо маош ва масрафи худашон барои як сол як нафар аскар медоданд, ки ӯ сарҳадбонӣ мекард.



*Яке аз дуконҳои ҳунармандии шаҳри Кобул дар охири асри XIX ва аввали асри XX*

Ба вуҷуд омадани корхонаи саноатӣ дар Афғонистон ба ҳамин давра мувофиқ меояд. Масалан, соли 1886 дар Кобул корхонаи

калони саноатии «Мошинхона» сохта шуд, ки дорои шуъбаи тӯпсозӣ, туфангсозӣ, борутсозӣ, зарробхона, нассоҷӣ, шамърезӣ, собунпазӣ ва ғайра буда, дар онҳо беш аз чаҳор ҳазор коргар кор мекард. Дар ин корхона мутахассисони фаронсавӣ, англис ва ҳинду ба сифати муҳандис ва усто ҷалб карда шуда буданд.

Вазъияти ором ба рушди ҳунармандӣ дар шаҳрҳои Кобул, Қандаҳор, Мазори Шариф ва ғайра мусоидат намуд. Дар кишоварзӣ тавассути ширкатҳои тиҷоратии англисию ҳиндӣ кишти пахтаи навъи амрикоӣ оғоз гардид. Дар натиҷаи назорати сахти ҳукумат duздию ғоратгарӣ хеле кам шуда, корвонҳои тиҷоратӣ озодона ҳаракат мекарданд. Табақаи махсуси буржуазияи тиҷоратӣ ба вуҷуд омад, ки мартабаи он ба дараҷаи амалдорони ҳукуматӣ баланд бардошта шуд. Тоҷирони ғайримусулмон ҳақ надоштанд, ки бо мақсади муомилоти тиҷоратӣ вориди Афғонистон шаванд. Молҳои муҳимтарини тиҷорати хориҷӣ, дар қатори сангҳои қиматбаҳои Афғонистон, ғалла, чорво, писта, бодом ва ғайра буд.

Амир Абдураҳмонхон бо мақсади нигоҳ доштани низоми муносибатҳои пулӣ зарби сиккаҳоро танҳо дар ихтиёри зарробхонаи Кобул нигоҳ дошта, зарробхонаҳои Ҳирот ва Қандаҳорро баст. Сиккаҳои нукра ва мисини кобулӣ васеъ дар муомилот буданд. Бо мақсади рушд додани тиҷорат амир аз хазинаи давлат ба ҳар тоҷир аз 5 то 50 ҳазор рупия ва ба намояндагиҳо то 150 ҳазор рупия қарзи ҳасана, яъне бесуд медод. Як рупияи кобулӣ аз 60 пайса иборат буд.

Тиҷорати пӯсти қарокӯлии Афғонистон тавассути Бухоро ба амал меомад, ки он ҳар сол ба хазинаи амири Афғонистон 250 ҳазор рупия даромад меовард. Тиҷорати солонаи байни Афғонистону Бухоро 3 млн рубли (ҳамонвақта) русиро ташкил медод.

Умуман, агар дар асри XIX (ба ҷуз охири аср) Афғонистонро хатари истилои хориҷӣ ба гирдоби харобӣ кашида бошад, пас дар охири асри XIX оромӣ ва ягонагӣ ба он имкон дод, ки нисбат ба давраҳои гузашта дар тамоми ҷабҳаҳои зиндагӣ ба муваффақиятҳои назаррасе ноил гардад.

**Сарчашма:**

Амир Абдураҳмонхон дар сиёсати дохилии худ аз рақобати қавмии мардуми Афғонистон истифода кардааст, зеро ҳарчанд ӯ «...дар бораи ваҳдат ва ягонагии мардуми мусалмони Афғонистон

ташвиқу талқин мекард, вале дар амал қавмҳо ва қабилаҳои гуногуни ҳамҷавори ғилзоиҳоро муқобили ҳамдигар мегузошт ва онҳоро ба муборизаи зидди ғилзоиҳо даъват менамуд. Ин даъватҳои вай дар байни қавму қабилаҳои дигар, ба истинои қисмате аз ҳазораҳо, ҳамовозӣ пайдо накард, зеро ҳамаи онҳо аз ҷабру ситами ҳукумати амир доду фиғон доштанд ва мунтазири фатҳу пирӯзии ғилзоиҳо буданд, ки ба муборизаи умумӣ ҳамроҳ шаванд. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат ба амир лозим омад, ки ба ҳамқавмони худ, яъне дурронихо мурочиат намояд ва онҳоро дар асоси хусумат ва душмании анъанавии дурронихо ва ғилзоиҳо даъват намояд. Бинобар ин, амир фармон дода буд, ки ба ҳар кадом аз навкарони довталаби дурронӣ, ғайр аз яроқу аслиҳа ва орди хӯрокворӣ, боз даҳ рупиягӣ маош бидиҳанд, дар сурате, ки маоши аскарони қатории низомӣ ҳашт рупия буд». (Ниг.: Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон. - С. 261–263).

**Санаҳои муҳим:**

1880 – 1901 – солҳои ҳукмронии амир Абдураҳмонхон.

1885, 30-юми март – ҷанги Панҷдеҳ.

1886 – дар Кобул сохта шудани «Мошинхона».

1893, 12-уми ноябр – имзои «Шартномаи Дюранд».

1895, сентябр – шартномаи Русия ва Англия доир ба сарҳади нуфузи байни худ қарор додани рӯди Панҷ.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Абдураҳмонхон чӣ тавр ба сари кудрат омад? 2) Абдураҳмонхон баробари ба ҳокимият соҳиб шудан бо англисҳо чӣ гуна сиёсатро пеш гирифт? 3) Дар бораи ҷанги Панҷдеҳ чӣ медонед? 4) Оқибатҳои «Шартномаи Дюранд» чист? 5) Дар байни Русия ва Англия аз кай рӯди Панҷ ҳамчун сарҳади нуфуз қарор гирифт? 6) Дар бораи идораи Абдураҳмонхон ва тадбирҳои ӯ барои рушди иқтисоду тиҷорат чӣ медонед? 7) Бо мақсади нигоҳ доштани низоми муносибатҳои пулӣ чӣ тадбирҳо андешида шуд? 8) §§ 39 ва 40-ро такрор кунед; 9) Ба расмҳо аҳамият дода, маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** дигаргуниҳои дар замони ҳукмронии Абдураҳмонхон дар Афғонистон ба вуҷуд омадаро дуруст шарҳ дода тавонанд.

# БОБИ 11
# АФҒОНИСТОН ДАР АВВАЛИ АСРИ XX

## §42-43. ТАДБИРҲОИ ҲАБИБУЛЛОХОН БАҲРИ РУШДИ ИҚТИСОД ВА ТИҶОРАТИ МАМЛАКАТ

**Ба сари ҳокимият омадани Ҳабибуллохон.** Октябри соли 1901 баробари вафоти амир Абдураҳмонхон тартиботи истибдодии ӯ низ поён ёфт. Ба сари ҳокимият писари ӯ–Ҳабибуллохон (1901–1919) омад. Амири ҷавонро, ҳарчанд ӯ ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии падар содиқ мондани худро ваъда дода буд, вазъи Афғонистон маҷбур намуд, ки барои дар байни мардум ба даст овардани обрӯ ва эътибор ба як идда иқдомоти хайрхоҳона даст занад. Масалан, ҷуброн кардани қарзи чандсолаи фуқаро аз хазинаи давлатӣ; 2-рупиягӣ зиёд кардани маоши аскарон; ба муҳлати то 10 сол аз супоридани молиёт (андоз)-и замин озод намудани мардуми фақиру бенаво; озод кардани маҳбусоне, ки солҳои дароз бе гуноҳ гирифтори азобу шиканҷаҳои сахт буданд; бекор кардани ҷазоҳои ваҳшиёнаи замони Абдураҳмонхон, ба монанди пора кардан, равғани доғ рехтан ва ғайра; афви умумии онҳое, ки тарки ватан намудаанд ва ҳоказо аз тадбирҳои нахустини амир ба ҳисоб мерафт. Баробари ин, дар кӯчаю бозор бекор гаштани занҳоро манъ кард. Ҳангоми зарурат онҳо танҳо бо болопӯши хокӣ ва беранг берун шуда метавонистанд, то ки назари мардуми ғайрро ба худ ҷалб нанамоянд. Инчунин, бо мақсади нишон додани гӯё тарафдори ахлоқи поки исломӣ буданаш, сурудхонӣ ва рақси занонро дар маҳаллаи Хароботи шаҳри Кобул манъ кард. Дар ёздаҳ шаҳри Афғонистон мадраса таъсис намуда, хароҷоти онҳоро аз ҳисоби давлат пардохт.

Аммо дар ҳукуматдории Ҳабибуллохон равиши ягона дида намешуд. Бисёр фармонҳои ӯ амалӣ намегардиданд. Махсусан, корҳои хайри худро камтар ба субут мерасонид. Бинобар ин, аҳди ҳукмронии ӯро ба ду давра тақсим мекунанд. Агар дар даҳсолаи аввал амир нисбат ба корҳои мамлакатдорӣ дилгармии зиёд нишон диҳад, дар даҳсолаи дуюм вай аз корубори салтанат дур шуда, бештар ба сайругашт, шикор ва айшу ишрат бо аҳли ҳарам, ки бештар аз сад зани ҷавонро дарбар мегирифт, машғул будааст.

Амир Ҳабибуллохон бар хилофи падараш –Абдураҳмонхон, ки риштаи тамоми корҳои мулкӣ ва низомиро ба дасти худ

гирифта, ба ҳеҷ кас бовар надошт, наздиконашро ба вазифаҳои масъул таъйин намуд. Масалан, бародари худ Насруллохонро нойибуссалтана таъйин намуд, ки ӯ ҳамзамон вазифаи садри аъзам ва вазири дохилиро низ иҷро мекард ва ҳатто аз назорати амир озод буд. Фарзанди худаш Иноятуллохонро муинуссалтана таъйин кард, вазифаи вазири ҳарбиро ба ӯ супорид. Яъне бародар ва фарзанди Ҳабибуллохон ду соҳаи муҳимми идораи мулкӣ ва низомии мамлакатро дар ихтиёри худ доштанд.

Ба аҳкоми динии мамлакат қозиюлқуззот (қозикалон) сарварӣ мекард. Бо тавсияи ӯ амир, ноибуссалтана, муинуссалтана, соҳибмансабони идораҳои шаръӣ, аз қабили қозӣ, муфтӣ, муҳаррирон (нозирон) ва котибони онҳоро таъйин мекард.

Тоҷикон дар замони Ҳабибуллохон ба таври васеъ дар идораҳои мулкӣ ва низомии мамлакат ба кор ҷалб карда шуда буданд, вале ба таври умум идораҳои марказӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ ба иҷрои вазифаҳои худ чандон машғул набуданд. Ришвахӯрӣ, порагирӣ, хешутаборбозӣ, хариду фурӯши вазифаҳои муҳимми давлатӣ дар авҷ буд. Ба тамоми ин норасоиҳо нигоҳ накарда, чандин иқдомҳои муҳимми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ гузаронида шуд, ки онҳо дар рушду тараққии мамлакат нақши худро гузоштаанд.

**Рушди саноат.** Вазъи нисбатан ороми мамлакат ба ҳунармандӣ ва шаклҳои гуногуни саноат мусоидат кард. Масалан, пӯстинҳое, ки ҳунармандони Қандаҳор, Ғазнӣ, Кобул ва Ҳирот тайёр мекарданд, хеле шуҳрат пайдо намуда буданд. Дар шаҳрҳо ҳазорон дуконҳо, устохонаҳои касбиву ҳунарӣ ба таври анъанавӣ фаъолият мекарданд. Дар баъзе корхонаҳо ҷараёни истеҳсолот тақсимбандӣ шуда, шакли истеҳсоли мануфактуриро гирифта буд, ки як маҳсулотро пайдарҳам чанд нафар усто омода мекарданд.

Дар ибтидои асри XX фаъолияти мошинхонае, ки соли 1886 сохта буд, хеле васеъ карда шуд. Дар заминаи устохонаи чармгарӣ соли 1909 дар Кобул фабрикаи чармгарӣ ба кор даромад, ки дар он мӯза, зини асп ва дигар маҳсулоти чармиро ба тариқи механикӣ истеҳсол мекарданд. Инчунин, заводи собунпазӣ сохта шуд, ки дар баробари собун боз шамъ ҳам тайёр менамуд. Соли 1914 дар Кобул фабрикаи пашмбофӣ ба кор даромад. Маҳсулоти ин корхонаҳо дар баробари ба корҳои ҳарбӣ сарф шудан, як миқдор дар бозор низ фурӯхта мешуд. Сохтмони аввалин дастгоҳи барқӣ

соли 1907 дар Парвон шурӯъ шуда, соли 1919 ба кор даромад, ки иқтидораш 1,5 ҳазор киловатро ташкил медод.

То охири асри XIX ва ибтидои асри XX роҳҳои асосии Афғонистонро роҳҳои корвонгузар ва дар байни шаҳрҳо роҳҳои аробагард ташкил медоданд. Пайдо шудани аввалин автомобилҳо масъалаи сохтани роҳҳои мошингард ва тайёр намудани ронандагони ин навъи техникаро ба миён гузошт. Масалан, соли 1909 аввалин бор як дастаи 57-нафараи ҷавонон барои омӯхтани касби ронандагӣ ва механикӣ ба Ҳиндустон фиристода шуданд. Соли 1912 ширкати махсуси боркашии автомобилӣ таъсис ёфт, ки асосан, бо кашондани борҳои байни Афғонистону Ҳиндустон машғул буд. Дар натиҷа, зарурати сохтмони роҳҳои автомобилгарди байни Кобул – Ҷалолобод, Кобул – Парвон, Кобул – Лугар ва Кобул – Ғазнӣ – Қандаҳор ба вуҷуд омад. Дар дигар ноҳияҳо ва нуқтаҳои мамлакат роҳҳои аробагард ва корвонсароҳои зиёде сохта шуданд.

**Вазъи кишоварзӣ.** Ташаккулёбии ҳукумати мутамарказ барои ба вуҷуд омадан ва рушди муомилоти молию пулӣ дар сохтори заминдорӣ ва тариқи истифодаи он тағйирот ба вуҷуд овард. Масалан, дар мамлакат дар натиҷаи барои соҳибмансабони низомӣ ва мулкӣ аз ҳисоби хазинаи давлат ҷорӣ гардидани маоши нақдӣ, шаклҳои заминдории қадима ва анъанавии «ҷойгир» ва «тиюл», ки ба ивази хизматашон дода мешуд, аз байн рафт. Минбаъд заминдорӣ ба се шакл – давлатӣ, хусусӣ (феодалӣ ва деҳқонӣ) ва вақфӣ тақсимбандӣ мешуд. Махсусан, заминҳои давлатӣ аз ҳисоби мусодираи мулкҳои хонҳо, маликҳо, феодалҳои саркаш ва шӯришгарони халқӣ васеъ мегардид. Инчунин, молу мулки деҳқононе, ки молиёт (андоз)-и вазнини ҳукуматиро пардохта наметавонистанд, мусодира мешуд. Дар ин байн баъзе ашроф ва феодалони калон бо роҳҳои гуногун қитъаҳои зиёди заминро ба даст меоварданд.

Заминҳои вақфӣ дар Афғонистон чандон зиёд набуданд. Албатта, тамоми мазорҳо, зиёратгоҳҳо, мадрасаҳо ва баъзе масҷидҳо соҳиби замини вақфӣ буданд. Соҳибони заминҳои вақфӣ ва феодалӣ одатан, дар шаҳрҳо ва марказ иқомат карда, бо корҳои идораи низомӣ, мулкӣ ва тиҷорат машғул буданд. Бинобар ин, киштукори тамоми заминҳои давлатӣ, хусусии феодалӣ ва вақфӣ ба уҳдаи деҳқонони иҷоракор гузошта шуда буд. Дар ин хоҷагиҳо бештар усули нисфикорӣ (яъне нисфи ҳосил ба соҳиби замин ва

нисфи дигараш ба деҳқон), сеяккорӣ, чоряккорӣ, панҷяккорӣ ва ғайра дида мешуд.

**Андоз.** Замони ҳукмронии Ҳабибуллохон на танҳо шаклу миқдори андозҳо тағйир наёфт, балки андозҳои нав ҳам ҷорӣ карда шуданд. Дар байни навъҳои андоз, мисли пештара, хироҷ навъи асосӣ ба ҳисоб мерафт, ки он аз маҳсулоти кишоварзон ситонида мешуд. Хироҷи заминҳои обӣ назар ба ҳосилнокӣ ва тарзи обёрӣ аз сеяк то панҷяки ҳиссаи маҳсулоти заминро ташкил медод. Тағйирот аз он иборат буд, ки акнун ҳукумат бештар кӯшиш мекард, ки андозҳоро то ҳадди имкон бо пули нақд рӯёнад.

Яке аз андозҳои наве, ки маҳз дар замони Ҳабибуллохон ба вуҷуд омадааст, "туруқпулӣ" (роҳпулӣ) ном дошт. Онро бо мақсади пӯшонидани хароҷоти сохтмони роҳҳои автомобилгард ва аробагард ҷорӣ намудаанд. Туруқпулӣ баробари хаҷми чарогоҳпулӣ буд ва ҳамаи чорводорон маҷбур буданд, ки онро ба фоидаи хазинаи давлат супоранд. Дар натиҷа, даромади хазинаи давлатӣ сол то сол меафзуд. Умуман, даромади нақдии хазинаи амир Ҳабибуллохон ба 80 млн рупия расида буд.

Ҳукумати марказӣ ба фаъолияти на ҳамаи ҷамъкунандагони андоз – мустаҷирон ва таксилдорон назорат карда метавонист. Бинобар ин, онҳо бо мақсади азхуд намудани як ҳиссаи даромад, нисбат ба халқ ҳар гуна зулму ситам ва бедодгариро раво медиданд.



*Испорҳои чӯбини мардуми Афғонистон дар аввали асри XX*

**Рушди тиҷорат.** Вазъи нисбатан ороми мамлакат боиси рушди тамоми соҳаҳои иқтисод ва тиҷорат гардид. Дар ин давр махсусан, шаҳрҳои Кобул, Ҳирот, Қандаҳор, Мазори Шариф, хеле тараққӣ карда, ба марказҳои асосии тиҷорат мубаддал гаштанд. Дар ин шаҳрҳо на танҳо касбу ҳунарҳои пешина нашъунамо ёфтанд, балки онҳо оҳиста-оҳиста ба муомилоти бозоргонӣ ҷалб мешуданд. Баъзе маҳсулоти ҳунармандии ин мамлакатро на танҳо дар бозорҳои дохилӣ, балки берун аз он ҳам пайдо кардан мумкин буд. Барои ба ин мамлакат сар даровардани молҳои саноатии русӣ дар қаламрави Осиёи Марказӣ сохта шудани роҳҳои оҳан такони ҷиддӣ бахшид.

Амир Ҳабибуллохон бо мақсади рушд додани тиҷорати дохилию хориҷӣ ба тоҷирон аз хазинаи давлат 1.800 ҳазор рупия қарз дода, тамоми қарзҳои пешинаи онҳоро (аз замони Шералихон то замони худ) бахшида буд. Соли 1912 дар Кобул як муассисаи Бонки давлатӣ таъсис ёфт, ки на танҳо ба тоҷирон ва дигар муштариён қарз медод, балки дигар муомилоти пулӣ ва бонкиро низ иҷро мекард. Амир Абдураҳмонхон ба тоҷирони афғон истифодаи роҳҳои оҳанро қатъан манъ карда буд. Амир Ҳабибуллохон ин амрро бекор кард.

Шароити мусоиде, ки амир Ҳабибуллохон барои рушди тиҷорат ба вуҷуд оварда буд, сабаби зиёд шудани боғу токзорҳо гардид. Масалан, дар давоми панҷ сол тамоми заминҳои атрофи Қандаҳор ба боғ табдил дода шуд ва содироти мева аз ин мулк дар муддати кӯтоҳ се баробар афзоиш ёфт. Умуман, дар муддати даҳ сол (1904 – 1915) тиҷорати хориҷии Афғонистон бо Ҳиндустон ва Русия бештар аз ду баробар зиёд гардид. Агар аз мамлакатҳои Ҳиндустон ва Русия ба Афғонистон навъҳои гуногуни маҳсулоти саноатӣ ворид шаванд, аз Афғонистон ба он мамлакатҳо асосан маҳсулоти зироат ва чорво, пеш аз ҳама, ғалла, пахта, пашм, пӯсти қароқӯлӣ ва меваҷот содир мешуд. Дар ин давра Мазори Шариф – маркази асосии истеҳсоли ғалла, шолӣ, Ҳазораҷот – маркази истеҳсоли пашм, ғалла ва равған, Қандаҳор – маркази парвариш ва фурӯши асп ба ҳисоб мерафт. Масалан, дар намоишгоҳи ҳарсолаи Қандаҳор то се ҳазор асп хариду фурӯш мешуд.

**Ба вуҷуд омадани табақаи коргар ва буржуазия.** То охири асри XIX аз ҷиҳати табақабандӣ мардуми Афғонистонро асосан деҳқонон, феодалон (заминдорон ва чорводорони калон), тоҷирон, рӯҳониён, ҳунармандон ва косибон ташкил медоданд.

Дар нимаи дуюми асри XIX Афғонистон ба тасарруфи империяи Британияи Кабир, ки давлати тараққикардаи сармоядорӣ ба ҳисоб мерафт, кашида шуд. Аз ин рӯ, тавассути Ҳиндустон, ки он низ мустамликаи Англия буд, ба қаламрави Афғонистон муносибатҳои сармоядорӣ сар даровարда, рушд меёфт. Дар Афғонистон муносибатҳои молию пулӣ ба вуҷуд меомад. Маҳсулоти кишоварзон, косибон ва ҳунармандон бештар вобастаи бозор мегардиданд.

Ба вуҷуд омадани муносибатҳои молию пулӣ дар деҳот имкон медод, ки ҳиссаи бузурги моликият – замин дар дасти гурӯҳи хурди ҳаннотон ҷамъ гардад ва қисме аз аҳолии деҳот – деҳқонон аз замини худ маҳрум шаванд. Қисме аз ин гурӯҳи деҳқонон ҳамроҳи косибон ва ҳунармандони муфлисшуда минбаъд дар корхонаҳои саноатӣ ба кор даромада, аввалин дастаҳои коргарони маҳаллии Афғонистонро ташкил медоданд. Масалан, танҳо дар мошинхонаҳои Кобул 5 ҳазор коргар кор мекарданд. Шароити меҳнати онҳо хеле вазнин буд ва маоши ночиз (8 рупия) мегирифтанд. Дар корхонаҳои саноатӣ, сохтмони роҳҳо, муассисаҳои ҷустуҷӯйи маъдан мутахассисони хориҷӣ ба кор ҷалб шуда буданд. Коргароне, ки дар дигар корхонаҳои саноатӣ, устохонаҳо, сохтани роҳҳо, корвонсаройҳо ва ғайра кор мекарданд, хеле сершумор буданд, вале шароити кор ва зиндагии онҳо ҳам чандон хуб набуд.

Буржуазияи миллии Афғонистон асосан, аз ҳисоби тоҷирон ва заминдорону чорводорони калон ташаккул меёфт, аммо фаъолияти онҳо бештар бо роҳи судхӯрӣ пеш мерафт. Яке аз падидаҳои наве, ки дар муомилоти байни заминдорони калон ва деҳқонони иҷоракор дар ин давра арзи вуҷуд кард, пайдо шудани табақаи махсуси мустаҷирон мебошад. Онҳо дар байни заминдорони калон ва деҳқонони иҷоракор мавқеи миёнаравиро ишғол мекарданд. Мустаҷирон киштзорҳои васеи зироатии давлатӣ ва феодалиро барои чандин сол иҷора гирифта, дар байни деҳқонони кироякор ба ҳиссаҳои хурд-хурд тақсим намуда, аз онҳо андози замин ё кирояи заминро аз меъёри муқаррарӣ зиёдтар меситониданд. Дар натиҷаи чунин амалиёт мустаҷирон сол то сол сарватманд гардида, соҳиби сармояи муфт мешуданд. Фаъолияти онҳо на танҳо аз пайдо шудани муомилоти сармоядорӣ дар зироаткорӣ шаҳодат медод, балки он гувоҳи ташаккулёбии буржуазияи деҳот буд.

**Сарчашма:**

«...Аз дасти зулм ва тааддиёти мустаҷирон ва таксилдорон мардум аз ҷони худ безор мешуданд ва маҷбур буданд, ки ё молу мулк ва ҳатто фарзандони худро дар бадали қимати ночизе бифурӯшанд, ё ҷамъулҷамъ мисли ҷамшедиҳо ба кишварҳои бегона фирор намоянд, ё ниҳоятан, даст ба қиёми умумии зидди истибдодҳои феодалӣ бардоранд. Аз ин ҷо буд, ки дар ибтидои асри XX ҳам, мисли замони амир Абдураҳмонхон, шӯриш ва қиёмҳои халқӣ ва зидди зулми феодалӣ ҳамоно башиддат давом мекард. Агар пештар мубориздони фаъоли ин ҷунбишҳо асосан деҳқонони мазлум ва бенаво бошанд, акнун сафи онҳо аз ҳисоби аҳолии шаҳрҳо, аскарони қаторӣ ва гурӯҳҳои буржуазӣ-либералии низомӣ ва мулкӣ, инчунин, уламо ва равшанфикрон васеъ шуда буд». (Ниг.: Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон. С.287).

**Санаҳои муҳим:**

1901 – 1919 – солҳои ҳукмронии амир Ҳабибуллохон.

1907 – 1919 – сохтани аввалин дастгоҳи барқӣ дар Парвон.

1909 – ба кор даромадани фабрикаи чармгарӣ дар Кобул.

1909 – ба Ҳиндустон фиристода шудани гурӯҳи 57-нафараи ҷавонон барои омӯхтани касби ронандагӣ ва механикӣ.

1912 – таъсис ёфтани ширкати махсуси боркашии автомобилӣ.

1912 – таъсис ёфтани муассисаи Бонки давлатӣ дар Кобул.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Тадбирҳои аввалини амир Ҳабибуллохон аз чиҳо иборат буд? 2) Вазъи кишоварзӣ, саноат ва роҳҳои Афғонистон чӣ гуна буд? 3) Дар бораи андозҳои Афғонистон чӣ медонед? 4) Барои рушди тиҷорат аз тарафи ҳукумати Афғонистон чӣ тадбирҳо андешида шуд? 5) Охири асри XIX ва махсусан ибтидои асри XX, дар Афғонистон кадом табақаҳои нави иҷтимоӣ ба вуҷуд омаданд? 6) Таҳти мафҳуми мустаҷирон киҳо дар назар дошта мешаванд? 7) §§ 40 ва 41-ро такрор кунед; 8) Ба расмҳо аҳаммият дода, маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** тадбирҳои Ҳабибуллохонро баҳри рушди иқтисод ва тиҷорати Афғонистон дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §§44-45. ҲАРАКАТИ МАШРУТАХОҲӢ ВА ЭЪЛОНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИ АФҒОНИСТОН

**Падидаҳои нави фарҳангӣ. Мактаби Ҳабибия**. Аз ҷиҳати иқтисодӣ ва маънавӣ паст будани мамлакат зиёиёни пешқадамро ба ҳаёти нав бедор намуд. Дар ташаккулёбии онҳо ҳаёти маънавии мамлакатҳои атроф таъсири зиёд доштанд. Зиёиёни пешқадам иқрор буданд, ки мардуми Афғонистон аз маънавиёт хеле қафо мондаанд. Онҳо аз чунин ҳолат баромаданро дар бунёди мактабҳои замонавӣ, мувофиқи тақозои замон тарбия намудани ҷавонон медиданд. Худи амир Ҳабибуллохон ҳам дар чунин ақида буд. Вай ба падидаҳои наве, ки дар байни зиёиёни миллӣ пайдо шуда буд, монеъ нашуд.

Соли 1903 дар Кобул аввалин мактаби миёнаи замонавӣ– Ҳабибия таъсис ёфт, ки онро баъзан литсей ва ё мадраса ном ме- баранд. Мактаби Ҳабибия аз се зина: ибтидоӣ, рашидӣ ва эъдодӣ иборат буд. Дар давоми таҳсил ғайр аз забон, адабиёт, ақидаҳои динӣ, инчунин, таърих, ҷуғрофия, алгебра, геометрия, механика, ҳикмати табиӣ, кимиё ва забони англисӣ омӯхта мешуд. Ғайр аз ин, дар шаш ҳавзаи шаҳри Кобул мактабҳои нави ибтидоӣ барпо карда шуд. Бар замми ин, тамоми мактабҳои анъанавӣ вазифадор карда шуданд, ки аз рӯйи барномаи таълимии вазорати маориф ба омӯхтани илмҳо ва фанҳои нав машғул шаванд. Дар муддати хеле кӯтоҳ шумораи умумии толибилмони мактаби Ҳабибия аз 269 то ба 1534 нафар зиёд шуд. Дар мактабҳои ибтидоӣ 700 нафар шогирд таълим мегирифтанд. Мувофиқи талабот дар Кобул як дорулмуаллимини ибтидоӣ низ ташкил гардид, ки дар муддати хеле кӯтоҳ миқдори толибилони он аз 150 то ба 900 нафар расид.

Дар мактабҳои номбурда аввалин соҳибмансабони мулкӣ ва афсарони низомӣ аз байни ашрофзодагони мамлакат тарбия гирифта, ба камол расиданд. Барои таълиму тарбияи мактабҳо устодон аз Ҳиндустон, Туркия ва ғайра ҷалб шуда буданд.

Ғайр аз мактабҳо, дар Кобул аввалин чопхона, хатти телефонии байни Кобул – Ҷалолобод, Кобул – Парвон, беморхонаҳои занона ва мардона (бо озмоишгоҳҳояшон) таъсис гардиданд. Амир Ҳабибуллохон баъди сафараш (соли 1907) ба Ҳиндустон, тамоми соҳибмансабони мулкӣ ва низомиро амр карда буд, ки

ҳатман либоси расмии аврупоии тобистонӣ ва зимистонӣ дошта бошанд.

Умуман, тағйироти фарҳангию иқтисодии дар Афғонистон бавуҷудомада аз он гувоҳӣ медоданд, ки амир Ҳабибуллохон, ба истисснои тамоми камбудиҳо, дар муқоиса бо амирони охирини Бухоро – Абдулаҳадхон ва Олимхон замони худро нисбатан дуруст дарк карда буд. Аз ин рӯ, вай барои пешрафти мамлакати худ ба сӯйи тамаддун баъзе қадамҳои боҷуръатона гузошт.

**Машрутахоҳон, ҷавонафғонҳо ва маорифпарварӣ.** Бо вуҷуди нисбатан ором будани вазъи мамлакат ҳар ҷо-ҳар ҷо ҷунбишҳои иҷтимоии мардумӣ тез-тез ба амал меомаданд. Мардуми заҳматкаш, бо ҳамин роҳ эътирози худро нисбат ба беадолатиҳои замон, махсусан, зулму истибдоди амалдорон, феодалон, ба муқобили вазнинии андозҳо баён мекарданд. Махсусан, дар Ҳазораҷот ва Ҳирот шӯришҳои мардумӣ бештар ба амал меомаданд. Масалан, шӯриши мардуми Ҳирот бо сарварии Саид Аҳмадхон ду сол давом кард. Солҳои 1910–1912 ҷунбишҳои халқӣ қариб тамоми қаламрави Афғонистонро фаро гирифта буд. Аксари он ҷунбишҳо бо қувваи аскарон пахш карда мешуданд.

Ифодакунандаи асосии манфиати мардуми заҳматкаш машрутахоҳон ва маорифпарварон ба ҳисоб мерафтанд, зеро мақсади асосии мардуми ба мубориза бархоста таъмини баробарӣ, адолати иҷтимоӣ, ҳақиқат, ҳукумати халқӣ ва ғайра буд. Машрутахоҳон ва маорифпарварон амалӣ шудани ин ормонҳоро дар симои подшоҳи одил, тараққихоҳ, мардумпарвар ва маорифпарвар медиданд. Дар бисёр маъхазҳои илмӣ машрутахоҳон ҳамчун ислоҳотхоҳон ё худ «ҷавонафғонҳо» ном бурда шудаанд. Албатта, ин беасос нест, зеро иштирокчиёни ин ҳаракат аксар ҷавонони навбедоргаштаи Афғонистон буданд, ки дар мавқеи ислоҳотхоҳӣ меистоданд. Аз ин ҷиҳат дар марому мақсади машруттахоҳони Афғонистон ва ҷадидон–ҷавонбухороиёни Бухоро умумият дида мешавад.

Пешоҳанги ҳаракати машрутахоҳӣ «Анҷумани уламо» буд, ки 50 нафар олим ва ашхоси бомаърифати замонро муттаҳид мекард. Он аз тарафи ҳукумат бунёд гардида, вазифадор карда шуда буд, ки дар асоси омӯхтани вазъи молӣ ва идории мамолики ҳамҷавор ва мутолиаи рӯзномаҳои эронӣ, ҳиндӣ, арабӣ ва ғайра пешниҳодоти худро оид ба такмилу рушди мамлакатдорӣ ба амир манзур намоянд ва вобаста ба онҳо дастуру низомномаҳои

зарурӣ низ тартиб диҳанд. Яке аз манбаъҳои муҳимми ғоявӣ ва назариявии онҳо рӯзномаи «Ҳабл-ул-матин» ба шумор мерафт, ки аз соли 1893 бо саъю кӯшиши тарафдорони мактаби сиёсии Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ дар Калкутта нашр мегардид. Баъди таъсиси литсей ё худ мадрасаи Ҳабибия он ба яке аз марказҳои муҳимми машрутахоҳӣ табдил ёфт. Вале доираи машрутахоҳӣ ва маорифпарварӣ аз доираи ин мадраса ҳам баромада, ҷавонони зиёдеро фаро гирифта буд, ки онҳо аз табақаҳои гуногуни аҳолӣ буданд.

Ҷунбиш ё худ ҳаракати машрутахоҳӣ соли 1906 таъсис ёфт. Муассисони он дар як хонаи торик ҷамъ омада, ҳамдигарро фарқ намекарданд ва бо ин восита онҳо мехостанд сирру асрорашон пӯшида монад. Қуръон ва шамшер рамзи мубориза ва фаъолияти онҳо ҳисоб мешуд. Бо ин онҳо садоқат ва вафодории худро нисбат ба дини ислом, истиқлолхоҳӣ ва маорифпарварӣ нишон медоданд. Роҳбари умумии онҳо Муҳаммадсарвари Қандаҳорӣ – устоди литсейи Ҳабибия интихоб гардида буд. Шумораи умумии аъзои ҳаракати машрутахоҳон танҳо дар шаҳри Кобул ба 300 нафар мерасид.

Машрутахоҳон нисбат ба ҳеҷ кадом аз қавму қабилаҳо, табақаҳои иҷтимоӣ ва пайравони дину мазҳаб таассуб ва тангназарӣ зоҳир накарда, онҳо ҳадафҳои олии миллии худро иборат аз татбиқи ислоҳоти дохилӣ, таъмини рушду тараққии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ба даст овардани истиқлоли сиёсии Афғонистон медонистанд. Ҳамин нуктаҳо мазмуни асосии талабномаҳои онҳоро ташкил медод. Масалан, дар талабномаи онҳо омадааст: итоат ба тамоми аҳкоми ислом; ба даст овардани ҳуқуқи миллӣ; таъмини маорифу макотибу васоили бедории мардум ва матбуот; таъсиси маҷлиси Шӯрои миллӣ бо роҳи интихоботи озоди намояндагони мардум; таъмини истиқлоли сиёсию озодии Афғонистон ва густариши равобити сиёсию иқтисодӣ бо дунёи хориҷ; таъмини адолати иҷтимоӣ ва ғайра.

Хулоса, низоме, ки машрутахоҳон дар пайравии таълимоти Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ба миён гузошта буданд, тақозо мекард, ки дар асоси интихоботи озод, тарҳрезии қонун ва қонуният як ҳукумати миллӣ ташкил карда шавад, ки дар назди халқ масъул ва ҷавобгар бошад.

Соли 1909 машрутахоҳон дар Ҷалолобод талабномаи худро ба амир Ҳабибуллохон расониданд. Дар аввал амир он

талабҳоро хуш пазируфт, вале қувваҳои иртиҷоии дохилӣ ва хориҷӣ ба ӯ фишор оварда, исбот карданӣ шуданд, ки машрутахоҳон вайро сарнагун кардан мехоҳанд. Баъди ин амир сахт бадгумон шуда, ба ҷазо додани машрутахоҳон фармон дод. Дар натиҷа 85 нафар, аз ҷумла Муҳаммадсарвари Қандаҳорӣ (Возиф) қатл карда шуданд.

Ҳаракати машрутахоҳӣ, ғайр аз Кобул, шаҳрҳои Ғазнӣ, Ҷалолобод, Қандаҳор, Ҳирот ва Мазори Шарифро низ фаро гирифта буд. Масалан, машрутахоҳони Ҳирот дар натиҷаи таъсири инқилоби Эрон ва инқилоби якуми рус масъалаи таъсис намудани маҷлиси миллӣ, аз ҳукумат дур намудани Ҳабибуллохон ва ба ҷойи ӯ ба сари қудрат овардани Насруллохонро ба миён гузошта буданд. Ҳиротиён амир Ҳабибуллохонро мутеи англисҳо ҳисоб мекарданд.

Бинобар ин сабабҳо, дар тамоми қаламрави Афғонистон таъқибу фишори машрутахоҳон ва пайравони онҳо авҷ гирифт ва он дар натиҷа соли 1909 шикаст хӯрд ва пароканда гардид, вале аъзои ҳаракат ба дастаҳои хурд тақсим шуда, амалиёти худро хеле махфӣ нигоҳ доштанд ва ба ҷунбиши бузурге ибтидо гузоштанд. Минбаъд таълимоти онҳо дар шароити вазнини Афғонистон дар зери пардаи ғояҳои маорифпарварӣ ташвиқу тарғиб карда мешуд. Ин тағйирот аз хусуси ба охир расидани марҳалаи аввали машрутахоҳӣ ва оғози марҳалаи дуюми он шаҳодат медиҳад.

**Маҳмуди Тарзӣ. Марҳалаи дуюми фаъолияти машрутахоҳон.** Давра ё худ марҳалаи дуюми фаъолияти машрутахоҳон дар шакли маорифпарварӣ зоҳир гардида, ба номи Маҳмуди Тарзӣ ва рӯзномаи «Сироҷ-ул-ахбор», ки ифодагари мафкураҳои сиёсӣ ва иҷтимоии онҳо мебошад, вобастагии қавӣ дорад.

Маҳмуди Тарзӣ (1867–1933) дар Қандаҳор, дар хонадони Ғуломмуҳаммади Тарзӣ, ки душмани англисҳо буд, ба дунё омадааст. Бинобар ин, баробари ба сари қудрат омадани амир Абдураҳмонхон, соли 1881 аҳли оилаи Ғуломмуҳаммади Тарзӣ аз Афғонистон табъид (бадарға) карда шуд. Онҳо ба Ҳиндустон, Эрон ва Ироқ муҳоҷират карда, ниҳоят, бо иҷозати султони Туркия дар Сурия маскан гирифтанд. Дар ташаккули ҷаҳонбинии Маҳмуди Тарзӣ адабиёти пешқадами давр, махсусан, эҷодиёти маорифпарварони Фаронса ва шиносоӣ бо Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ таъсири бузург гузоштааст. Вай соли 1903 баъди афви умумӣ ба Афғонистон баргашт.

Маҳмуди Тарзӣ бо сабаби шахси фозилу бомаърифат ва ашрофзода буданаш, ба зудӣ ба дарбор роҳ ёфт ва яке аз муқаррабони амир Ҳабибуллохон гардид. Баъди он ки ду духтари худро ба никоҳи шоҳзодагон Иноятуллохон ва Амонуллохон даровард, мақому манзалаташ мустаҳкамтар шуд. Чунин мавқеъ ба Маҳмуди Тарзӣ имкон дод, ки соли 1911 нашри рӯзномаи «Сироҷ-ул-ахбор»-ро аз сар бигирад. Ин рӯзнома соли 1906 як шумора дар ҳаҷми 36 саҳифа нашр гардида, баъдан баста шуда буд.

Рӯзномаи «Сироҷ-ул-ахбор», ки сардабир он худи Маҳмуди Тарзӣ буд, як гурӯҳ ҷавонони тараққипарварро муттаҳид намуда, ғояҳои маорифпарвариро эҳтиёткорона тарғиб мекард. Ба андешаи онҳо, масъалаи аз ҳама муҳим бартараф кардани ақибмондагии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистон буд. Онҳо сабаби ҳамаи нокомиҳоро дар бетафовутии мусулмонон ба комёбиҳои илму фанни олами пешрафтаи Ғарб медиданд. Бинобар ин, пайравони Маҳмуди Тарзӣ, яъне маорифпарварони Афғонистон, вазифаи аввалин ва асосии худро дар он медиданд, ки ҳамватанони худро аз ҷаҳолат, нодонӣ ва таассуб дур намуда, онҳоро ба омӯхтани илму фанни замонӣ даъват намоянд. Онҳо инчунин, тарафдори гузаронидани ислоҳоти қатъӣ буда, дар мамлакат ҷорӣ намудани тартибу низом ва қонуну конуниятро низ тақозо мекарданд. Ба андешаи онҳо, подшоҳ бояд оқилу доно, одилу бомаърифат бошад, барои рушди илму дониш ғамхорӣ зоҳир намояд.

Даъватҳои ҷасуронаи Маҳмуди Тарзӣ, ки оид ба даст овардани истиқлоли Афғонистон 17-уми январи соли 1916 дар рӯзномаи «Сироҷ-ул-ахбор» нашр гардида буд, мардумро рӯйрост ба мубориза даъват мекард. Он солро санаи ба вуҷуд омадани машрутахоҳони насли дуюм ҳисоб мекунанд. Даъватҳои Маҳмуди Тарзӣ боиси эътирози шадиди аҳли дарбори амир Ҳабибуллохон гардид ва он шумораи рӯзномаро фавран манъ намуданд. Ба худи Маҳмуди Тарзӣ марг таҳдид мекард, вале ӯро мавқеъ ва мақомаш аз марг наҷот дод ва кор бо танҳо 26 ҳазор рупия ҷарима, ки аз тарафи домодаш Амонуллохон пардохта шуд, анҷом ёфт.

Вале наҳзати машрутахоҳони дуюм, мисли наҳзати машрутахоҳони аввал, созмони васеи сиёсӣ ва иҷтимоӣ набуд ва онҳо асосан, дар атрофи рӯзномаи «Сироҷ-ул-ахбор» муттаҳид шуда, марому мақсади худро тавассути ин рӯзнома бо сарпарастии

Маҳмуди Тарзӣ ифода мекарданд. Ҳатто шоҳзода Амонуллохон ҳам яке аз ҳаводорони намоёни машрутахоҳони дуюм ба ҳисоб мерафт.

**Эълони Истиқлоли Афғонистон.** Амир Ҳабибуллохон дар масъалаи муносибат бо Англия кӯшиш мекард, ки садоқатмандии худро нишон диҳад Дар дохили мамлакати Афғонистон тарафдорони истиқлол сол то сол меафзуданд. Пешоҳанги онҳо машрутахоҳон буданд. Ба онҳо воқеаҳои соли 1917-и Русия, яъне саравал сарнагун карда шудани ҳукумати подшоҳӣ ва сипас дар натиҷаи Инқилоби Октябр бунёд гардидани Ҳокимияти Шӯравӣ рӯҳияи тоза бахшид, вале машрутахоҳон ба хулосае омаданд, ки то амир Ҳабибуллохон дар сари қудрат аст, Афғонистон соҳиби озодӣ ва истиқлол шуда наметавонад. Аз ин рӯ, баъзеи онҳо, аз ҷумла, Абдураҳмони Лудин масъалаи сарнагун кардани амирро гузошт ва баҳори соли 1918 ба муқобили Ҳабибуллохон суиқасд ташкил карда шуд, вале он бебарор анҷом ёфт.

Ҳабибуллохон солҳои охир ба айшу ишрат дода шуда, нисбати сарнавишти мамлакат бепарво буд. Чунин рафтор дар байни дарбориён низ норизоӣ ба вуҷуд оварда буд. Ҳатто дар низоми оилавии амир ҳам ягонагӣ вуҷуд надошт. Масалан, амир муттасил ҳарами худро аз ҳисоби занҳои зебо ва канизони ҷавон нав мекард, ки ҳамаи ин боиси норизоии модари Амонуллохон – Сироҷулхотун гардида буд. Дар асоси моҷароҳои хонаводагӣ Сироҷулхотун талоқ гирифта, ҳамроҳи писараш ба сафи мухолифони амир ҳамроҳ шуд. Аз тарафи баъзе дарбориён бо иштироки сипаҳсолор Нодирхон бар зидди амир Ҳабибуллохон нақшаи суиқасд тартиб дода шуд.

Суиқасд ба ҷони Ҳабибуллохон бояд соли 1918 ҳангоми сайри шикори навбатӣ амалӣ мешуд ва ба ҷояш нойибуссалтана Насруллохон ба тахт менишаст, вале дар натиҷаи беҷуръатии худи Насруллохон суиқасд танҳо 21-уми феврали соли 1919 дар Лағмон амалӣ гардид. Насруллохон худро подшоҳ эълон намуд. Аммо даъвогари асосии тоҷу тахти подшоҳӣ Амонуллохон, ки ҳангоми кушта шудани падар дар Кобул вакили салтанат буд, Насруллохонро ба қатли падар муттаҳам намуда, худро подшоҳ эълон кард. Мувофиқи талаб ва хоҳиши мардуми мамлакат 28-уми феврали соли 1919 Афғонистон давлати мустақил эълон карда шуд.

Ҳамин тавр, муборизаи дурударози халқҳои Афғонистон барои истиқлол бо ғалаба анҷом ёфт. Ин ба давлати Афғонистон имкон дод, ки минбаъд муносибати берунии худро мустақилона муайян намояд.

**Сарчашма:**

Даъвати Маҳмуди Тарзӣ ба мардуми Афғонистон, ки 17-уми январи соли 1916 дар рӯзномаи «Сироҷ-ул-ахбор» чоп шудааст: «... Эй миллати наҷиби афғония, шарофати миллӣ ва азамати қавмии худро муҳофиза кунед! Истикдол ва ҳокимияти давлатии худро сиёнат намоед! Афғонҳои ба диёнат ва диндорӣ, шуҷоат ва баҳодурӣ, ба ғайрат ва номусшиорӣ дар тамоми дунё машҳур шуда бошад, оё инро барои виҷдону имону шараф ва номуси худ чӣ сон гуворо карда метавонад, ки номи ҳимоят ва тобеияти давлати аҷнабии ғайридин ва миллате бар ӯ бошад... маънии софу сареҳи тобеият ва ҳимоят ин аст, ки як давлате ба дигар давлате бигӯяд, ки ба ғайр аз ман дигарро нашинос! Ба ғайр аз ман ба дигар давлат на сафир бифирист ва на сафир қабул кун! Маънии соф ва сареҳи истиқлолияти том ва озодии комила низ ин аст, ки ҳар давлат дар ҳама чизҳое, ки дар боло мазкур гардид, мустақил ва озод бошад. То ба ҳол ҳар чӣ, ки буд, ҳар чӣ шуд, шуд! Лекин баъд аз ин афғон он афғоне нест, ки аз ҳуқуқи худ чашмпӯшӣ битавонад...». (Пора аз китоби: Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон. С. 304).

**Санаҳои муҳим:**

1867 – 1933 – солҳои зиндагии Маҳмуди Тарзӣ.

1893 – оғози нашри рӯзномаи «Ҳабл-ул-матин» дар Калкутта.

1903 – таъсиси аввалин мактаби замонавӣ – Ҳабибия дар Кобул.

1906 – таъсиси ҷунбиш ё худ ҳаракати машрутахоҳӣ.

1906 – нашри рӯзномаи «Сироҷ-ул-ахбор». Дар ин сол танҳо як шумора баромада, аз соли 1911 мунтазам нашр гардид.

1909 – таъсиси мактаби миёнаи ҳарбӣ.

1909 – таъқиб ва қатли машрутахоҳон.

1916 – ба вуҷуд омадани машрутахоҳони дуюм ё худ оғози давраи дуюми машрутахоҳӣ.

1919, 28-уми феврал – эълони Истиқлоли Афғонистон.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Падидаҳои пешравӣ дар ҳаёти фарҳангии Афғонистони аввали асри XX дар чӣ зоҳир мегардад? 2) Дар бораи мактаби Ҳабибия чӣ медонед? 3) Машрутахоҳон (ҷавонафғонҳо) кӣ буданд ва чӣ мехостанд? 4) Соли 1909 машрутахоҳон чаро ба таъқибу қатл гирифтор шуданд? 5) Маҳмуди Тарзӣ кӣ буд ва фаъолияти ӯ аз чӣ иборат аст? 6) Дар бораи рӯзномаи «Сироҷ-ул-ахбор» чӣ медонед? 7) Фарқи машрутахоҳони дуюм аз якум чист? 8) Истиқлоли Афғонистон чӣ тавр ба даст омад ва кай эълон гардид? 9) §§ 42 – 43-ро такрор кунед; 10) Маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** ҳаракати машрутахоҳӣ ва эълони истиқлоли давлатии Афғонистонро дуруст баҳогузорӣ карда тавонанд.

# ФАСЛИ III
# БАРПО КАРДА ШУДАНИ ҲОКИМИЯТИ ШӮРАВӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

## БОБИ 12
## БАРҲАМ ХӮРДАНИ ҲОКИМИЯТИ ПОДШОҲИИ РУСИЯ ДАР ГЕНЕРАЛ-ГУБЕРНАТОРИИ ТУРКИСТОН

### §46. ҒАЛАБАИ ИНҚИЛОБИ ФЕВРАЛ ДАР РУСИЯ ВА БАРҲАМ ДОДА ШУДАНИ ТАРТИБОТИ ПОДШОҲӢ ДАР КИШВАРИ ТУРКИСТОН

**Ғалабаи Инқилоби феврал дар Русия.** Иштироки ҳукумати подшоҳии Русия дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ вазъияти иқтисодию сиёсии мамлакатро хеле вазнин намуд. Охири феврали соли 1916 ва аввали соли 1917 дар Русия вазъияти нави инқилобӣ ба вуҷуд омад. Пешсафи ҳаракати инқилобӣ коргарони пойтахти Русия – шаҳри Петроград (Санкт-Петербурги имрӯза) ба ҳисоб мерафтанд.

Дар арафаи Инқилоби феврал дар Русия беш аз 10 ҳизби асосии марказӣ вуҷуд доштанд, ки дар гӯшаю канори империя, аз он ҷумла дар кишвари Туркистон низ фаъолият мекарданд. Аз онҳо 5 ҳизби буржуазӣ ва помешикӣ: иттифоқи халқи рус, натсионалистҳо, октябристҳо, погрессистҳо ва кадетҳо тарафдори нигоҳ доштани мутлақият (қисме аз онҳо тарафдори бо баъзе тағйирот дар он), 5 ҳизби боқимонда: трудовикҳо, сотсиалистони халқӣ, эсерҳо, меншевикҳо ва болшевикҳо тарафдори барҳам дода шудани мутлақият буданд. Ба ҷойи мутлақият болшевикҳо бунёди ҷумҳурии демократӣ, ҳизбҳои боқимонда ҷумҳурии буржуазиро мехостанд. Дар бисёр мавридҳо болшевикон ва меншевикон бо номи ягонаи сотсиал-демократҳо амал мекарданд.

Дар таърихи 17-уми феврали соли 1917 дар калонтарин корхонаи шаҳри Петроград – заводи Путилов корпартоӣ ба амал омад. 23-юми феврал (8-уми март) онҳо аввалин шуда бо шиорҳо ба маркази шаҳр баромаданд. Ба онҳо коргарони заводҳои дигар низ ҳамроҳ шуданд. Шиори намоишчиён: «Нон!», «Нест бод ҷанг!», «Нест бод мутлақият!» буд. Дар санаи 25-26-уми феврал дар кӯчаҳои шаҳр бо политсия

задухӯрдҳо ба амал омад. Намоиш ба шӯриши мусаллаҳона табдил ёфта, тамоми шаҳрро ба зудӣ фаро гирифт. Қисме аз аскарони гарнизони шаҳрӣ ба тарафи шӯришчиён гузаштанд. 27-уми феврал шаҳр пурра дар ихтиёри шӯришгарон буд.

Рӯзи 27-уми феврал аъзои Думаи давлатӣ бо дастгирии ҳизбҳои буржуазӣ ва помешикии Русия, бо мақсади дар пойтахт ҷорӣ намудани тартибот Кумитаи Муваққатиро интихоб намуданд. Ин кумита ҳанӯз мақсади гирифтани ҳукуматро надошт, вале он аз подшоҳ Николайи II хоҳиш намуд, ки ба фоидаи писараш аз тахт даст кашад. Чунин талабро сарварони тамоми фронтҳо низ дастгирӣ намуданд. Дар натиҷа он рӯз подшоҳ манифестеро имзо намуд, ки мувофиқи он, ӯ аз номи худ ва аз номи писараш ба фоидаи бародараш – Михаил аз ҳокимият даст кашид. Ҳамин тавр, дар Русия ҳукумати подшоҳӣ, яъне мутлақият, сарнагун гардид. 2-юми марти соли 1917 дар асоси шартномаи байни Кумитаи Муваққатии Думаи давлатӣ ва сарварони шӯроҳои намояндагии коргарон ва аскарони Петроград, бо сарварии князь Г.Е.Лвов Ҳукумати Муваққатӣ ташкил карда шуд, ки дар таърих бо номи "Ҳукумати буржуазӣ" ҳам маълум аст. Бо ҳамин дар Русия инқилоби дуюми буржуазию демократӣ бо ғалаба анҷом ёфт. Он мутлақиятро, ки нишонаи ҷамъияти феодалӣ ба ҳисоб мерафт, сарнагун намуд. Аммо дар мамлакат дуҳокимиятӣ – Ҳукумати Муваққатӣ ва Шӯроҳои намояндагии коргарон ва аскарон ба амал омад. Шӯришгарон дар симои шӯроҳо ҳокимияти асосии худро медиданд ва фақат аз рӯйи дастурҳои он амал мекарданд. Сарварони шӯроҳо, яъне меншевикон ва эсерҳо мегуфтанд, ки ин инқилоб – инқилоби буржуазию демократӣ аст,




*Навбати нон дар ш. Петроград.*



*Ба охир расидани умри мутлақияти рус (нишонаҳои ҳокимияти подшоҳии Русияро месӯзонанд. Феврали с. 1917)*

бинобар ин, ҳокимият бояд ба ихтиёри буржуазия гузарад. Вале Ҳукумати Муваққатии буржуазӣ, ки ҳукумати расмӣ ба ҳисоб мерафт, дар назди инқилобиён – коргарон ва аскарон обрӯ ва эътиборе надошт. Аз ин рӯ, дар Русия то воқеаҳои июлии соли 1917 дуҳокимиятӣ мавҷудияти худро нигоҳ дошт.

**Барҳам дода шудани тартиботи подшоҳӣ дар кишвари Туркистон.** Чун дар маркази империяи Русия – шаҳри Петроград, дар гӯшаю канори он, аз ҷумла дар кишвари Туркистон ҳам дуҳокимиятӣ, яъне ҳукумати муваққатии буржуазӣ ва шӯроҳои намояндагии коргарон ва аскарон бунёд гардиданд.

Дар таърихи 1-уми марти соли 1917 хабари ғалабаи Инқилоби феврал дар Петроград ба Тошканд низ расид, аммо бо тавсияи генерал-губернатори кишвари Туркистон А.Н. Куропаткин амалдорони ҳукумати подшоҳӣ ин хабарро аз мардум пинҳон доштанд. Танҳо 3-юми март бо омадани рӯзномаҳо, ки аз ғалабаи инқилоб ва сарнагун шудани мутлақият хабар медоданд, мардум аз ҳақиқат воқиф гардиданд. Дар шаҳрҳои гуногуни кишвари Туркистон ҷамъомаду гирдиҳамоиҳо барпо гардиданд, ки дар онҳо шӯроҳои намояндагии соҳаҳои гуногун интихоб карда мешуданд.

Дар таърихи 1-уми март дар Тошканд бо ташаббуси коргарони устохонаи роҳи оҳани Осиёи Миёна гирдиҳамоие ба вуҷуд омад. Дар он ҳозирон якдилона Шӯрои намояндагии коргаронро дар ҳайати 12 нафар интихоб намуданд. 3-юми март Шӯрои намояндагии коргарони Тошканд аз ҳисоби ҳайати заводҳо, корхонаҳо ва гурӯҳҳои демократию сотсиалистӣ Шӯрои намояндагон ташкил карданд. Ин нахустин Шӯрои намояндагии коргарон дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб мерафт. Дар санаи 5-уми март Шӯрои аскарони Тошканд ташкил ёфт. Ҳамон моҳ дар Самарқанд, Хуҷанд, Андиҷон, Скобелев ва ғайра, инчунин, дар кони нафти САНТО, кони ангишти Қизилкия ва маҳаллаҳои руснишини аморати Бухоро–Бухорои Нав (Когон) шӯроҳо ба вуҷуд омаданд. 9-уми март дар Хуҷанд низ Шӯрои намояндагон ташкил ёфт. Шикастани тартиботи ҳукумати подшоҳӣ дар шароити кишвари Туркистон на аз барҳам додани ҳукумати марказӣ чун дар қаламрави империяи Русия, балки аз ташкил карда шудани ҳукуматҳои маҳаллӣ оғоз ёфт. 6-уми марти соли 1917 дар Тошканд бо ташаббуси Думаи шаҳрӣ маҷлиси ташкилотҳои гуногуни ҷамъиятӣ барпо гардид. Дар он иборат аз

19 нафар Кумитаи иҷроияи муваққатӣ интихоб намуданд, ки он идоракунии шаҳрро ба даст гирифт.

Тағйироте, ки дар соҳаи идоракунӣ дар маркази генерал-губернаторӣ ба амал омад, ба марказҳои вилоятҳо ва уездҳо низ таъсир расонид. Дар санаи 21-уми марти соли 1917 дар Хуҷанд бо талаби Шӯрои шаҳрӣ сарвари уезд Арсишевскийро аз вазифааш озод карда, политсия ва жандармҳо аз шаҳр баровarda шуданд. Бо қарори Шӯро муҳофизати шаҳрро аскарони гарнизони шаҳрӣ ба уҳда гирифтанд. Минбаъд бо ташкил шудани милитсия муҳофизати шаҳр ба ихтиёри он гузашт. Идоракунии уезд ба ихтиёри Кумитаи иҷроияи Ҳукумати Муваққатӣ гузашт, ки он бо кумаки Шӯрои шаҳрии Хуҷанд бунёд гардид. Кумиҷроияи Хуҷанд 36 нафар узв дошт, ки ба ҳайати он худи аъзои Шӯро низ дохил буданд. Ба он дар қатори амалдорони собиқи подшоҳӣ, инчунин, намояндагони сармоядорон ҳам дохил шуданд.

Генерал-губернатори Туркистон Куропаткин ҳанӯз дар сари қудрат буд. Ӯ вазъиятро ба назар гирифта, худро намояндаи Ҳукумати Муваққатӣ эълон кард. Ӯ аз амалдорони вилоятию уездӣ ва волостӣ талаб кард, ки қарорҳои ҳукумати навро бе ягон мамониат амалӣ намоянд, вале сарварони шӯроҳо ба садоқати Куропаткин нисбат ба режими нав шубҳа доштанд. Дар санаи 30-юми марти соли 1917 дар маҷлиси васеи шӯроҳои муттаҳидаи намояндагони коргарон ва аскарони Тошканд масъалаи аз вазифа озод карда шудани генерал-губернатор Куропаткинро баррасӣ намуданд. Дар он қарор карда шуд, ки то гирифтани тавсияи Ҳукумати Муваққатӣ Куропаткин бо ёвараш генерал Ерофеев ва сардори штаби округ-генерал Сиверс ба ҳабси хонагӣ гирифта шаванд. Ин қарор 31-уми март, соати 10-и пагоҳӣ амалӣ гардид. Худи ҳамон рӯз ба вазифаи сарвари қувваҳои ҳарбии округ коменданти шаҳр полковник Черкесро интихоб намуданд. Санаи 7-уми апрели соли 1917, мувофиқи қарори Ҳукумати Муваққатӣ, иборат аз 9 нафар бо сарварии кадет Шепкин Кумитаи Туркистонӣ ташкил ёфт. Ин кумита бояд қарорҳои Ҳукумати Муваққатиро дар тамоми Осиёи Марказӣ (аз ҷумла дар аморати Бухоро ва хонигарии Хева низ) амалӣ мекард.

Ташкил намудани шӯроҳо ва иттифоқҳо дар кишвари Туркистон минбаъд ҳам дар шаклҳои гуногун давом дошт.

Масалан, 25-уми май Шӯрои намояндагии мардикорони шаҳри Хуҷанд интихоб шуд. Ба ҳайати садорати он Ҷӯра Зокиров, Абдулло Раҳимбоев, Ҳайдар Усмонов, Раҳимбердӣ Эгамбердиев, Ҷӯра Шокаримов ва дигар болшевикон дохил гардиданд. Охири моҳи май дар Ӯротеппа низ чунин Шӯро ташкил ёфт, ки ба ҳайати он 14 нафар намоянда интихоб шуданд.

Моҳҳои май-июли соли 1917 дар Тошканд, Самарқанд, Хӯқанд, Хуҷанд, Андиҷон ва дигар шаҳрҳо иттифоқҳои заҳматкашони мусулмон ташкил ёфтанд. Онҳо дар кори муттаҳиду муташаккил кардани заҳматкашони миллатҳои маҳаллӣ ва ба ҳаёти сиёсӣ ҷалб намудани онҳо нақши калон бозиданд. Баъди Инқилоби Октябр ин иттифоқҳо бо шӯроҳои намояндагии коргарон ва аскарон муттаҳид шуданд.

**Дигаргуниҳо дар идоракунии Бадахшон.** Дар санаи 3-юми апрели соли 1917 хабари сарнагун гардидани ҳукумати подшоҳии Русия то Бадахшон ҳам расид. Қисми ғарбии Бадахшон бо номи бекигарии Шуғнону Рӯшон аз ҷиҳати идоракунӣ расман дар ҳайати аморати Бухоро бошад ҳам, амалан чун қисми шарқӣ дар ихтиёри отряди дар Помир будаи Русия буд, ки ҳам сарҳади байни Бадахшону Афғонистон ва ҳам оромии Бадахшонро назорат мекард. Аз ин рӯ вазъи сиёсии Бадахшон асосан, ба мавқеи афсарон ва аскарони ин отряд вобастагии қавӣ дошт.

Афсарон ва аскарони отряди Помир хабари барҳам хӯрдани тартиботи подшоҳии Русияро хуш қабул намуданд. Бо сарварии П.Волков Кумитаи Умумипомирии аскарон таъсис ёфт, ки он дар шароити Бадахшон бояд вазифаи Шӯрои намояндагии аскаронро иҷро мекард. Аммо аз сабаби камшумории қисмҳо ва аскарон дар шароити Бадахшон ташкил ёфтани чунин Шӯро имконнопазир буд.

Дар нимаи дуюми моҳи апрели соли 1917 дар Бадахшон бо сардории собиқ амалдори подшоҳӣ Белов Кумитаи Умумипомирии Ҳукумати Муваққатӣ ташкил ёфт. Ӯ ҳамзамон, сардори отряди Помир ва комиссари Ҳукумати Муваққатӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ташкили ин кумита тамоми афсарон ва аскарони отряди Помир фаъолона иштирок намуданд. Аз ин сабаб дар Бадахшон мавҷудияти дуҳокимиятӣ чандон эҳсос намешуд.

**Аз ихтиёри идораи Бухоро ба Русия гузаштани Бадахшони Ғарбӣ.** Баъд аз Инқилоби феврал (соли 1917)-и Русия масъалаи Бадахшон як муддат дар байни амалдорони Ҳукума-

ти Муваққатӣ ва ҳукумати амирии Бухоро мавзӯи баҳс қарор гирифт, зеро то моҳи апрели соли 1917 дар Бадахшон намояндаи амири Бухоро – бек низ ба таври расмӣ фаъолият мекард. Ҳарчанд ҳокимият ба таври расмӣ ба дасти намояндаи аморати Бухоро буд, вале чуноне хотирнишон кардем, амалан дар ихтиёри отряди Помир буд. Моҳи апрел намояндаи амир – Мирзо Касири мирохур, ки беки Шуғнон буд, вафот кард. Баъди ин воқеа, 8-уми майи соли 1917 Кумитаи иҷроияи волости Шуғнон қарор кард, ки «Помири Ғарбӣ ба усули худидоракунӣ мегузарад». Бо ташаббуси Кумитаи Иҷроияи Туркистонии Ҳукумати Муваққатӣ дар асоси усулҳои идоракунии кишвар «Низомномаи муваққатӣ оид ба идоракунии ноҳияҳои Помир» тартиб дода шуд. Дар асоси ин санад идоракунии ноҳия ба уҳдаи комиссари ноҳиявии Помир гузашт. Аввалин комиссар ва раиси кумитаи ноҳияи Бадахшон шарқшинос И.И.Зарубин (профессор, доктори илми филология) интихоб гардид. Аз ҷиҳати идоракунӣ Бадахшон тобеи вилояти Фарғонаи кишвари Туркистон ба ҳисоб мерафт.

**Сарчашма:**

Дар манифести Ҳизби Сотсиал-Демократии Коргарии Русия, ки бо номи «Ба ҳамаи гражданҳои Русия» 27-уми феврал (12-уми март)-и соли 1917 дар ҷараёни инқилоб ҳамчун варақа паҳн карда шуд, дарҷ гардидааст:

«Гражданҳо! Қалъаи сангини ҳукумати подшоҳии рус сарнагун шуд. Валинеъматии дастаҳои ғоратгари подшоҳӣ, ки ба зулму истибдоди халқ асос ёфта буд, барбод рафт. Пойтахт дар дасти халқи шӯришгар аст. Қисмҳои қӯшунҳои инқилобӣ ба тарафи шӯришгарон гузаштанд. Пролетариати инқилобӣ ва армияи инқилобӣ мамлакатро аз ҳалокат ва шикасти қатъӣ, ки ҳукумати подшоҳӣ онро ба ин ҳолат расонида буд, бояд наҷот диҳад. Халқи рус бо азми қавӣ, ба ивази қурбониҳои зиёд аз ғуломии чандинасра раҳоӣ ёфт...». (КПСС дар резолютсияҳо. Нашри 8-уми русӣ. Ҷилди 1 – М. 1970. С. 427).

**Санаҳои муҳим:**

1917, 27-уми феврал–дар Русия ғалаба кардани Инқилоби буржуазию демократӣ ва барҳам хӯрдани ҳукумати подшоҳӣ.

1917, 2-юми март – дар Русия ба вуҷуд омадани дуҳокимиятӣ.

1917, март – дар қаламрави кишвари Туркистон ба вуҷуд омадани шӯроҳо, иттифоқҳо ва кумитаҳои иҷроияи Ҳукумати Муваққатӣ.

1917, 30-31-уми март – дар кишвари Туркистон барҳам дода шудани тарзи идоракунии генерал-губернаторӣ.

1917, 7-уми апрел – ташкил карда шудани Кумитаи Туркистонии Ҳукумати Муваққатӣ.

1917, апрел – дар Бадахшон ташкил ёфтани Кумитаи Умумипомирии Ҳукумати Муваққатӣ.

1917, май – аз ихтиёри идоракунии амири Бухоро ба Ҳукумати Муваққатии Русия гузаштани қисми ғарбии Бадахшон.

1917, аввали июл–дар Русия ба охир расидани дуҳокимиятӣ.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Инқилоби буржуазию демократии феврал (соли 1917) дар Русия бо чӣ анҷом ёфт? 2) Барои чӣ дуҳокимиятӣ мегӯянд ва он дар Русия кай ба вуҷуд омада, то кай давом кард? 3) Оё дар Русия ба вуҷуд омадани дуҳокимиятӣ ба кишвари Туркистон ҳам дахл дошт? 4) Дар кишвари Туркистон тарзи идоракунии генерал-губернаторӣ кай барҳам дода шуд? 5) Дар қаламрави кишвари Туркистон чӣ гуна шӯроҳо ва иттифоқҳо ба вуҷуд омаданд? 6) Баъди инқилоби буржуазию демократии феврали (соли 1917-и) Русия дар идоракунии Бадахшон чӣ дигаргуниҳо ба амал омад? 7) §§ 27 ва 29-ро такрор кунед; 8) Ба расмҳо аҳамият дода, маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** ғалабаи Инқилоби феврал дар Руссия ва барҳам дода шудани тартиботи подшоҳиро дар кишвари Туркистон дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §47. ҲАРАКАТИ ҶАМЪИЯТИЮ СИЁСӢ ДАР КИШВАРИ ТУРКИСТОН

**Шӯрои Исломия ва Шӯрои Уламо.** Дар шароити кишвари Туркистон яке аз ташкилотҳои сернуфуз Шӯрои Исломия ба шумор мерафт. Он 9-уми марти соли 1917 дар шаҳри Тошканд ташкил ёфт. Яке аз ташкилкунандагони он Мунавварқорӣ Абдурашидов буд, ки дар марҳалаи аввал ба фаъолияти ин ташкилот сарварӣ намудааст. Дар таъсиси ин Шӯро инчунин,

Мустафо Чоқаев (хатмкардаи шуъбаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Петроград) ва Абдулвоҳидқорӣ; намояндагони буржуазияи миллӣ: Миркомил Муъминбоев ва Аҳмадбек Темирбеков ҳисса гузоштаанд. Худи ҳамон моҳ шуъбаҳои он қариб дар тамоми шаҳрҳои кишвари Туркистон ва ҳатто маҳаллаҳои руснишини аморати Бухоро ташкил шуданд. Ба Шӯрои Исломия намояндагони зиёиёни миллӣ, аз ҷумла ҷадидон, буржуазияи ба тозагӣ ташаккулёбандаи миллӣ, рӯҳониён, заминдорони калон (феодалон), коргарон, косибон, ҳунармандон ва деҳқонони маҳаллӣ дохил мешуданд.

Шӯрои Исломия дар ҳайати Русия аз ҷиҳати миллӣ ва динӣ мухтор будани кишвари Туркистонро мехост. Нисбат ба замин тарафдори нигоҳ доштани моликияти хусусӣ буд. Он муқобили ҷудоии синфӣ буда, хостори муттаҳидии тамоми мусалмонон, аз ҷумла, мусалмонони кишвари Туркистон, яъне дар мавқеи исломгароӣ буд. Дар масъалаи миллӣ аксари сарварони он мавқеи туркпарастиро ишғол мекарданд.

Дар таърихи 16 – 23-юми апрели соли 1917 дар Тошканд анҷумани аввалини Шӯрои Исломия барпо гардид. Дар он намояндагони 42 шуъбаи Шӯро иштирок доштанд. Анҷуман қарор кард, ки кишвари Туркистон бояд аз ҷиҳати сиёсию фарҳангӣ кишвари мухтор ва мустақил бошад. Анҷуман Ҳукумати муваққатии Русияро эътироф намуда, сиёсати онро нисбати кишвари Туркистон маъқул шуморид. Дар анҷуман Шӯрои кишварии мусалмонони Туркистон дар ҳайати М.К.Абдурашидов, М.Чоқаев, М.Беҳбудӣ ва дигарон интихоб шуд. Аммо дар ҳайати сарварони Шӯрои Исломия якдилӣ вуҷуд надошт. Муборизаи гурӯҳҳо барои ба даст овардани сарварии Шӯро мушоҳида мешуд. Махсусан, намояндагони рӯҳониён аз фаъолияти он чандон қаноатманд набуданд, зеро онҳо мехостанд, ки Шӯро танҳо дар асоси талабҳои Қуръон ва шариат амал кунад. Инчунин, тамоми фаъолияти Шӯроро дар зери назорати худ гирифтанӣ буданд, то ин ки он аз рӯйи нақшаи онҳо амал кунад. Аксари аъзои Шӯрои Исломия Қуръон ва шариатро муқаддас ҳисоб кунанд ҳам, кори шӯроро мувофиқи талаботи замон пеш бурданӣ буданд. Дар натиҷа намояндагони рӯҳониён аз амалӣ гардидани мақсадҳои худ ноумед шуда, моҳи июни ҳамон сол аз ҳайати Шӯрои Исломия баромаданд ва ташкилоти мустақили худро бо номи Шӯрои Уламо бунёд карданд.

Ба Шӯрои Уламо намояндагони рӯҳониён, заминдорони калон, қисман зиёиён, умуман онҳое, ки мақоми динро дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ баланд бардошта, асосҳои шариатро пурра ҷорӣ карданӣ буданд, дохил гардиданд. Дар санаи 17 – 20-уми сентябри соли 1917 онҳо низ дар шаҳри Тошканд анҷуман даъват карданд. Дар он қарор карда шуд, ки шуъбаҳои Шӯроро дар ҳамаи шаҳрҳои кишвари Туркистон бунёд намоянд.

Шӯрои Исломия ва Шӯрои Уламо доир ба такдири минбаъдаи кишвари Туркистон асосан ҳамфикр буданд, яъне онҳо мухторияти фарҳангию сиёсии кишварро тарафдорӣ мекарданд. Ба ин Анҷумани III мусалмонони кишвари Туркистон, ки бо ташаббуси шӯроҳои номбурда моҳи сентябри соли 1917 дар Тошканд ҷамъ омад, гувоҳӣ медиҳад.

**Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ.** Ғалабаи Инқилоби феврал дар аввал ба фаъолияти ҳизбҳои Русия такони ҷиддӣ дод. Махсусан, он ҳизбҳое, ки тарафдори сарнагун карда шудани мутлақият буданд (аз ҷумла болшевикон, меншевикон, эсерон, сотсиалистони халқӣ ва трудовикҳо), аз натиҷаи инқилоб асосан қаноатманд буданд. Акнун онҳо фаъолияти худро ба шароити нав мутобиқ менамуданд. Масалан, болшевикон дар Русия аз фаъолияти пинҳонкорӣ баромада, бо сарварии асосгузори ҳизби худ В.И.Ленин барои ба таври осоишта ба инқилоби сотсиалистӣ табдил додани инқилоби буржуазию демократӣ тайёрӣ медиданд. Дар шароити кишвари Туркистон дар арафа ва рӯзҳои Инқилоби феврал болшевикон ва меншевикон дар доираи ташкилотҳои ягонаи сотсиал-демократӣ пинҳонӣ амал мекарданд. Назар ба марказ ҷудоии байни болшевикон ва меншевикон дар шароити кишвар ба зудӣ ба амал наомад. Ғайр аз ин, болшевикон ва меншевикони кишвар мақсади ҷудогона амал карданро ҳам надоштанд. Махсусан, меншевикони кишвар, ки нисбат ба болшевикон сершумор буданд, мақсади ягона нигоҳ доштани ташкилоти сотсиал-демократиро доштанд.

Дар таърихи 21–27-уми июни соли 1917 дар шаҳри Тошканд Анҷумани II кишварии Ҳизби Сотсиал-Демократӣ барпо гардид. Дар он аз 31 намоянда 11 нафар ва аз 22 ташкилот 12-тоаш ба болшевикон, боқӣ ба меншевикон тааллуқ доштанд. Дар анҷуман масъалаи «Дар бораи ягонагии ҳизбӣ» ба тарзи васеъ баррасӣ гардид. Ин аз он далолат мекунад, ки болшевикони Туркистон ҳанӯз дастури марказ «Ба муттаҳидӣ хотима гузоред!»-ро нагирифта буданд, зеро мувофиқи он болшевикон бояд аз ҳар

гуна созиш бо меншевикон худдорӣ мекарданд. Дар ин анҷуман ягон нафар болшевик масъалаи ҷудоӣ аз меншевиконро ба миён нагузошт, баръакс, мувофиқи қарори анҷуман, муттаҳидии тамоми қувваҳо ва равияҳо зарур шуморида мешуд. Инчунин, таъкид карда мешуд, ки ҷудоӣ, фраксиябозӣ боиси ҳалокати ҳаракати сотсиал-демократии Русия мегардад. Ба андешаи онҳо, гуногунии ақида аҳамият дошта бошад ҳам, он набояд сабаби азҳампошии ташкилот гардад.

Аввали моҳи июли соли 1917 дар Петроград Ҳукумати Муваққатӣ намоиши коргаронро тирборон кард ва бо ин давраи дуҳокимиятӣ дар Русия ба охир расид. Баъд аз ин ҷудоии байни болшевикон ва меншевикон боз ҳам зиёдтар шуд. Як қисми меншевикҳо мавқеи ростро ишғол карда, ба ҳизбҳои буржуазӣ наздик шуданд ва муқобили болшевикон буданд. Қисми дигари меншевикон мавқеи чапро ишғол намуда (онҳоро меншевикони интернатсионалист ҳам мегӯянд), ба болшевикон нисбатан наздик шуданд.

Ҳизби эсерҳо дар кишвари Туркистон баъди сотсиал-демократҳо аз ҳизбҳои бонуфузтарини марказӣ ба ҳисоб мерафт. Он солҳои 1907–1910 ба парокандагӣ дучор шуда, баъди Инқилоби феврали соли 1917 фаъолияти худро, аз ҷумла, дар кишвари Туркистон аз нав оғоз намуд ва то моҳҳои июл-август бо болшевикон якҷо амал мекард. Дар шароити кишвари Туркистон эсерҳо дар шӯроҳо аксариятро ташкил медоданд. Моҳи майи соли 1917 дар шаҳри Тошканд анҷумани эсерҳои кишвар баргузор шуд.

Эсерҳо ба қанотҳои чап ва рост тақсим шуда буданд. Дар бисёр шаҳрҳои кишвар: Самарқанд, Хӯқанд, Бухорои Нав, Хуҷанд ва ғайра нуфузи эсерони чап назаррастар буд. Онҳо сиёсати нисбат ба деҳқонон номаълуми Ҳукумати Муваққатиро зери танқид мегирифтанд, созиши ин ҳукуматро бо заминдорон ва буржуазияи калон сарзаниш мекарданд. Чунин мавқеъ эсерони чапро бо сотсиал-демократҳо наздик менамуд. Эсерҳои рост, баръакс, сиёсати Ҳукумати Муваққатии буржуазиро аз ҳар ҷиҳат тарафдорӣ мекарданд.

**Сарчашма:**

Яке аз фаъолони ҳаракати ҷадидӣ Абдуррауф Фитрат дар хитобааш ба мардуми кишвари Туркистон гуфтааст: «Мусулмонони Туркистон! Биёед, аз барои Пайғамбар, аз барои дин,

аз барои илм муттаҳид шавем: ба низои байнихудӣ ва тафриқаи синфӣ чашм пӯшем, худро бо риштаҳои дӯстию иттиҳод барбандем, ки нахустпанди ислом аст, биёед, даст ба ҳамдигар диҳем». (Рӯзномаи «Ҳуррият», 1917, 25-уми июн).

**Санаҳои муҳим:**

1917, 9-уми март – ташкилёбии Шӯрои Исломия.

1917, 16 – 23-уми апрел – Анҷумани 1-уми Шӯрои Исломия.

1917, май – Анҷумани Ҳизби эсерҳои кишвари Туркистон.

1917, 21 – 27-уми июн – Анҷумани II кишварии Туркистонии Ҳизби Сотсиал-Демократ.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Шӯрои исломия кай ташкил ёфт ва ташкилкунандагони он киҳо буданд? 2) Ба Шӯрои Исломия кадом табақаҳои аҳолӣ дохил мешуданд? 3) Мақсади Шӯрои Исломия аз чӣ иборат буд? 4) Тарафдорони Шӯрои Уламо чӣ мехостанд ва чаро онҳо аз Шӯрои Исломия ҷудо шуда, ташкилоти алоҳида бунёд карданд? 5) Муносибати ҳизбҳои сиёсии Русия нисбати ғалабаи инқилоби буржуазию демократии феврал чӣ тавр буд? 6) Дар шароити кишвари Туркистон фаъолияти ҳизбҳо, аз ҷумла сотсиал-демократҳо, дар арафа ва баъди (Инқилоби феврали соли 1917)-и Русия чӣ тавр буд? 7) §§ 27 ва 46-ро такрор кунед; 8) Маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** ҳаракати ҷамъиятию сиёсӣ кишвари Туркистонро баъди барҳам додани ҳукумати подшоҳии Русия дуруст шарҳ дода тавонанд.

# БОБИ 13
# ТАЪСИРИ ҒАЛАБАИ ИНҚИЛОБИ ФЕВРАЛИ РУСИЯ БА АМОРАТИ БУХОРО

## §48. ИНҚИЛОБИ ФЕВРАЛИ РУСИЯ ВА АМОРАТИ БУХОРО

**Мавқеи амир Олимхон нисбат ба Инқилоб.** Хабари ғалабаи Инқилоби буржуазию демократӣ (феврал)-и Русия ба воситаи кормандони Агентии сиёсии дар Бухоро доштаи Русия ба зудӣ то ба ҳукумати амирии Бухоро расид. Махсусан, аз тахт маҳрум гардидани подшоҳ Николайи II аз ҳама бештар амири Бухоро – Олимхонро ба ташвиш андохт, зеро, тавре зикр гардид, подшоҳи Русия барои ҳукумати амирии Бухоро пушту паноҳи асосӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ҳамин сабаб амир Олимхон бо шунидани хабари барҳам хӯрдани мутлақияти Русия, ба ибораи С.Айнӣ: «якбора сарриштаи кори худро гум карда, пойро аз сар намешинохт ва метарсид, ки фирқаи аҳрор ва асокири Русия мабодо табдили асоси ҳукумати Бухороро хоҳон шаванд, амир ва атбоашро мисли Николай ва арконаш аз беху бунёд барҳам зананд». Бинобар ин, ҳукумати амирӣ тамоми чораҳоро андешид, ки дар сарзамини аморат ба хуруҷҳои халқӣ роҳ надиҳад. Ӯ дар амалиёт бо кормандони Агентии сиёсии дар Бухоро доштаи Русия якҷоя амал мекард.

**Таъсири Инқилоб ба аморати Бухоро.** Мардуми аморати Бухоро танҳо 4-уми марти соли 1917 бо омадани матбуоти даврӣ аз ғалабаи Инқилоби феврали Русия ва аз тахт рафтани подшоҳ огоҳ гаштанд. Баъди ин ба Агенти сиёсии Бухоро аз эълон намудани он, ки гӯё подшоҳ «бо ихтиёри худ» рафтааст, чораи дигар намонда буд. Ӯ дар навбати худ даъват намуд, ки на танҳо дар қаламрави аморат, балки дар маҳаллаҳои руснишини он низ оромӣ ва тартибу интизомро риоя намоянд. Вале қатъи назар аз кӯшишҳои ҳукумати амирӣ ва кормандони Агентии сиёсӣ, дар сарзамини аморат, аз ҷумла дар истгоҳи роҳи оҳани назди дарвозаи Қаршии шаҳри Бухорои Куҳна ва дар Бухорои Нав (Когон), бахшида ба Инқилоби феврали Русия ҷамъомаду гирдиҳамоиҳо барпо гардиданд. Моҳи март дар Бухорои Нав, Чорҷӯйи Нав, Каркӣ ва Тирмиз шӯроҳои намояндагии коргарон ба вуҷуд омаданд, ки аксари онҳоро эсеру меншевикон сарварӣ

менамуданд. Дар ин маҳалҳо инчунин, кумитаҳои иҷроияи Ҳукумати Муваққатӣ низ бунёд гардиданд, ки дар ибтидо ба онҳо бояд Агентии сиёсӣ назорат мекард.

Дар санаи 17-уми марти соли 1917 Агентии сиёсӣ ба Резиденсияи Русия дар Бухоро табдил дода шуд. Аслан чунин тағйирот фақат дар ном буд, зеро дар иҷрои вазифаи онҳо тағйироте дида намешуд.

**Болоравии ҳаракати ислоҳотхоҳонаи ҷавонбухороиён.** Ғалабаи Инқилоби буржуазию демократии феврали Русия ба фаъолияти ҷавонбухороиён такони ҷиддӣ дод. Онҳо, ки дар натиҷаи таъқиби ҳукуматдорони аморат пинҳонӣ амал мекарданд, аз мағлубияти пушту паноҳи амири Бухоро, подшоҳ Николайи II рӯҳбаланд гардида, дар роҳи ислоҳот нисбатан ҷиддитар амал карданд. Ҷамъияти махфии онҳо, ки дар дохили шаҳри Бухорои Куҳна фаъолият дошт, дар гӯшаҳои шаҳр низ шуъбаҳои худро кушод. Сафи ҷавонбухороиён, махсусан, аз ҳисоби толибилмони мадрасаҳои шаҳр рӯз то рӯз меафзуд.

Бояд таъкид кард, ки дар натиҷаи таъсири Инқилоби феврали Русия дар фаъолияти ҷавонбухороиён тағйирот ба вуҷуд омад. Онҳо дар шароити нав талаботи ислоҳоти мактабу мадрасаҳо ва усули дарсдиҳиро дуюмдараҷа ҳисобида, дар чашмандози аввал ислоҳоти ҳукумати амирии Бухороро гузоштанд ва дар ин роҳ ба кумаки Ҳукумати Муваққатии Русия умед доштанд. Бо ҳамин мақсад, ҷавонбухороиён ба номи он ҳукумат барқияҳо фиристода, аввал ҳукумати навро табрик гуфта, сониян, кумаки онро дар ислоҳи тартиботи амирии Бухоро хоҳиш карданд, вале на ҳамаи намояндагони Ҳукумати Муваққатии Русия тарафдори ислоҳоти тартиботи амирии Бухоро буданд. Масалан, вазири адлия А.Ф.Керенский (ходими ҳизби трудовикҳо ва баъд эсерҳо, аз 8-уми июл то 26-уми октябр сарвари Ҳукумати Муваққатӣ) ҷонибдори ба Русия ҳамроҳ карда шудани аморати Бухоро буд.

Умеди ҷавонбухороиён ба «кумак»-и Ҳукумати Муваққатӣ барбод нарафт. Ба кормандони Резиденсия ва худи амир хабари тарафдори ислоҳоти тартиботи амирӣ будани ҳукумати нави Русия ворид шуд. Мувофиқи он ризоят, ташаббуси татбиқи ислоҳот ба уҳдаи худи «ҷаноби олӣ» – амир Олимхон гузошта мешуд.

Ҳукумати амирии Бухоро дар вазъияти ниҳоят мушкиле монда буд, зеро аз як тараф, дар дохили мамлакат ҷавонбухороиён ҳамчун қувваи ягонаи мухолиф аз амир ислоҳот талаб кунанд, аз

тарафи дигар, Ҳукумати Муваққатии Русия ҳам ин гуна ислоҳотро хоҳиш намудааст. Кормандони Резиденсия, ки маслиҳатгари асосии амир ва ҳукумати ӯ ба ҳисоб мерафтанд, тарафдори ислоҳот буданд. Аз ин рӯ, барои амир Олимхон ва ҳукумати ӯ ғайр аз ҷорӣ кардани ислоҳот роҳи дигаре набуд. Масалан, қӯшбегӣ Насрулло низ аз хусуси зарурати ислоҳот сухан гуфтааст.

Вале муқобилони ислоҳот аз вазъияте, ки баъди Инқилоби феврали Русия ба вуҷуд омада буд, хулосаи дуруст набароварда буданд. Масалан, қозикалон Бурҳониддин ва Мирзо Низомиддинхоҷаи урганҷӣ, ки баъд аз қӯшбегӣ ашхоси дуюм дар ҳукумати амирӣ ба ҳисоб мерафтанд, ба ҳар кор ҷуз «намехоҳам» ҷавобе надоштанд. Муқобилони ислоҳот амалиёти худро пинҳон надошта, нисбат ба тарафдорони ислоҳот, махсусан ҷавонбухороиён, ҳар гуна буҳтонҳо мебофтанд. Онҳо динро ҳамчун аслиҳа ба муқобили ҷавонбухороиён истифода карданд. Чунин аҳвол вазъияти ҳукумати амириро боз ҳам вазнинтар гардонид. Бинобар ин, амир ва қӯшбегӣ маҷбур шуданд, ки дар роҳи ислоҳот ҳар гуна амалиёти худро аз душманони ислоҳот пинҳон доранд.

**Тағйирот дар ҳукумати амир.** Амир ва қӯшбегӣ вазъиятро ба назар гирифта, бо мақсади наҷот додани салтанати худ, ба ислоҳот розӣ шуданд. Ҳарчанд онҳо инро намехостанд, дар ин кор якҷо бо кормандони Резиденсияи Русия лоиҳа ва дигар дастурҳои заруриро ҳозир намуданд.

Ҳукумати Муваққатии Русия ба мансабдорони аморати Бухоро симои ҳақиқии худро нишон дод. Акнун амир ва ҳукумати ӯ дар симои ҳукумати нави Русия ба худ пушту паноҳи тозае пайдо карда буданд. Мувофиқи баъзе маълумот, қӯшбегӣ Насрулло бо мақсади таваҷҷуҳи кормандони ҳукумати нави Русияро ба тарафи ҳукумати амирии Бухоро равона кардан, харҷи зиёд кардааст.

Вале ба доираи васеъ паҳн гардидани масъалаи ислоҳоти Бухоро амир ва қӯшбегиро ором намегузошт. Махсусан, ҷавонбухороиён бесаброна мунтазири ислоҳот буданд. Амир намехост, ки худро дар назди ҷомеа, пеш аз ҳама, матбуоти даврӣ, ҳокими мустабид нишон диҳад.

Амир ва ҳукумати ӯ қувваҳои зиддиислоҳотии Бухороро чандон дуруст арзёбӣ накарда буданд. Онҳо дар аввал бо мақсади осудагии амалиёташон муқобилони ислоҳотро аз ҳокимияти марказӣ дур карданд. Масалан, амир 25-уми марти соли 1917

Бурҳониддинро аз вазифаи қозикалон озод намуда, ба ҷояш қозии Ғиждувон, тарафдори ислоҳот, яке аз маърифатпарварони номии ибтидои асри XX-и Бухоро Шарифҷон Махдуми Садри Зиёро таъйин кард. Дар санаи 26-уми март раиси Бухоро Абдуллохоҷаро низ аз мансаб озод намуда, ба ҷояш қозии Чорҷӯй, маърифатпарвари номӣ Абдусамадхоҷа ва 27-уми март қозии Вобканд – Орифхоҷаро, ки тарафдори ислоҳот буд, муфтиаскар таъйин намуд. Муфтиаскари собиқ Изомиддинхоҷаи Мусаннифро дар Ғиждувон, раиси собиқ Абдуллохоҷаро дар Чорҷӯй қозӣ таъйин намуд. Душмани ашаддии ислоҳот Мирзо Низомиддинхоҷаи урганҷиро бо баҳонаи хизмат ба Қаршӣ равон кард. Пас аз чунин тағйирот ҳукумати амир худро барои эълон намудани фармони ислоҳот гӯё аз ҳар ҷиҳат озод ҳис мекард. Ҳол он ки муқобилони ислоҳот дер боз дар мактабу мадрасаҳо ва гузарҳои аҳолинишини шаҳр ташвиқот бурда, як қисми мардумро ба тарафи худ кашида буданд.

**Сарчашма:**

С.Айнӣ дар бораи мавқеи арбобони ҳукумати амирии Бухоро нисбати масъалаи ислоҳот навиштааст: «Дар марҳалаи аввал аз арбобони ҳукумати Бухоро амир ва Насрулло-қӯшбегӣ бо мулоҳизаи ин ки «бе ислоҳот ҳукумати ҳозираро нигоҳ доштан мумкин нест, агар инод кунем, ҳурриятпарастони рус, коргару аскарон ва ҳукумати муваққатӣ ба муқобили мо бармехезанд ва дар натиҷа тахту тоҷи мо ҳам барбод меравад», як дараҷа ба ислоҳот роғиб менамуданд. Аммо Низомиддинхоҷаи урганҷӣ ва қозикалон Бурҳониддин ҳатто номи ислоҳотро шунидан намехостанд.

Насрулло-қӯшбегӣ, азбаски фикр ва орзуи ин ду нафарро нағз медонист, маслиҳат кардан бо онҳо, ҳатто огоҳонидани онҳоро ҳам дар бораи фикр ва ниятҳои амир ва худаш лозим надид». (Ниг.:Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. С.141).

**Санаҳои муҳим:**

1917, 17-уми март – Агенти сиёсии Русия дар Бухоро ба Резиденсия табдил дода шуд.

1917, 25-уми март–Бурҳониддин аз мансаби қозикалон озод карда шуд ва ба ҷойи ӯ Шарифҷон Махдуми Садри Зиё таъйин гардид.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Чаро амир Олимхон аз ғалабаи Инқилоби феврали Русия метарсид? 2) Инқилоби феврали Русия ба Бухоро чӣ гуна таъсир кард? 3) Ҷавонбухороиён хабари Инқилоби феврали Русияро чӣ гуна пешвоз гирифтанд? 4) Баъди Инқилоби феврали Русия дар талабот ва фаъолияти ҷавонбухороиён чӣ тағйирот ба амал омад? 5) Чаро ҳукумати амирӣ роҳи ислоҳотро пеш гирифт ва оё ин сидқан буд? 6) Дар арафаи эълони лоиҳаи ислоҳот дар ҳукумати амирӣ чӣ тағйирот ба амал омад? 7) §§ 17, 34 ва 47-ро такрор кунед; 8) Маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** таъсири сарнагун намудани тартиботи подшоҳии Русияро ба аморати Бухоро дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §49. ИСЛОҲОТИ АМИР ОЛИМХОН

**Эълони ислоҳот.** Лоиҳаи фармони ислоҳот, ки аз тарафи ҳукумати амир бо иштироки кормандони Резиденсия таҳия карда шуда буд, баъди дар Вазорати корҳои хориҷии Ҳукумати Муваққатии Русия баррасӣ шудан, 4-уми апрели соли 1917 аз тарафи ҳукумати нави Русия тасдиқ гардид. 7-уми апрел ин лоиҳа дар меҳмонхонаи «Раҳимхонӣ»-и Арки Бухоро, дар ҳузури даъватшудагон ва меҳмонон эълон карда шуд.

Мувофиқи лоиҳаи ислоҳот, амир бояд дарбориёни худро дигар мекард; барои ҳамаи амалдорон аз хазина моҳона таъйин менамуд (то ки онҳо мардумро худсарона тороҷ накунанд); закот, хироҷ ва дигар андозҳо ба тартиб даровarда мешуд, ба худсарию бедодгарии амалдорон хотима мегузоштанд; аз ҳисоби мардуми доно ва соҳибдониши Бухоро дар назди ҳукумат як маҷлиси машваратӣ таъйин карда мешуд; харҷу дахли хазинаи ҳукуматиро ба ҳисоб мегирифтанд; барои маърифатнокии мардум дар Бухоро як чопхона мекушоданд ва ғайра. Дар таърихи 8-уми апрели соли 1917 амир Олимхон ба номи сардори Ҳукумати Муваққатии Русия княз Лвов ва вазири корҳои хориҷии ин кишвар Милюков аз хусуси эълони фармони ислоҳот барқия фиристод. Дар он қайд шудааст, ки гӯё «қарори ӯ барои аз рӯйи шариат гузаронидани ислоҳот қатъӣ мебошад».

**Намоиши шукронаи ҷавонбухороиён.** Эълони фармони ислоҳот тарафдорон ва муқобилонашро ба ҳаракат даровард. Ҷавонбухороиён ба намоиш тайёрӣ дида, қувваҳои иртиҷоии аморат, яъне мавқеи мухолифони ислоҳотро ба эътибор нагирифтанд. Ҳол он ки мухолифони ислоҳот ҳам аз ҳамон лаҳзаи эълони фармони ислоҳот, аз нав ба ҷунбиш даромаданд. Намояндагони онҳо ҳанӯз ҳангоми хондани фармони ислоҳот эътироз баён карданд. Баробари ба мухолифони ислоҳот расидани хабари тарадduди намоиши ҷавонбухороиён онҳо ҳам барои ба майдон баромадан, омодагӣ медиданд.

Дар санаи 8-уми апрел, соати 8-и пагоҳӣ, намоиши ҷавонбухороиён оғоз ёфт. Онҳо бо шиорҳои: «Зинда бод амир Олимхон!», «Зинда бод ислоҳот!», «Зинда бод амири озодихоҳ!», «Зинда бод амири ҳурриятпарвар Олимхон!», «Зинда бод озодӣ, конститутсия, озодии матбуот ва истиқлоли мактаб!» ба майдон баромада буданд. Шумораи намоишгарон дар оғоз тақрибан ҳазор нафар буд, оҳиста-оҳиста аз ҳисоби шаҳриён афзуда, то ба 5 – 7 ҳазор нафар расид. Дар намоиш тоҷикон, яҳудиҳо, эрониҳо, ӯзбекҳо, тоторҳо ва дигар мардуми шаҳр иштирок карданд.

Вақте ҷавонбухороиён аз Чорсӯйи Бухоро ба роҳ баромада то Хиёбон расиданд, аз тарафи дигар мухолифони ислоҳот низ ба Регистони Бухоро, яъне ба майдони назди Арк ворид шуданд. Аксари аксулҳаракатчиён аз ҷумлаи диндорони иртиҷоъпараст буданд. Онҳо аз гумроҳии мардуми Бухоро истифода карда, чунон ки С. Айнӣ ба хотир меоварад, ба миёни худ фӯта баста, дод зада мегуфтанд: «Во шариато! Во дино! Во қурбоно! Эй мусалмонҳо! Дин аз даст рафт, шариат тамом шуд, акнун рӯйи занҳоятонро мекушоянд, ба номуси духтаронатон таҷовуз мекунанд, фарзандонатонро дар мактаби кофирӣ мехононанд». Дар натиҷаи ташвиқот як ҳиссаи дигари мардуми ғофили шаҳр ба тарафи аксулҳаракат гузаштанд. Бо ҳамин роҳ мухолифони ислоҳот тавонистанд, ки шумораи тарафдорони худро то ба 7 – 8 ҳазор нафар расонанд.

Баъд аз сар шудани аксулҳаракат, амир ва қӯшбегӣ аз ин воқеа ба воҳима афтода, муносибати худро нисбат ба ислоҳотхоҳон зуд тағйир дода, тарафдори гурӯҳи мухолифон шуданд. Тамоми қувваи ҳукуматӣ ҳам ба муқобили ҷавонбухороиён ва намоиши ташкилкардаи онҳо нигаронида шуд. Дар натиҷа, намоиши

шукронаи ҷавонбухороиён пароканда карда шуд. Иштирокчиёни он ба ҳар тараф гурехтанд. Як қисмашон барои халосии ҷони худ ҳатто ба тарафи аксулҳаракат гузаштанд. Бинобар ин, «ҳар кас, – ба хотир меоварад С.Айнӣ – барои ҳифзи ҷони худ дигареро «ин ҷадид аст» гуфта, таҳқир мекард ва сабаби дастгир шудани он бечора мегардид».

Аксулҳаракатчиён на танҳо ба ҷавонбухороиён, балки ба ашхоси бонуфузи ислоҳотхоҳе, ки дар ҳукумат вазифа доштанд, низ таҳдид мекарданд. Аз ҷумла, онҳо қозикалон Шарифҷон Махдуми Садри Зиёро ҳангоми аз хонааш ба Арк омадан, дар майдони Регистон, дар он ҷое, ки чашми амир меафтод, таҳқир карда, зада аз асп афтонда, беҳуш намуданд. Раис Абдусамадхоҷаро дар назди худи қӯшбегӣ зада маъюб карданд.

Рӯзҳои 8-ум ва 9-уми апрел аз тарафи ҳукумати амирӣ қариб 150 нафар иштирокчии намоиш, махсусан, ҷавонбухороиён, аз ҷумла С.Айниро ҳабс карданд (агарчи ӯ муқобили намоиш буду дар он иштирок надошт, бо вуҷуди ин, дастгир шуда, 75 чӯб ҷазо дид). Қисми зиёди ҷавонбухороиён, аз ҷумла, сарварони онҳо, ба Бухорои Нав (Когон) паноҳ бурданд, вале маълум мешавад, ки ин фоҷиа барои сарварони ҷавонбухороиён ҳанӯз ҳам дарси ибрат нашуда будааст. Онҳо барои оштӣ бо амир розӣ шуда, 12 нафар намояндаи худ (асосан ҳама узви Кумитаи Марказӣ бо сарварии раиси он Муҳиддин Мансуров)-ро 14-уми апрел барои гуфтушунид ба ҳузури амир фиристоданд. Кормандони резиденсия дар ин чорабинӣ нақши миёнаравро бозиданд. Вақте намояндагони ҷавонбухороиён ба Арк даромаданд, ба ҳабс гирифта шуданд. Онҳо танҳо бо таҳдиди Шӯрои намояндагии коргарони Бухорои Нав ва аскарони инқилобӣ аз қатл раҳоӣ ёфтанд.

Дар санаи 15-уми апрел дар Бухорои Нав бо ташаббуси Шӯрои намояндагии коргарони шаҳр маҷлиси серодаме барпо гардид. Дар он амалиёти кормандони Резиденсияи Русияро дар рӯзҳои фоҷиаи Бухоро муҳокима намуда, қарор карданд, ки сарвари он Миллер ва муовинаш Шулга ба ҳабс гирифта шаванд.

**Авҷи иртиҷоъ дар Бухоро.** Дар Бухоро баробари пароканда карда шудани намоиши ҷавонбухороиён иртиҷоъ тантана кард. Амир аз гузаштҳои худ ва ислоҳоти эълонкардааш даст кашид. Оҳиста-оҳиста тамоми мансабҳо боз ба ихтиёри мухолифони

ислоҳот гузашт. Масалан, 15-уми апрел қӯшбегӣ Насрулло аз вазифа маъзул гардид ва ба ҷойи ӯ душмани ашаддии ислоҳот ва ҷавонбухороиён Мирзо Низомиддинхоҷаи урганҷӣ нишаст. Мирзо Насруллоро бо тамоми аҳли оилааш табъид бадарға ва ҳабс карда, баъдтар ҳамаашонро бо ҳукми амир ба қатл расониданд. Дар таърихи 31-уми июли соли 1917 Шарифҷон Махдуми Садри Зиёро низ (ҳарчанд ӯ аз рӯзи 8-уми апрел инҷониб дар мансаб набуд ва бемори бистарӣ буд) бо ҳукми амир аз вазифаи қозикалон озод карда, ба ҷойи ӯ Бурҳониддинро такроран таъйин карданд.


*Тахтапушти бараҳнаи С.Айнӣ баъди 75 зарбаи чӯб, ки бо ҳукми амири Бухоро иҷро гардидааст. (апрели соли 1917)*

Дар аморати Бухоро гурӯҳи иртиҷоъпарастон ғалабаи худро тантана мекарданд. Таъқиби на танҳо ҷавонбухороиён, балки хайрхоҳони онҳо низ давом дошт. Иртиҷоъпарастони аморат ҳатто аз мавқеъ ва амалиёти худи амир Олимхон доир ба масъалаи ислоҳот розӣ набуданд. Аз ҳамин сабаб онҳо аввали моҳи май масъалаи аз мансаби амир озод намудани Олимхон ва ба ҷойи ӯ таъйин кардани амакаш – беки Ғузор иртиҷоъпарасти ашаддӣ – Акрамхонро ба миён гузоштанд, вале ин гурӯҳ аз иқтидори ҳукумати Русия дар тарс буданд. Аз ин рӯ, онҳо нияти иваз намудани амирро амалӣ карда натавонистанд. Бо ҳамин ислоҳоти аз тарафи амир эълоншуда худ аз худ аз байн рафт. Ҳукумати амирии Бухоро дигар ба ин масъала барнагашт.

Воқеаҳои апрелии соли 1917-и Бухоро ба баъзе ҷавонбухороиён таъсири ҷиддӣ расонид. Онҳо дигар ба ислоҳ шудани ҳукумати амирӣ бовар надоштанд. Масалан, ҳанӯз дар моҳи апрели соли 1917 Фатҳуллохоҷа ном шахс дар маҷлиси гурӯҳи ҷавонбухороиёни Бухорои Нав масъалаи «ҳатман тайёр намудани шӯриши ароқноки бухороиён»-ро ба миён гузоштааст. Ин гурӯҳ дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ баъзан «ҷавонбухороиёни ашаддӣ» ном бурда мешавад.

**Сарчашма:**

Асли фармони ислоҳоте, ки амир Олимхон 7-уми апрели соли 1917 эълон кардааст:

«Ҳувалмустаон!

Манфиат ва хайрияти умуми фуқарои худро малҳузи хотир гардонида, ибтидо ба ризои умум ва хоҳиши миллат намуда, иқдомот менамоем, ки идораҳои ҳукумати мо бо ислоҳоти васеъ, бар вақфи тартиб иҷро гардида, рафторҳои худсарона ва афъоли собиқонаро барҳам диҳонем. Гӯшзади хотири фуқарои худ мегардонем, ки ҷамеи ислоҳот ва табаддулоти идораҳои ҳукуматии мо бар вақфи шаръи шариф шуда, орзу дорем, ки умуми фуқарои мо ба ин тариқа иқдомати мо ёрмандӣ ва ионатрасон бошанд, ки ба нури улум зуҳури тамаддун ва тараққӣ гардида, боиси зиё ва анвори Бухоро гардад.

Аввало, иқдомоти мо барои ислоҳи қозихонаҳо ва истифо (пардохти молиёт – андоз) ва ахзи ҳиссатулхироҷ ва закот ва дигар ҳаққи султонӣ ва тараққии саноат ва тиҷорати мамлакат махсус бо давлати қавишавкати Русия буда ва ба ҷомеи амалдорон ва маъмурин ва хидматгорони давлатхона мавоҷиби махсуси муайян муқаррар карда, барои бар сабили адл хидматгузор шудани онҳо муфаттиши махсус таъйин намуда ва дигар тариқи инъомоти собиқ ҳар кадом фарохури ҳолашон доштаро масдуд намудем. Мо бояд ҷамеи иқдомату тарвиҷ ва тараққии улум ва фунуни худро бар вақфи шаръи шариф ба амал оваронем ва барои манофеъ ва осоиши раиягони худ, ки ба пойтахти мо истиқомат доранд, хоҳиш дорем, ки умуми миллати сокинини пойтахт аз байни худҳошон ашхоси соҳибмашварат ва мунавварулафкорро интихоб намуда, таъсис ва ташкили маҷлис карда, барои ислоҳот ва тараққиёт ва танзим ва ҳифзуссиҳҳои пойтахт саъй ва иҷтиҳод намоянд.

Алвақт лозим медонем, ки албатта, як хазинахонаи ҳукуматӣ кушода, қарор медиҳем, ки ҳисоби харҷ ва мадохили муайяни мамлакатро ба давлатхонаи мо лозим ва зарур гардонад.

Барои умуми раиягони мо лозим дониста, хусус ҷамеи иҷтиҳодат ва умуратро ба вақташ табъ кунонда, ба мамлакати Бухоро барои хайрият ва баҳраманд гардидан нашр карда мешавад, чунки матбаа барои табъ кунонидани таснифот ва таълифот ва нашриёт ва ахбор манофеи умум гардида ва ахбори заруриро бухороиён иттилоъ меёбанд. Зоти мо барои фуқарои худ базли ҳиммат ва саъйи мавфур дорем, ки дар оянда иҷрои умурати идораҳои ҳукуматии мо ба қадри лозимаи муайян

мегардидааш ба машварати ҷамъият ҷорӣ шуда, ба манофеи фуқарои мо шавад.

Бинобар сабаби хушбахтии мусовоти ҳомии мо, ки давлати қавишавкати Русияанд, зоти мо раъй дорем, ки аз маҳбусони ба ҳабсхонаамон хобида ба ризои фуқарои ватани маълуф маҳбусҳо аз қайд мураххас мегардонем.

Явми ҷумъа, 28-и ҷамодиюссонии санаи 1335 ҳиҷрӣ».

(Ниг.: Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро.– Душанбе, 1987. С.153 – 154)

С.Айнӣ дар бораи аз ислоҳот даст кашидани амир Олимхон навиштааст: «... амир дар фикри ҳарчи зудтар гардонда гирифтани он фармони манҳус буд. Ӯ аз тарафи Ҳукумати Муваққатӣ хотирҷамъ шуда, фармони ислоҳот бароварда, дар назди афкори умумӣ низ вазифаи худро ба ҷо оварда буд. Ба амир барои пас гирифтани ин фармон баҳонае лозим буд. Азбаски аксулҳаракат ба сабаби намоиши ҷавонон сар шудааст, тамоми масъулият ба ҷавонҳо меафтод. Ин ҳам аз омади толеи амир буд. Барои ҳамин, амир бо сар шудани балво ба ҳабс кардани ҷавонон фармони умумӣ дод». (Ниг.: Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. С.164).

**Санаҳои муҳим:**

1917, 4-уми апрел – аз тарафи Ҳукумати Муваққатии Русия тасдиқ гардидани лоиҳаи ислоҳоти пешниҳодкардаи амири Бухоро.

1917, 7-уми апрел – лоиҳаи фармони ислоҳот аз тарафи ҳукумати амирӣ эълон карда шуд.

1917, 8-уми апрел – намоиши шукронаи ҷавонбухороиён ба муносибати эълони лоиҳаи фармони ислоҳот ва пароканда гардидани он.

1917, 8 – 9-уми апрел – аз тарафи ҳукумати амирӣ ҳабс карда шудани фаъолони намоиш ва ҷавонбухороиён.

1917, 15-уми апрел – маъзул гардидани қӯшбегӣ Мирзо Насрулло ва ба ҷойи ӯ таъйин шудани Мирзо Низомиддинхоҷаи урганҷӣ.

1917, 31-уми июл – маъзул шудани қозикалон Шарифҷон Махдуми Садри Зиё ва ба ҷойи ӯ такроран таъйин гардидани Бурҳониддин.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Лоиҳаи фармони ислоҳоти амир кай эълон карда шуд? 2) Мазмуни лоиҳаи фармони ислоҳоти эълонкардаи амир аз чӣ иборат буд? 3) Чаро ҷавонбухороиён ба муносибати эълони лоиҳаи фармони ислоҳоти амир намоиши шукрона ташкил карданд? 4) Ҳангоми намоиш ҷавонбухороиён чӣ гуна шиорҳо доштанд ва муқобилони ислоҳот чӣ гуна ташвиқот бурданд? 5) Иштирокчиёни намоиш аз ҳар ду тараф, яъне ҳам тарафдорон ва ҳам муқобилон киҳо буданд? 6) Чаро амир ва қушбегӣ якбора ба тарафи муқобилони ислоҳот ва намоиш гузаштанд? 7) Он намоиш бо чӣ анҷом ёфт? 8) Тақдири лоиҳаи фармони ислоҳоти эълонкардаи амир ва гузаштҳои ӯ чӣ шуд? 9) §§ 34 ва 48-ро такрор кунед; 10) Ба расмҳо аҳамият дода, маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** аз тарафи амир Олимхон эълон гардидани лоиҳаи ислоҳот ва бахшида ба он аз тарафи ҷавонбухороиён ташкил намудани намоиши шукрона, вале ба тарафи муқобилони ислоҳот гузаштани ҳукумати амирӣ ва оқибатҳои онро дуруст шарҳ дода тавонанд.

# БОБИ 14
# ҒАЛАБАИ ИНҚИЛОБИ ОКТЯБР ДАР РУСИЯ ВА БАРПО КАРДА ШУДАНИ ҲОКИМИЯТИ ШӮРАВӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШИМОЛӢ ВА БАДАХШОН

## §§ 50 – 51 БАРҚАРОР ШУДАНИ ҲОКИМИЯТИ ШӮРАВӢ ДАР УЕЗДИ ХУҶАНД ВА БОЛООБИ ЗАРАФШОН

**Ғалабаи Инқилоби октябр дар Петроград.** Дар Русия баъди ба охир расидани дуҳокимиятӣ ва яккаҳукмрон гардидани Ҳукумати Муваққатӣ ҳам (аз аввали моҳи июли соли 1917) вазъият беҳтар нагардид. Ҷанги якуми ҷаҳонӣ, ки Русия яке аз иштирокчиёни фаъоли он буд, давом дошт. Дар мамлакат мисли пештара гуруснагӣ, беқурбшавии пул ҳукмфармоӣ мекард. Ин боиси норизоии на танҳо мардум, балки аскарони рус низ гардид. Чунин вазъият аз хусуси дар Русия сабзида расидани нишонаҳои шӯриши навбатӣ дарак медод. Махсусан, дар маркази империя – шаҳри Петроград хавфи таркиш эҳсос мешуд.

Ҳизби Болшевикии Русия аз вазъияти бавуҷудомада ба хубӣ истифода кард. Он ягона ҳизбе буд, ки бо Ҳукумати Муваққатӣ созиш накард ва созиш кардан ҳам намехост. Баръакс, баъди воқеаҳои июлии соли 1917 дар Петроград (тирборон карда шудани намоиши осоиштаи коргарон ва поён ёфтани дуҳокимиятӣ) Ҳизби Болшевикӣ бо мақсади гирифтани ҳокимият мардумро ба шӯриши навбатии мусаллаҳона даъват мекард.

Дар санаи 24-уми октябри соли 1917 шӯриш дар Петроград сар шуд. Ба он дар қатори коргарон, инчунин, аскарони аз сиёсати Ҳукумати Муваққатӣ норозӣ иштирок намуданд. Сарварии шӯриш аз лаҳзаҳои аввал ба ихтиёри Ҳизби Болшевикӣ гузашт. Дар ин роҳ ба болшевикон танҳо эсерҳои чап ва меншевикҳои чап то андозае хайрхоҳ буданд. Ҳизбҳои дигар: эсерони рост ва меншевикони рост, октябристҳо, прогрессистҳо, кадетҳо, трудовикҳо, иттифоқи халқи рус, натсионалистҳо ва сотсиалистони халқӣ ҳам дар атрофи Ҳукумати Муваққатӣ муттаҳид шуда, муқобили ҳар гуна шӯриш буданд. Вале муттаҳидии онҳо дигар Ҳукумати Муваққатиро наҷот дода натавонист.

Шаби 24-ум ба 25-уми октябр дар Петроград тамоми пулҳои дарёи Нева, вокзалҳои роҳи оҳан, телеграф, телефон, почтамт,

истгоҳи барқӣ, Бонки давлатӣ ва ғайраро шӯришгарон ишғол намуданд. Ниҳоят, шаби 25-ум ба 26-уми октябр (соати дую даҳ дақиқаи шаби 26-уми октябр) қароргоҳи Ҳукумати Муваққатии Русия – Қасри Зимистона (ҳоло осорхонаи Эрмитаж) низ ба дасти шӯришгарон гузашт. Аксари аъзои он ҳабс карда шуданд. Дар Петроград ҳокимият ба ихтиёри Кумитаи Ҳарбии Инқилобӣ, ки аз тарафи Ҳизби Болшевикӣ дар арафаи оғози шӯриш ташкил карда шуда буд, гузашт.



*В.И.Ленин. Портрет. Асосгузори Ҳизби Болшевикии Русия ва Давлати Шӯравӣ.*

Дар санаи 24-уми октябр, соати 22.40 дақиқаи бегоҳӣ дар қасри Смолнийи Петроград Анҷумани II Умумирусиягии шӯроҳои намояндагони коргарон ва аскарон ба кори худ шурӯъ намуда, таҳти назорати Ҳизби Болшевикӣ мегузашт. Аз ин рӯ, 25-уми октябр (бо санаи нав 7-уми ноябр)[3] -ро ҳамчун рӯзи ғалабаи Инқилоби Октябр ва бунёди Ҳокимияти Шӯравӣ ҷашн мегирифтанд.

Дар таърихи 24-уми октябр анҷумани номбурда сарнагун гардидани Ҳукумати Муваққатиро эълон кард. Ҳокимияти Шӯравӣ – Шӯрои Комиссарони Халқӣ (ШКХ) бо сарварии В.И.Ленин ба сари қудрат омад. Анҷумани мазкур санадҳои барои мардуми Русия ҳаётан зарур – «Декрет дар бораи сулҳ» ва «Декрет дар бораи замин»-ро қабул кард. Мувофиқи санади аввала, Русия бояд аз ҷанги харобиовари ҷаҳон баромада, мардум ба ҳаёти осоишта бармегашт. Дар асоси санади дуюм замин ба деҳқонон барои истифодаи доимӣ дода мешуд.

Анҷуман қарор қабул кард, ки дар тамоми сарзамини Русия, аз ҷумла, кишвари Туркистон, ҳокимият бояд ба ихтиёри шӯроҳои намояндагии коргарон ва аскарони маҳаллӣ гузарад. Вале на дар ҳамаи шаҳру вилоятҳои Русия ин қарорро хуш пазируфтанд. Дар баъзе маҳалҳо тарафдорони Ҳукумати Муваққатӣ барои бунёди ҳокимияти нав – шӯравӣ муқобилати сахт нишон медоданд. Чунин муқобилат дар маркази кишвари Туркистон – шаҳри Тошканд низ дида мешуд.

**Ғалабаи шӯриш дар Тошканд.** Шӯриш дар Тошканд 28-уми октябри соли 1917 сар шуд. Бо ташаббуси болшевикон барои

3. 14-уми феврали соли 1918 дар Русияи Шӯравӣ ба солшумории григорянӣ гузаштанд, ки он аз солшумории пештараи Русия 13 рӯз фарқ мекунад.

сарварӣ кардан ба шӯриш Кумитаи Инқилобӣ ташкил ёфт. Сарвари Кумитаи Туркистонии Ҳукумати Муваққатӣ генерал Кравченко дар шаҳри Тошканд кофӣ набудани қувваи ба худ содиқро эҳсос намуда, ба муқобили шӯришгарон аз Фарғона сарбоз даъват намуд. Аз чунин мақсади ӯ болшевикони Хуҷанд огоҳ гардида, барои он ки қувваҳои ҳарбӣ аз Фарғона ба Тошканд рафта натавонанд, аз 28-уми октябр то 2-юми ноябр ҳаракати поездҳоро дар истгоҳи роҳи оҳани Хуҷанд қатъ карданд. Дар натиҷа, сарвари Ҳукумати Муваққатии кишвар аз кумаки аскарони ба худ содиқ маҳрум гардид. Бинобар ин, ба вай лозим омад, ки барои саркӯб намудани шӯриш асосан, ба қувваҳои дар шаҳри Тошканд буда такя намояд.

Дар Тошканд чор рӯз (аз 28-уми октябр то 1-уми ноябр) ҷангҳои шадид ба амал омад. Болшевикони Тошканд тавонистанд, ки ба аскарони мусаллаҳи генерал Кравченко аз ҳисоби мардум қувваи бисёрро муқобил гузоранд. Ниҳоят, 1-уми ноябр (ба тақвими нав 14-уми ноябр) ҳокимият дар Тошканд ба ихтиёри Кумитаи Инқилобӣ гузашт. Худи ҳамон рӯз аз тарафи Шӯрои намояндагии коргарон ва аскарони Тошканд мурожиатномаи «Ба мардум!» бароварда шуд. Тавассути он дар кишвари Туркистон ба ихтиёри Шӯрои кишварӣ ва Кумитаи иҷроияи Шӯрои шаҳрии намояндагии коргарон ва аскарон гузаштани ҳокимият эълон карда шуд. Баробари оғози шӯриш дар истгоҳи роҳи оҳани Урсатевск (Хавос) ва Драгомирово ҳокимият ба ихтиёри Кумитаи Инқилобӣ гузашт. Дар конҳои Сулукта ва Шӯроб, кони нафти САНТО шӯроҳо бе ҳеч муқобилат ба ҳокимият соҳиб шуданд.

Аз 15-ум то 22-юми ноябри соли 1917 дар шаҳри Тошканд Анҷумани III шӯроҳои намояндагии коргарон ва аскарони кишвар барпо гашт. Анҷуман баъди кашмакашҳои хеле зиёд доир ба дар кишвари Туркистон барпо гардидани Ҳокимияти Шӯравӣ қарор қабул кард. Яке аз масъалаҳои муҳимтарине, ки анҷуман баррасӣ кард, ташкили ҳокимияти кишварӣ буд. Ниҳоят, бо пешниҳоди муштараки болшевикон ва максималистон[4] аввалин ҳокимияти шӯравии кишвари Туркистон дар шакли Шӯрои Комиссарони Халқӣ (ШКХ) ташкил ёфт. Раиси он болшевик Ф.И. Колесов интихоб гардид.

4. **Максималистон** – гурӯҳе, ки ҳанӯз соли 1904 дар ҳизби эсерҳо ба вуҷуд омада буд.

**Ба ихтиёри шӯроҳо гузаштани ҳокимият дар Хуҷанд.** Дар арафаи Инқилоби Октябр уезди Хуҷанд ҳанӯз ҳам ба ҳайати вилояти Самарқанд дохил мешуд. Бинобар ин, ҳалли тақдири ҳокимият дар ин маркази уездӣ ба тақдири ҳокимияти вилоятӣ, яъне Самарқанд, вобастагӣ дошт. Шӯроҳои Хуҷанд ва Самарқанд нисбатан сернуфуз ва асосан дар ихтиёри эсерҳо ва меншевикон буданд. Болшевикон асосан дар байни коргарон ва хизматчиёни роҳи оҳани Самарқанд нуфузи зиёд доштанд.

Дар санаи 31-уми октябр коргарон ва хизматчиёни ин истгоҳ дар ҷамъомади умумии худ иборат аз 10 нафар Кумитаи Инқилобӣ ташкил намуданд, вале ин кумита аз тарафи шӯроҳо ва дигар ҳизбҳои Самарқанд дастгирӣ наёфт. Зеро меншевикҳо ва эсерҳои ин шаҳр, ки шӯроҳои шаҳрӣ ва вилоятиро дар ихтиёр доштанд, аз гирифтани ҳокимият худдорӣ карданд. Аммо эсеру меншевикҳои Хуҷанд бар хилофи мавқеи эсеру меншевикҳои Самарқанд ҳокимиятро ба дасти худ гирифтанд.

Дар таърихи 11-уми ноябри соли 1917 дар Хуҷанд Маҷлиси васеи шӯроҳои намояндагии коргарон ва аскарон якҷо бо намояндагони Иттифоқи заҳматкашон, Думаи шаҳрӣ ва кумитаҳои иҷроияи волостҳои Қистакӯз ва Унҷӣ барпо гардид. Ин ҷамъомад дар шаҳр ва уезди Хуҷанд ба ихтиёри Шӯроҳо гузаштани ҳокимиятро эълон карда, ба тарафдории дар кишвари Туркистон барпо карда шудани ҳокимияти шӯроҳо овоз дод. Худи ҳамон рӯз Шӯрои шаҳрии Хуҷанд дар шаҳр ҳокимиятро ба дасти худ гирифт. Дар ин Шӯро аксариятро аъзои ҳизбҳои эсерҳо ва меншевикҳо ташкил мекарданд. Сарвари шӯроҳои Хуҷанд низ узви ҳизби эсерҳо Т.Тараненко буд.

Дар ибтидо (яъне аз ноябри соли 1917 то марти соли 1918) муносибати байни ҳокимияти марказии болшевикии кишвар бо ҳокимият (шӯроҳо)-и эсеру меншевикии Хуҷанд чандон самимӣ набуд. Бинобар ин, ҳукумати кишвар барои дар Хуҷанд ҷорӣ намудани сиёсати худ бештар ба фраксияи болшевикон такя мекард.

Болшевикони Хуҷанд ба қувваи аскарони сурх такя намуда, баробари маҳви «Мухторияти Хӯқанд» (22-юми феврали соли 1918) ба иттифоқчиёну пайравони он – Шӯрои Исломия ва Шӯрои Уламои Хуҷанд низ зарбаи қатъӣ зада, мавқеи эсеру меншевиконро хеле маҳдуд намуданд. Моҳи марти соли 1918 бо ташаббуси болшевик (узви шӯрои кишварӣ) И.Калугин ҳайати нави Шӯрои намояндагони Хуҷанд ташкил гардид. Акнун он

махсусан, аз ҳисоби аъзои Иттифоқи заҳматкашон меафзуд. Худи Шӯро ҳам минбаъд номи Шӯрои намояндагии коргарон, аскарон, мусулмонон ва деҳқонони Хуҷандро гирифт. Ба он Г.Стерлингов (сардари маҳаллии эсерони чап) ҳамчун раис ва муовинони ӯ болшевикон: Е.А.Иванитский ва Ҷӯра Шокаримов интихоб шуданд. Ин маънои онро дошт, ки Шӯрои Хуҷанд ба мавқеи болшевикӣ гузаштааст.

Дар Хуҷанд ва аксари маркази волостҳои он (ғайр аз Ӯротеппа ва то андозае Қистакӯз), аз ҷумла дар Унҷӣ, Ғӯлакандоз, Нов, Исфана, Чапқулоқ, Бокса-Себиргон, Сретен, Уралск (Дилварзин) аз ноябри соли 1917 то апрели соли 1918 тартиботи шӯравӣ ба тарзи осоишта барқарор карда шуд

**Барпо шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Ӯротеппа ва Мастчоҳ.** Дар арафаи бунёд карда шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Ӯротеппа ва ноҳияҳои атрофи он вазъият чандон мураккаб набуд, баръакс, то андозае оромӣ ҳукмфармоӣ мекард. Ба ноҳияи Ӯротеппа волостҳои Ӯротеппа, Ғончӣ, Шаҳристон, Басманда, Далён ва Мастчоҳ, ки то моҳи майи соли 1919 дар ҳайати уезди Хуҷанд буданд, дохил мешуданд. Дар худи Ӯротеппа ҳокимият моҳи ноябри соли 1917 ба шӯрои маҳаллӣ, ки дар ихтиёри эсеру меншевикҳо буд, гузашт. Аз моҳи ноябри соли 1917 то моҳи марти соли 1918 дар волостҳои Шаҳристон, Басманда, Далён, Мастчоҳ ва Ғончӣ ҳам ба ихтиёри шӯроҳои маҳаллӣ гузаштани ҳокимият эълон гардид. Аммо дар баъзеи ин маҳалҳо, аз ҷумла дар Ӯротеппа, Ҳокимияти Шӯравӣ ҳанӯз амалан бунёд нагардида, ба зудӣ сарнагун гардид.

Шӯрои шаҳри Ӯротеппа баробари ба даст гирифтани ҳокимият аз маркази кишвар – шаҳри Тошканд супориш гирифт, ки барои наҷоти мардум аз гуруснагӣ (кишвари Туркистонро кайҳо фаро гирифта буд) маъракаи мусодираи ғалла гузаронад. Дар натиҷаи ин тадбир ғаллаи мардум дар бозор ва аз дукону хонаашон мусодира карда мешуд. Чунин тадбир дар шаҳр вазъиятро хеле мураккаб гардонид. Худи аъзои Шӯро, ки асосан аз ҷумлаи эсеру меншевикон ва пайравони онҳо буданд, чандон хоҳиши иҷрои ин супоришро надоштанд. Нуфузи болшевикон ҳанӯз ҳам дар ин ҷо назаррас набуд.

Ташкилоти маҳаллии Шӯрои Исломия аз вазъияти баамаломада истифода карда, Думаи шаҳриро аз нав барқарор кард. Бо ташаббуси ташкилоти маҳаллии Шӯрои Уламо ҷамъияти маънавии диние бо номи «Нури Ислом» бунёд гардид. Аъзои он

рӯйрост ба муқобили сиёсати мусодиракунии ғалла баромаданд. Дар шаҳр як муддат на танҳо вазъи ба дуҳокимиятӣ хос, яъне аз як тараф Комиҷроияи шӯроҳо ва аз тарафи дигар Думаи шаҳрӣ, балки беҳокимиятию бесарусомонӣ низ ҳукмфармо гардид.

Вазъияти дар шаҳри Ӯротеппа баамаломада русзабонҳои шаҳрро ба воҳима андохт. Сарварони онҳо 4-уми феврали соли 1918 ба Комиҷроияи шӯроҳои маҳаллӣ (яъне Шӯрои намояндагии коргарон ва аскарон) муроҷиат карда, барои муҳофизати худ аслиҳа хостанд. Дар Комиҷроияи шаҳр, ки чун Шӯрои маҳаллӣ аксариятро эсеру меншевикҳо ташкил медоданд, ин дархостро маъқул шумориданд.

Дар санаи 18-уми феврали соли 1918 бо пешниҳоди судяи шаҳри Ӯротеппа монархист В.И.Владимиров маҷлиси муштараки шаҳрвандон ва аскарони русзабон ҷамъ омад ва дар он қарор карда шуд, ки барои таъмини амнияти русзабонҳои Ӯротеппа аз ҳисоби мардони русзабон дружинаи халқӣ ташкил дода шавад. Чун органи роҳбарикунанда Шӯрои дружинаро иборат аз панҷ нафар интихоб намуданд. Ба ҳайати ин Шӯро комиссари маҳаллӣ Шомирзо Шокаримбоевро, ки забони русиро медонист, низ дохил карданд. Ҳамин тавр, ташкилоти аксулинқилобии «Дружинаи халқии рус» ба вуҷуд омад. Мақсади асосии ин дружина дар баробари таъмини амнияти русзабонҳо, соҳиб шудан ба ҳокимият низ буд.

Дружиначиёни Ӯротеппа дар ҳайати ҳукумати кишвари Туркистон дар симои комиссари халқӣ оид ба корҳои шаҳрвандӣ ва маъмурӣ Агапов такягоҳи боэътимоде доштанд. Агапов аз номи раиси Шӯрои Комиссарони Халқии Туркистон фармонеро имзо кард, ки мувофиқи он, дар Ӯротеппа ҳокимият пурра ба ихтиёри дружина мегузашт.

Дар санаи 13-уми апрели соли 1918 дар бинои Думаи шаҳрӣ маҷлиси дружиначиён ва тарафдорони онҳо барпо гардид. Дар он доир ба барҳам додани Шӯрои намояндагии коргарон ва аскарони Ӯротеппа қарор қабул карда шуд. Комиҷроияи шӯрои шаҳр, ки аксари кормандонаш ҳанӯз ҳам дар мавқеи эсеру меншевикҳо буданд, ба муқобилати болшевикон аҳамият надода, ба якҷоя шудан бо «Дружинаи халқии рус» ризоят доданд. Ҳамин тавр, дар шаҳри Ӯротеппа Ҳокимияти Шӯравӣ расман барҳам хӯрд.

Моҳи майи соли 1918 бо ташаббуси болшевикони Ӯротеппа, аз ҳисоби мухолифони дружиначиён Ҳизби Коргарон ва Деҳқонони Мусалмон бунёд гардид. Онҳо Шӯрои намояндагии

коргарон ва деҳқононро низ аз нав ташкил карданд. Мақсади асосии ин ташкилотҳо аз нав барқарор намудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Ӯротеппа буд. Бо ин мақсад ҳизби нав мардумро ташвиқ мекард, ки барои дар Ӯротеппа ба ихтиёри Шӯрои намояндагии коргарон ва деҳқонон гузаштани ҳокимият ба мубориза бархезанд. Дар натиҷа муқобилони Ҳокимияти Шӯравӣ дар атрофи Шӯрои дружина ва тарафдорони Ҳокимияти Шӯравӣ дар атрофи Шӯрои намояндагии коргарон ва деҳқонон ҷамъ омада буданд. Чунин вазъ аз он гувоҳӣ медод, ки дар Ӯротеппа боз дуҳокимиятии нав ба вуҷуд омадааст.

Дар таърихи 8-уми июли соли 1918 аз Хуҷанд ба Ӯротеппа қисмҳои аскарони сурх фиристода шуданд ва онҳо худи ҳамон рӯз шаҳрро таҳти назорат гирифтанд. Шӯрои дружиначиён пароканда карда шуд. 10-уми июл ба ихтиёри Шӯрои намояндагии коргарон ва деҳқонон гузаштани тамоми ҳокимият дар Ӯротеппа эълон карда шуд. Ҳамин тавр, Ҳокимияти Шӯравӣ дар Ӯротеппа аз нав барқарор карда шуд.

Баъди аз нав барқарор гардидани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Ӯротеппа, дар назди ҳукуматдорони кишвари Туркистон ҳалли масъалаи Мастчоҳ ба миён омад, зеро дар ин гӯшаи дурдаст Ҳокимияти Шӯравӣ вуҷуд надошт.

Моҳи феврали соли 1918 дар Мастчоҳ низ ба ҷойи комиссари волостии собиқ Ҳукумати Муваққатӣ ташкил ёфтани Кумитаи иҷроияи шӯравиро эълон карданд. Тобистон дар ин ҷо ҳам маъракаи аз мардуми доро ва миёнаҳол ситондани ғалла (чунонки дар Ӯротеппа буд) яке аз сабабҳои асосии аз байн рафтани Ҳокимияти Шӯравӣ гардид. Моҳи сентябр бо ташаббуси намояндаи Кумитаи иҷроияи вилояти Самарқанд Чечевичкин Кумитаи иҷроияи волости Мастчоҳ таъсис ёфт, ки он танҳо деҳаҳои поёнӣ (қисми ғарбӣ)-и волостро дарбар мегирифт. Қисми болоӣ (шарқӣ)-и Мастчоҳ аз ин воқеаҳо бехабар буданд. Раиси комиҷроияи волости Мастчоҳ Исо Олимбоеви ӯротеппагӣ, ки худ дар мавқеи зиддишӯравӣ меистод, интихоб гардид.

Моҳи ноябри соли 1918 дар Мастчоҳ исёни зиддишӯравӣ ба амал омад, ки яке аз ташаббускорони он Исо Олимбоев буд. Шӯришгарон Ҳокимияти Шӯравиро дар Мастчоҳ сарнагун намуданд. Баъди дар Ӯротеппа сарнагун карда шудани «дружиначиён», аз Ӯротеппа ба сӯйи Мастчоҳ бо мақсади аз нав барқарор намудани Ҳокимияти Шӯравӣ бо сарварии С.Я.Хохлов

ба воситаи ағбаҳои Камодон ва Оббурдон отряди махсуси бистнафараи аскарони сурх фиристода шуд. Вале ин отряд дар наздикии деҳаҳои Мадрушкат ва Ревомутк аз тарафи мастчоҳиён торумор карда шуд. Баъди ин аз Хуҷанд бо сарварии раиси Комиҷроияи уезди Хуҷанд Тихонов як отряди 56-нафара ба сӯйи Мастчоҳ раҳсипор гардид. Аз Самарқанд низ ба сӯйи Мастчоҳ отряди дигаре бо сарварии Н.А. Силченко ба роҳ баромад.

Бо мақсади пешгирӣ аз хунрезӣ Кумитаи ҳарбии инқилобии Ӯротеппа қарор кард, ки бо қувваҳои зиддишӯравии Мастчоҳ роҳи мусолиҳаро пеш гирад. Дар санаи 30-юми ноябр дар деҳаи Овчӣ гуфтушуниди тарафайн барпо шуда, сулҳ имзо гардид. Мастчоҳиён ваъда доданд, ки Ҳокимияти Шӯравиро эътироф намуда, ба хуруҷҳои зиддишӯравӣ хотима медиҳанд.

**Барпо шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Ашт.** Бунёди Ҳокимияти Шӯравӣ на танҳо дар волости Ашт, балки дар Исфараю Конибодом ҳам, ки ба вилояти Фарғона дохил мешуданд, ба воқеаҳои дар ин вилоят рӯйдода сахт вобастагӣ дошт. То моҳи декабри соли 1917 аксари ноҳияҳои ин вилоят, аз ҷумла волостҳои номбурда, ба доираи идоракунии Мухторияти Хӯқанд дохил мешуданд. Танҳо дар конҳои нафти САНТО ва ангишти Шӯроб моҳи ноябр Ҳокимияти Шӯравӣ барқарор карда шуд. 6-уми декабр дар натиҷаи амалиёти ҷангии қисмҳои аскарони сурх маркази вилояти Фарғона – шаҳри Скобелев (шаҳри Фарғонаи имрӯза) ба ихтиёри Ҳокимияти Шӯравии Туркистон гузашт.

Дар санаи 6–7-уми декабр дар шаҳри Скобелев Анҷумани шӯроҳои намояндагии коргарон, аскарон ва мусалмонони вилояти Фарғона барпо гардид. Ин анҷуман дар тамоми қаламрави вилоят ба ихтиёри шӯроҳо гузаштани ҳокимиятро эълон кард, вале ин қарор (аз ноҳияҳои номбурда) танҳо дар ҳудуди волости Ашт амалӣ гардид, зеро дар Ашт нуфузи Шӯрои Исломия ва Шӯрои Уламо нисбатан суст буд. Ғайр аз ин, волости Ашт аз маркази мухториятчиён – шаҳри Хӯқанд нисбатан дур буд. Амалӣ намудани қарори анҷуман дар ҳудуди ин волост ба ягон муқобилат дучор наомад. Ин чунин маъно дошт, ки дар волости Ашт, бо вуҷуди нуфузи зиёд надоштани болшевикон, Ҳокимияти Шӯравӣ ба таври осоишта барқарор карда шудааст. Волостҳои Исфараю Конибодом минбаъд ҳам то охири феврали соли 1918 дар ҳайати Мухторияти Хӯқанд монданд.

**Барпо шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар болооби Зарафшон.** Истиқрори тартиботи шӯравӣ дар мулкҳои болооби Зарафшон,

ки аз волостҳои Панҷакент, Фалғар, Мастчоҳ, Искодар, Моғиён, Зарафшон, Фороб, Офтобрӯ ва Киштут иборат буд, ба вазъи Самарқанд вобастагии қавӣ дошт. Аз волостҳои номбурда танҳо Мастчоҳ аз ҷиҳати маъмурӣ ба воситаи Ӯротеппа ба уезди Хуҷанд дохил мешуд. Волостҳои боқимонда якҷоя минтақаи Панҷакентро ташкил дода, ба ҳайати уезди Самарқанди вилояти Самарқанд шомил буданд.

Дар санаи 13-уми декабри соли 1917 дар шаҳри Самарқанд Анҷумани II шӯроҳои вилоятӣ ба кор шурӯъ намуд ва дар тамоми ҳудуди вилоят ба ихтиёри шӯроҳо гузаштани ҳокимиятро эълон кард. Дар ҳамин моҳ Кумитаи инқилобии Самарқанд намояндагони Ҳукумати Муваққатиро, ки ҳанӯз дар болооби Зарафшон сарварони волостҳо буданд, аз вазифаҳояшон озод карда, барои бунёди Ҳукумати Шӯравӣ намояндагони худро фиристод.

Ҳамин тавр, моҳи декабри соли 1917 дар болооби Зарафшон, аз ҷумла, дар волостҳои Панҷакент, Фалғар, Искодар, Моғиёну Киштут, Фороб ва Офтобрӯ бе ягон муқобилати ҷиддӣ Ҳокимияти Шӯравӣ барпо карда шуд.

**Сарчашма:**

Дар хитобномаи Анҷумани II Умумирусиягии Шӯроҳо «Ба коргарон, солдатҳо ва деҳқонон!», ки 25-уми октябр (7-уми ноябр)-и соли 1917 қабул гардидааст, аз ҷумла гуфта мешавад: «Ҳокимияти Советӣ ба ҳамаи халқҳо сулҳи фаврии демократӣ ва дар ҳамаи фронтҳо муторакаи фаврӣ таклиф мекунад. Вай бепул ба ихтиёри кумитаҳои деҳқонон додани заминҳои помешикӣ, уделӣ ва монастириро таъмин менамояд, бо роҳи комилан демократикунонии армия ҳуқуқҳои солдатро ҳимоя мекунад, аз болои истеҳсолот назорати коргарӣ муқаррар менамояд, сари вақт даъват кардани Маҷлиси муассисонро таъмин менамояд, дар бораи ба шаҳрҳо расонда истодани ғалла ва ба деҳот расонда истодани зарууртарин маводи зиндагӣ ғамхорӣ мекунад, ба ҳамаи миллатҳои сокини Русия ҳуқуқи ҳақиқии худмуайянкуниро таъмин менамояд». (Ниг.: КПСС дар резолютсияҳо.Ҷилди 2, Душанбе, 1975. С.11).

**Санаҳои муҳим:**

1917, 25-уми октябр (7-уми ноябр) – ғалабаи Инқилоби Октябр дар Петроград ва бунёди Ҳокимияти Шӯравии болшевикӣ бо сарварии В.И. Ленин.

1917, 1 (14) -уми ноябр – ғалабаи шӯриш дар Тошканд.

1917, 11 (24)-уми ноябр – ба ихтиёри Шӯроҳо гузаштани ҳокимият дар Хуҷанд.

1917, 15 – 22-уми ноябр – Анҷумани III Шӯроҳои намояндагии коргарон ва аскарони кишвари Туркистон. Ташкил ёфтани ҳокимияти шӯравии кишвар дар шакли Шӯрои Комиссарони Халқӣ.

1917, ноябр-декабр – ба ихтиёри Шӯроҳо гузаштани ҳокимият дар волостҳои Ашт, Ӯротеппа, Панҷакент, Фалғар, Искодар, Моғиёну Киштут, Фороб ва Офтобрӯ.

1918, 14-уми феврал – ба солшумории григорянӣ гузаштани Русияи Шӯравӣ.

1918, 13-уми апрел – аз тарафи дружиначиён барҳам дода шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Ӯротеппа.

1918, 10-уми июл – аз нав барқарор карда шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Ӯротеппа.

1918 – ноябр – барҳам дода шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Мастчоҳ.

1918, 30-юми ноябр – имзои сулҳ дар деҳаи Овчӣ. Мувофиқи он аз тарафи мастчоҳиён эътироф карда шудани Ҳокимияти Шӯравӣ.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Дар бораи ғалабаи Инқилоби Октябр дар Петроград чӣ медонед ва дар натиҷаи ғалаба ҳокимият ба ихтиёри кӣ гузашт? 2) Шӯриш дар Тошканд чӣ тавр ғалаба кард? 3) Дар Хуҷанд чӣ тавр ҳокимият ба ихтиёри Шӯроҳо гузашт? 4) Сарварии Шӯроҳои Хуҷанд дар ихтиёри кадом ҳизбҳо буд? 5) Дар Ӯротеппа Ҳокимияти Шӯравӣ чӣ тавр барпо карда шуд? 6) Дружиначиёни Ӯротеппа киҳо буданд ва чӣ мехостанд? 7) Дар Мастчоҳ Ҳокимияти Шӯравӣ чӣ тавр барпо карда шуд? 8) Дар Ашт ҳокимият ба ихтиёри Шӯроҳо кай ва чӣ тавр гузашт? 9) Дар маҳалҳои болооби Зарафшон Ҳокимияти Шӯравӣ кай ва чӣ тавр барпо карда шуд? 10) §§ 46 ва 47-ро такрор кунед; 11) Маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** барқарор шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар уезди Хуҷанд ва болооби Зарафшонро дуруст шарҳ дода тавонанд.

## § 52. МУХТОРИЯТИ ХӮҚАНД

**Ба миён омадани масъалаи Мухторияти Туркистон.** Чуноне таъкид кардем, ғояи мухторияти Туркистон дар байни зиёиёни кишвар ҳанӯз то барҳам хӯрдани ҳукумати подшоҳӣ вуҷуд дошт. Он пас аз шӯриши миллию озодихоҳии соли 1916 дар Осиёи Марказӣ ва махсусан, баъд аз ғалабаи Инқилоби буржуазию демократии (феврали соли 1917) Русия боз бештар паҳн гардид. Дар маркази ин ҳаракат ташкилотҳои Шӯрои Исломия, Шӯрои Уламо, инчунин, ҷадидони Туркистон меистоданд, ки дар ҳайати худ қисми бузурги зиёиёни бедоргаштаи кишварро муттаҳид мекарданд. Аммо амалдорони Ҳукумати Муваққатии Русия чандон тарафдори фавран ба Туркистон додани ҳуқуқи мухторият набуданд, вале ин дархостро рад ҳам накарданд.

Моҳи сентябри соли 1917 дар шаҳри Тошканд Анҷумани III мусалмонони кишвари Туркистон ба тарафдории Мухторияти Туркистон қарор қабул кард. Дар анҷуман муносибати минбаъдаи Туркистону Русия низ муайян карда шуд. Мувофиқи он, Русия танҳо муҳофизати сарҳади Туркистонро ба уҳда дошта, ба корҳои дохилии он набояд дахолат мекард. Барои нигаҳдории оромии дохилӣ Мухторияти Туркистон бояд қӯшунҳои худро ташкил медод. Ба андешаи мухториятхоҳон, нуқтаи охирини ҳалли ин масъала Маҷлиси муассисони умумирусиягӣ ба ҳисоб мерафт.

Тарафдорони Мухторияти Туркистон умеди комил доштанд, ки Маҷлиси муассисони Умумирусиягӣ қарори Анҷумани III мусалмонони кишвари Туркистонро доир ба мухторият тасдиқ хоҳад кард, вале Инқилоби Октябр умеди онҳоро барбод дод. Ҳукумати Муваққатии Русия, ки бо он тарафдорони мухторият ҳамкорӣ доштанд, сарнагун карда шуд. Дар Русия ба сари ҳокимият болшевикон омаданд.

**Сабабҳои фаъолшавии мухториятхоҳон.** Дар санаи 2 (15)-уми ноябри соли 1917 аз тарафи Ҳокимияти Шӯравӣ «Эъломияи ҳуқуқи халқҳои Русия» ва 20-уми ноябр (3-юми декабр)-и ҳамон сол мурожиати он «Ба ҳамаи заҳматкашони мусалмони Русия ва Шарқ» интишор гардид. Ин санадҳо ба халқҳои собиқ мазлуми Русия ҳуқуқи мустақилии миллӣ, аз ҷумла мухторият дод, вале амалӣ гардидани он ҳуҷҷатҳо ба мавқеъ ва кордонии ҳукуматҳои маҳаллӣ вобаста буд.

Аммо ҳукумати навтаъсиси шӯравии Туркистон ақидаи мухториятро рад накард, вале дастгирӣ низ нанамуд. Яъне ба ақидаи он, ҳанӯз Туркистон гӯё ба мухторият омода набудааст. Чунин мавқеъ мухториятхоҳонро норозӣ намуд. Ба ақидаи онҳо, ҳокимияти марказии шӯравӣ (яъне Федератсияи Русия) гӯё дар асоси он санадҳо барои туркистониён ҳуқуқи мухториятро додааст, аммо ҳокимияти кишварӣ онро нахостааст. Бинобар ин, мухториятхоҳони кишвар фаъолтар амал карданро зарур шумориданд.

**Анҷумани мухториятхоҳон дар Хӯқанд, эълон гардидани Мухторияти Туркистон.** Дар таърихи 26-уми ноябр (9-уми декабр)-и соли 1917 дар шаҳри Хӯқанд Анҷумани IV таъҷилии мусалмонони кишвар, бо иштироки 205 намоянда ба кор шурӯъ кард. Дар Анҷуман намояндагони ғайримусалмон, аз ҷумла русҳо ва яҳудиҳо низ иштирок доштанд.

Дар санаи 27-уми ноябр (10-уми декабр) Анҷуман Мухторияти кишвари Туркистонро эълон кард. Дар қарори анҷуман аз ҷумла гуфта мешуд, ки «Анҷуман хоҳиши тамоми миллатҳои сокини Туркистонро оид ба худмуайянкунӣ, ки Инқилоби бузурги Русия (яъне Инқилоби Октябр – Н.Ҳ.) дод, ба инобат гирифта, Туркистонро ҳамчун сарзамини мухтор дар ҳайати Ҷумҳурии Демократии Федеративии Русия эълон намуда, (барои тасдиқ) ба Маҷлиси муассисони Туркистон пешниҳод мекунад». Анҷуман инчунин, муҳофизати манфиати миллатҳои камшумори кишварро низ эълон намуд. Яке аз роҳбарони фаъоли ҳизби миллии қазоқҳо – «Алаш-Урда», собиқ узви Кумитаи Туркистонии Ҳукумати Муваққатии Русия, пантуркисти ашаддӣ Мустафо Танишбоев сарвари Ҳукумати Муваққатии Мухторияти Туркистон таъйин гардид. Ба ҳайати ҳокимияти мухториятхоҳон намояндагони ширкатҳои машҳури тиҷоратию саноатӣ – Вадяев ва Потеляхов (ҳар ду намояндагони яҳудиёни маҳаллӣ) низ дохил шуданд. Мустафо Чоқай вазири корҳои хориҷӣ таъйин гардид.

Дар натиҷа, дар кишвари Туркистон дуҳокимиятии нав: ҳокимияти шӯравии Туркистон (марказаш дар Тошканд) ва дигаре ҳокимияти Мухторияти Туркистон (марказаш дар Хӯқанд) ба вуҷуд омад. Дувумӣ дар таърих бо номи «Мухторияти Хӯқанд» маълум аст.

**Тезутунд шудани муносибатҳои Ҳокимияти Шӯравии кишвари Туркистон ва мухториятхоҳон.** Дар таърихи 6-уми декабри

соли 1917 дар мадрасаи Бекларбегии шаҳри куҳнаи Тошканд бо ташаббуси Шӯрои Исломияи шаҳр чамъомади шаҳриён барпо гардид. Дар он қарор карда шуд, ки 13-уми декабр барои дастгирии ҳукумати мухториятхоҳон намоиш ташкил карда шавад. Бо ҳамин мақсад онҳо кумитаи ташкилӣ интихоб намуданд, ки он барои гузаронидани намоиш аз сарварони шаҳр иҷозат хост.

Намоиш дар рӯзи муайяншуда, яъне рӯзи иди мавлуди шарифи Муҳаммад-пайғамбар барпо гардид. Ҳукуматдорони Тошканд намоишро фақат дар қисми куҳнаи шаҳр – Ӯрда иҷозат доданд, вале он тамоми шаҳрро фаро гирифт. Дар он на танҳо мардуми таҳҷойӣ: тоҷикон, ӯзбекҳо, қазоқҳо ва ғайра, балки қариб 2–3 ҳазор нафар русу русзабонҳо низ фаъолона иштирок карданд. Мувофиқи нақша, намоишгарон бояд яке аз аксулинқилобиёни номӣ – Доррерро аз ҳабс озод намуда, дар Тошканд ба сари ҳокимият менишоданд. Вақте Доррер аз ҳабс озод карда шуд, бо супориши сарвари гарнизони Тошканд ба муқобили намоишчиён аз қувваи аскарон истифода карданд. Дар натиҷа намоиш пароканда гардид. Қариб 20 нафар, аз ҷумла 15 нафар мардуми маҳаллӣ ҳалок шуданд. Шӯрои Тошканд дар шаҳр вазъи ҳарбӣ эълон кард.

Умуман, мавҷудияти Ҳукумати Мухторияти Хӯқанд Ҳукумати Шӯравии Туркистонро ором нагузошт. Сарвари Ҳукумати кишвари Туркистони Шӯравӣ Ф.И.Колесов торумори «Мухторияти Хӯқанд»-ро, ки аввали декабри соли 1917 оғоз намуда буд, идома дод. Бо кумаки қисмҳои аскарони сурх 20-уми декабр дар Андиҷон, 28-уми декабр дар қисми нави шаҳри Хӯқанд (яъне Хӯқанди Нав) Ҳокимияти Шӯравӣ барпо гардид.

Ҳукумати мухториятхоҳон кӯшид, ки аз ҳисоби мардум сафи муҳофизони худро зиёд кунад, вале, аз як тараф, чунин хоҳишмандон хеле кам буданд, аз тарафи дигар, барои ин пули зиёд лозим буд, зеро Ҳукумати Шӯравии Туркистон ҳамаи пул ва коғазҳои қиматноки бонкҳои дар Хӯқанд бударо мусодира карда буд. Ҳамаи ин мушкилот, махсусан, мураккабии ҳолати молиявӣ, сарвари Ҳукумати муваққатии мухториятхоҳон Мустафо Танишбоевро маҷбур намуд, ки ба истеъфо равад. Ӯро Мустафо Чоқай иваз намуд.

Ҳукумати Мустафо Чоқай бо мақсади беҳтар гардонидани вазъияти молиявии Мухторият ба миқдори 30 млн сум (бо пули ҳамонвақта) заёми дохилӣ баровард, вале хоҳишмандони

харидани чунин заём хеле кам буданд. Аз ин рӯ онро маҷбуран, ҳатто бо зӯрӣ ба тоҷирони хурд, махсусан, ба дукондорон тақсим карданд. Чунин тадбир боиси норизоии тоҷирони хурди миллӣ гардид ва натиҷаи дилхоҳ надод.

Вақте ки аз ҳукумати Мустафо Чоқай ҳам умеди наҷот намонд, доираи болоии мухториятхоҳон Эргашро ба хизмат даъват намуда, ӯро сарфармондеҳи «қӯшунҳои ислом» таъйин карданд.

Дар санад 17-уми феврали соли 1918 дар шаҳри нави Хӯқанд гуфтушуниди тарафи шӯравӣ ва мухториятхоҳон баҳри сулҳ оғоз ёфт. Дар санаи 18-уми феврал низ гуфтушунид давом кард, вале дар ин рӯз Эргаш  баъзе аъзои ҳукумати мухториятхоҳ, аз ҷумла Мустафо Танишбоевро ҳабс намуд. Мустафо Чоқай ва баъзе аъзои ҳукумати ӯ фирор карданд. Эргашро, ки махсусан, аъзои Шӯрои Уламо дастгирӣ мекарданд, хони Хӯқанд эълон карданд. Ин ҳодиса дар таърих ҳамчун «табаддулоти уламо» ё худ «табаддулоти Эргаш» маълум аст.

**Маҳв карда шудани Мухторияти Хӯқанд. Барпо шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Исфара ва Конибодом.** Баъди табаддулоти Эргаш тарафи шӯравӣ идомаи музокираро бо  мухториятхоҳон нолозим шуморида, ба муқобили он амалиёти  ҷангӣ шурӯъ намуд. Дар санаи 19-уми феврал комиссари ҳарбии Туркистони шӯравӣ Е. Перфилев бо қувваи бузург ба Хӯқанд ҳозир шуд  ва бо фармони ӯ аз соати яки рӯз то нимаи шаб ба сӯйи шаҳри  куҳнаи Хӯқанд аз 12 тӯп оташ кушоданд.

Дар таърихи 20-уми феврал баъди тирпарронихои зиёд қисмҳои ҳарбии  дашнакҳои арманӣ вориди Хӯқанд шуданд. Онҳо асосан, мардумро ғорат  карданд. Эргаш бо назидикони худ гурехт. Дар санаи 21-уми феврал гуфтушуниди байни намояндагии шӯроҳо ва мухториятхоҳони мағлубшударо давом доданд. 22-юми феврал шартномаи тарафайн барои қатъ гардидани амалиёти ҷангӣ имзо карда шуд. Мувофиқи он, бесилоҳ гардонидани тамоми тарафдорони мухторият; аз тарафи мухториятхоҳон эътироф карда шудани Ҳукумати  Шӯравии кишвар ва ғайра дар назар дошта мешуд.

Бо ҳамин Мухторияти Хӯқанд баъди мавҷудияти 86-рӯза  аз тарафи аскарони сурх барҳам дода шуд. Ин воқеа имкон дод, ки дар қатори дигар мулкҳои собиқ мухторият, инчунин, дар Конибодом ва Исфара ҳам Ҳокимияти Шӯравӣ барқарор карда шавад. Вале бо барҳам дода шудани Мухторияти Хӯқанд тухми

зиддикоммунистӣ ва зиддишӯравӣ, ки дар доираи мухторият муттаҳид гардида буданд, дар тамоми сарзамини Осиёи Марказӣ паҳн гардид.

Дар санаи 30-юми апрели соли 1918 дар Анҷумани панҷуми Шӯроҳои кишвари Туркистон дар хусуси таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистон қарор қабул гардид. 1-уми майи соли 1918 ин воқеаи таърихиро ботантана эълон карданд. Эълон намудани Мухторияти Туркистон яке аз талабҳои асосии зиёиёни маҳаллӣ, аз ҷумла Шӯрои Исломия ва Шӯрои Уламо ба ҳисоб мерафт. Агар моҳи ноябри соли 1917 сарварони болшевикии кишвари Туркистон чунин талаби мухториятхоҳонро рад накарда, иҷрояшро ақаллан ба вақти дигар мавқуф мегузоштанд, аз эҳтимол дур набуд, ки зиддияти қувваҳо дар кишвари Туркистон аз байн мерафт.

**Сарчашма:**

Анҷумани сеюми мусалмонони кишвари Туркистон (сентябри соли 1917) замин ва обро дар кишвари Туркистон моли халқ эълон намуда, ҳалли пурраи онро ба ихтиёри Маҷлиси умумихалқӣ гузошт. Мувофиқи барномаи Мухторияти Туркистон, ки онро анҷуман муҳокима намуд, минбаъд Туркистон дар корҳои идоракунӣ, молия, дин, фарҳангу маориф мустақил буда, ба раияти мухторият озодии эътиқод, сухан, матбуот ва ташкил додани ҷамъият (иттифоқ)-ҳоро медод. Ғайр аз ин, мухториятхоҳон ният доштанд, ки системаи шиноснома (паспортӣ)-ро бекор намуда, дар дохили мухторият ва барои ба хориҷа сафар кардани раияташ рафтуомади озодро ҷорӣ намоянд. Инчунин, ба тартиб овардани андозҳо, ба донишкадаҳои олӣ додани ҳуқуқи мустақилӣ низ дар назар дошта мешуд. (Наг.: Рӯзномаи «Омӯзгор», 1994, 19, 26-уми январ, № 3, 4).

**Санаҳои муҳим:**

1917, сентябр – дар шаҳри Тошканд барпо гардидани Анҷумани сеюми мусалмонони кишвари Туркистон.

1917, 2 (15)-уми ноябр – аз тарафи Ҳокимияти Шӯравӣ эълон гардидани «Эъломияи ҳуқуқи халқҳои Русия».

1917, 20-уми ноябр (3-юми декабр) – нашр гардидани муроҷиатномаи Ҳокимияти Шӯравӣ «Ба ҳамаи заҳматкашони мусалмони Русия ва Шарқ».

1917, 27-уми ноябр (10-уми декабр) – аз тарафи Анҷумани чаҳоруми таъҷилии мусулмонони кишвари Туркистон, ки дар шаҳри Хӯқанд мегузашт, эълон карда шудани Мухторияти Туркистон.

1917, 13-уми декабр – ташкил карда шудани намоиш дар шаҳри Тошканд барои дастгирии ҳукумати мухториятхоҳон.

1918, 18-уми феврал – «табаддулоти Эргаш» дар Хӯқанд.

1918, 22-юми феврал – аз тарафи аскарони сурх торумор карда шудани Мухторияти Хӯқанд.

1918, 30-юми апрел – Қарори Анҷумани панҷуми Шӯроҳои кишвари Туркистон оид ба таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистон.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Масъалаи мухторияти Туркистон дар байни зиёиёни миллӣ кай ба вуҷуд омад? 2) Чаро баъди Инқилоби Октябр мухториятхоҳон якбора фаъол гардиданд? 3) Чаро Анҷумани чоҳоруми таъҷилии мусалмонони кишвари Туркистон дар шаҳри Хӯқанд барпо гардид? 4) Мухторияти Туркистон аз тарафи мухториятхоҳон кай ва чӣ тавр эълон гардид? 5) Чаро «Мухторияти Хӯқанд» меноманд? 6) Чаро муносибати байни Ҳокимияти Шӯравии кишвари Туркистон ва мухториятхоҳон тезутунд гардид? 7) Сабаби ба инқироз дучор омадани ҳукумати мухториятхоҳон чист? 8) «Табаддулоти Эргаш» кай ва бо кадом мақсад ба амал омад? 9) «Мухторияти Хӯқанд» кай ва аз тарафи кӣ барҳам дода шуд? 10) Кишвари Туркистон кай Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистӣ эълон гардид? 11) §§ 34 ва 47-ро такрор кунед.

**Хонандагон бояд: с**сабабҳои ба вуҷуд омадани «Мухторияти Хӯқанд» ва оқибатҳои барҳам додани онро дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §53. БАРПО ШУДАНИ ҲОКИМИЯТИ ШӮРАВӢ ДАР БАДАХШОН

**Мавқеи отряди Помир нисбати Ҳокимияти Шӯравӣ.** Дар Кӯҳистони Бадахшон (мисли пештара) ҳар гуна тағйироте, ки ба амал меомад, ба мавқеи отряди сарҳадии аскарони рус (отряди Помир) вобаста буд. Аз тарафи дигар, сарварони отряд дар қатори вазифаҳои ҳарбӣ, инчунин, вазифаҳои маъмуриро низ

ичро мекарданд. Хулоса, сарвари отряд сарвари ҳарбию маъмурӣ ба ҳисоб рафта, ҳуқуқҳои нисбатан васеъ дошт. Сарвари отряд полковник Фенин буд.

Роҳбарияти Туркистони Шӯравӣ то тобистони соли 1918 тасаввур ҳам намекарданд, ки сарвари отряди Помир ва афсарони он мавқеи зиддишӯравиро ишғол менамоянд. Бинобар ин, дар Бадахшон ҳанӯз Ҳокимияти Шӯравӣ барпо нагардида, ҳукумати Туркистони Шӯравӣ маҳз мавқеи муҳимми ҳарбию стратегии ин минтақаи сарҳадиро ба эътибор гирифта, 10-уми июни соли 1918 дар бораи аз ҳисоби мардуми маҳаллӣ – тоҷикон ва қирғизҳо ташкил намудани милитсияи маҳаллии Помир (Кӯҳистони Бадахшон) қарор қабул карда буд. Чунин қарорро дар Тошканд қабул карданд, вале дар Бадахшон ҳанӯз вазъияти ба замони Ҳукумати Муваққатӣ хос ҳукмрон буд.

То 2-юми июли соли 1918 на танҳо дар Бадахшон, ҳатто дар ҳудуди отряди Помир ҳам аз сарнагун гардидани Ҳукумати Муваққатӣ дар Петроград ва Тошканд хабар надоштанд. Танҳо 2-юми июл дар кумитаи аскарони отряд мактуби аз Тошканд фиристодаи П.Воловикро хонда, муҳокима намуданд, ки дар он оид ба сарнагун шудани Ҳукумати Муваққатӣ хабар дода мешуд. Дар натиҷа, хабари дар марказҳо бунёд гардидани Ҳокимияти Шӯроҳо ба зудӣ дар байни афсарону аскарони отряд ва оҳиста-оҳиста дар байни мардуми ноҳияҳои Кӯҳистони Бадахшон низ паҳн гардид.

Афсарону аскарони отряд бунёди тартиботи навро ба таври гуногун қабул карданд. Пеш аз ҳама, афсарон бо сарварии полковник Фенин ва як қисми аскарони қатории отряд, ки ба Ҳукумати Муваққатӣ содиқ буданд, Ҳокимияти Шӯравиро эътироф накарданд.

Тобистони соли 1918 аз Тошканд бо мақсади ҷорӣ намудани робита бо отряди Помир (ба Бадахшон) бо сарварии собиқ поручики қӯшунҳои подшоҳӣ Афанасев отряди иловагӣ фиристода шуд. Вале аксари аъзои ин отряд ҳам, бо сарварии худи Афанасев, муқобили тартиботи нав буданд. Аз ин рӯ, отряди Помир якҷо бо отряди Афанасев дар мавқеи зиддишӯравӣ қарор доштанд.

Дар санаи 30-юми августи соли 1918 мувофиқи фармоне, ки барои қисмҳои аскарони сурх бароварда шуд, отряди Помир ба тобеияти сардори комиссариати ҳарбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистон гузашт. Аммо полковник

Фенин ва дигар афсарони отряд на танҳо ин фармонро ба эътибор нагирифтанд, балки ҳамоно аз шинохтани Ҳокимияти Шӯравӣ саркашӣ мекарданд.

Ниҳоят, моҳи ноябри соли 1918 полковник Фенин ва дигар афсарони отряд бенатиҷа будани мавқеи худро эҳсос намуда, бо 32 нафар аскарони қатории отряд тамоми маблағ ва аслиҳаи мавҷудаи отрядро бо худ гирифта, ба воситаи Вахон ба Ҳиндустон гурехтанд. Бо ҳамин Кумитаи Умумипомирии Ҳукумати Муваққатӣ барҳам хӯрд. Дар постҳои сарҳадии Помири Шарқӣ ва Ғарбӣ қисми ками аскарони рус монданд. Аз ҳисоби ҳамин аскарон бо сардории Волков Кумитаи Инкилобӣ ташкил карда шуд, ки он мебоист дар Бадахшони Кӯҳӣ ҳокимиятро ба даст мегирифт.

**Отряди А.А. Холмаков. Барпо карда шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Бадахшон.** Охири моҳи ноябри соли 1918 Кумитаи Иҷроияи Марказии (КИМ) Ҷумҳурии Туркистон баробари шунидани хабари ба хориҷа гурехтани полковник Фенин ва дигар тарафдоронаш оид ба Бадахшон фиристодани комиссияи ҳарбию сиёсӣ ва отряди ихтиёрӣ бо сарварии коммунист А.А.Холмаков қарор қабул кард. Дар ҳайати отряд 20 нафар болшевикон буданд. Комиссия ва отряд моҳи феврали соли 1919 бо душвориҳои хеле зиёд ба Хоруғ расид. То омадани онҳо дар Бадахшон беҳокимиятӣ ҳукмфармо буд. Дар маҳалҳо ҳанӯз ягон ташкилот ё худ ҷамъиятҳои сиёсию инқилобӣ вуҷуд надошт. Вазифаи асосии комиссия ва отряди А.А.Холмаков дар маҳалҳо ташкил намудани органҳои ҳокимияти инқилобии халқӣ ва муҳофизати сарҳади давлатии Федератсияи Русия дар Бадахшон ба ҳисоб мерафт.

Баҳори соли 1919 бо ташаббуси комиссия ва отряд дар якчанд маҳаллаи Бадахшон кумитаҳои инқилобӣ ташкил карда шуданд. Анҷумани ин кумитаҳо барпо гардида, дар онҳо доир ба муттаҳид намудани кумитаҳои Помири Ғарбӣ ва Шарқӣ қарор қабул карданд. Роҳбарии умумиро дар Кӯҳистони Бадахшон кумитаи отряд бо сарварии А.А.Холмаков ба ихтиёри худ гирифт. Дар назди отряд низ Кумитаи Инқилобӣ ташкил карда шуд, ки ба ҳайати он ғайр аз А.А.Холмаков, ҳамчунин, П.Волков ва Руднев шомил буданд.

Ҳамин тавр, баҳори соли 1919 дар Кӯҳистони Бадахшон, бо ташаббуси комиссия ва отряди А.Холмаков Ҳокимияти Шӯравӣ ташкил карда шуд.

**Сарчашма:**

Сардари шӯрои Ӯш болшевик Сретенский доир ба ҳайати отряди Афанасев, то фиристодани он ба Помир, ба Ҳукумати Туркистони Шӯравӣ чунин хабар дода буд: «... ҳайати отряд нисбат ба Ҳокимияти Шӯравӣ хайрхоҳ нестанд. Дар байни онҳо унсурони австриягӣ (асирони ҳарбии австриягӣ – Н.Ҳ.) зиёданд. Бинобар ин, ҳушёриро набояд аз даст дод, то ин ки онҳо аслиҳаи худро ба муқобили худи мо нагардонанд». (Ниг.: Очерки по истории Советского Бадахшана. - Душанбе, 1981 - С. 83).

**Санаҳои муҳим:**

1918, 10-уми июн – қарори Ҳукумати Туркистони Шӯравӣ доир ба ташкил намудани милитсияи маҳаллӣ дар Помир (Кӯҳистони Бадахшон).

1918, 2-юми июл – ба отряди Помир ва мардуми Бадахшон расидани хабари сарнагун гардидани Ҳукумати Муваққатӣ.

1918, 30-юми август – ба тобеияти сардори комиссариати ҳарбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Туркистон гузаронида шудани отряди Помир.

1919, ноябр – ба хориҷа гурехтани сардари отряди Помир полковник Фенин бо афсарон ва қисме аз аскарони отряд.

1919, феврал – ба Хоруғ расидани отряди А.А.Холмаков.

1919, баҳор – барпо карда шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Кӯҳистони Бадахшон.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Чаро дар Кӯҳистони Бадахшон ҳанӯз Ҳокимияти Шӯравӣ барпо нагардида, ҳокимияти Туркистони Шӯравӣ 10-уми июни соли 1918 оид ба ташкил намудани милитсияи маҳаллӣ қарор қабул кард? 2) Мавқеи отряди Помир нисбат ба Ҳокимияти Шӯравӣ чӣ гуна буд? 3) Чаро сардари отряди Помир бо афсарон ва қисме аз аскарон ба хориҷа гурехт? 4) Отряди Холмаков бо кадом мақсад ташкил карда шуд ва он ба Хоруғ кай омад? 5) Ҳокимияти Шӯравӣ дар Бадахшони Кӯҳӣ кай барпо карда шуд? 6) §§ 14 ва 46-ро такрор кунед; 7) Маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** барпо карда шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Кӯҳистони Бадахшонро дуруст шарҳ дода тавонанд.

# БОБИ 15
# САРНАГУН КАРДА ШУДАНИ ТАРТИБОТИ АМИРӢ ДАР БУХОРОИ МАРКАЗӢ ВА ТАЪСИСИ ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ШӮРАВИИ БУХОРО

## §54. ШИДДАТ ГИРИФТАНИ ЗИДДИЯТИ БАЙНИ АМОРАТИ БУХОРО ВА ДАВЛАТИ ШӮРАВӢ

Амири Бухоро – Олимхон тавассути кормандони Резиденсияи Русия дар Бухоро аз сарнагун шудани Ҳукумати Муваққатӣ дар Петроград ва дар кишвари Туркистон сар шудани ҳаракатҳои инқилобӣ зуд огоҳ гардид. Олимхон аз пушту паноҳи боэътимод, ки онро дар симои Ҳукумати Муваққатии Русия ба тозагӣ пайдо карда буд, маҳрум шуд. Аз ин рӯ, вай минбаъд худро мустақил ҳисобида, бо ҳукумати нави Русия ҳеҷ муносибат карданӣ набуд. Инқилоб зуд ба маҳаллаҳои руснишини аморати Бухоро – Бухорои Нав (Когон), Чорҷӯйи Нав, инчунин, нуқтаҳои сарҳадӣ – Тирмиз, Каркӣ ва ғайра расид. Дар таърихи 29-уми октябр Кумитаи инқилобӣ дар Бухорои Нав ба ихтиёраш гузаштани ҳокимиятро эълон кард. Санаи 31-уми октябр дар Чорҷӯйи Нав низ ҳокимият ба ихтиёри шӯроҳо гузашт.

Дар таърихи 2 – 7 (15 – 20)-уми декабри соли 1917 дар Бухорои Нав (Когон) Анҷумани дуюми Шӯроҳои маҳаллаҳои руснишин ва сарҳадии аморати Бухоро барпо гардид. Вай дар ин маҳаллаҳо барҳам додани комиҷроияи вилоятии собиқ Ҳукумати Муваққатӣ ва Резиденсияи Русияро маъқул шуморида, ба ихтиёри Шӯроҳо гузаштани ҳокимиятро ба қонуният даровард.

**Тезутундшавии вазъи сиёсӣ.** Баъди дар Бухоро барҳам дода шудани Резиденсияи Русия барои Ҳукумати Шӯравии кишвари Туркистон яке аз масъалаҳои мураккабтарин масъалаи муносибат бо ҳукумати амирии Бухоро буд. Аз ин рӯ, Анҷумани дуюми Шӯроҳои маҳаллаҳои руснишин ва сарҳадии аморати Бухоро бо мақсади аз нав ба роҳ мондани муносибатҳои байнидавлатӣ бо аморати Бухоро, аз номи Давлати Шӯравӣ Коллегия оид ба корҳои Бухороро иборат аз намояндагони шӯроҳои Бухорои Нав, Чорҷӯйи Нав ва Тирмиз ташкил дод. Аммо ин коллегия ҳеҷ коре карда натавонист, зеро ҳукумати амирӣ на танҳо ин коллегия, балки умуман Ҳукумати Шӯравӣ, аз ҷумла дар маҳаллаҳои руснишин ва сарҳадии аморат барпо гардидани

чунин ҳукуматро эътироф накард. Аз ин рӯ, як муддат вазифаи резидентро (баъди барҳам дода шудани он) на коллегия, балки Намояндаи фавқулодаи Ҳукумати Шӯравӣ оид ба корҳои Бухоро иҷро намуд.

Дар таърихи 29-уми ноябр (12-уми декабр)-и соли 1917 сарвари Ҳукумати кишвари Туркистони Шӯравӣ Ф.И.Колесов ба амири Бухоро Олимхон барқия фиристода, дар он таъкид намуд, ки Ҳукумати Шӯравӣ ба таври қатъӣ усулҳои нисбат ба давлатҳои хурд эълонкардашударо риоя менамояд. Мувофиқи он, таъкид мегардид, ки ҳангоми оромӣ дар сарзамини Бухоро Ҳукумати Шӯравӣ омода аст бо Ҳукумати амирӣ муносибати худро беҳтар намояд ва соҳибихтиёрии Бухороро ба таври расмӣ шиносад, зеро яке аз усулҳои ба миллатҳои дигар эълоннамудаи Давлати Шӯравӣ принсипи ҳаққи таъйини сарнавишти миллатҳо буд. Амалӣ гардидани ин принсип ба сиёсати пешгирифтаи Ҳокимияти Шӯравӣ вобастагӣ дошт, вале ҳукумати амирии Бухоро бо Ҳукумати Шӯравӣ муносибати худро беҳтар карданӣ набуд. Бинобар ин, муносибати байни Давлати Шӯравӣ ва аморати Бухоро тезутунд боқӣ монд.

**Мавқеи ҷавонбухороиён. Сабабҳои таҷовузи Колесов.** Қисми зиёди ҷавонбухороиён, махсусан сарварони он, дар аввал аз сарнагун гардидани Ҳукумати Муваққатии буржуазии Русия ғамгин гардида буданд, зеро бовару эътимоди онҳо нисбат ба он ҳукумат хеле зиёд буд. Дар замоне ки зиддияти байни Давлати Шӯравӣ ва Ҳукумати амирӣ боло мегирифт, вазъияти ҷавонбухороиён боз ҳам душвортар гардид.

Чунки ҷавонбухороиён баъди моҳи апрели соли 1917 аксаран имкони дар Бухорои Куҳна осоишта зистанро аз даст дода, муваққатан дар Бухорои Нав (Когон) қарор гирифта буданд. Ҳарчанд Ҳукумати Шӯравӣ дар ин ҷо ҳукмронӣ мекард, вале онҳоро ҷосусони амирӣ ором намегузоштанд. Бинобар ин, ба сарварони ҷавонбухороиён зарур буд, ки муносибати худро нисбат ба Давлати Шӯравӣ муайян намоянд. Дар ин ҷо онҳо бе ҳеч калавиш ба тарафи шӯроҳо гузаштанд, зеро оштӣ шудан бо мухолифин номумкин буд. Ғайр аз ин, ҷавонбухороиён аз тезутунд шудани зиддияти байни Давлати Шӯравӣ ва аморати Бухоро шод буданд.

Ҷавонбухороиён аз авҷ гирифтани зиддияти байни Давлати Шӯравӣ ва аморати Бухоро истифода карданӣ шуданд. Пеш аз ҳама, вазъият онҳоро маҷбур менамуд, ки дар атрофи Кумитаи

Марказии ҳизби худ, ки моҳи марти соли 1917 ташкил ёфта буд, муттаҳид шуда, дар масъалаи Бухоро якҷо бо Ҳукумати Туркистони Шӯравӣ амал намоянд. Бо ҳамин мақсад онҳо ҳайатеро бо сарварии Файзулло Хоҷаев барои гуфтушунид ба Тошканд фиристоданд. Дар санаи 6-уми декабр ҳайат ба Тошканд омад. Ҳангоми гуфтушунид Ф.Хоҷаев Ф.И.Колесовро бовар кунонид, ки ҷавонбухороиён гӯё дар дохили Бухоро 30 ҳазор нафар шахсони содиқ, аз ҷумла 4 ҳазор нафар шахсони мусаллаҳ доранд. Ҳамаи онҳо гӯё мунтазири фармон ё худ ишорае ҳастанд. Намояндаи ҷавонбухороиён, инчунин, аз сарвари Ҳукумати Туркистон барои мусаллаҳ намудани тарафдорони худ аслиҳа хост.

Ҳамин тавр, дар рӯзномаи гуфтушунид масъалаи бо қувваҳои муттаҳидаи Туркистони Шӯравӣ ва ҷавонбухороиён сарнагун намудани тартиботи амирии Бухоро матраҳ буд. Ин масъала дар байни қариб тамоми сарварони ҳизбию шӯравии кишвари Туркистон ҳамовозӣ пайдо кард.

**Таҷовузи Колесов ва оқибатҳои он.** Аз тарафи аскарони сурх торумор карда шудани «Мухторияти Хӯқанд» (22-юми феврали соли 1918) ҳалли қазияи Бухороро тезонид. Дар санаи 28-уми феврали соли 1918 Ф.И.Колесов ба истгоҳи роҳи оҳани Бухорои Нав ҳозир шуд. Бо ӯ беш аз 50 нафар муҳофиз (чун муҳофизони раиси ҳукумат) омада буданд. Дар ихтиёри ӯ дигар қуввае набуд.

Ҷавонбухороиён низ дар атрофи худ фаъолони зиёд надоштанд. Онҳо метавонистанд дружинае иборат аз 200–300 нафар (асосан аъзои ҳизб) ташкил диҳанд, вале онҳо ба ин аҳаммият надода, аз омадани Ф.И. Колесов рӯҳбаланд гардиданд ва барои роҳбарии шӯриш бо сарварии Файзулло Хоҷаев Кумитаи Инқилобӣ ташкил доданд.

Рӯзи 28-уми феврал бо имзои Ф.И.Колесов – чун раиси Ҳукумати Туркистон ва Ф. Хоҷаев – чун раиси кумиҷроияи Ҳизби Ҷавонбухороиён, ба номи амир Олимхон мактуб, дақиқтараш, таҳдиднома (ултиматум) фиристода шуд. Дар он аз амир талаб карда мешуд, ки ӯ дар муддати 24 соат бояд ҳукуматашро пароканда намуда, идораи мамлакатро ба ихтиёри Кумитаи Иҷроияи Ҳизби Ҷавонбухороиён супорад. Ҳукумати нав аз ҳисоби ҷавонбухороиён гӯё бо ризояти амир ташкил карда мешавад. Яъне мувофиқи ин тахдиднома, амир дар мансабаш

як муддат нигоҳ дошта мешуд, вале ӯ бояд аз рӯйи хоҳиши ҷавонбухороиён амал мекард.

Амир Олимхон бо мақсади ба иштибоҳ андохтани Ф.И. Колесов ва Ф.Хоҷаев, қӯшбегӣ Мирзо Низомиддинхоҷаи урганҷиро, ки душмани қаттоли чавонбухороиён буд, аз мансабаш озод карда, ба ҷойи вай Усмонбекро қӯшбегӣ таъйин намуд. Рӯзи 1-уми март ӯ ба тахдиднома ҷавоб гардонид, вале барои аз ҳисоби ҷавонбухороиён ташкил кардани ҳокимият розӣ нашуд.

Дар натиҷа, 2-юми марти соли 1918 ҷанги байни қӯшунҳои Колесов ва амир оғоз шуд, ки он дар таърих бо номи «таҷовузи Колесов» маълум аст. Миқдори умумии қӯшунҳои Колесов, ғайр аз посбонони шахсиаш, тақрибан 450–500 нафарро ташкил медод. Аз ин ҳисоб беш аз 200 нафарро дружинаи ҷавонбухороиён ва тахминан ҳамон миқдори дигарро отряди ҷангии коргарони Бухорои Нав ташкил мекарданд. Шумораи сарбозон ва фидоиёни амир ҳанӯз дар рӯзи якуми ҷанг нисбат ба қӯшунҳои Колесов хеле зиёд буд, вале бо вуҷуди чунин бартарӣ, натиҷаи рӯзи аввали ҷанг ба фоидаи отряди Колесов буд. Онҳо ҳатто ду тӯпи амирро ғанимат гирифтанд. Роҳбари умумии қӯшунҳои амир Мирзо Низомиддинхоҷаи урганҷӣ аз майдони ҷанг гурехт.

Натиҷаи рӯзи аввали ҷанг амирро ба воҳима гузошт. Амир Олимхон бо мақсади ба иштибоҳ андохтани Колесов, рӯзи дигар – 3-юми март ба назди ӯ ҳайати намояндагии худро бо сарварии қӯшбегӣ Усмонбек барои гуфтушунид фиристод. Ин ҳайат ба Колесов нусхаи фармони ислоҳоти 2-юми март имзонамудаи амирро нишон доданд, ки мувофиқи он, амир гӯё дар аморат ислоҳоти васеъ мегузаронад, аз ҳисоби мардуми доно, пеш аз ҳама, ҷавонбухороиён, ҳукумати нав ташкил менамояд ва ғайра Дар рафти гуфтушунид ҷавонбухороиён талаби нав – бесилоҳ гардонидани сарбозони амирро ба миён гузоштанд. Намояндагони амир бо дили нохоҳам ин талабро ҳам қабул карданд. Аз тарафи Ф.И.Колесов, барои назорати бесилоҳшавии сарбозони амир гурӯҳе аз 22 нафар бо сарварии В.П.Уткин фиристода шуд, ки ҳамаи онҳо дар Арки Бухоро (дар таҳхонаи қӯшбегӣ) бо ваҳшоният кушта шуданд.

Ф.И.Колесов ва Ф.Хоҷаев ба гуфтушунид бовар ҳосил карда, мунтазири расидани хабари бесилоҳшавии сарбозони амир буданд, вале амир аз фурсати мусоид (рӯзи 3-юми

март, ки амалиёти ҷангӣ набуд) истифода карда, 4-уми март тақрибан 35 ҳазор нафарро бо сарварии Салимбек бар зидди қувваи камшумори Колесов муқобил гузошт. Сарбозони амир ҳамзамон ба вайрон кардани роҳи оҳани атрофи Бухорои Нав шурӯъ намуданд.

Дар натиҷа, рӯзи 4-уми март Колесов дар ҳолати ногувор монд. Лавозимоти ҳарбии ӯ дар арафаи тамом шудан буд. Вайронии роҳи оҳан умеди ӯро аз ҳар гуна кумаки беруна канд. Бинобар ин, он рӯз қӯшунҳои Колесов аз ягона бартарии худ – тӯпҳо истифода карданд, вале тири тӯпҳо ҳам ба нишон намерасид. Ҷанги рӯзи 5-уми март барои онҳо хеле душвор буд. Ниҳоят, шаби аз 5-ум ба 6-уми март Колесов маҷбур шуд, ки роҳи оҳани вайронаро таъмир намуда, ҷангкунон оҳиста-оҳиста ба сӯйи Қизилтеппа қафо гардад. Ҳамроҳи Колесов тамоми мардуми русзабони Бухорои Нав ҳам ба роҳ баромаданд. Мувофиқи маълумот, шумораи умумии мардуми ҳамроҳи Колесов рафта ба 8 – 10 ҳазор нафар мерасид. Танҳо хабари аз Тошканд омадани қувваи имдод ба Колесов ва ҳамроҳони ӯ рӯҳияи тоза бахшид. 17-уми март аз тарафи қувваҳои муттаҳидаи отряди Колесов ва қувваҳои тозанафас яке аз шаҳрҳои бузургтарини аморат – Кармина забт карда шуд. Чунин ҳолат амирро ба имзои сулҳ маҷбур намуд.

Дар таърихи 25-уми марти соли 1918 дар Қизилтеппа байни аморати Бухоро ва Туркистони Шӯравӣ созишномаи сулҳ имзо гардид. Мувофиқи он, тарафайн уҳдадор шуданд, ки шартномаи соли 1873-и байни Бухоро ва Русияро риоя карда, асиронро иваз намоянд. Ҳукумати амирӣ барои шинохтани Давлати Шӯравӣ ва эътирофи чунин ҳокимият дар маҳаллаҳои руснишини аморат ваъда дод. Ҳукумати амирӣ ҳамчунин розӣ шуд, ки роҳи оҳани вайронкардаашро таъмир намояд, аскарони худро аз 12 ҳазор нафар зиёд накунад, ба ихтиёри Ҳукумати Туркистон 100 вагон ғалла фиристад ва ғайра.

Ҳамин тавр, ҷанги байни Давлати Шӯравӣ ва аморати Бухоро анҷом ёфт. Ин ҷанг ба ҳар ду тараф зарари моддию маънавӣ ва талафоти ҷонии зиёд овард. Бегуфтугӯ, он натиҷаи хатои ҷиддии сарварони Ҳизби Ҷавонбухороиён ва Туркистони Шӯравӣ ба ҳисоб меравад. Махсусан, баъди он ҷанг сарзамини Бухоро ба як кушишхона табдил ёфта буд. Ҳар рӯз садҳо муқобилони тартиботи амириро гӯсфандвор сар мебуриданд, ки

ин ҳодисаи мудҳиш дар повести машҳури С.Айнӣ «Ҷаллодони Бухоро» муфассал тасвир ёфтааст.

**Сарчашма:**

Садриддин Айнӣ дар бораи ваҳшонияти ҳукумати амирии Бухоро ба муносибати таҷовузи Колесов навиштааст: «Аз рӯзи сар шудани ҷанг бо Колесов дар Бухоро майдони ваҳшоният кушода шуд. Муллоҳо ба куштани ҳамаи ҳамфикрони ҷавонон фатво бароварданд. Ин фатво ба таври хеле ваҳшиёнае ба амал татбиқ мешуд. Одамони амир, элнавкарҳо, одамони қӯшбегӣ, қозӣ ва ғазоталабон дар ҳар куҷо, ки камзулпӯшеро диданд, зада куштан гирифтанд... Дар ҳама ҷо одамони ришашон андак кӯтоҳ, либосашон андак калта кушта мешуданд». (Ниг.: Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. - С.216).

**Санаҳои муҳим:**

1917, охири октябр ва аввали ноябр – дар маҳаллаҳои руснишин ва сарҳадии аморати Бухоро барпо карда шудани тартиботи шӯравӣ.

1917, 29-уми ноябр (12-уми декабр) – барқияи сарвари Ҳукумати кишвари Туркистон Ф.И.Колесов ба амир Олимхон доир ба муносибатҳои минбаъда.

1918, 28-уми феврал – таҳдиднома (ултиматум)-и Ф.И. Колесов ба номи амир Олимхон.

1918, 2-5-уми март – амалиёти ҷангии байни қӯшунҳои амирии Бухоро ва отряди Ф.И.Колесов, ки бо номи «таҷовузи Колесов» маълум аст.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Инқилоби Октябри Русия ба амир Олимхон ва сиёсати ӯ чӣ таъсир расонд? 2) Дар маҳаллаҳои руснишин ва сарҳадии аморати Бухоро Ҳокимияти Шӯравӣ кай барпо карда шуд? 3) Чаро муносибати байни Давлати Шӯравӣ ва Ҳукумати амирии Бухоро тезутунд гардид? 4) Дар барқияи сарвари Ҳукумати кишвари Туркистони Шӯравӣ Ф.И.Колесов ба номи амир Олимхон аз 29-уми ноябр (12-уми декабр )-и соли 1917 чӣ гуфта мешуд? 5) Мавқеи ҷавонбухороиён дар арафаи таҷовузи Колесов чӣ гуна буд? 6) Ф. Хоҷаев ҳангоми гуфтушунид бо Ф.И.Колесов чиҳо ваъда дод? 7) Таҷовузи Колесов чӣ тавр сар шуд ва бо чӣ

анҷом ёфт? 8) Рафти амалиёти ҷангии байни қӯшунҳои амир ва отряди Колесовро нақл кунед. 9) §§ 50, 51, 52-ро такрор намоед; 10) Маводи сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** оқибатҳои шиддат гирифтани зиддияти байни аморати Бухоро ва Давлати Шӯравиро дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §55. ТАЪСИСИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ

**Муҳоҷирати ҷавонбухороиён ба кишвари Туркистон.** Баъд аз таҷовузи Колесов барои ҷавонбухороиён на танҳо дар сарзамини аморати Бухоро, балки ҳатто дар Бухорои Нав (Когон), ки шаҳри руснишин ҳисоб мешуд, зистан имконнопазир гардид, зеро фиристодагони ҳукумати амирӣ ҳар лаҳза ба ҷони онҳо қасд мекарданд. Аз ин рӯ, ҷавонбухороиён маҷбур шуданд, ки барои халосии ҷони худ ба дарунтари кишвари Туркистон ҳиҷрат намоянд. Аксари онҳо бо Кумитаи Марказии ҳизби худ ба шаҳри Тошканд кӯчиданд.

Дар шаҳри Тошканд дар байни ҷавонбухороиён доир ба сабабҳои фоҷиаи содиршуда (яъне таҷовузи Колесов) баҳсу мунозираҳо авҷ гирифт. Дар натиҷа, на танҳо Кумитаи Марказии Ҳизби Ҷавонбухороиён, балки худи ҳизб ҳам ба гурӯҳҳо тақсим шуд. Онҳо якдигарро барои фоҷиаи содиршуда гунаҳкор меҳисобиданд.

Дар Тошканд гуруснагӣ ва қаҳтӣ ҳукмфармо буд. Ҳизбҳои гуногун – болшевикон, меншевикон ва эсерҳо, инчунин, гурӯҳҳою ҷамъиятҳои гуногун амал мекарданд. Албатта, ин ба фаъолияти ҷавонбухороиён бетаъсир намонд.

**Ҳизби Ҷавонбухороиёни Сотсиал-Инқилобӣ.** Ҷавонбухороиён дар шаҳри Тошканд бо фаъолияти ҳизбҳои гуногун шинос шуданд, вале диққати онҳоро дар аввал бештар Ҳизби Эсерҳо ба худ ҷалб кард. Зеро ин ҳизб, ки асосан ҳимояи манфиати деҳқононро мақсади худ қарор дода буд (аксари мардуми аморати Бухоро ҳам деҳқонон буданд), бинобар ин, ба андешаи ҷавонбухороиён, барномаи Ҳизби Эсерҳо ба шароити Бухоро бештар мувофиқат менамуд. Дар натиҷа, баҳори соли 1918 як гурӯҳи ҷавонбухороиён бо сарварии Усмонхоҷа Пӯлодхоҷаев, Ато Хоҷаев ва Қорӣ Ғулом аз ҳайати Ҳизби Ҷавонбухороиён баромада,

дар асоси барномаи эсерони чап Ҳизби Ҷавонбухороиёни Сотсиал-Инқилобчиро ташкил намуданд.

Дар санад 7-уми июли соли 1918, баъди суиқасд ба ҷони сарвари Ҳокимияти Шӯравӣ В.И.Ленин, Ҳизби Эсерони Чап аз тарафи Давлати Шӯравӣ пароканда карда шуд. Ин воқеа ба тарафдорони туркистонӣ ва бухороии ин ҳизб низ бетаъсир намонд, дақиқтараш, фаъолияти онҳо аз тарафи Ҳокимияти Шӯравӣ манъ карда шуд. Дар натиҷа, дар ҳайати Ҳизби навбунёди Ҷавонбухороиёни Сотсиал-Инқилобчӣ боз ҷудоӣ ба амал омад.

**Таъсиси Ҳизби Коммунистии Бухоро.** Дар таърихи 25-уми сентябри соли 1918 дар шаҳри Тошканд ҷамъомади 86 нафар собиқ узви Ҳизби Ҷавонбухороиёни Сотсиал-Инқилобчӣ барпо гардид. Дар он ҳозирон қарор карданд, ки онҳо аз ҳайати ҳизб ва аз мавқеи эсерҳои чап баромада, ба мавқеи ҳизби болшевикӣ мегузаранд ва ҳизби навро бо номи «Ҳизби Ҷавонбухороиён – Коммунистон – Болшевикон» бунёд мекунанд. Дар ҷамъомад Кумитаи Марказии ҳизби нав интихоб гардид, ки Азимҷон Ёқубов (Ёқубзода) раис ва Муҳаммад Қулмуҳаммадов муовин интихоб шуданд.

Ҳамин тавр, Ҳизби Коммунистии Бухоро ташкил ёфт. Он дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухорои Нав, Бухорои Куҳна, Чорҷӯйи Нав, Каттақӯрғон, Каркӣ ва дигар ҷойҳо шуъбаҳо дошт. Масалан, ба шуъбаи дар шаҳри Бухорои Куҳна буда Абдуллохоҷа Тӯраев сарварӣ менамуд, ки ӯ минбаъд яке аз қаҳрамонҳои мусбати романи «Дохунда»-и С.Айнӣ гардид.

Дар таърихи 23-юми октябри соли 1918 дар маҷлиси навбатии Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Бухоро барномаи ҳизб қабул карда шуд. Мувофиқи он, ҳизб бояд: барои сарнагун кардани тартиботи амирӣ дар Бухоро ва бунёди ҷумҳурии халқӣ; мусодираи замини амиру бекҳо ва дар байни деҳқонон тақсим намудани онҳо; ба ҷойи қозӣ ҷорӣ кардани суди интихобӣ; баробарҳуқуқии ҳамаи миллатҳо,



*Абдуллохоҷа Тӯраев (дар мобайн), сардори шуъбаи ҲК Бухоро воқеъ дар шаҳри Бухорои Куҳна, яке аз қаҳрамонони романи «Дохунда»-и С.Айнӣ*

занону мардон, озодии сухан, матбуот, таълиму табобати бепул ва ғайра мубориза мебурд.

Аз 30-юми май то 11-уми июни соли 1919 дар шаҳри Тошканд Анҷумани якум (муассисон)-и Ҳизби Коммунистии Бухоро барпо гардид, ки он таъсиси ҳизбро ба қонуният даровард. Аз 28-уми июни соли 1920 коммунистони Бухоро аввал дар Тошканд, баъд дар Бухорои Нав (Когон) ба нашри рӯзномаи худ «Қутулиш» (Озодӣ) сар карданд. Ин рӯзнома ҳамчун нашрияи ҷамъиятию сиёсӣ ва адабӣ ҳафтае ду дафъа ба забонҳои ӯзбекӣ ва форсии тоҷикӣ то 3 ҳазор нусха нашр гардида, ройгон паҳн карда мешуд. Дар байни бухороиён инчунин, аввалин маҷаллаи форсии тоҷикии «Шуълаи инқилоб», ки дар Самарқанд нашр мегардид ва сармуҳарририи онро Саидризо Ализода ба уҳда дошт, паҳн карда мешуд.



*Саидризо Ализода (1892–1944) – сармуҳаррири маҷаллаи форсии тоҷикии «Шуълаи Инқилоб»*

**Таъсиси Ҳизби Ҷавонбухороиёни Инқилобӣ.** Дар аввали соли 1920 вазъи Ҳукумати Шӯравии Русия нисбатан беҳтар гардид. Қувваҳои зиддишӯравӣ асосан шикаст хӯрданд. Дар санаи 2-юми феврали соли 1920 хони Хева ҳам сарнагун карда шуд ва ба ҷойи он Ҷумҳурии Халқии шӯравии Хоразм ба вуҷуд омад. Аморати Бухоро дар Осиёи Марказӣ ҳамчун ягона такягоҳи қувваҳои зиддишӯравӣ боқӣ монд.

Вазъи баамаломада тамоми қувваҳои зиддиамирӣ, аз ҷумла қисми боқимондаи ҷавонбухороиёнро низ ба ҷунбиш овард, зеро як қисми онҳо Ҳизби Коммунистии Бухороро ташкил дода, ба он дохил шуда бошанд ҳам, қисми дигар худро канор гирифта, то ин лаҳза фаъолияти худро чандон нишон надода буданд. Масалан, яке аз пешвоёни ин ҳаракат Файзулло Хоҷаев ба Москва рафта, аз фаъолияти Ҳизби Ҷавонбухороиён то андозае канда шуда буд. Моҳи январи соли 1920 ӯ аз Москва ба Тошканд омада, Ҳизби Ҷавонбухороиёнро аз нав ташкил дод. Дар ҷамъомади ҳизб, ки дар Тошканд гузашт, Бюрои Марказии Ҳизби Ҷавонбухороиёни Инқилобӣ интихоб карда шуд. Он бо номи Бюрои Марказии Туркистонии Ҳизби Ҷавонбухороиёни Инқилобӣ низ маълум аст.

Ҳизби Ҷавонбухороиёни Инқилобӣ барнома дошт, ки аз тарафи худи Файзулло Хоҷаев тартиб дода шуда буд ва конфронси ҳизбӣ онро 14-уми июни соли 1920 қабул намуд. Аз барномаи он бармеояд, ки ҳизб мақсадҳои низомӣ доштааст: сарнагун намудани тартиботи амирӣ ва барқарор кардани ҷумҳурии халқӣ; баробарҳуқуқии ҳамаи миллатҳо ва ғайра. Дар барномаи ҳизб доир ба масъалаи дин таъкид карда мешуд, ки «дин ва шариат ифодакунандаи ҳақиқат ва ҳимоятгари камбағалон мебошад». Бинобар ин, ҳизб ният дошт, ки дин ва шариатро ба муқобили ҳукуматдорони аморат ва капитализм истифода кунад. Нисбати масъалаи замин Ҳизби Ҷавонбухороиёни Инқилобӣ ният дошт, ки замини дар ихтиёри амир, бекҳо ва дигар истисморгарон бударо мусодира намуда, дар байни деҳқононе, ки дар ҳамон заминҳо кор мекарданд, тақсим намояд. Барои ба таври қатъӣ ҳал намудани масъалаи замин онҳо Анҷумани деҳқононро даъват карданӣ буданд. Дар барнома инчунин, рушди саноат дар Бухоро, рӯзи кории ҳаштсоата, рушди илму фарҳанг ва ғайра дар назар дошта шуда буд. Мувофиқи он, таълим дар мактабҳои ибтидоӣ бояд ба забони ҳамон халқе ҷорӣ карда мешуд, ки он ҳалқ дар он маҳал аксариятро ташкил менамояд, вале дар донишкадаҳои олӣ таълим бояд танҳо бо «забони адабии туркӣ» ҷорӣ мегардид. Тоҷикон дар барнома яке аз қабилаҳои турк ҳисоб карда мешуданд. Мувофиқи низомномаи ҳизб, ҷазо барои узви гунаҳкори ҳизб аз хориҷ намудан аз ҳизб то қатл муайян карда шуда буд.

Ҳизби Ҷавонбухороиёни Инқилобӣ дар баробари Тошканд ва Москва, инчунин, дар худи аморат: Бухорои Куҳна, Бухорои Нав (Когон), Чорҷӯйи Нав, Каркӣ, Шаҳрисабз ва дигар нуқтаҳо шуъбаҳо дошт. Аз 15-уми апрели соли 1920 дар Тошканд ба нашри рӯзномаи худ – «Учқун» (Шарора) сар карданд, ки он моҳе ду дафъа, ба миқдори 5 ҳазор нусха ба забони ӯзбекӣ нашр мешуд.

**Фарқи барномаи Ҳизби Ҷавонбухороиёни Инқилобӣ аз барномаи Ҳизби Коммунистии Бухоро.** Фарқи ҷиддии барномаи Ҳизби Ҷавонбухороиёни Инқилобӣ аз барномаи Ҳизби Коммунистии Бухоро он буд, ки барномаи коммунистон дар асоси барномаи Ҳизби Коммунисти (болшевикон)-и Русия тартиб ёфта буд ва аз ин рӯ, худро қисми таркибии он ҳизб ва ҷумҳурии ояндаи Бухороро қисми таркибии Ҷумҳурии Туркистон ҳисоб мекард. Аммо Ҳизби Ҷавонбухороиёни Инқилобчӣ худро

ҳизби мустақил ва ҷумҳурии ояндаи Бухороро низ мустақил мешуморид. Такя ба дину шариат ба ҷавонбухороиёни инқилобӣ имкон медод, ки минбаъд мардуми зиёди аморатро ба тарафи худ кашанд, зеро ин нукта дар барномаи коммунистон ҷой надошт. Баръакс, ба ақидаи пешвоёни коммунистони Бухоро, дар аморат бо такя ба коргарон ва камбағалони шаҳру деҳот инқилоби сотсиалистӣ имконпазир будааст. Ба ақидаи пешвоёни ҷавонбухороиёни инқилобӣ, инқилоби Бухоро бояд инқилоби халқии демократӣ бошад ва дар он бояд доираи васеи мардуми Бухоро, ҳатто буржуазияи миёна ва хурд, иштирок намоянд.

Ҳамин тавр, дар арафаи сарнагун карда шудани тартиботи амирӣ дар Бухоро ду ҳизб амал мекард. Мувофиқи баъзе маълумот, Ҳизби Коммунистони Бухоро гӯё 5 ҳазор нафар узв ва 20 ҳазор нафар хайрхоҳ, Ҳизби Ҷавонбухороиёни Инқилобӣ – 800 нафар узв ва 10 ҳазор нафар хайрхоҳ доштаанд. Аммо дар байни ин ду ҳизб иттифоқи мустаҳкам вуҷуд надошт.

**Сарчашма:**

Садриддин Айнӣ дар бораи зиёд шудани аъзо ва тарафдорони коммунистони Бухоро ва ҷавонбухороиёни инқилобӣ, ки онҳоро «Кумитаи Ҷавонбухороиён» ном бурдааст, менависад: «Ба Кумитаи Ҷавонбухороиён сиёсати дохилӣ ва хориҷии амир Олимхон бисёр ёрмандӣ кард. Ҳар касе, ки ҳар қадар зулм медид, ҳамон қадар ба идораи ҳукумати Бухоро бо чашми нафрат ва ба кумита ба назари дӯстӣ нигоҳ мекард. Зулмдидаеро, ки ҳукумати Бухоро таъқиб мекард ё дастгир карданӣ мешуд, агар маҷол меёфт, ба кумита илтиҷо мебурд». (Ниг.: Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 10. С. 184).

С.Айнӣ дар асари дигараш оид ба муносибати байни ташкилотҳои коммунистии Бухоро ва ҷавонбухороиёни инқилобӣ навиштааст: «Ин ташкилотҳо дар шаҳри Бухоро ва вилоятҳои вай ҳам шуъбаҳои махфии худро доштанд. Аммо хоҳ дар Тошканд бошад ва хоҳ дар маҳалҳо, ҳамеша дар байни ин ду ташкилот низоъ ва ҷанҷол буд, ки ин ба пеш бурдани инқилоби Бухоро сакта меовард...». (Ниг.: Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 1. С. 92).

**Санаҳои муҳим:**

1918, баҳор – таъсиси Ҳизби Ҷавонбухороиёни Сотсиал Инқилобчӣ.

1918, 25-уми сентябр – таъсиси Ҳизби Коммунистии Бухоро.

1920, январ – таъсиси Ҳизби Ҷавонбухороиёни Инқилобӣ.

1920, 2-юми феврал – сарнагун карда шудани хонигарии Хева ва таъсиси Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Хоразм.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Чаро ҷавонбухороиён ба кишвари Туркистон муҳоҷират карданд? 2) Ҳизби Ҷавонбухороиёни Сотсиал-Инқилобӣ чӣ тавр таъсиси гардид ва тақдири ояндаи он чӣ шуд ? 3) Ҳизби Коммунисти Бухоро кай, дар куҷо ва чӣ тавр ташкил ёфт? 4) Мувофиқи барнома мақсади коммунистони Бухоро аз чӣ иборат буд? 5) Ҳизби Ҷавонбухороиёни Инқилобӣ кай, дар куҷо ва чӣ тавр ташкил ёфт? 6) Мувофиқи барнома мақсади ҷавонбухороиёни инқилобӣ чӣ буд? 7) Дар барномаи ҷавонбухороиёни инқилобӣ ва коммунистони Бухоро боз чӣ нуктаҳои фарққунанда мавҷуд буд? 8) Ҳизбҳои номбурда чӣ қадар аъзо ва хайрхоҳ доштанд? 9) §§ 49 ва 54-ро такрор кунед; 10) Маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** аз тарафи муҳоҷирони бухороӣ дар қаламрави кишвари Туркистон бунёд гардидани ҳизбҳои сиёсиро дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §56. ОҒОЗИ БАРПО ШУДАНИ ҲОКИМИЯТИ ШӮРАВӢ ДАР НОҲИЯҲОИ БУХОРОИ МАРКАЗӢ

**Сарнагун кардани амири Бухоро – вазифаи навбатии Давлати Шӯравӣ.** Соли 1919 барои Давлати Шӯравӣ соли душвортарин ба ҳисоб мерафт. Дар ин сол қариб дар тамоми ноҳияҳои Русияи Шӯравӣ ҷанги дохилӣ идома дошт. Туркистони Шӯравиро ҳаракати зиддишӯравӣ фаро гирифта буд. Моҳи август бо мақсади мубориза ба муқобили қувваҳои зиддишӯравӣ аз ҳисоби қисмҳои аскарони сурхи дар қаламрави ин кишвар қарордошта Фронти Туркистон (Туркфронт) ташкил ёфт. Моҳи октябр бо ташаббуси Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистӣ (болшевикӣ) ва Ҳокимияти Шӯравии Русия бо мақсади расонидани кумаки амалӣ ба коммунистони Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Туркистону Бухоро, Комиссияи Туркистонӣ (Турккомиссия) ташкил карда шуд. Минбаъд Туркфронт ва Турккомиссия дар сарнагун намудани тартиботи амирии Бухоро нақши муҳим бозиданд.

Тобистони соли 1920 дар назди фармондеҳи Фронти Туркистон М.В. Фрунзе масъалаи Бухоро аввалиндараҷа ба ҳисоб мерафт, зеро сарнагун намудани тартиботи амирии Бухоро вазифаи навбатии Ҳокимияти Шӯравии Русия маҳсуб мешуд. Чунин сиёсатро мухолифони тартиботи амирӣ бо он асоснок мекарданд, ки аморати Бухоро дар самти ҷануб такягоҳ ва макони асосии қувваҳои зиддишӯравӣ гардидааст. Бинобар ин, мувофиқи фармони М.В.Фрунзе, қисмҳои аз муҳорибаҳо озодгардидаи аскарони Фронти Туркистон пайиҳам дар нуқтаҳои асосии аморат ҷойгир карда шуданд.

Бояд таъкид кард, ки сиёсати берунии нисбат ба Ҳукумати амирии Бухоро пешгирифтаи Давлати Шӯравӣ хайрхоҳона набуд. Барои равшан намудани ин масъала ба гузориши муовини комиссари корҳои хориҷии Федератсияи Русия (ҶФШСР) Л.М. Карахан аз 20-уми майи соли 1920 ба номи В.И. Ленин менигарем, ки онро роҳбарони Ҳизби Коммунисти (болшевикӣ)-и Русия аз ҳар ҷиҳат муҳокима намуда, комилан маъқул шуморида буданд. Дар гузориш маркази қувваҳои зиддишӯравӣ гардидани Бухоро, сиёсати зиддимардумии онро бори дигар нишон дода, таъкид намудааст, ки «Сиёсати мо... то ҳанӯз ягон натиҷае надод – Бухоро на бо мо, балки муқобили мост. Бинобар ин, мо пурра бо андешаи Турккомиссия, намояндагиамон дар Тошканд розӣ шуда, пешниҳод менамоем, ки амирро сарнагун карда, ба сари ҳокимият ҷавонбухороиёнро (ҳоло коммунистонро) гузошта, Бухороро демократӣ эълон намоянд.

Ин дар муддати якчанд моҳ, дар натиҷаи табаддулоти дохилӣ дар Бухоро ва дастгирӣ аз сарзамини мо, ба воситаи отрядҳои бухороии аз ҳисоби гурезагони зиёди худи қӯшунҳои амир ташкилёфта имконпазир аст. Баъди ташкил гардидани ҳукумати нав мо метавонем қӯшунҳои худро барои муҳофизати роҳи оҳан ва сарҳад дарорем».

Аз гузориши Л.М. Карахан чунин бармеояд, ки он лаҳза дар Комиссариати корҳои хориҷии Русияи Шӯравӣ ба қувваҳои дохилии худи Бухоро аз будаш хеле зиёд баҳо дода, тақдири ҳукумати амириро тавассути худи бухороиён ҳал карданӣ буданд. Амалиёт бе иштироки қисмҳои аскарони сурхи Русияи Шӯравӣ татбиқ мегардид. Аммо мавқеи Турккомиссия ва пеш аз ҳама, сардори Фронти Туркистон М.В. Фрунзе дар ҳалли масъалаи Бухоро тамоман дигар буд. Онҳо дар ин роҳ бештар ба қувваи аскарони сурх

бовар доштанд. Амири Бухоро Олимхонро махсусан, дар маҳаллаҳои руснишини аморат – Бухорои Нав (Когон), Чорҷӯйи Нав ҷойгир карда шудани қисмҳои аскарони сурх ба воҳима андохта буд, зеро сарбозон ва навкарони аксар машқи ҷангӣ надидаи ӯ, ки тахминан ба 13 ҳазор нафар мерасид, ба қисмҳои ҳафтодҳазорнафараи аскарони сурхи дар майдонҳои ҷанг обутобёфтаи фронти Туркистон муқобилат кардан наметавонистанд.

Сиёсатмадорони шӯравиро якравии амир ба ташвиш оварда буд. Олимхон аз душманони ашаддии сохти шӯравӣ буд. Аз ин рӯ, ҳар се вохӯрии сарвари Фронти Туркистон М.В. Фрунзе бо амир бе натиҷа анҷом ёфтанд. Дар ин мулоқотҳо М.В. Фрунзе бо Ҳукумати амирӣ дар баробари беҳтар намудани муносибат бо Давлати Шӯравӣ талаб кард, ки қисмҳои аскарони сурхи дар Бухорои Нав, Қаршӣ, Каркӣ, Чорҷӯйи Нав ва Тирмиз бударо бо хӯрокворӣ таъмин намуда, хатти телеграфро барқарор намояд, аммо ба ивази ин ҳама М.В. Фрунзе ягон чиз пешниҳод намекард. Амир талаб дошт, ки аз тамоми нуқтаҳои номбурда қисмҳои аскарони сурх бароварда шаванд.

**Иғвои 2-юми июл.** Тобистони соли 1920 муносибати байни Ҳукумати амирии Бухоро ва Ҳокимияти Шӯравӣ андаке беҳтар шуд. Дақиқтараш, Ҳукумати амирӣ маҷбур шуд, ки нисбат ба Давлати Шӯравӣ муносибаташро беҳтар намояд, зеро то ин вақт амир ба қувваҳои зиддишӯравии дохили Русия ва империалистони хориҷӣ эътимоди қавӣ дошт. Акнун ҳамаи он умедҳо барбод рафтанд, қувваҳои зиддишӯравӣ шикаст хӯрданд. Давлати Шӯравӣ, бар хилофи чашмдошти амир Олимхон ва дигар ҳамфикрони ӯ, рӯз то рӯз пурқувват мегардид. Илова бар ин, акнун қисмҳои аскарони сурх дар хоки Бухоро мавқеи мустаҳкам доштанд.

Дар санаи 8-уми июни соли 1920 амир Олимхон Комиссари корҳои хориҷии Федератсияи Русия Г.В. Чичеринро хабардор намуд, ки барои ба Маскав фиристодани ҳайати сафирони худ омода аст. Вале чунин кӯшиши Ҳукумати амирӣ боиси норизоии сарварони Ҳизби Коммунистии Бухоро ва сарварони Фронти Туркистон гардид, зеро дар барномаи онҳо масъалаи сарнагун намудани тартиботи амирӣ матраҳ буд. Бо Ҳукумати амирӣ муносибати муътадил барқарор кардан, иҷрои ин масъаларо ба таъхир меандохт.

Дар таърихи 2-юми июли соли 1920 аз Бухоро ба сӯйи Маскав ҳайати намояндагии амир (сафорати фавқулода) ба роҳ

баромад. Худи ҳамон рӯз (баробари гусели ҳайат) дар Бухорои Нав (Когон), дар он биноҳое, ки танҳо ба Ҳукумати амирии Бухоро тааллуқ доштанд, аз он ҷумла резиденсияи худи амир, бе ризояти ӯ қисмҳои аскарони сурх ҷойгир карда шуданд. Сабаби ин иғво чандон равшан набуд. Гуфтушунидҳои дипломатӣ онро ҳал кардан натавонистанд, вале ин иғво қувваҳои зиддишӯравии Бухороро ба ҳаракат овард. Бо талаби онҳо амир 7-уми июл ба фатвое имзо гузошт, ки дар асоси он баҳри муҳофизати дини ислом ва шариат ҳамаи мусалмонон ба ҷанги муқаддас даъват карда мешуданд.

**Омода карда шудани қисмҳои аскарони сурх.** Фармондеҳи Фронти Туркистон М.В. Фрунзе воқеаи дар Бухорои Нав (Когон) шударо дар хабари ба Маскав фиристодааш аз будаш зиёдтар ва ба манфиати худ шарҳ дода, ризояти сарварони ҳарбию ҳизбии Федератсияи Русияро барои оғози ҳуҷум ба Бухоро хоҳиш намуд. Ӯ 12-уми август таҳти рақами 3504 «Дастур ба қӯшунҳои фронт оид ба инқилоби Бухоро»-ро имзо кард, ки мувофиқи он, қисмҳои асосии ба муқобили сохти амирӣ нигаронидашудаи аскарони сурх дар муддати кӯтоҳ аз 12-ум то 17-уми август, баробари ҷойгир намудани онҳо дар нуқтаҳои муайяншуда бояд комилан омодаи чанг мегардиданд.

Дар санаи 23-юми августи соли 1920 дар деҳаи Шакарбозор (каме дуртар аз Чорҷӯй) шӯриш ба амал омад. Шӯришгарон деҳаро ишғол намуда, дар он ҷо Ҳокимияти Шӯравиро эълон карданд, вале ба дастгирии ин шӯриш дар Чорҷӯйи Кухна ва дигар деҳаҳои атрофи он ягон ҷунбише ба вуҷуд наомад.

Дар таърихи 25-уми август бо имзои фармондеҳи Фронти Туркистон М.В. Фрунзе ва узви Шӯрои ҳарбии фронт В.В. Куйбишев таҳти рақами 3667 «Дастур ба аскарони фронт барои расонидани кумак ба заҳматкашони шӯришбардоштаи Бухоро» баромад, ки он моҳиятан нақшаи асосии сарнагун намудани Ҳукумати амирии Бухоро буда, дар қатори дастури рақами 3504 (аз 12-уми август) аз ҷумлаи санадҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, дар санади 25-уми август муҳлати оғози амалиёти ҷангиро барои сарнагун намудани тартиботи амирии Бухоро ба шаби аз 28-ум ба 29-уми август муайян намуда, сарварии умумии он амалиётро М.В. Фрунзе пурра ба уҳдаи худ гирифта буд.

**Аз тарафи аскарони сурх забт карда шудани ноҳияҳои марказии аморат.** Мувофиқи дастури рақами 3667 (аз 25-уми август)

нақшаи сарнагун намудани сохти амирии Бухоро, ки бо номи «Амалиёти Бухоро» маълум аст, аз забти Чорҷӯйи Куҳна оғоз мегардид. Иҷрои ин нақша вазифаи гурӯҳи чорҷӯйии қисмҳои аскарони сурх бошад ҳам, аниқтараш, он ба уҳдаи отряди асосан, аз мардуми маҳаллӣ ташкилёфтаи Қулмуҳаммадов гузошта шуда буд. Ин отряд аз ҷиҳати миқдор ва сифат аз аскарони беки Чорҷӯй хеле бартарӣ дошта бошад ҳам, таҷрибаи шабона ҷанг кардан надошт. Бинобар ин, отряди Қулмуҳаммадов, ки барои ҳабси беки Чорҷӯй фиристода шуда буд, ба муҳлати муайянкардаи М.В. Фрунзе аҳаммият надода, худсарона субҳро мунтазир шуд. Чунин аҳвол сарварони қисмҳои аскарони сурхро ба ташвиш гузошт ва онҳо ба отряди Қулмуҳаммадов аҳаммият надода, тавассути қисмҳои аскарони сурх Чорҷӯйи Куҳнаро то соати 4-и субҳ забт намуда, бекро ҳабс карданд. Ин қисмҳо то бегоҳии 29-уми август шаҳри Қарокӯлро ба даст дароварда, баъд ба сӯйи Бухорои Кухна ҳаракат карданд.

Гурӯҳи каттақӯрғонии аскарони сурх рӯзи 29-уми август ба сӯйи Хатирчӣ ҳаракат карда, баъди ҷанги шадиди шашсоата онро забт намуданд. Онҳо нисфирӯзии 30-юми август мавзеи Зиёуддин ва саҳарии 31-уми август Карминаро ишғол карданд. Гурӯҳи самарқандии қисмҳои аскарони сурх 29-уми август Китоб ва Шаҳрисабз, 1-уми сентябр Ғузорро тасарруф намуданд. Қисмҳои аскарони сурхи дар роҳи оҳани Қаршӣ буда рӯзи 29-уми август шаҳрро ба даст дароварданд.

Ҳангоми амалиёти ҷангӣ ба аскарони сурх муяссар шуд, ки танҳо бек – ҳокими Чорҷӯйро ҳабс намоянд. Ҳокимони мулкҳои дигар фирор карданд.

**Сарчашма:**

Дар «Дастур ба аскарони фронт оид ба расонидани кумак ба заҳматкашони шӯришбардоштаи Бухоро» (таҳти рақами 3667, ки сарвари Фронти Туркистон М.В. Фрунзе имзо карда буд, омадааст: «1. Тамоми отрядҳо ва қисмҳои гурӯҳи бухорою самарқандӣ то шаби 28-уми августи соли ҷорӣ тайёрии ҳарбиро ба итмом расонида, шаби аз 28-ум ба 29-уми август ҳаракати фаъолонаро сар кунанд. 2. Фармондеҳи отряди Чорҷӯй рафиқ Никитин бояд қисмҳои зиёди қувваи рафиқ Қулмуҳаммадовро ба Чорҷӯй Кухна фиристад ва он аз соати 4-и саҳарии 29-уми август дер намонда, бо мадади шӯриши мардуми яроқнок шаҳрро

ишғол намояд. Баъди он, дар Чорҷӯйи Куҳна гарнизони заруриро гузошта, рафиқ Қулмуҳаммадов қувваҳои савораи худро ба сӯйи Норазм ва Бурдалик гардонад ва бо ишғоли он нуқтаҳо роҳҳои аз сӯйи Бухорои Куҳна ба сӯйи Каркӣ ва Тирмизро ба зери назорати қатъӣ гиранд, то ин ки ҳангоми кӯшиши ба сӯйи Афғонистон гурехтани амир ва аъзоёни Ҳукумати куҳнаи Бухоро онҳоро дастгир намоянд». (Ниг.: Директивы командования фронтов Красной Армии. Сб. документов Т.III. -М, 1976. С.350).

**Санаҳои муҳим:**

1919, август – таъсиси Фронти Туркистон (Туркфронт).

1919, октябр–таъсиси Комиссияи Туркистон (Турккомиссия).

1920, 20-уми май – гузориши Л.М. Карахан (ба В.И. Ленин) доир ба масъалаи Бухоро.

1920, 2-юми июл – ба Маскав фиристода шудани сафорати фавқулодаи амири Бухоро.

1920, 2-юми июл – иғвои қисмҳои аскарони сурх дар Бухорои Нав.

1920, 7-уми июл – амир Олимхон ба фатвое имзо кард, ки мувофиқи он ҳамаи мусалмонон ба муқобили Давлати Шӯравӣ ба ҷанги муқаддас даъват мешуданд.

1920, 12-уми август – М.В. Фрунзе таҳти рақами 3504 «Дастур ба қӯшунҳои фронт оид ба инқилоби Бухоро»-ро имзо кард.

1920, 23-юми август – шӯриш дар Шакарбозор.

1920, 25-уми август – М.В. Фрунзе таҳти рақами 3667 «Дастур ба қӯшунҳои фронт доир ба расонидани кумак ба заҳматкашони шӯришбардоштаи Бухоро»-ро имзо кард.

1920, 29-уми август – 1-уми сентябр – аз тарафи қисмҳои аскарони сурх забт гардидани Чорҷӯйи Куҳна, Қарокӯл, Хатирчӣ, Зиёуддин, Кармина, Қаршӣ, Китоб, Шаҳрисабз ва Ғузор.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Туркфронт ва Турккомиссия бо кадом мақсад ташкил карда шуданд? 2) Онҳо нисбати масъалаи Бухоро чӣ мавқеъ доштанд? 3) Л.М. Карахан дар гузориши худ ба номи В.И. Ленин чӣ пешниҳод кардааст? 4) Қисмҳои аскарони сурх дар кадом нуқтаҳои аморати Бухоро ҷойгир карда шуданд? 5) Чаро «иғвои 2-юми июл» мегӯянд? 6) Дар дастури 12-уми августи соли 1920 (таҳти рақами 3504) чӣ супориш дода шудааст? 7) Дар дастури

25-уми августи соли 1920 (тахти рақами 3667) кадом масъала ба миён гузошта шудааст? 8) Аз 29-уми август то 1-уми сентябри соли 1920 аз тарафи қисмҳои аскарони сурх кадом мулкҳои аморати Бухоро забт гардиданд? 9) §§ 54 ва 55-ро такрор кунед; 10) Маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** оғози барпо шудани Ҳокимияти Шӯравиро дар ноҳияҳои Бухорои Марказӣ дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §57. ЗАБТИ БУХОРОИ КУҲНА ВА ТАШКИЛЁБИИ ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ШӮРАВИИ БУХОРО

**Забти Бухорои Куҳна.** Ишғоли Бухорои Куҳна – пойтахти аморати Бухоро мувофиқи дастури рақами 3667 пурра ба уҳдаи гурӯҳи когонии аскарони сурх гузошта шуда буд. Гурӯҳ баробари гирифтани хабари аз тарафи қисмҳои аскарони сурх забт гардидани Чорҷӯйи Куҳна, соати 5:00-и субҳи 29-уми август ҳуҷумро аз Бухорои Нав (Когон) ба сӯйи шаҳри Бухорои Куҳна оғоз кард. Ба муқобили ин шаҳри бостонӣ аз тарафи аскарони сурх тамоми техникаи ҳарбии муайяншуда, аз ҷумла ёздаҳ аэроплани бомбаандоз, тӯпҳои вазнини дурзан, поездҳои зиреҳпӯш ва ғайра истифода гардиданд.



*Лаҳзаҳои вориди шаҳри Бухорои Куҳна шудани қисмҳои аскарони сурх (2-юми сентябри соли 1920)*

Амалиёти ҷанг барои забти Бухорои Куҳна асосан дар самти дарвозаи Қаршии он мегузашт. Роҳ аз шаҳри Бухорои Куҳна ба сӯйи Бухорои Нав (Когон) низ тавассути ҳамин дарвоза буд.

Инчунин, дар наздикии ҳамин дарвоза истгоҳ ва нуқтаи охирини роҳи оҳани Бухорои Нав – Бухорои Куҳна воқеъ гардида буд. Ҷанг асосан дар байни қисмҳои аскарони сурх ва сарбозони амир, ки қалъаи Бухорои Куҳнаро муҳофизат мекарданд, мегузашт. Мардуми Бухоро гӯё дар ин воқеа бетараф буданд. Ҳатто ҳангоми амалиёти ҷангӣ бозор ва чойхонаи назди дарвозаи Қаршии шаҳр ҳама вақт серодам будааст. Аз ҷиҳати сифати лавозимоти ҳарбӣ ва техника бартарии аскарони сурх хеле зиёд буд. Аскарони амир асосан бо камонҳои куҳна мусаллаҳ буданд ва тирҳои онҳо аз болои қалъа то ба аскарони сурхи дар майдони назди дарвоза буда, намерасид. Аскарони сурх бе душворӣ ба воситаи тӯпҳо нуқтаҳои заруриро ба нишон мегирифтанд, аэропланҳо ҳам озодона дар болои шаҳр парвоз намуда, ба нуқтаҳои муҳим 170 бомба партофтаанд. Вале бо вуҷуди чунин бартариҳо, амалиёти ҷангии рӯзи 30-юми август барои қисмҳои аскарони сурх хеле вазнин буд. Аскарони амир аз самти дигар, аз дарвозаи Мазори Шариф ногаҳон баромада, ба қисмҳои алоҳидаи аскарони сурх зарбаи қатъӣ заданд. Амалиёти ҷангии ин рӯзро М.В. Фрунзе таҳлил намуда, ҳатто эътироф кардааст, ки маҳз «парвози аэропланҳои фарсудашудаи мо, ки саворагони муқобилро ба гурехтан маҷбур намуд, отрядро аз нобудшавӣ наҷот дод».



*Гирдиҳамоӣ дар майдони назди Арки Бухоро (Регистон) ба муносибати сарнагун карда шудани тартиботи амирӣ (сентябри соли 1920)*

Саҳарии 1-уми сентябр дар назди дарвозаи Қаршии шаҳр таркише ба амал омад ва он девори баландиаш 10 метр ва ғафсиаш 5 метрро, ки сар то сари ин шаҳри бостониро пурра иҳота мекард, сӯрох намуда, барои аскарони сурх ба дохили шаҳр роҳ кушод. Баъди он, дар майдону гузарҳои шаҳри Бухорои Куҳна байни

аскарони сурх ва аскарони амирӣ ҷангҳои шадид ба амал омаданд, вале барои аскарони сурх пурзӯр намудани ҳуҷум ягон заруртате надошт, зеро шаби аз 30-юми август ба 1-уми сентябр амир Олимхон бо наздикони худ ва тахминан ҳазор нафар посбонон аз дарвозаи Самарқанди шаҳри Бухорои Куҳна баромада, фирор карда буд.

Дар санаи 2-уми сентябр, соати 10-и пагоҳӣ Арки Бухоро аз тарафи аскарони сурх забт карда шуд. Худи ҳамон рӯз аз тарафи қисмҳои аскарони сурх Вобканд, Пирмаст, Ғиждувон ва Қизилтеппа низ ишғол шуд. Ба дигар нуқтаҳои муҳимми Бухорои Марказӣ (Ғарбӣ), аз ҷумла: Рометан, Зандане, Шофирком, Вағонзе ва ғайра, ки дар он ҷойҳо сарбозони амирӣ набуданд, қисмҳои аскарони сурх ҳуҷум накарданд. Дар ин маҳалҳо тартиботи нав ба таври осоишта барпо карда шуд.

Аммо дар шаҳри Бухорои Куҳна ҳамоно вазъият мураккаб буд. Баъди аз тарафи аскарони сурх забт карда шудани шаҳр ҳам, сӯхтор бист рӯзи дигар давом кард. Дар натиҷа 34 гузар, беш аз ҳазор хона сӯхта, вайрон шуданд. Дар худи Арк беш аз 100 хона сӯхта, валангор шудааст. Арки Бухоро маҳз аз бомбаҳои партофташуда хеле хароб гардида буд. Меҳмонхонаи Раҳимхонии Арк, ки чун ҷойи қабулгоҳи амирон ва яке аз биноҳои зеботарини шаҳр ба ҳисоб мерафт, тамоман ба хок яксон карда шуд. Мардуми зиёде ҳалок гардиданд. Дар санаи 2-3-юми сентябр шаҳриён барои гӯронидани қурбоншудагон сафарбар карда шуданд.

Тамоми дороии хазинаи амир (тиллою нуқраҳои он, ки беҳисоб буд) ва ғаниматҳои аз тарафи аскарони сурх ҳангоми забти маркази бекигариҳои ишғолшуда, бо баҳонаи муҳофизати муваққатӣ аз тороҷгарӣ, аввал ба Самарқанд оварда, баъд ба Маскав фиристода шуданд.

Дар шаҳри Бухорои Куҳна ва тамоми маҳаллаҳои забтшуда кумитаҳои инқилобӣ (ревкомҳо) ташкил карда шуд ва ҳокимият ба ихтиёри онҳо гузашт.

**Таъсиси Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро.** Баробари сарнагун карда шудани тартиботи амирӣ дар Бухорои Марказӣ (Ғарбӣ) аввали сентябри соли 1920 Кумитаи Инқилобии Умумибухороӣ манифест бароварда, Бухороро Ҷумҳурии Халқии Шӯравӣ эълон кард. Дар ҷумҳурӣ Кумитаи Инқилобии Умумибухороӣ ҳамчун органи олии давлатӣ, Шӯрои нозирони халқӣ – ҳокимияти иҷроия ба ҳисоб мерафтанд.

Дар таърихи 6–8-уми октябри соли 1920 дар бинои қароргоҳи Ситорамоҳихоссаи Бухоро Анҷумани якуми муассисони умумибухороии намояндагони халқ баргузор гардид. Дар он 1950 намоянда иштирок дошт, ки онҳоро дар гирдиҳамоиҳо, майдони бозорҳо бо нишондоди Ҳизби Коммунистии Бухоро «интихоб» карда буданд. Амалдорони собиқ, заминдорони калон аз ҳуқуқи ба намояндагӣ интихоб шудан маҳрум буданд. Дар Анҷуман асосан намояндагони деҳқонон, зиёиён, тоҷирон, косибон ва ҳунармандон иштирок доштанд. Дар санаи 8-уми октябр Анҷуман доир ба таъсиси Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро (ҶХШБ) қарори таърихӣ қабул кард. Ин гувоҳи он буд, ки дар сарзамини Бухоро ба сохти яккаҳукуматдории иртиҷоии амирию хонии асрҳо боз идомадошта хотима гузошта шуд.



*Гирдиҳамӣ дар Ситорамоҳихосса бахшида ба эълони таъсиси Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро*

**Аввалин тадбирҳои ҳукумати нави Бухоро.** Баробари аз тарафи аскарони сурх ишғол шудани шаҳри Бухорои Куҳна ба ин ҷо бо сарварии Файзулло Хоҷаев аз Бухорои Нав (Когон) ҳукумати ҳанӯз пештар ташкилдодашудаи Бухоро кӯчида омад. Файзулло Хоҷаев на танҳо вазифаи раиси Шӯрои нозирони халқии Бухороро (ин вазифа ҳанӯз пештар насиби ӯ гардида буд), балки вазифаи раиси Кумитаи Марказии Инқилобӣ ё худ Кумитаи Инқилобии Умумибухороиро низ ба уҳда дошт, зеро Аҳмадҷон Абусаидов (Ҳамдӣ), ки пештар ба ин вазифа пешниҳод шуда буд, дар рӯзҳои муҳосираи шаҳри Бухорои Куҳна гӯё худро фаъол нишон надод.

Аниқтараш, мувофиқи баъзе маълумот, ӯ барои ба муқобили Бухорои Куҳна истифода кардани тӯпҳои дурзан ва бомбаборон намудани он ризоят надодааст. Бинобар ин, ӯро аз вазифааш озод намуда, вазифаи раиси Кумитаи Инқилобии Умумибухороиро низ муваққатан ба уҳдаи Файзулло Хоҷаев гузоштанд.

Кумитаи Инқилобии Умумибухороӣ аввали сентябри соли 1920 манифесте баровард, ки мувофиқи он заминҳои дар ихтиёри амир, амалдорони амир, қозиҳо ва заминдорони калон бударо мусодира карда, онҳоро дар байни деҳқонони камзамину безамин тақсим менамуданд; хироҷ, аминона ва дигар навъҳои андозҳо бекор карда мешуд; судҳои қозигиро бекор намуда, ба ҷойи онҳо судҳои халқӣ ташкил медоданд; баробарҳуқуқии ҳамаи халқҳо, новобаста ба фарқи нажодӣ, миллӣ ва динӣ, таъмин мегардид; ҷорӣ кардани таълими ройгон; пароканда намудани қӯшунҳои амир; бекор кардани ҳукми қатл, ҷазои ҷисмонӣ ва ғайра эълон карда шуд.

Вале вазъ дар шаҳри Бухорои Куҳна мураккаб буд. Дуздию ғоратгарӣ ва сӯхтору кушокушӣ ҳанӯз идома дошт. Бо мақсади бартараф намудани оқибатҳои он 4-уми сентябри соли 1920 дар шаҳри Бухорои Куҳна ҳолати фавқулода ҷорӣ карда, Комиссияи фавқулода (Бухчека)-ро ташкил доданд. Барои таъмин намудани амнияти шаҳриён се ҳазор нафар милитсияи халқӣ ташкил карда шуд.

Ҳамин тавр, дар сарзамини Бухорои Марказӣ (Ғарбӣ) баробари барҳам дода шудани тартиботи иртиҷоии амирӣ барои бунёди ҷомеаи нав аввалин тадбирҳо андешида мешуд.

**Сарчашма:**

Яке аз комиссарони қисмҳои аскарони сурх Н.Д. Ратников ҳамчун шоҳид ва иштирокчии ҳуҷум ба шаҳри Бухорои Куҳна вазъи ҳамонвақтаи майдони назди дарвозаи Қаршии шаҳри Бухорои Куҳнаро, ки майдони асосии ҷангӣ ба ҳисоб мерафт, чунин тасвир кардааст: «Дар бозорчаи назди дарвозаи Қаршӣ ба амалиёти ҷангӣ нигоҳ накарда, савдо дар авҷ буд. Ман мушоҳида накардам, ки ягон дуконе маҳкам бошад ё худ савдо накунад... Тамоми маҳсулоти заруриро ба савдо гузоштаанд. Махсусан, фаровонии харбузаю ангур ба чашм мерасид. Тамоми чойхонаҳо аз ҳисоби мардуми маҳаллӣ ва аскарони сурх серодам буданд. Онҳо дар катҳо нишаста чойи кабуд менӯшиданд ва чилим

мекашиданд». (Ниг.: Бойгонии давлатии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фонди 31.Рӯйхати 1. Ҳуҷҷати 147. - Варақаҳои 30-31).

**Санаҳои муҳим:**

1920, 29-уми август – оғози ҳуҷуми аскарони сурх ба шаҳри Бухорои Куҳна.

1920, 1-уми сентябр – аз тарафи аскарони сурх тарконида шудани девори қалъаи Бухорои Куҳна.

1920, 2-юми сентябр – забт шудани Арк ва ишғоли шаҳри Бухорои Куҳна аз тарафи аскарони сурх.

1920, сентябр – Кумитаи Инқилобии Умумибухороӣ тавассути як манифест таъсиси Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухороро эълон кард.

1920, 8-уми октябр – Анҷумани якуми муассисони умумибухороии намояндагони халқ доир ба ташкилёбии Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро қарори таърихӣ қабул кард.

1920, 4-уми сентябр – дар шаҳри Бухорои Куҳна вазъи фавқулода эълон карда шуд ва Комиссияи фавқулода (Бухчека) ташкил ёфт.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Забти шаҳри Бухорои Куҳна дар асоси кадом дастур сурат гирифт? 2) Барои забти шаҳри Бухорои Куҳна амалиёти ҷангӣ асосан дар кадом самт мегузашт? 3) Барои забти шаҳри Бухорои Куҳна аз тарафи аскарони сурх чӣ гуна қувваҳо истифода шуданд? 4) Забти шаҳри Бухорои Куҳна аз тарафи аскарони сурх кай анҷом ёфт? 5) Дар шаҳри Бухорои Куҳна баъди забти қисмҳои аскарони сурх чӣ гуна ҳолат ҳукмфармо буд? 6) Бухоро кай Ҷумҳурии Халқии Шӯравӣ эълон гардид? 7) Аввалин тадбирҳои ҳукумати нави Бухоро кадомҳоянд? 8) §§ 54 ва 56-ро такрор кунед; 9) Ба расмҳо аҳаммият дода, маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** аз тарафи қисмҳои аскарони сурх забт гардидани шаҳри Бухорои Куҳна ва бунёди Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухороро дуруст шарҳ дода тавонанд.

# БОБИ 16
# БАРПО ГАРДИДАНИ ҲОКИМИЯТИ ШӮРАВӢ ДАР БУХОРОИ ШАРҚӢ

## § 58. ВАЗЪИ БУХОРОИ ШАРҚӢ

Тавре ки қаблан зикр карда шуд, аз қувваҳои амирии Бухорои Марказӣ (Ғарбӣ) танҳо беки Чорҷӯй бо қисме аз дастаҳояш асир гирифта шуд. Бекҳо – ҳокимони боқимондаи ин сарзамин бо сарбозони содиқи худ ба ҳар сӯ, аксар ба сӯйи Бухорои Шарқӣ фирор карданд. Худи амир Олимхон ҳам аз Бухорои Кухна роҳи сӯйи Ғиждувонро пеш гирифта, рӯзи 2-юми сентябри соли 1920 ба Бухорои Шарқӣ фирор кард ва ниҳоят дар деҳаи Душанбе қарор гирифт.

Яке аз сабабҳои маҳз дар деҳаи Душанбе қарор гирифтани амир Олимхон он аст, ки шаҳраки Ҳисор, агарчи ҳамчун маркази бекнишин нисбатан бузургтар ва ободтар буд, вале он солҳо барои зиндагии тобистона мусоид набуд. Зеро атрофи ин шаҳракро ботлоқзор ва найзорҳо иҳота карда буданд, ки сабаби дар фасли тобистон хеле зиёд гардидани хомӯшаку ҳар гуна ҳашарот мешуданд. Бинобар ин, беки Ҳисор, амалдорону давлатмандони ин шаҳрак фасли тобистонро аввал бештар дар шаҳраки Қаротоғ мегузарониданд, вале шаҳраки Қаротоғ дар натиҷаи заминҷунбии 21-уми октябри соли 1907 хеле хароб гардида буд. Баъди он мақоми деҳаи Душанбе ҳамчун манзили барои зист мувофиқ дар фасли тобистон бештару беҳтар шуда буд. Баробари дар Душанбе қарор гирифтани амир, мақоми сиёсии ин деҳа торафт афзудан гирифт.

Фармондеҳи Фронти Туркистон М.В.Фрунзе 4-уми сентябри соли 1920 дар назди аскарони сурхи гурӯҳи бухороию самарқандӣ вазифаи нав гузошта буд, ки мувофиқи он, дар тамоми сарзамини Бухорои Шарқӣ барҳам додани тартиботи амирӣ ва барпо намудани Ҳукумати Шӯравӣ дар назар дошта мешуд. Барои иҷрои ин вазифа гурӯҳи дар мувофиқа, пеш аз ҳама, Шеробод ва Бойсунро гирифта, бояд бо гарнизони Тирмиз робита барқарор менамуд. Инчунин, ҳамин гурӯҳ иттифоқан бо Кумитаи Инқилобии Умумибухорой, барои бо қувваҳои якҷоя ба даст даровардани ноҳияи Ҳисор, мебоист отряди мусалмонӣ

ташкил мекард, аммо М.В.Фрунзе худ ин нақшаро амалӣ карда натавонист. Мувофиқи қарори Шӯрои Ҳарбии Инқилобии Федератсияи Русия ӯ аз кишвари Туркистон даъват карда шуд ва фармондеҳи Фронти Ҷануб таъйин гардид. Бинобар ин, вай 10 сентябр аз кишвар бозхонда шуд.

Қисмҳои аскарони сурх ҳамоно аз дунболи амири гуреза мерафтанд. Онҳо 11 сентябр бе ҷанг Дарбанд ва баъди он, дар натиҷаи муҳорибаи  хурд Бойсунро низ забт намуданд. Вале сарварони нави қисмҳои дар Бухоро будаи аскарони сурх вазъияти навро баррасӣ намуда, набудани захира ва қисмҳои эҳтиётӣ, наздик будани тирамоҳу зимистон, набудани роҳи мувофиқ барои кашондани тӯпҳои ҷангӣ, хастагии аскарону аспҳо ва ғайраро ба инобат гирифта, ба пеш ҳаракат кардани қисмҳоро лозим надонистанд. Бо сабабҳои номбурда дар мавзеъҳои номбурда, яъне Дарбанду Бойсун мавқеъ гирифта истодани онҳо низ ғайриимкон буд. Бинобар ин, 13 сентябри ҳамон сол қисмҳои аскарони сурх ба сӯйи Ғузор ақиб гаштанд ва худи ҳамон рӯз роҳи Қарширо пеш гирифтанд. Бо ҳамин ҳаракати қисмҳои аскарони сурх аз қафои амири гуреза як муддат қатъ гардид. Дар ин  муддат ҳар ду тараф ба муқобили якдигар омодагӣ медиданд.

Аз Дарбанду Бойсун ба Қаршӣ, ба қафо баргаштани қисмҳои аскарони сурх амир Олимхон ва тарафдорони ӯро рӯҳбаланд намуд. Онҳо бо роҳҳои гуногун, яъне чи аз ҳисоби сарбозони аз Бухорои Марказӣ (Ғарбӣ) ба ин сӯ омада ва чи аз ҳисоби мардум ҷамъ намудани қувваи нав, инчунин, ҷалб намудани гурезагон–аксулинқилобчиёни кишвари Туркистон қувваи азимеро омода намуданд. Амир дар ин мулк ҳукумати муваққатии худро ташкил дод, ки вазифаи асосии он омода намудани амалиёти ҷангӣ барои аз аскарони сурх баргардонидани Бухорои Марказӣ (Ғарбӣ) ба ҳисоб мерафт. Дар ҳукумати нав тағои амир Муҳаммадсаидбек парвоначӣ вазифаи вазири ҳарбиро ба уҳда дошт. Абдулҳафиз парвоначӣ ва Иброҳимбек сараскарони низомӣ ба ҳисоб мерафтанд. Амир бо мақсади аз ҷиҳати маънавӣ рӯҳбаланд намудан, ба Иброҳимбек унвони мирохуриро дод. Ҳамон лаҳза дар атрофи амир дар қатори Иброҳимбек боз Олимбой, Давлатманбий, Эшони Султон, Фузайл Махсум, Раҳмонқул додхоҳ ва дигарон аллакай аз ҷумлаи симоҳои номии «ҳарбӣ» буданд.

Амир Олимхон дар Бухорои Шарқӣ ҳам таъқиби мухолифони режими худро давом дод. Ҳарчанд дар Бухорои Шарқӣ ташкилотҳои ҳизбӣ ва ҷамъиятҳои нисбат ба низоми ӯ мухолиф вуҷуд надоштанд, вале бо мақсади тарсонидани чашми мардум чанд нафарро бо туҳмати ҷадидӣ қатл намуд. Аз ҷумла, дар майдони Душанбе 26 нафар камбағалро бо иттиҳоми «хайрхоҳӣ нисбат ба аскарони сурх ва Ҳукумати Шӯравӣ» куштанд.

Дар нимаи дуюми моҳи сентябри соли 1920 амир дар Душанбе тамоми сарварони қувваҳои зиддишӯравии дар Бухорои Шарқӣ буда, аз ҷумла намояндагони қувваҳои аксулинқилобии аз кишвари Туркистон ва аз Хева омадаро низ ба анҷумани махсус даъват намуд. Дар он намояндагони аксулинқилобии гвардиячиёни сафеди рус, намояндагони афғон ва ғайра низ ҳузур доштаанд. Анҷуман қарор кард, ки бо тамоми қувваҳои зиддишӯравии Осиёи Миёна якҷоя амал кунанд.

Дар Бухорои Шарқӣ амир Олимхон ба ҳайати қӯшунҳои худ каси бисёрро сафарбар намуда, аз рӯзҳои аввал нокифоягии лавозимоти ҳарбиро эҳсос намуд. Оҳангарони маҳаллӣ вазифадор карда шуда буданд, ки танҳо барои сарбозони амир лавозимоти зарурӣ, пеш аз ҳама, шамшер тайёр намоянд, вале ин ҳама нокифоягӣ мекард. Бинобар ин, умеди ягонаи вай ба кумаки ҳукумати Англия буд.

Ҳанӯз 12 октябри соли 1920 амир Олимхон ба подшоҳи Британияи Кабир мурочиат карда, хоҳиш намудааст, ки ҳарчӣ зудтар, чун дастгирии дӯстона, бо ҳамроҳии қосидони фиристодааш 100 ҳазор фунт стерлинг чун қарзи давлатӣ, 20 ҳазор адад туфанг бо микдори тирҳои лозимӣ, 30 адад тӯп бо тирҳояш ва 10 адад аэроплан бо лавозимоти зарурӣ фиристад. Боз ӯ хоҳиш намудааст, ки 2 ҳазор нафар аскарони мусаллаҳи англо-ҳиндии дар Ҳиндустон доштаашро ба воситаи Қаротегин, барои мубориза бо болшевикон фиристад. Вале ҳукумати англис, агарчанде ҳанӯз ҳам аз мавқеи зиддишӯравӣ даст накашида буд, бо сабабҳои гуногун хоҳиши амирро ба ҷо наовард. Пеш аз ҳама, шикаст хӯрдани он дар интервенсияи зиддишӯравии солҳои 1918–1920 ва шикастхӯриаш дар ҷанг бо озодихоҳони Афғонистон имкон надод, ки аз Қаротегин фронти нави муқобили шӯравиро оғоз намояд. Инчунин, ҳукумати Британияи Кабир аз фиристодани лавозимоти ҳарбӣ ба ихтиёри амир ҳам худдорӣ кард, зеро метарсид, ки аслиҳаи фиристодашуда дар

роҳ ба дасти озодихоҳони афғон меафтаду он силоҳҳо баръакс, ба муқобили худи англисҳо нигаронида мешаванд. Бинобар ин, ҳукумати англисҳо ба воситаи сафоратҳои дар Кошғар ва Машҳад доштаи худ вазъи Осиёи Миёна, аз ҷумла, Бухороро танҳо мушоҳида намуда, аз оғози корҳои амалӣ, аз ҷумла аз фиристодани аслиҳа барои  амири гурезаи Бухоро, худдорӣ намуд.

Бо сабабҳои боло ба амир Олимхон лозим омад, ки баҳри ба даст даровардани мақсадаш, яъне на танҳо нигоҳ доштани Бухорои Шарқӣ, балки баргардонидани Бухорои Марказӣ (Ғарбӣ), танҳо ба иқтидори ҷамъномудаи худ такя намояд. Аз ин рӯ, дар Бухорои Шарқӣ амир Олимхон аз як тараф сафи сарбозони худро пай дар ҳам зиёд намуд, аз тарафи дигар, баҳри пӯшонидани хароҷоти афзудаистода ба души мардуми дар зери даст доштааш андозҳои зиёдро бор кард.

Албатта, мисли пештара ба Бухорои Шарқӣ дастаҳои аксулинқилобии дар ноҳияҳои гуногун аз тарафи аскарони сурх пароканда кардашуда паноҳ меёфтанд. Ҳатто бекигарии Мастчоҳ ҳам аҳаммияти масъалаи Бухорои Шарқиро ба эътибор гирифта, декабри соли 1920 ба кумаки амир 400 нафар ҷангиёни мусаллаҳи худро фиристод. Ин ҳама, албатта, ба амир илҳоми тоза мебахшид, вале сиёсати нави нисбат ба мардуми сарсахти Бухорои Шарқӣ пеш гирифтаи амир ба худ хусусияти фоҷиавиро мегирифт.

Умуман, баъди ба Бухорои Шарқӣ гурехта омадани амир Олимхон дар ин мулк на танҳо тартиботи пештараи амирӣ нигоҳ дошта шуд, балки низоми барои халқ боз ҳам вазнинтаре ба вуҷуд омад.

**Сарчашма:**

Садриддин Айнӣ аз рӯйи ривояти Ҳоҷӣ Абдусаттор ном яке аз саркардагони Бухоро, ки ҳангоми гурехтани амир Олимхон вайро ҳамроҳӣ  кардааст, дар бораи бунёди салтанати нави ӯ ин тавр навиштааст: «Амир дар вақти фирори худ чанд ароба ашёи пурқимат ва зару сим бо худ гирифта бошад ҳам, аз бими таъқиб ҳамаро дар роҳ андохт. Чунончи, дар вақти ворид шуданаш ба Ҳисор гӯё, ки  бечиз буд. Бинобар ин, ҳокимон ва сарватдорони он сарзаминро  ба мусодира кашида, филҷумла асбоби ҳашмати худро ороста  кард... Амир дар ин ҷо низ бо тухмати ҷадидӣ чанд

нафарро ба қатл расонид». (Ниг.: С.Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 10. – С. 186–187).

Амир Олимхон аз Бухорои Куҳна роҳи сӯйи Ғиждувонро пеш гирифта, саҳарии рӯзи дигар, яъне 2 сентябри соли 1920, аз он ҷо ба тарафи Бухорои Шарқӣ гурехт. Ин ҳодисаро худи амир дар хотираҳояш чунин шарҳ додааст: "Аз Ғиждувон дар муддати ҳашт рӯз то ба вилояти Қӯрғонтеппа, тобеъи Бухоро расида, як даҳ рӯз дар он ҷо истодам. Ҳангоми убур аз Ғиждувон ногаҳон аробавагони оҳанпӯш (поезди зиреҳпӯш - Н.Ҳ.) пайдо шуда, роҳро ба бенавоён баст. Дар он мавқеъ чанд нафар аз бузургон ва атрофи ман, аз қабили Усмон қӯшбегӣ, қозиюлқуззот (яъне қозикалон - Н.Ҳ.) Бурҳониддин, раис Абдурауф корвонбошӣ, Юсуфбий, Муқимбий дастгир шуданд. Аз вилояти мазкур дар тараддуди истеҳкоми роҳи душман гардида, асокиру фуқароёнро ҷамъ оварда, аз бандари мавзеи Дарбанд, тобеи вилояти Бойсун, пеши душманро истеҳком намуда, шуруи муҳорибаро эҷод намуда, вопас дар вилояти Ҳисори Шарқии Бухоро омада истодам". (Ниг.: Хотираҳои амир Олимхон. – Душанбе. 1992. – С.20.)

**Санаҳои муҳим:**

1920 - 4-уми сентябр – аз тарафи М.В. Фрунзе дар назди аскарони сурхи гурӯҳи бухороию самарқандӣ гузоштани масъалаи дар Бухорои Шарқӣ барҳам додани тартиботи амирӣ.

1920 - 10-уми сентябр – аз кишвари Туркистон бозхонд шудани М.В. Фрунзе.

1920 – 11-уми сентябр – аскарони сурх Дарбанд ва Бойсунро гирифтанд.

1920 – 13-уми сентябр – аз Бойсуну Дарбанд ба сӯйи Қаршӣ ба қафо баргаштани аскарони сурх.

1920 – нимаи дуюми моҳи сентябр – амир Олимхон Анҷумани махсуси сарварони қувваҳои зиддишӯравиро дар Душанбе даъват кард.

1920 – 12 октябр – номаи амир Олимхон ба номи подшоҳи Британияи Кабир.

1920 – декабр – беки Мастчоҳ ба ихтиёри амир ҷангиёни худро фиристод?

**Савол ва супоришҳо:**

1) Амир Олимхон ба Бухорои Шарқӣ кай омад? 2) Барои чӣ баъди забти Бойсун пешравии қисмҳои аскарони сурх ба дарунтари Бухорои Шарқӣ қатъ гардид? 3) Амир Олимхон дар Бухорои Шарқӣ бо чӣ корҳо машғул шуд? 4) Чаро амир Олимхон баъди гурехтан аз Бухоро, на дар Ҳисор, балки дар Душанбе қарор гирифт? 5) Чаро аскарони сурх аз Бойсуну Дарбанд ба сӯйи Қаршӣ ба қафо баргаштанд? 6) Ба ҳайати ҳукумати нави амир Олимхон киҳо шомил буданд? 7) Чаро бо амри амир дар Душанбе 26 нафар камбағалро қатл намудаанд? 8) Дар мактуби худ амир Олимхон аз 12 октябри соли 1920 аз подшоҳи Британияи Кабир чиро хоҳиш мекард ва оё он хоҳиш иҷро гардид? 9 ) Беки Мастчоҳ амири Бухороро чӣ тавр дастгирӣ намуд? 10) §§ 56, 57-ро такрор намоед; 11) Маводи сарчашмаро хонда таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** вазъи Бухорои Шарқиро баъди ба ин мулк гурехта омадани амир Олимхон дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §59. ШӮРИШИ УСМОН

**Сабабҳои шӯриш.** Амир Олимхон ҳангоми аз Бухорои Куҳна гурехтан баҳри халосии ҷони худ бо хазинаи пурбораш хайрбод гуфт ва ҳар чизе, ки бо худ гирифта буд, онро ҳам дар роҳ, махсусан ҳангоми гузаштан аз дарёи Зарафшон, талаф дод. Бинобар ин, ӯ худро дар Бухорои Шарқӣ бечора меҳисобид, вале бо чунин аҳвол қаноат накарда, ба гардани ҳокимон ва заминдорони ин диёр андозҳои зиёде бор кард. Ҳокимон ва феодалон дар навбати худ андози ба амир супоридаашонро аз мардуми бечора ба микдори дучанд ва ҳатто аз он ҳам зиёд меситониданд. Чунон ки маълум мешавад, охири соли 1920 танҳо аз бекигарии Қаротегин барои амир 800 асп ва 300 бухча «туҳфаҳо»-и қиматбаҳо фиристодаанд. Чунин аҳвол, албатта, ба дигар бекигариҳои Бухорои Шарқӣ низ хос буд. Ҷойи тааҷҷуб нест, ки аз тарафи ҳокимони ин гӯша барои кайфияти амир, дар қатори туҳфаҳои гуногун, инчунин, духтарон ҳам пешкаш карда мешуданд.

Аммо сиёсати дар Бухорои Шарқӣ пешгирифтаи амир, махсусан, тадбирҳо оид ба сафарбарии ҳарбии ӯ боз ҳам

фоҷиабортар менамуд, зеро чун ҳарвақта ба чунин рӯйхат боз бечорагон, ки имкони пора додан надоштанд, дохил карда мешуданд. Ҳамин сиёсат дар водии Қаротегин сабаби сар задани шӯриши калонтарин бо сарварии Усмон гардид.

Сарвари шӯриш Усмон Муҳаммадамини 35-сола, ки зодаи деҳаи Янғолики Қаротегин буд, сахтиҳои замонаро аз сар гузаронидааст. Ӯ мисли дигар ҳамватанонаш ба хазинаи амир хироҷ месупорид. Аз бойи маҳаллӣ Муҳаммадсаид қарздор буд. Бо шарофат ва кумаки бародараш Худойдод ва язнааш Хоркаш тамоми қарзашро супорида, соли 1916 барои кор ба водии Фарғона рафта, дар заводҳои пахтатозакунии Андиҷон, Фарғона ва Асака кор кард. Дар ҳамон вақт дӯстони қарини ҳамватанаш Одина ва Мулло Тош ҳамроҳи вай буданд. Онҳо якҷоя воқеаҳои сиёсии охири соли 1917 ва аввали соли 1918-и водии Фарғонаро аз сар гузаронидаанд. Баъди ба Қаротегин баргаштан, яъне аввали соли 1918, қисме аз чизу чора ва пули онҳоро амалдорони ҳоким, «барои ҳоким» гӯён ғасб намудаанд. Усмон ба чунин ғоратгарӣ тоб наоварда, яке аз навкарони ҳокимро зада, худ ба кӯҳ мегурезад ва якчанд вақт пинҳон мешавад.

**Баҳонаи шӯриш.** Моҳи декабри соли 1920 беки Қаротегин Абдулҳафиз ҳангоми гузаронидани маъракаи сафарбаркунии ҳарбӣ хост, ки аз деҳқонони гарданшахе, чун Усмон, халос шавад. Бо ҳамин мақсад Усмонро бо Мулло Тош, инчунин, дигар ҳамфикронаш ба сифати навкар ба Душанбе, ба хидмати амир фиристод, вале онҳо дар роҳ аз Файзобод ба қафо, ба Қаротегин гурехтанд. Ҳокими Қаротегин аз хонаводаҳое, ки намояндагонашон аз хизмати навкарии амир гурехтанд (аз ҷумла аз Усмон ва Мулло Тош), талаб кард, ки андоз – хироҷи ҳафтсоларо пешакӣ супоранд. Чунин тадбири ҳоким ба саршавии шӯриш баҳона гардид, зеро маҳз баъди ин воқеа Усмон вазъияти баамаломадаро ба эътибор гирифта, роҳи ягонаи халосиро дар шӯриш дида, ҳатто ба дӯсти худ – Одина, ки дар Ҳоит мезист, барои кумак бо мактуб муроҷиат кард. Одина низ ҷавобан ба ин мактуб деҳқонони Ҳоит ва Қалъаи Лабиобро ҳамроҳи худ гирифта, ба кумаки Усмон, ба деҳаи Янғолик, ки маркази шӯриш буд, шитофт.

Мувофиқи андешаи дигар дар Ҳоит яке аз рӯзҳои бозор, ҳангоми ба Душанбе, барои амир фиристодани аспҳои пурбор, тарафдорони Усмон ба Қӯрғон, ки он ҷо амлокдор менишаст,

якбора ҳуҷум карда, онро гирифтаанд. Бо ҳамин гӯё шӯриш ба дигар деҳаҳои Қаротегин паҳн гардидааст.

Дар ҳақиқат ҳам, шӯришгарон дар деҳаи Янғолик ҷамъ омадаанд. Онҳо дар ҷамъомади худ сарварии шӯришро ба уҳдаи Усмон гузошта, Одинаро муовини аввал ва Мулло Тошро муовини дуюм таъйин намудаанд. Он лаҳза миқдори шӯришгарон аз 2500 нафар пиёда ва 650 нафар савора иборат буд, вале онҳо дар ихтиёри худ ҳамагӣ 400 дона камонҳои пилтагии худсоз ва тақрибан ҳазор дона шамшер доштаанд. Боқимонда бо корду табар мусаллаҳ буданд. Ҳокими Қаротегин бошад, дар ихтиёри худ ҳамагӣ 15–20 нафар навкарони мусаллаҳ дошту халос.

**Оғоз ва ғалабаи шӯриш.** Шӯришгарон аз деҳаи Янғолик ба маркази бекигарии Қаротегин – шаҳраки Ғарм ҳаракат карданд. Онҳо ба деҳаи Навдӣ омада, якчанд рӯз он ҷо истоданд. Намояндагони ҳоким барои музокира ва имзои сулҳ ба ин ҷо омаданд, вале Усмон он таклифҳоро рад намуда, ҳаракат ба сӯйи Ғармро давом дод. Вақте ки шӯришгарон ба Ғарм наздик омаданд, бек аз муқобилат даст кашида, ба Усмон ваъда дод, ки гуноҳи ҳамаи шахсони аз хидмати навкарӣ гурехтаро афв мекунад, онҳоро аз андоз озод менамояд, ба худи Усмон унвони «бий» медиҳад ва ғайра. Усмон ба ин ваъдаҳои ҳоким бовар накард. Беки Қаротегин Абдулҳафиз аз тарс гурехтанӣ шуд, вале дастгир ва ҳабс карда шуд. Шаҳраки Ғарм бе ҷанг ба дасти шӯришгарон гузашт. Онҳо ҳамаи маҳбусонро озод карданд, тамоми ҳуҷҷатҳои дар ихтиёри ҳоким буда, аз ҷумла васиқаҳоро сӯзонданд. Ба муносибати ғалаба ҳафт рӯз шодиву хурсандӣ эълон карданд.

Ҳамин тавр, дар маркази Қаротегин – шаҳраки Ғарм ҳокимият пурра ба ихтиёри шӯришгарон гузашт, ки он дар таърих бо номҳои «Ҳокимияти халқӣ» ва «Ҳокимияти халқии Усмон» маълум аст. Дар он ҳокимият Усмон – раис, Одина ва Мулло Тош – муовинони ӯ гардиданд, вале онҳо бо гирифтани ҳокимият ором гардида, дигар аз чӣ сар кардани корро намедонистанд. Бинобар ин, шӯришгарон маҷбур шуданд, ки қисме аз амалдорони ҳокими собиқро аз ҳабс озод намуда, ба амалҳои гуногун таъйин кунанд. Яъне бо ном «ҳокимияти омехта – коалитсионӣ» барпо намуданд. Масалан, аз амалдорони собиқ Давлатбекбий – сарвари таъминот, Мулло Абдураҳим судур – қозӣ, Мулло Мирзо Умед – муфтӣ таъйин гардиданд.

**Сабаҳои шикастхӯрӣ.** Дар «ҳукумати халқии Усмон» ягонагӣ вуҷуд надошт. Амалдорони собиқ ба ҳукумати нав содиқ набуданд. Баръакс, онҳо камтаҷрибагии Усмонро ба назар гирифта, ӯро бо фиреб, гӯё «барои пешвозгирии ихтиёриёни қисми поёни Қаротегин» фиристоданд. Ҳангоми дар Ғарм набудани Усмон, Давлатбекбий Одинаро ба хонаи худ, гӯё ба зиёфат даъват намуда, ба қатл расонид ва ҳокимро бо дигар тарафдоронаш аз ҳабс озод намуд. Бо шунидани ин ҳодиса тарафдорони Одина, ки аз Ҳоит ва Қалъаи Лабиоб омада буданд, ба деҳаҳои худ баргаштанд. Бо ҳамин «ҳукумати халқии Усмон» баъди 10–15 рӯзи мавҷудияташ амалан барҳам хӯрд.

Усмон аз фоҷиаи Ғарм баъди ду рӯз огоҳ гардида, ба Ғарм баргашт. Дар наздикии Ғарм ӯ аз тарафдорони беки собиқ шикаст хӯрд. Баъди ин ҳамроҳи Усмон ҳамагӣ 12 шӯришгар монд, вале ӯ аз мақсади худ даст накашид. Вай барои гирифтани Ғарм боз қувва ҷамъ кард. Миқдори қувваҳо ин дафъа ба 150 нафар расид. Баъди 20 рӯзи фоҷиаи Ғарм Усмон бори дигар ба он ҳуҷум кард, вале шикаст хӯрд ва дастгир гардид. Дар муддати як моҳ тақрибан 50 нафар иштирокчии шӯриш ҳабс карда шуданд. Сарварони он – Усмон, Мулло Тош ва дигаронро қатл карда, ҷасадҳояшонро ба дарёи Сурхоб партофтанд. Дӯстон ва авлоди Усмон ҷасади ӯро аз дарё бароварда, пинҳонӣ гӯрониданд. Аз ин кор яке аз сипоҳиёни бонуфузи маҳаллӣ Муҳаммадсаидбий огоҳ гардида, бо мақсади ибрати дигарон, ба гардани онҳое, ки ҷасади Усмонро гӯрониданд, 1500 танга ҷарима бор карда, молу мулкашонро мусодира намуд.

Ҳамин тавр, шӯриши Усмон шикаст хӯрд. Он ҳарчанд дар сарзамини Қаротегин нисбат ба шӯриши Қаландаршоҳ аз ҷиҳати ташкилӣ ва фаъол будани мардум қадаме ба пеш буд, вале бетаҷрибагии сарварони «Ҳокимияти халқӣ» имкон надод, ки муваффақиятҳои бадастовардаро мустаҳкам намоянд, мардуми атрофро ҳарчи зудтар ба тартиботи нав ҷалб карда, дар тамоми водӣ назорати қатъӣ ҷорӣ намоянд.

**Сарчашма:**

Садриддин Айнӣ аз тарафи ҳукумати амирии Бухоро ба хизмати ҳарбӣ (аскарӣ) гирифтани мардумро чунин тасвир намудааст:

«Ҳукумати Бухоро дар солҳои охир ба ҷамъоварии аскар иқдом намуда, шумораи сарбоз ва элнӯкарҳоро афзуд. Элнавкарҳо

аз ашхоси талабгор иборат, тӯдае савора ва ғайримунтазам буданд. Сарбозҳо бошад, бо усули тақсим ва қуръа ҷамъоварӣ нашуда, балки ба гузар, кент ва деҳаҳо ҳар сари чанд вақт «фалон миқдор аскар ҷамъ карда диҳед», гӯён фармон фиристода, бо ин роҳ ҷамъ оварда мешуд. Аксари ба мавҷиби ин фармон ҷамъшавандаро мардуми маҳалҳо харида медоданд. Масалан, агар як нафар бо музди даҳ ҳазор сӯм ба рафтан ба аскари розӣ бошад, арбоб ва маъмурони миёнарав аз халқ маблағи сад ҳазор сӯм ҷамъ мекарданд. Ба ҳамин тариқ, аз кисаи мардум маблағи зиёде баромада, ба сафи аскари як гурӯҳ кӯр, кар, ланг, дузд, пирамардони аз кор афтода ва бачагони ҳанӯз ба балоғат норасида мерафтанд.

Ҳамин гуна сафарбарӣ дар ду соли охир панҷ маротиба такрор шуда бошад ҳам, ҳукумат аз аскар таъмин нашуд ва халқ ҳам ҷулу ҷиҳозашро ба ҷамъоварии аскар дода, лекин аз он нафъе надид».

(Ниг.: ба китоби С. Айнӣ. Таърихи инқилоби Бухоро. -С. 228)

**Санаҳои муҳим:**

-1916 – 1918 – Усмон дар заводҳои пахтатозакунии Андиҷон, Фарғона ва Асака кор кардааст.

-1920 - охири сол – аз бекигарии Қаротегин ба амир «туҳфа»-ҳои зиёд фиристода шуд.

-1920 – декабр – маъракаи сафарбаркунии ҳарбӣ дар бекигарии Қаротегин. Аз ҷумла Усмонро ба хизмат гирифтанд, вале ӯ дар роҳ аз Файзобод гурехт.

-1920 – охири декабр – оғоз ва ғалабаи шӯриш. Ташкили «Ҳокимияти халқии Усмон.

-1921 – ав. январ – шикасти шӯриши Усмон.

**Саволҳо ва супоришҳо:**

1) 1920 – охири сол – аз бекигарии Қаротегин ба амир ҳамчун «туҳфа» чиҳо фиристода шуд? 2) Сафарбаркунии ҳарбӣ дар Бухорои Шарқӣ ба кадом тарз гузаронида шуд? 3) Беки Қаротегин аз Усмон ва дӯстони ӯ чаро супоридани андозҳои 7 – соларо талаб кард? 4) Сабаб ва баҳонаҳои шӯриши Усмон кадомҳоянд? 5) Маркази шӯриш куҷо буд? 6) Беки Қаротегин ба Усмон чӣ гуна ваъда дод? 7) Оё Усмон ба ваъдаҳои бек бовар кард? 8) Шӯришгарон чанд рӯз ба муносибати ғалаба шодиву

хурсандӣ карданд? 9) Ҳукумати ташкилкардаи Усмон бо кадом номҳо машҳур аст? 10) Сабаби шикастхӯрии шӯриш дар чист? 11) §§ 56, 57 ва 58-ро такрор намоед. 12) Маводди сарчашмаро хонда таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** сабабҳо, баҳона, оғоз ва ғалабаи шӯриши Усмонро дуруст шарҳ дода тавонанд.

## §§ 60-61. БАРПО ГАРДИДАНИ ҲОКИМИЯТИ ШӮРАВӢ ДАР БУХОРОИ ШАРҚӢ

**Ташкили Отряди эъзомии ҳарбии Ҳисор.** Баъди дар сарзамини Бухорои Марказӣ (Ғарбӣ) барпо карда шудани тартиботи шӯравӣ, сарзамини собиқ аморат ба ду тартиботи ба ҳам муқобил тақсим шуд. Яъне дар қисми Марказӣ (Ғарбӣ) тартиботи шӯравӣ ва дар қисми Шарқӣ тартиботи амирӣ ҳукмфармоӣ мекарданд.

Ҳукумати шӯравии Бухоро дар сарзамини Бухорои Шарқӣ низ барпо кардани тартиботи шӯравиро вазифаи аввалиндараҷаи худ мешуморид. Ин ҳукумат бо мақсади пойдор кардани тартиботи нав дар Бухорои Марказӣ (Ғарбӣ) ва сарнагун намудани тартиботи амирӣ дар Бухорои Шарқӣ қувваҳои инқилобии худро ташкил карданӣ шуд. Чунин иқдом аз тарафи сарварони Фронти Туркистон дастгирӣ дид. Дар санаи 5-уми сентябри соли 1920 сарвари Фронт ба ихтиёри нозири корҳои ҳарбии Ҷумҳурии Бухоро ду полки савора, баталёни пиёда ва батареяи тӯпчиёнро бо мақсаде супорид, ки минбаъд бо роҳи ба хизмати ҳарбӣ ҷалб намудани ихтиёриён шумораи умумии қӯшунҳои худро то ба миқдори зарурии бригада (армия) расонанд. Вале тадбирҳои Ҳукумати Шӯравии Бухоро доир ба ташкили қувваҳои инқилобӣ-ҳарбии худ натиҷаҳои дилхоҳ надоданд, зеро аз ҷумлаи бухороиён ихтиёриён, ки ба сафи қӯшунҳои ҳукумати нав дохил шаванд, қариб ки набуданд. Бинобар ин, 6-уми октябри соли 1920 нозири ҳарбии Ҷумҳурии Бухоро ба маълумоти сарварони Фронти Туркистон расонид, ки барои ташкил додани армия (яъне бригада) ихтиёриён нокифояанд.

Сарварони Ҳукумати нави Бухоро вазъиятро ба назар гирифта, барои кумаки ҳарбӣ ба Турккомиссия муроҷиат карданд.

В.В.Куйбишев, ки намояндаи доимии Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Бухоро буд, моҳи октябри соли 1920 аз сарварони Фронти Туркистон талаб кард, ки чораҳои ҳарчи зудтар дар Бухорои Шарқӣ низ сарнагун намудани тартиботи амириро андешанд. Барои ин ташкил кардани эъзомияи ҳарбӣ зарур шуморида шуд. Бо сабаби мураккабии вазъи иқтисодии Давлати Шӯравӣ, таъмини иқтисодии ин эъзомияро ба уҳдаи Ҷумҳурии Бухоро гузоштанд.

Дар санаи 9-уми ноябри соли 1920 Турккомиссия Шӯрои Ҳарбии Инқилобии Фронти Туркистонро вазифадор намуд, ки аз ҳисоби қисмҳои аскарони сурх Отряди эъзомии ҳарбии Ҳисорро ташкил диҳанд. Вазифаи асосии отряд аз он иборат буд, ки бо амалиёти ҷангӣ дар сарзамини Бухорои Шарқӣ тартиботи амириро тамоман барҳам дода, дар ин ҷо ҳокимияти шӯравиро барқарор намояд.

Тадбирҳои амалӣ барои ташкил намудани Отряди эъзомии ҳарбии Ҳисор моҳи ноябри соли 1920 дар Қаршӣ оғоз гардид ва то миёнаи моҳи декабри ҳамон сол давом кард. Дар ин муддат қисмҳои зарурии аскарони сурх, ки барои ин отряд муайян шуда буданд, асосан, омада расиданд. Қисмҳои боқимондаи аскарони сурх, ки аз тарафи сарварони Фронти Туркистон барои отряди номбурда ҷудо гардида буданд, дар рафти амалиёти ҷангӣ ба он ҳамроҳ шуданд.

Амир Олимхон низ барои муқобилат бар зидди қисмҳои аскарони сурх омодагӣ медид. Вай дар баробари қувваҳои ҷамъ намудааш, ҳанӯз ҳам аз ҳукумати Афғонистон ва Англия умеди имдод дошт. Бинобар ин, амир ба ҳукумати Англия борҳо муроҷиат кард, вале дар амал ғайр аз ваъдаҳои зиёд расман чизе гирифта натавонист.

**Оғози амалиёти ҷангӣ.** Отряди эъзомии ҳарбии Ҳисор 17-уми декабри соли 1920 амалиёти ҷангии худро бо сарварии Марсов аз Қаршӣ сар кард. Он дар аввал ба сӯйи Бойсун, ки дарвозаи Бухорои Шарқӣ ҳисоб мешуд, ҳаракат кард. Дар таърихи 20-уми декабр дар ағбаи Оққӯтал аввалин задухӯрди қисмҳои аскарони сурхи отряд бо аскарони амир ба амал омад. Дар ин муҳориба бригадаи сеюми Дивизияи Якуми Саворaи Туркистонӣ иштирок намуд. Ин бригада махсусан дар дараи кӯҳии Бузғолахона ба муқобилати сахти аскарони амир дучор гардид. Ҷанг агарчи кӯтоҳмуддат буд, қурбониҳои зиёд овард. Аз ҷумла сарвари

отряд Марсов дар ҳамин муҳориба ҳалок гардид ва ба ҷойи ӯ командири полки 16-уми савора Рогановро таъйин карданд. Муҳориба бо ғалабаи қисмҳои аскарони сурх анҷом ёфт ва онҳо Бойсунро ишғол карда, дар он ҷо урдугоҳи худро ҷойгир намуданд.

Баробари забти Бойсун қисмҳои аскарони сурх дар ҳолати боз ҳам вазнинтар монданд, зеро 24-уми декабр дар ҳавзаи Шеробод, Шаҳрисабз, Китоб, Яккабоғ ва Чироғчӣ ба муқобили тартиботи шӯравӣ шӯриши халқӣ сар шуд, ки дар он, мувофиқи баъзе маълумот, то 15 ҳазор нафар аҳолӣ иштирок кардаанд. Аз ин пештар чунин шӯриш дар Каркӣ ба амал омада буд. Бинобар ин, аскароне, ки бояд ба кумаки аскарони сурхи дар Бойсунбуда мешитофтанд, бо саркӯб кардани он шӯриш банд буданд. Ҳокими Бойсун аз фурсат истифода карда, маркази собиқи ҳукуматдории худро аз нав муҳосира намуд, ки он 12 рӯз давом кард. Ба кумаки аскарони сурхи ба муҳосира афтода аз Самарқанд имдод фиристода шуд. Ин қувваи тозанафас дар роҳ шӯришҳои Шаҳрисабз, Китоб, Яккабоғ ва Чироғчиро саркӯб карда, аввали январи соли 1921 ба Бойсун расид ва муҳосираро рахна намуд. Баъди дар Бойсун муттаҳид карда шудани тамоми қисмҳои Отряди эъзомии ҳарбии Ҳисор сарвари он В.М.Ионов таъйин гардид. Амалиёти минбаъдаи ҷангӣ дар водии Ҳисор мегузашт.

Вазъи мураккаби Бухорои Шарқиро ба назар гирифта, дар қатори Отряди эъзомии ҳарбии Ҳисор боз Эъзомияи мустақили сиёсии Ҷумҳурии Бухоро ва Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Бухоро оид ба корҳои Бухорои Шарқӣ ташкил карда шуд. Сарварии он ба уҳдаи Саъдулло Турсунхоҷаев гузошта шуд. Вазифаи асосии эъзомияи нав – дар маҳалҳои ҷудогонаи аз тарафи Отряди эъзомии ҳарбии Ҳисор ишғолгардида ташкил намудани кумитаҳои инқилобӣ ва барои иҷрои вазифаҳо ба онҳо расонидани кумак ва ғайра ба ҳисоб мерафт. Ба комиссияи сиёсӣ ҳуқуқи органҳои олиро дода буданд. Он фаъолияти органҳои ҳокимияти маҳаллиро ташкил ва назорат мекард.

**Амалиёти ҷангӣ дар водии Ҳисор.** Дар санаи 14-уми феврали соли 1921 аскарони Отряди эъзомии ҳарбии Ҳисор аз Бойсун баромада, худи ҳамон рӯз ба дараи Бандихона расиданд. Ба водии Сурхон роҳи асосӣ аз ҳамин дара мегузашт. Қисмҳои ба амир содиқ дар Деҳнав ҷойгир буданд. Дар санаи 15-уми феврал дар Деҳнав ҷанги шадидтарин ба амал омад ва он бо ғалабаи

қисмҳои аскарони сурх анҷом ёфт. Ин ғалаба ҳаракати минбаъдаи отрядро ба водии Ҳисор осон намуд. Дар натиҷа, 15-уми феврал аз тарафи онҳо бе душворӣ Юрчӣ, Сариосиё ва Сариҷӯй ишғол карда шуд. Баъди он қисмҳои аскарони сурхи отряд боз ба Деҳнав баргаштанд, зеро дар ин самт қӯшунҳои амирӣ дар ноҳияҳои Ҳисору Қаротоғ мавқеъ гирифта буданд.

Амир Олимхон бо мақсади гирифтани пеши роҳи аскарони сурх ба ин самт қувваҳои илова, аз ҷумла отряди аксулинқилобиёни Фарғонаро бо сарварии Кӯри Шермат, ки баъди шикаст дар Фарғона ба ин мулк омада буданд ва отряди дуҳазорнафараи лақайҳоро бо сарварии Иброҳимбек фиристод. Дар байни онҳо қӯшунҳои беки Ҳисор низ буданд. Дар санаи 19-уми феврали соли 1921 аскарони сурх баъди омодагии серӯза аз Деҳнав баромада, ба сӯйи Регар (шаҳри Турсунзодаи имрӯза) ҳаракат карданд ва дар қисми аввали рӯз ин мулкро ҳам ишғол намуданд. Қисмҳои амирӣ, ки дар Регар буданд, чандон муқобилат нишон надода, 28 нафарро талаф дода, як қисмашон ба сӯйи Ҳисор ва қисми дигар ба кӯҳҳои Боботоғ ақиб гаштанд. Дар санаи 20-уми феврал дар наздикии Ҳисор ҷанги сесоатаи сахттарини байни аскарони сурх ва аскарони амир ба амал омад. Ин ҷанг ҳам ба фоидаи аскарони сурх анҷом ёфт. Талафоти аскарони амирӣ хеле зиёд буд. Аскарони сурх худи ҳамон рӯз Ҳисор ва Қаротоғро ба даст даровcovered.

Амир Олимхон 20-уми феврал, баробари шунидани хабари мағлубияти аскарони худ дар наздикии Ҳисор, бо наздикони худ ва 300 шутури пурбор ба сӯйи Кӯлоб, гӯё барои зиёрати мақбараи Мир Алии Ҳамадонӣ равон шуд. Ӯ ҳангоми гурехтан аз сарлашкарони содиқи худ Иброҳимбек ва Давлатмандбийро (ки ҳар ду ҳам бо рутбаи девонбегӣ сарфароз гардиданд) вазифадор намуд, ки пеши роҳи душманро гиранд, вале гурехтани амир аскарони дар Душанбе будаашро хотирпарешон намуд. Онҳо аз муқобилати минбаъда даст кашида, ба ҳар сӯ парешон шуданд. Ин имкон дод, ки бригадаи якуми савора бо сарварии Я.А.Мелкумов 21-уми феврал, соати 10-и пагоҳӣ Душанберо бе муқобилат забт намоянд. Рӯзи дигар, яъне 22-юми феврал, ба Душанбе Эъзомияи сиёсӣ бо сарварии С. Турсунхоҷаев ва штаби Отряди эъзомии ҳарбии Ҳисор ворид шуданд.

Муқобилати аскарони амирӣ баъди аз даст рафтани Душанбе ҳам идома ёфт. Онҳо баъди шикасти назди Ҳисор ба муқобили

аскарони сурх ба муҳорибаи муттаҳидаи ҷиддӣ ҷуръат накарда, ба маҳалҳои гуногуни Бухорои Шарқӣ пароканда шуда, муборизаро идома доданд.

**Амалиёти отряд дар водии Вахш, Кӯлоб, Қаротегин ва Дарвоз.** Аскарони сурх баъди ишғоли Душанбе ба ду самт: яке ба самти водии Вахш ва дигаре ба самти Кӯлоб ҳаракат карданд. Қисмҳое, ки ба самти водии Вахш ҳаракат карданд, пагоҳии 22-юми феврал аз Ҳисор баромада, аз болои деҳаҳои Лақай, Даҳанакиик, Обикиик гузашта, аз наздикии Қизилқалъа дарёи Вахшро убур намуда, 24-уми феврал Қӯрғонтеппа (Бохтари имрӯза), 6-уми март Қубодиён ва 9-уми март Саройкамар (шаҳраки Панҷи имрӯза)-ро забт намуданд. Дар ин самт дастаҳои амирӣ ба аскарони сурх муқобилати сахт нишон дода натавонистанд. Аз ин сабаб дар муддати хеле кӯтоҳ, яъне аз 24-уми феврал то 9-уми март, дар тамоми водии Вахш тартиботи шӯравӣ барпо карда шуд. Минбаъд ин қисмҳо амалиёти худро ба сӯйи Кӯлоб давом дода Фархор, Сайёд, Чӯбекро забт намуда, ба Кӯлоб расиданд.

Қисми дигари аскарони сурх, ки ба самти Кӯлоб ҳаракат ме- карданд, дақиқтараш, барои дастгир кардани амири гуреза равона шуда буданд, 23-юми феврал Янгибозор (шаҳраки Ваҳдати имрӯза) ва 24-уми феврал Файзободро ба даст даровардcанд. Ин маҳалҳо барои ҳаракат ба сӯйи Кӯлоб ва Қаротегин нуқтаҳои муҳимтарин ба ҳисоб мерафтанд. Амир ҳангоми гурехтан аз ин маҳалҳо гузашта, ба воситаи Пули Сангин (ҷойи неругоҳи барқи Нораки имрӯза) дарёи Вахшро гузашта, ба сӯйи Кӯлоб фирор намуд.

Амир Олимхон аз паси худ тамоми пулҳо, аз ҷумла Пули Сангинро низ вайрон кард. Чунин вазъият ҳаракати қисмҳои аскарони сурхро душвор гардонид. Барои барқарор намудани Пули Сангин 9-уми март аз Душанбе мутахассисон фиристода шуданд. Барқарор кардани пул дар ҳолати мураккаби ҷангӣ, ҳангоми тирандозии тарафайн амалӣ мегардид.

Аз Файзобод қисмҳои аскарони сурх боз ба ду самт: самти Қаротегин ва самти Кӯлоб тақсим шуданд. Қисмҳое, ки бояд ба сӯйи Кӯлоб ҳаракат мекарданд, дар назди Пули Сангин камин гирифта, ҳар лаҳза ба ҳуҷум мегузаштанд ва мунтазири аз нав барқарор кардани пул буданд. Қисмҳое, ки ба самти Қаротегин ҳаракат мекарданд, 13-уми март дар роҳи Файзобод – Обигарм

муқобилати отряди Нурулло тӯқсаборо бартараф карда, 16-уми март Обигармро ишғол намуданд.

Дар таърихи 18-уми марти соли 1921 қисмҳои аскарони сурх баъди каме истироҳат аз Обигарм ба сӯйи Ғарм ҳаракат карданд. Роҳ хеле пурбарф ва аз дараҳои танги кӯҳӣ мегузашт. Аскарони сурх бо чунин душвориҳо то ба деҳаи Муҷахарф расиданд. Дар наздикии Ғарм муҳорибаи хеле сахт ба амал омад. Ба муқобили қисмҳои аскарони сурх отряди Кӯри Шермат бо қӯрбошиҳояш Нурматмингбошӣ, Аскарполвон ва лашкари Фузайл Махсум меҷангиданд. Ин муҳориба низ ба фоидаи аскарони сурх анҷом ёфт. Кӯри Шермат бо дастаҳои боқимондааш ба сӯйи водии Олой гурехта, аз он ҷо ба Фарғона гузашт. Аскарони сурх 23-юми март бе муқобилати ҷиддӣ вориди Ғарм шуданд. Охири моҳи март маркази бекии Дарвоз – Қалъаи Хумб ҳам аз тарафи аскарони сурх ишғол гардид. То 9-уми апрел қисмҳои аскарони сурх бо сардории Я.А.Мелкумов тамоми сарзамини бекигарии Қаротегин ва Дарвозро тасарруф намуданд.

Дар санаи 12-уми марти соли 1921, баробари барқарор карда шудани Пули Сангин, қисмҳои аскарони сурх амалиёт ба сӯйи Кӯлобро давом доданд. Вақти аз дарёи Вахш гузаштани қисмҳои аскарони сурх, аскарони амирӣ, ки дар он тарафи дарё камин гирифта буданд, аз ҷангҳои ҷиддии минбаъда даст кашида, ба ҳар сӯ пароканда шуданд. Ин имкон дод, ки аскарони сурх рӯзи дигар, яъне 15-уми март, соати 14:30 дақиқа Кӯлобро бе ҷанг ишғол намоянд, вале амир Олимхон дигар дар Кӯлоб набуд. Вай рӯзи чоршанбеи 4-уми марти соли 1921 аз гузаргоҳи Дарқади назди Чӯбек дарёи Панҷро гузашта, ба хоки Афғонистон дохил шуд. 20-уми март қисмҳои аскарони сурх Балҷувонро низ ба даст даровrecарданд. Ин нуқтаи охирине буд, ки ҳангоми дар Бухорои Шарқӣ барҳам дода шудани тартиботи амирӣ, амирпарастон ба қисмҳои аскарони сурх муқобилати нисбатан сахт нишон доданд.

Ҳамин тавр, моҳҳои феврал ва апрели соли 1921 дар натиҷаи амалиёти ҷангии аскарони сурхи Отряди эъзомии ҳарбии Ҳисор дар тамоми сарзамини Бухорои Шарқӣ тартиботи амирӣ барҳам дода шуд.

**Ташкил карда шудани кумитаҳои инқилобӣ.** Дар сарзамини Бухорои Шарқӣ ҳам мисли Бухорои Марказӣ (Ғарбӣ) дар маҳалҳо баробари барҳам дода шудани тартиботи амирӣ бо ташаббу- си аскарони сурх ва аъзои эъзомияи сиёсӣ кумитаҳои инқилобӣ

(ревкомҳо) ташкил карда, ҳокимиятро ба ихтиёри онҳо супориданд. Ташкили ин гуна кумитаҳо дар асоси низомнома оид ба кумитаҳои инқилобии маҳаллӣ, ки 22-юми сентябри соли 1920 аз тарафи Кумитаи Инқилобии Умумибухороӣ тасдиқ гардида буд, сурат мегирифт. Мувофиқи он низомнома, чунин кумитаҳо бояд аз 5 нафар узви аз тарафи Кумитаи Инқилобии Умумибухороӣ таъйингардида ташкил меёфт. Ба он ҳайат якнафарӣ намояндаи нозири ҳарбӣ низ шомил мешуд.

Кумитаҳои инқилобӣ зина ба зина, вобаста ба тақсимоти маъмурӣ ташкил карда мешуд. Ҷумҳурии Бухоро аз ҷиҳати маъмурӣ ба 4 округ – Зарафшон, Бухорои Шарқӣ, Қашқадарё ва Омударё тақсим шуд. Округҳо дар навбати худ аз вилоятҳо иборат буданд. Аз ҷумла округи Бухорои Шарқӣ ба вилоятҳои Душанбе, Бойсун, Кӯлоб, Сариосиё, Шеробод, Қӯрғонтеппа ва Ғарм тақсим мешуд. Вилоятҳо аз туманҳо, туманҳо аз кентҳо, кентҳо аз деҳаҳои гуногун иборат буданд. Чунончи, ба ҳайати вилояти Душанбе туманҳои Ёвон, Янгибозор ва Файзобод дохил мешуданд. Сарвари деҳа, ки ӯро мувофиқи анъана арбоб, амин ё худ оқсақол мегуфтанд ва акнун интихобӣ буд, дар навбати худ ба зинаи аз ҳама поёнии кумитаҳои инқилобӣ – кумитаи кентӣ итоат мекард.

Умуман, кумитаҳои инқилобӣ дар шароити Бухорои Шарқӣ ҳам, ба мисли тамоми қаламрави ҷумҳурии Бухоро ва Давлати Шӯравӣ, асоси ҳокимияти нав, яъне Ҳокимияти Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, амалӣ гардидани тадбирҳои андешидаи ҳокимияти марказии ҷумҳурӣ ба фаъолияту кордонии аъзои кумитаҳо сахт вобастагӣ дошт.

**Сарчашма:**

Дар таърихи 26-уми декабри соди 1920 Зиновев, ки ҳамон вақт баъди аз кишвари Туркистон рафтани М.В.Фрунзе сарварии Фронти Туркистонро ба уҳда дошт, дар шаҳри Бухорои Куҳна, дар маҷлиси фаъолони Ҳизби Коммунистии Бухоро суханронӣ намуда, иқрор кард, ки «ҳоло тамоми ноҳияи Шерободро шӯриш фаро гирифтааст. Мардум, ки қисман бо камонҳои сохти англисӣ ва семилаи русӣ мусаллаҳ буданд, ба таври оммавӣ ба гарнизонҳои мо ҳуҷум мекунанд. Онҳоро бо пулемёт қир намудем». Мувофиқи маълумоти сарвари гурӯҳ, миқдори қурбониён, аз ҷумлаи бухороиён беҳисоб будааст. Муқобили мардуми шӯришбардошта

«аз тӯпҳо оташ кушоданд ва дар натиҷа ғарами мурдаҳо ба вуҷуд омадааст». (Ниг.: Бойгонии ҳизбии Пажӯҳишгоҳи масъалаҳои ҷамъиятию сиёсии Ҳизби Халқӣ-Демократии Ӯзбекистон, Ф.14. Рӯйхати 1. Ҳуҷҷати 4. Вараҳи 12).

Садриддин Айнӣ аз рӯйи нақли Ҳоҷӣ Абдусаттор, ки ҳангоми гурехтани амир Олимхон ӯро то ба Афғонистон ҳамроҳӣ намудааст, вазъи водии Ҳисорро то омадани қисмҳои аскарони сурх чунин тасвир мекунад: «Аскарони амирӣ ғазоталабон ва босмачиёни Фарғона, ки ба нияти имдод дар рикоби амир омада буданд, аҳолии Ҳисорро тороҷ карда, ба ҷон расониданд. Бинобар ин, аксари аҳолӣ ба кӯҳҳои баланд фирор карда, шаҳр ва қишлоқҳоро холӣ гузоштанд». (Ниг.: Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 10. С. 187).

**Санаҳои муҳим:**

1920, 9-уми ноябр – Турккомиссия Шӯрои ҳарбии инқилобии Туркфронтро вазифадор намуд, ки аз ҳисоби қисмҳои аскарони сурх Отряди эъзомии ҳарбии Ҳисорро ташкил диҳад.

1920, ноябр-миёнаи декабр – ташкил карда шудани Отряди эъзомии ҳарбии Ҳисор.

1920, 17-уми декабр – аз Қаршӣ ба амалиёти ҷангӣ баромадани Отряди эъзомии ҳарбии Ҳисор.

1920, 20-юми декабр – аввалин задухӯрди қисмҳои отряд бо сарбозони амирӣ дар ағбаи Оққӯтал.

1920, 24-уми декабр – шӯриши зиддишӯравӣ дар ҳавзаи Шеробод, Шаҳрисабз, Китоб, Яккабоғ ва Чироғчӣ.

1921, 15-уми феврал – Деҳнав, 16-уми феврал – Сариосиё, 19-уми феврал – Регар (ш. Турсунзодаи имрӯза), 20-уми феврал – Ҳисор ва Қаротоғ, 21-уми феврал – Душанбе, 23-юми феврал – Кофарниҳон (ш. Ваҳдати имрӯза), 24-уми феврал – Файзобод ва Қӯрғонтеппа (ш. Бохтари имрӯза), 6-уми март – Қубодиён, 9-уми март – Саройкамар (шаҳраки Панҷи имрӯза), 15-уми март – Кӯлоб, 16-уми март – Обигарм, 20-уми март – Балҷувон, 23-юми март – Ғарм ва охири моҳи март – Қалъаи Хумб аз тарафи Отряди эъзомии ҳарбии Ҳисор ишғол карда шуд.

1921, 4-уми март – амир Олимхон аз гузаргоҳи Дарқади назди Чӯбек (ноҳияи имрӯзаи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ) дарёи Панҷро гузашта, ба хоки Афғонистон фирор кард.

**Савол ва супоришҳо:**

1) Отряди эъзомии ҳарбии Ҳисор аз ҳисоби кадом қисмҳо, бо кадом мақсад ва кай ташкил карда шуд? 2) Отряд амалиёти ҷангии худро кай ва аз куҷо оғоз кард? 3) Аввалин ҷанги байни қисмҳои Отряд ва аскарони амир кай ва дар куҷо ба амал омад? 4) Эъзомияи мустақили сиёсӣ бо кадом мақсад ташкил карда шуд? 5) Дар бораи амалиёти ҷангии отряд дар водии Вахш, Қаротегину Дарвоз ва Кӯлоб чӣ медонед? 6) Кумитаҳои инқилобӣ чӣ гуна ташкил карда мешуданд? 7) §§ 56, 57, 58 ва 59-ро такрор кунед; 8) Маводди сарчашмаро таҳлил намоед.

**Хонандагон бояд:** аз тарафи Отряди эъзомияи ҳарбии Ҳисор барпо намудани Ҳокимияти Шӯравиро дар Бухорои Шарқӣ дуруст шарҳ дода тавонанд.

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

**1. Дар Осиёи Миёна дар арафаи ҳуҷуми қӯшунҳои рус чанд давлат ва кадомҳо ҳамчун давлати мустақил вуҷуд доштанд?**

A) 4 адад, аморати Бухоро, хониҳои Хӯқанд, Тошканд ва Хева;
B) 3 адад, аморати Бухоро, хониҳои Хӯқанд ва Хева;
C) 2 адад, аморати Бухоро ва хонии Хӯқанд;
D) 1 адад, аморати Бухоро.

**2. Дар арафаи ҳуҷуми қӯшунҳои рус муносибати байни давлатҳои мустақили Осиёи Миёна чӣ тавр буд?**

A) Бо ҳам душман буданд;
B) Бо ҳам иттифоқ буданд;
C) Нисбат ба якдигар бетараф буданд;
D) Дар ҳайати давлати ягона буданд.

**3. Роҳи обии байни Русия ва Осиёи Миёна кай ва аз куҷо кушода шуд?**

A) Соли 1846, аз баҳри Арал;
B) Соли 1850, аз баҳри Арал;
C) Соли 1853, аз баҳри Арал;
D) Соли 1865, аз баҳри Арал.

**4. Натиҷаи ҳайати сафорати ҳукумати рус бо сарварии полковник Н.П. Игнатев ба Бухоро чӣ тавр буд?**

A) Натиҷаи хуб надод.
B) Амири Бухоро онро қабул накард.
C) Амири Бухоро талабҳои вазнин гузошт.
D) Амири Бухоро хуш қабул кард ва ба тоҷирони рус имтиёзҳо ваъда дод.

**5. “Ҳуҷуми хевагӣ” кай ба амал омадааст ва бо чӣ анҷом ёфт?**

A) Солҳои 1839 – 1840, бо шикасти қӯшунҳои рус;
B) Солҳои 1850 – 1856, бо ғалабаи қӯшунҳои рус;
C) Солҳои 1858 – 1860, бо сулҳ;
D) Солҳои 1861 – 1865, бе натиҷа.

**6. Қӯшунҳои самти оренбургӣ ва сибирии рус, ки барои забти Осиёи Миёна ҳаракат мекарданд, кай ва дар куҷо муттаҳид шуданд?**

A) Соли 1865, дар Тошканд;
B) Соли 1864, дар дар Чимкент;
C) Соли 1863, дар Оқмачит;
D) Соли 1861, дар соҳили баҳри Арал.

**7. Аз тарафи қӯшунҳои рус шаҳри Тошканд кай ва дар натиҷаи ҳуҷуми чандум забт карда шуд?**
A) Соли 1864, дар натиҷаи ҳуҷуми сеюм;
B) Соли 1865, дар натиҷаи ҳуҷуми дуюм;
C) Соли 1865, дар натиҷаи ҳуҷуми сеюм;
D) Соли 1865, дар натиҷаи ҳуҷуми якум.

**8. Муҳорибаи нахустини байни Русия ва Бухоро кай, дар куҷо ва бо чӣ анҷом ёфт?**
A) Соли 1866 дар Хуҷанд, ба ғалабаи русҳо;
B) Соли 1866 дар Нов, бо ғалабаи бухориён;
C) Соли 1866 дар Ӯротеппа, бо ғалабаи русҳо;
D) Соли 1866 дар Ҷиззах, бо ғалабаи бухориён.

**9. Аз тарафи қӯшунҳои рус шаҳри Хуҷанд кай забт карда шуд ва талафоти хуҷандиён чанд нафар буд?**
A) Соли 1866, 2,5 ҳаз нафар;
B) Соли 1866, 5,6 ҳаз нафар;
C) Соли 1866, 6,3 ҳаз нафар;
D) Соли 1866, 7,3 ҳаз нафар.

**10. Генерал-губернатории Туркистон кай таъсис ёфт ва аввалин генерал-губернатори он кӣ буд?**
A) Соли 1866, К.П. Кауфман;
B) Соли 1867, К.П. Кауфман;
C) Соли 1867, М.Г. Черняев;
D) Соли 1867, Д.М. Романовский.

**11. Дар кишвари Туркистон ҳокимияти маҳаллӣ – оқсақолони деҳаҳо ва авулҳоро аз ҳисоби киҳо интихоб менамуданд?**
A) Аз ҳисоби афсарони рус;
B) Аз ҳисоби тоҷирони рус;
C) Аз ҳисоби бойҳои маҳаллӣ;
D) Аз ҳисоби муллою мударрисҳо.

**12. Муҳорибаи Чӯпонато кай ва бо ғалабаи кӣ анҷом ёфт?**

A) Соли 1865, бо ғалабаи бухориҳо;
B) Соли 1866, бо ғалабаи хӯқандиҳо;
C) Соли 1867, бо ғалабаи хевагиҳо;
D) Соли 1868, бо ғалабаи русҳо.

**13. Муҳорибаи Зирабулоқ кай ва бо ғалабаи кӣ анҷом ёфт?**

A) Соли 1868, бо ғалабаи русҳо;
B) Соли 1868, бо ғалабаи бухороиҳо;
C) Соли 1868, бо ғалабаи хӯқандиҳо;
D) Соли 1868, бо ғалабаи хевагиҳо.

**14. Тақдири шартномаи 23-юми июни соли 1868 байни Русия ва Бухоро чӣ шуд?**

A) Онро амири Бухоро қабул накард;
B) Онро подшоҳи рус тасдиқ накард;
C) Бо ташаббуси Бухоро бекор карда шуд;
D) Ҳар ду тараф аз он даст кашиданд.

**15. Эъзомияи Искандаркӯл кай ва бо кадом мақсад ташкил карда шуд?**

A) Соли 1868, бо мақсади сохтани роҳи оҳан;
B) Соли 1869, бо мақсади ба даст даровардани кони ангишт;
C) Соли 1870, бо мақсади тобеъ намудани болооби Зарафшон;
D) Соли 1871, бо мақсади кандани туннел.

**16. Шартномаи 28-уми сентябри соли 1873 дар байни Русия ва Бухоро то кай амал кард?**

A) То Инқилоби якуми рус, солҳои 1905–1907;
B) То сарнагун шудани Ҳукумати подшоҳӣ дар Русия;
C) То оғози Ҷанги якуми ҷаҳон;
D) То Инқилоби Октябри соли 1917.

**17. Ҳуҷуми аввали қӯшунҳои амири Бухоро ба Бухорои Шарқӣ кай буд?**

A) Охири соли 1866 ва аввали соли 1867;
B) Охири соли 1867 ва аввали соли 1868;
C) Охири соли 1868 ва аввали соли 1869;
D) Охири соли 1869 ва аввали соли 1870.

**18. Ҳуҷуми дуюми қӯшунҳои амири Бухоро ба Бухорои Шарқӣ кай рӯй дод ва натиҷааш чӣ буд?**

A) Соли 1869, водиҳои Ҳисор ва Вахш ба аморати Бухоро ҳамроҳ карда шуданд;
B) Соли 1870, водии Ҳисор, Кӯлобу Балҷувон ва водии Вахш ба Бухоро ҳамроҳ карда шуданд;
C) Соли 1871, водиҳои Ҳисор ва Сурхондарё ба аморати Бухоро ҳамроҳ карда шуданд;
D) Соли 1872, водиҳои Ҳисор ва Қаротегин ба аморати Бухоро ҳамроҳ карда шуданд.

**19. Дарвоз ба аморати Бухоро кай ҳамроҳ карда шуд?**

A) Соли 1875; B) Соли 1876; C) Соли 1878; D) Соли 1879.

**20. Хонигарии Хӯқанд кай барҳам дода шуд?**

A) Соли 1869; B) Соли 1870; C) Соли 1872; D) Соли 1876.

**21. Хонигарии Хева кай тобеи Русияи подшоҳӣ гардид?**

A) Соли 1873; B) Соли 1875; C) Соли 1878; D) Соли 1880.

**22. Марзҳои нуфузии байни Русияю Англия аз дарёи Ому то ҳудуди давлати Эрон кай муайян гардид?**

A) Соли 1884; B) Соли 1887; C) Соли 1890; D) Соли 1895.

**23. Ба Помир эъзомияи якуми русҳо бо сарварии полковник М.Е. Ионов кай таъсис дода шуд?**

A) Соли 1885; B) Соли 1890; C) Соли 1891; D) Соли 1895.

**24. Сарҳади нуфузи байни Русия ва Англия дар Бадахшон кай муайян гардид?**

A) Соли 1885; B) Соли 1888; C) Соли 1891; D) Соли 1895.

**25. “Низомнома оид ба идоракунии кишвари Туркистон” аз тарафи подшоҳи рус кай тасдиқ гардид?**

A) Соли 1886; B) Соли 1888; C) Соли 1890; D) Соли 1895.

**26. Сарзамини имрӯзаи Тоҷикистони шимолӣ ва Бадахшон (Помири шарқӣ) дар ҳайати кадом вилоятҳои кишвари Туркистон буданд?**

A) Дар ҳайати вилоятҳои Самарқанд ва Сирдарё;
B) Дар ҳайати вилоятҳои Самарқанд ва Фарғона;
C) Дар ҳайати вилоятҳои Самарқанд ва Хӯқанд;
D) Дар ҳайати вилоятҳои Самарқанд ва Бухоро.

**27. Ба кишвари Туркистон муҳоҷир намудани деҳқонони рус кадом сол оғоз гардид?**
A) Соли 1866;
B) Соли 1867;
C) Соли 1868;
D) Соли 1869.

**28. Хатти гумрукии Русия бо Афғонистон кай муайян карда шуд?**
A) Солҳои 1891 – 1892;
B) Солҳои 1892 – 1893;
C) Солҳои 1893 – 1894;
D) Солҳои 1894 – 1895.

**29. Таркиби маъмурии аморати Бухоро дар аввали асри XX чӣ тавр буд?**
A) Аз 28 бекӣ ва 9 туман иборат буд;
B) Аз 30 бекӣ ва 8 туман иборат буд;
C) Аз 35 бекӣ ва 5 туман иборат буд;
D) Аз 40 бекӣ ва 10 туман иборат буд.

**30. Сохтмони роҳи оҳан дар Осиёи Миёна кай ва бо кадом мақсад оғоз гардид?**
A) Соли 1880, бо мақсади ҳарбӣ;
B) Соли 1880, бо мақсади тиҷорат;
C) Соли 1880, бо мақсади инкишофи сайёҳӣ;
D) Соли 1880, бо мақсади кашонидани пахта.

**31. Дар кишвари Туркистон тақдири заминҳои амлокӣ чӣ шуд?**
A) Ба муҳоҷирони рус тақсим карда доданд;
B) Ба деҳқонон бепул тақсим карда доданд;
C) Ба бойҳои маҳаллӣ фурӯхтанд;
D) Моликияти давлати рус гардид.

**32. Кишти пахтаи амрикоӣ дар Осиёи Миёна кадом сол натиҷаи хуб дод?**

A) Соли 1862;  B) Соли  1872; C) Соли 1880; D)  Соли 1882.

**33.  Шумораи заводҳои пахтатозакунӣ дар Осиёи Миёна соли 1880 чанд адад буд ва соли 1914 ба чанд адад расид?**

A) 5 адад буд, ба 578 адад расид;
B) 4 адад буд, ба 278 адад расид;
C) 2 адад буд, ба 300 адад расид;
D) 1 адад буд, ба 378 адад расид.

**34. Кассаҳои қарздиҳии уездӣ дар кишвари Туркистон аз кадом сол ва бо  кадом мақсад таъсис дода шуданд?**

A) Аз соли 1876, бо мақсади дастгирии истеҳсолкунандагони хурд;
B) Аз соли 1880, бо мақсади дастгирии тоҷирони хурд;
C) Аз соли 1885, бо мақсади дастгирии заминдорони калон;
D) Аз соли 1890, бо мақсади дастгирии ширкатҳои калон;

**35.  Аввалин ташкилоти бонкӣ дар Осиёи Миёна кай ба вуҷуд омад ва он кадом буд?**

A) Соли 1870, шуъбаи бухороии Бонки русию осиёгӣ;
B) Соли 1875, шуъбаи тошкандии Бонки давлатии Русия;
C) Соли 1880, шуъбаи Хӯқандии Бонки Тиҷоратии Русия;
D) Соли 1885, шуъбаи тошкандии Бонки азовию донии Русия.

**36. Аввалин иттиҳодияи монополистӣ дар Осиёи Миёна кай ба вуҷуд омад ва он кадом буд?**

A) Соли 1910, рафоқати Вадяевҳо;
B) Соли 1911, рафоқати Потеляхов;
C) Соли 1912, рафоқати Вадяевҳо;
D) Соли 1913, рафоқати Потеляхов.

**37. Шаклҳои пешниҳодгардидаи ташкилотҳои хурди қарздиҳиро муайян кунед?**

A) Колхозҳо, совхозҳо ва межхозҳо.
B) Рафоқатҳо, ширкатҳо ва межхозҳо.
C) Соҳибкорон, ассотсиатсияҳо ва ширкатҳо.
D) Рафоқатҳои қарздиҳӣ, рафоқатҳои қарздиҳию амонатӣ ва кассаҳои ҷамъиятии қарздиҳию амонатӣ.

**38. Шӯриши Восеъ кай ва дар куҷо ба амал омад?**
A) Соли 1888, дар Ҳисор; B) Соли 1888, дар Файзобод;
C) Соли 1888, дар Кӯлоб; D) Соли 1888, дар Балҷувон.

**39. “Исёни вабо” кай ва дар куҷо ба амал омадааст?**
A) Соли 1892, дар Тошканд; B) Соли 1892, дар Бухоро;
C) Соли 1892, дар Самарқанд;
D) Соли 1892, дар Хӯқанд.

**40. Соли 1906 аз мардуми маҳаллии кишвари Туркистон ба Думаи давлатии Русия чанд нафар вакил интихоб шуда буданд?**
A) 15 нафар; B) 10 нафар; C) 9 нафар; D) 6 нафар.

**41. Фоҷиаи байни суннимазҳабон ва шиамазҳабон дар Бухоро кай ба амал омадааст?**
A) Соли 1910; B) Соли 1915; C) Соли 1917; D) Соли 1920.

**42. Ҷанги якуми ҷаҳон кай сар шуд ва дар он чанд давлати ҷаҳон иштирок намудаанд?**
A) Соли 1914, 28 давлати;
B) Соли 1914, 38 давлати;
C) Соли 1914,48 давлати;
D) Соли 1914, 58 давлати.

**43. Ҷанги якуми ҷаҳон кадом солҳоро дарбар мегирад?**
A) Солҳои 1914 – 1920; B) Солҳои 1914 – 1919;
C) Солҳои 1914 – 1918; D) Солҳои 1914 – 1917.

**44. Шӯриши соли 1916 аввал дар куҷо оғоз гардид?**
A) Дар Тошканд; B) Дар Самарқанд;
C) Дар Бухоро; D) Дар Хуҷанд;

**45. Нахустин мактаби русии маҳаллӣ дар Осиёи Миёна кай ва дар куҷо кушода шуд?**
A) Соли 1884, дар Тошканд; B) Соли 1890, дар Самарқанд;
C) Соли 1894, дар Бухоро; D) Соли 1896, дар Хуҷанд.

**46. Нахустин мактаби усули нав ҷадидии форсии тоҷикӣ дар Осиёи Миёна кай, дар куҷо ва бо ташаббуси кӣ таъсис ёфт?**

A) Соли 1898, дар Тошканд, бо ташаббуси М. Беҳбудӣ;
B) Соли 1901, дар Самарқанд, бо ташаббуси А. Шакурӣ;
C) Соли 1905, дар Бухоро бо ташаббуси С. Айнӣ;
D) Соли 1910, дар Хуҷанд, бо ташаббуси Т.Асирӣ.

**47. Рӯзномаи “Бухорои Шариф” кай нашр гардид?**
A) 11 марти соли 1910; B) 11 марти соли 1911;
C) 11 марти соли 1912; D) 11 марти соли 1913.

**48. Ҷанги аввалини Англияю Афғонистон кай ба амал омад?**
A) Солҳои 1828–1832;
B) Солҳои 1838–1842;
C) Солҳои 1848–1852;
D) Солҳои 1858–1862.

**49. Муттаҳидшавии сарзамини Афғонистон асосан кай ба итмом расид?**
A) Соли 1850; B) Соли 1853; C) Соли 1860; D) Соли 1863.

**50. Ҷанги дуюми Англияю Афғонистон кай ба амал омад?**
A) Солҳои 1878–1880; B) Солҳои 1881–1883;
C) Солҳои 1884–1885; D) Солҳои 1885–1886.

**51. Афғонистон кай давлати мустақил гардид?**
A) 28 феврали соли 1918; B) 28 феврали соли 1919;
C) 28 феврали соли 1920; D) 28 феврали соли 1921.

**52. Дар Русия Ҳукумати подшоҳӣ кай барҳам хӯрд?**
A) 27 феврали соли 1916; B) 7 ноябри соли 1916;
C) 27 феврали соли 1917; D) 7 ноябри соли 1917.

**53. Кумитаи Туркистонии Ҳукумати Муваққатӣ кай таъсис ёфт?**
A) 27 феврали соли 1917; B) 7 марти соли 1917;
C) 27 марти соли 1917; D) 7 апрели соли 1917.

**54. Аз тарафи амири Бухоро лоиҳаи ислоҳот кай эълон карда шуд?**
A) 7 апрели соли 1917; B) 7 апрели соли 1918;

C) 7 апрели соли 1919; D) 7 апрели соли 1920.

**55. Дар Русия Ҳокимияти шӯравӣ кай таъсис ёфт?**
A) 7 октябри соли 1917; B)7 ноябри соли 1917;
C) 7 декабри соли 1917; D) 17 декабри соли 1917.

**56. Дар Хуҷанд кай ҳокимият ба ихтиёри Шӯроҳо гузашт?**
A) 1 ноябри соли 1917; B) 11 ноябри соли 1917;
C) 17 ноябри соли 1917; D) 27 ноябри соли 1917.

**57. «Мухторияти Хӯқанд» кай вуҷуд дошт?**
A) Солҳои 1915–1916; B) Солҳои 1916–1917;
C) Солҳои 1917–1918; D) Солҳои 1918–1919.

**58. Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистон кай таъсис ёфт?**
A) 30 феврали соли 1918; B) 30 апрели соли 1918;
C) 30 апрели соли 1919; D) 30 апрели соли 1920.

**59. Дар Кӯҳистони Бадахшон Ҳокимияти шӯравӣ кай барпо карда шуд?**
A) Баҳори соли 1918; B) Тирамоҳи соли 1918;
C) Баҳори соли 1919; D) Тирамоҳи соли 1919.

**60. Таҷовузи Колесов кай ба амал омад?**
A) Моҳи марти соли 1915; B) Моҳи марти соли 1916;
C) Моҳи марти соли 1917; D) Моҳи марти соли 1918.

**61. Шаҳри Бухорои Куҳна аз тарафи аскарони сурх кай забт гардид?**
A) 7 ноябри соли 1919; B) 2 августи соли 1920;
C) 2 сентябри соли 1920; D) 7 ноябри соли 1920.

**62. Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро кай таъсис ёфт?**
A) Сентябри соли 1919; B) Сентябри соли 1920;
C) Сентябри соли 1921; D) Сентябри соли 1922.

**63. Шӯриши Усмон кай ва дар куҷо ба амал омад?**
A) Солҳои 1918–1919, дар Ҳисор;

B) Солҳои 1919–1920, дар Кӯлоб;
C) Солҳои 1920–1921, дар Қаротегин;
D) Солҳои 1921–1922, дар водии Вахш.

**64. Отряди эъзомии ҳарбии Ҳисор бо кадом мақсад таъсис дода шуд?**
A) Бо мақсади мустаҳкам намудани сарҳад;
B) Бо мақсади кумак ба аскарони сурх;
C) Бо мақсади муҳофизати Ҷумҳурии Бухоро;
D) Бо мақсади барпо намудани Ҳокимияти шӯравӣ дар Бухорои Шарқӣ.

**65. Душанбе аз тарафи қисмҳои аскарони сурх кай забт гардид?**
A) 21 феврали соли 1921;
B) 21феврали соли 1922;
C) 21 феврали соли 1923;
D) 7 ноябри соли 1923.

**66. Дар Бухорои Шарқӣ тартиботи шӯравӣ кай барпо карда шуд?**
A) Феврал – июни соли 1920;
B) Феврал – апрели соли 1920;
C) Август – октябри соли 1921;
D) Сентябр – декабри соли 1921.

**67. Аҳмади Дониш кӣ буд?**
A) Инқилобчӣ; B) Вазир;
C) Маорифпарвар; D) Сардори шӯриш.

**68. То соли 1916 сарварони ҳаракати ҷадидии Бухоро киҳо буданд?**
A) Беҳбудӣ ва Шакурӣ;
B) Асирӣ ва Фитрат;
C) Айнӣ ва Беҳбудӣ;
D) Айнӣ ва Мунзим.

**69. Ҳаракати маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна кай ба вуҷуд омад?**

A) Дар нимаи дуюми асри XIX;
B) Дар нимаи якуми асри XIX;
C) Дар аввали асри XX;
D) Дар охири  асри XIX  ва аввали XX.

**70. Ҳаракати ҷадидӣ дар Осиёи Миёна кай ташаккул ёфт?**
A) Дар нимаи якуми асри XIX;
B) Дар нимаи дуюми асри XIX;
C) Дар охири асри XIX  ва аввали XX;
D) Дар аввали асри XX.

**71. Қаландаршоҳ кӣ буд?**
A) Амалдор;
B) Инқилобчӣ;
C) Маорифпарвар;
D) Шӯришгар.

**72. «Ҳукумати халқӣ» бо номи кӣ алоқаманд аст?**
A) Восеъ;
B) Нозим;
C) Қаландаршоҳ;
D) Усмон.

## МУНДАРИЧА

**МУҚАДДИМА** ........................................................................................3

**ФАСЛИ I. ВАЗЪИ ТОҶИКОНИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX**

**БОБИ 1. ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР АРАФАИ ҲУҶУМИ РУСИЯ**..........6
§1. Вазъи мулкҳои Осиёи Марказӣ ..............................................................6
§2. Сабабҳои ҷанги Русия бо давлатҳои Осиёи Марказӣ ........................9

**БОБИ 2. ҶАНГИ РУСИЯ БО ХОНИГАРИИ ХӮҚАНД ВА АМОРАТИ БУХОРО** ..........................................................................................14
§3. Оғози ҷанг ........................................................................................14
§4 – 5. Амалиёти ҷангӣ дар солҳои 1864 – 1866 ....................................17
§6. Таъсисёбии генерал-губернатории Туркистон ...............................22
§7 – 8. Шикаст хӯрдани аморати Бухоро дар муҳориба бо Русия............25

**БОБИ 3. БА АМОРАТИ БУХОРО ҲАМРОҲ КАРДА ШУДАНИ БУХОРОИ ШАРҚӢ** ..........................................................................32
§9. Ҳуҷуми аввали қӯшунҳои амири Бухоро ........................................32
§10. Тобеи аморати Бухоро шудани Бухорои Шарқӣ ...........................35

**БОБИ 4. АНҶОМИ ИСТИЛОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ АЗ ТАРАФИ РУСИЯ** .......................................................................................... 39
§11-12.Шӯриши солҳои 1873–1876 ва барҳам дода шудани хонгарии Хӯқанд ............................................................................................39
§13. Забти хонигарии Хева ва мулкҳои туркманнишин.........................43
§14. «Қазияи Помир»..............................................................................47
§15. Оқибатҳои Осиёи Марказиро забт кардани Русия ......................... 50

**БОБИ 5. ВАЗЪИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ БАЪДИ ИСТИЛОИ РУСИЯ**..54
§16. Вазъи кишвари Туркистон дар замони мустамликавӣ...................54
§17. Вазъи сиёсии аморати Бухоро.........................................................60

**БОБИ 6. СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ РУСИЯ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ** ..................................................................................64
§18. Бунёди роҳҳои оҳан .........................................................................64
§19. Вазъи кишоварзӣ ..............................................................................67
§20. Пайдоиши саноат ............................................................................72
§21-22. Сиёсати молиявӣ. Бонкҳо .........................................................74

**БОБИ 7** .....................................................................................................85
§23. Таркиби иҷтимоии халқҳои Осиёи Марказӣ ..................................85

**БОБИ 8. ҲАРАКАТҲОИ ИҶТИМОӢ, МАЗҲАБӢ ВА МИЛЛИЮ ОЗОДИХОҲӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ** ...........................................90
§24.Ҷунбишҳои мардумӣ дар солҳои 70-80-уми асри XIX.....................90
§25. Шӯриши Восеъ..........................................................................95
§26. Муборизаҳои зиддимустамликавӣ дар кишвари Туркистон...........101
§27. Инқилоби якуми рус ва таъсири он ба Осиёи Марказӣ.................106
§28. Фоҷиаи суннимазҳабон ва шиамазҳабон дар Бухоро................ 110
§29. Шӯриши миллию озодихоҳии соли 1916.................................... 114
§30. Чорабиниҳо барои пешгирии шӯришҳои халқӣ дар ҳудуди аморати Бухоро..............................................................................118
§31. Шӯриши Қаландаршоҳ...............................................................122

**БОБИ 9. АФКОРИ ҶАМЪИЯТИЮ СИЁСӢ ВА ФАРҲАНГИИ ХАЛҚИ ТОҶИК** ..........................................................................128
§32. Ташаккули афкори ҷамъиятию сиёсӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ..................................................................128
§33. Аҳмади Дониш – ислоҳотхоҳ ва маорифпарвар...........................132
§34. Ҳаракати ҷадидия ........................................................................136
§§35-36. Мактабҳои усули нав ва рӯзномаи «Бухорои Шариф» ..........143
§§37-38. Таърихнигорӣ ва ҳаёти адабию мусиқӣ .................................151

## ФАСЛИ II. ВАЗЪИ ТОҶИКОНИ АФҒОНИСТОН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX

**БОБИ 10. АФҒОНИСТОН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX** ......160
§39. Муттаҳидшавии Афғонистон.......................................................160
§40. Кӯшишҳо баҳри пойдор намудани ягонагии Афғонистон ............165
§41. Афғонистон дар замони ҳукмронии Абдураҳмонхон.....................170

**БОБИ 11. АФҒОНИСТОН ДАР АВВАЛИ АСРИ XX**.........................176
§§42-43. Тадбирҳои Ҳабибуллохон баҳри рушди иқтисод ва тиҷорати мамлакат ...........................................................................176
§§44-45. Ҳаракати машрутахоҳӣ ва эълони истиқлоли давлати Афғонистон ........................................................................................183

## ФАСЛИ III. БАРПО ШУДАНИ ҲОКИМИЯТИ ШӮРАВӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**БОБИ 12. БАРҲАМ ХӮРДАНИ ҲОКИМИЯТИ ПОДШОҲИИ РУСИЯ ДАР ГЕНЕРАЛ-ГУБЕРНАТОРИИ ТУРКИСТОН** ............................191
§46. Ғалабаи Инқилоби феврал дар Русия ва барҳам дода шудани тартиботи подшоҳӣ дар кишвари Туркистон .......................................191
§47. Ҳаракати ҷамъиятию сиёсӣ дар кишвари Туркистон...................197

**БОБИ 13. ТАЪСИРИҒАЛАБАИ ИНҚИЛОБИ ФЕВРАЛИ РУСИЯ БА АМОРАТИ БУХОРО** ....................................................202
§48. Инқилоби феврали Русия ва аморати Бухоро............................202
§49. Ислоҳоти амир Олимхон........................................................206

**БОБИ 14. ҒАЛАБАИ ИНҚИЛОБИ ОКТЯБР ДАР РУСИЯ ВА БАРПО ШУДАНИ ҲОКИМИЯТИ ШӮРАВӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШИМОЛӢ ВА БАДАХШОН** ...................................................................213
§§50-51.Барпо карда шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар уезди Хуҷанд ва болооби Зарафшон ....................................................................213
§52. Мухторияти Хӯқанд ................................................................223
§53. Барпо карда шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Бадахшон .............228

**БОБИ 15. САРНАГУН КАРДА ШУДАНИ ТАРТИБОТИ АМИРӢ ДАР БУХОРОИ МАРКАЗӢ ВА ТАШКИЛ ЁФТАНИ ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ШӮРАВИИ БУХОРО** ........................................................232
§54. Шиддат гирифтани зиддияти байни аморати Бухоро ва Давлати Шӯравӣ ....................................................................232
§55. Таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ ............................................................238
§56. Оғози барпо шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар ноҳияҳои Бухорои Марказӣ ..................................................................243
§57. Забти Бухорои Куҳна ва ташкилёбии Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро ..................................................................249

**БОБИ 16. БАРПО ГАРДИДАНИ ҲОКИМИЯТИ ШӮРАВӢ ДАР БУХОРОИ ШАРҚӢ** ...................................................................255
§58. Вазъи Бухорои Шарқӣ ...............................................................255
§59. Шӯриши Усмон........................................................................260
§§60-61. Барпо гардидани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Бухорои Шарқӣ ......................................................................265

**САВОЛҲОИ ТЕСТӢ** .....................................................................274

ҲОТАМЗОДА НАМОЗ

# ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

Китоби дарсӣ барои синфи 9-уми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Қ. Сатторӣ |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Н. Салоҳиддинзода |
| Тарроҳ | З. Саъдуллоев |

Ба чоп 04.07.2022 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60x90 $^1/_{16}$. Ҷузъи чопӣ 18
Адади нашр 140000 нусха.
Супориши № 16/2022
Нарх 25 сомонӣ 41 дирам

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел: 222-14-66,
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ “Донишварон”
чоп шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи С. Ализода 3/1.